
ХОЛИД МУҲАММАД ХОЛИД
РОДМАРДОНЕ
ДАР АТРОФИ
ПАЁМБАР (С)
ҶИЛДИ II

# РОДМАРДОНЕ ДАР АТРОФИ ПАЁМБАР (С)

## ҶИЛДИ II

**Маркази илмӣ таҳқиқотии «Ориёнфар»**

**Тарҷумони матн аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ: – Айёмиддин САТТОРӢ**

**Муҳаррири матн ва таҳиягари феҳристи ашхос: – Саидаҳмад ҚАЛАНДАР**

**Муҳаррири масъул: – Қиёмиддин САТТОРӢ**

## 24. УМАЙР ИБНИ ВАҲАБ
## Шайтони даврони ҷоҳилият ва толибу пайрави роҳи Ҳақ дар даврони ислом

Дар рӯзи ҷанги Бадр ӯ яке аз пешвоёни Қурайш буд, ки шамшерҳояшонро гирифта берун омада буданд, то ки беху бунёди исломро барканананд.

Ӯ чашми тезбин ва қувваи андозагирии тавоное дошт, аз ҳамин ҷиҳат қавмаш ӯро бар он гумориданд, ки адади мусалмонони ҳамроҳи Паёмбар (с) барои мулоқоти онҳо омадаро муайян намояд. Ва бубинад, ки оё дар паноҳи лашкари мусалмонон нафароне нестанд, ки дар камин нишаста бошанд ва ё барои ма-дади онҳо биёянд.

Умайр ибни Ваҳаби Ҷамҳӣ равона гардид ва дар атрофи лашкари мусалмонон давр хӯрд. Баъд ба пеши қавмаш бозгашт ва барояшон гуфт:

– Онҳо сесад мард ҳастанд, каме зиёд ё камтар. Ва тахмини ӯ дуруст буд. Аз ӯ пурсиданд, оё аз қафо мададе доранд? Пас ҷавобашон дод:

– Ман дар қафои онҳо чизеро надидам, вале эй гурӯҳи Қурайш ман дидам, ки аспону шутурони саворӣ дар пуштҳояшон марги ҳатмиро меоранд. Инҳо қавмеанд, ки барояшон қалъае ва ё паноҳгоҳе ба ҷуз шамшерҳояшон надоранд. Қасам ба Худо, ман чунин мепиндорам, ки имконе надорад, марде аз онҳо бимирад, магар баъди он, ки яке аз шуморо бикушад. Пас вақте ки ба миқдори адади худашон аз шуморо куштанд, баъди ин кор аз зиндагонӣ ва маишати дунё чӣ фоида? Аз ин рӯ дар кори хештан таҷдиди назар кунед.

Аз суханон ва раъйи Умайр як гурӯҳи саркардагони Қурайш мутаассир гардиданд ва наздик буд, ки мардҳои худро ҷамъ кунанд ва бидуни ҷанг ба сӯи Макка бозгарданд, агар Абуҷаҳл на-мебуд, ки фикри онҳоро дубора фосид кард ва дар нафсҳои онҳо оташи кина ва ҷангеро дубора аланга занонд, ки ӯ аз аввалин кушташудагони он ҷанг буд.

* * *

Сокинони Макка Умайрро "Шайтони Қурайш" лақаб ниҳода буданд.

Ва "Шайтони Қурайш" дар рӯзи ҷанги Бадр хеле диловарӣ нишон дод, вале барои худаш ва қавмаш ҳеҷ фоидае набахшид. Пас қувваҳои Қурайш ба самти Макка шикастхӯрда ва паре-шоншуда бозгаштанд.

Ва Умайр ибни Ваҳаб дар Мадина пораи баданашро боқӣ гузошт, зеро писараш дар дасти мусалмонон асир гардида буд.

Рӯзе ӯ бо писари амакаш Сафвон ибни Умайя дар як маҷлис ҷамъ омаданд. Сафвон аз он, ки падараш дар ғазои Бадр кушта шуда буд, аз ғусса печутоб мехӯрд.

Биёед Урва ибни Зубайрро бигзорем, ки барои мо саргузашти тӯлонии Сафвон ва Умайрро қисса кунад:

– Сафвон дар ҳоле, ки кушташудагони Бадрро ба ёд меовард, гуфт:

– Қасам ба Худо, ки баъди онҳо дар зиндагонӣ хайре нест.

Умайр ба ӯ гуфт:

– Рост мегӯӣ. Қасам ба Худо агар қарзҳои бар ӯҳдаам буда, ки қудрати адои онҳоро надорам ва зоеъ шудани вазъи аҳлу аёлам, ки баъди ман нигаҳбоне надоранд, намебуд, ҳар оина ба сӯи Муҳаммад (с) мерафтам, то ки ӯро бикушам. Зеро барои ман баҳонае ҳаст бе мамониат биравам ва дар назди Муҳаммад (с) бигӯям, ки барои писари асирам омадам.

Сафвон ин лаҳзаро ғанимат ёфт ва гуфт:

– Қарзҳоят ба ӯҳдаи ман. Ман аз ҷониби ту онҳоро адо хоҳам кард. Ва аҳлу аёлат бо ҳамроҳии аёли ман мебошанд, то даме ки ҳастанд, ман парастории онҳоро ба ӯҳда мегирам.

Пас Умайр гуфт:

– Ин сирро пӯшида дор. Баъд аз он Умайр фармуд, ки шамшерашро ниҳоят тез ва заҳролудаш кунанд. Ва баъд аз он равона шуд, то ин ки ба Мадина расид.

Дар ҳоле, ки Умар ибни Хаттоб (р) дар миёни як гурӯҳе аз мусалмонон нишаста аз воқеъоти Бадр байнашон сухан мегуфт ва он неъматеро, ки Худованд барояшон арзонӣ дошта буд, ёдовар мешуд, нохост дид, ки Умайр ибни Ваҳаб уштурашро дар назди масҷид хобонид ва шамшераш дар паҳлӯяш овезон буд.

Умар (р) гуфт:

– Ин саг, ин душмани Худо, Умайр ибни Ваҳаб аст. Қасам ба Худо, ки ӯ ба нияти анҷоми кори баде омадааст. Ин ҳамон касест, ки дар миёни мо ҷангро даргиронида буд ва шумораи моро дар назди қавми Қурайш дар рӯзи Бадр муайян намуда буд.

Баъд аз он Умар (р) ба назди Паёмбар (с) даромад ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) ин душмани Худо Умайр ибни Ваҳаб бо шамшери овезон омадааст.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ӯро ба назди ман ворид кунед.

Пас Умар (р) ба ӯ рӯй овард ва аз тасмаи шамшераш, ки дар гарданаш буд, ба мисли ин ки ёқаи касеро мегиранд қапид. Ва ба мардони ансорӣ, ки дар атрофаш буданд, гуфт:

– Ба назди Паёмбари Худо (с) дохил шавед ва дар наздаш бинишинед ва аз ӯ ҳӯшёрӣ кунед. Аз ин нобакор эҳтиёт бошед, зеро аз ӯ эмин будан мушкил аст.

Умар (р) ӯро гирифта ба назди Паёмбар (с) даровард. Дар ҳоле, ки аз тасмаи шамшераш, ки дар гардани Умайр буд қапида меистод. Чун Паёмбар (с) ӯро дид гуфт:

– Эй Умар (р) ӯро раҳо кун.

Ва ба ӯ гуфт:

– Эй Умайр ба ман наздик биё!

Умайр наздик омад ва гуфт:

– Субҳ ба хайр.

Ин саломи даврони ҷоҳилият буд. Паёмбар (с) гуфт:

– Моро Худованд бо саломе беҳтар аз таҳияи ту икром на-мудааст, эй Умайр. Бо ассалому алайкум, ки саломи аҳли ҷаннат аст.

Умайр гуфт:

– Аммо қасам ба Худо, ки эй Муҳаммад (с) ман онро бори аввал мешунавам.

Паёмбар (с) гуфт:

– Чӣ матлабе туро ба ин ҷо овард?

Умайр гуфт:

– Барои он асире омадам, ки дар дасти шумост.

Паёмбар (с) гуфт:

– Пас ин ғилофи шамшере, ки дар гардани туст, барои чист?

Умайр гуфт:

– Худованд онро аз ҷумлаи шамшерҳои нафратовар гардонад. Оё ягон мушкилии моро шамшер ҳал кардааст?

Паёмбар (с) гуфт:

– Ба ман росташро бигӯй, эй Умайр, ту барои чӣ коре омадаӣ?

Гуфт:

– Ғайри ин коре надорам.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– На, балки ту бо Сафвон ибни Умайя дар фалон ҳуҷра ниша-стед ва соҳибони чоҳи Қалибро ёд кардед аз аҳли Қурайш. Ва ту гуфтӣ,

агар қарзҳоям намебуданд, ки бар ӯҳдаи мананд ва аёлам, ки дар назди манаст, албатта мерафтам, то ин ки Муҳаммадро (с) бикушам. Пас Сафвон қарзҳои туро ва аёлатро дар муқобили ин ки маро барои хотири вай бикушӣ, ба ӯҳда гирифт. Вале Худо-ванд байни ту ва байни ин ниятат монеъ мешавад.

Ин ҳангом Умайр фарёд баркашид:

– Гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз Аллоҳ маъбуде нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки ту Паёмбари Худо (с) ҳастӣ! Зеро ин кор як амре буд, ки ғайр аз ман ва Сафвон каси дигар ҳозир набуд. Қасам ба Худо, ки ба ҷуз Аллоҳ каси дигар ба ту ин хабарро нарасонидааст. Пас сипосу ситоиш барои он Худованде, ки маро ба сӯи ислом ҳидоят намуд.

Пас Паёмбар (с) ба сӯи асҳоб рӯй оварда гуфт:

– Бародаратонро аз аҳкоми дин биёмӯзед ва Қуръон бихонедаш ва асирашро озод намоед.

* * *

Ҳамчунин Умайр ибни Ваҳаб имон овард.

Ҳамин тавр “Шайтони Қурайш” ислом оварл ва аз нури Расул (с) ва ислом нуронӣ гардид ва як ҳавворие барои ислом гардид.

Умар (р) мегӯяд:

– Қасам ба зоте, ки нафси ман дар панҷаи ӯст, ҳар оина як хук дӯстдоштатар буд дар назди ман аз Умайр, чун ба назди мо намудор шуда омад. Вале ӯ имрӯз дар назди ман аз баъзе фарзандонам дида дӯстрӯйтар аст.

* * *

Умайр нишаст ва дар бораи бахшояндагии ин дин ва дар бо-бати бузургии ин Паёмбар (с) хеле амиқ андеша намуд ва рӯзгори худро дар Макка пеши назар овард. Он лаҳзаҳоеро, ки ӯ ба муқобили ислом найрангу макр мекард ва пеш аз ҳиҷрати Паёмбар (с) ва ёронаш ба сӯи Мадина бар зидди ислом меҷангид.

Баъд аз он диловариҳо ва ҷангҳояшро дар рӯзи Бадр пеши на-зар овард.

Баъдтар, яъне имрӯзро, ки бо шамшери овехта омадааст, то Паёмбарро (с) ба қатл бирасонад. Ҳамаи инҳоро дар як лаҳза гуфтани ӯ ки:

Нест маъбуде ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад (с) Паёмбари Ху-дост, маҳв мегардонад.

Чӣ ҷовонмардие ва чӣ сафову покӣ ва эътимоди ба нафсро ин дини бузург дорост.

Оё дар як лаҳза ислом тамоми хатоҳои гузаштаашро несту нобуд месозад ва мусалмонон тамоми ҷиноятҳо ва душманиҳои пешинаашро фаромӯш мекунанд ва барои ӯ дари дилҳояшонро мекушоянд ва ӯро дар канори худашон мегиранд?

Оё ҳамчунин дар ҳоле, ки шамшери бо бадтарин ният ва бадтарини ҷарима овардааш, ки акнун дар пеши назарашон медурахшад, оё тамоми он корҳо фаромӯш мешаванд ва дигар ба ёд оварда намешаванд?

Магар бо ислом овардани Умайр, ки дар як лаҳза яке аз мусалмонон гардид ва аз саҳобагони Паёмбар (с) ҳар ҳуқуқе, ки ба-рои онҳост, барои ӯ низ ҳаст ва ҳар масъулияте, ки бар дӯши онҳост, бар ӯҳдаи ӯ низ ҳаст?

Оё ҳамчунин, дар ҳоле ки Умар ибни Хаттоб (р) чанд лаҳза пеш дӯст медошт, ки бикушадаш, барои Умар (р) аз фарзандаш дӯстдоштатар гардидааст?

Агар дар ин як лаҳзаи садоқат, ки Умайр дар он исломашро эълон намуд, аз ҷониби ислом бо ин андоза қадр карда шавад ва иззат ва савобу бузургдошт ёбад, пас ба дурустӣ, ин дини хеле бу-зург аст.

* * *

Дар он чанд лаҳзаҳои кӯтоҳ Умайр масъулияти худро дар баробари ин дин шинохт, он масъулият ин буд, ки бояд ба миқдори ҷангҳояш ба зидди ислом, барои ислом хидмат намояд. Ва ба ҳамон андозае, ки бар муқобилаш мардумро даъват мекард, ба сӯи ин дини пок мардумро даъват намояд. Ва Худованду Паёмбарашро амалҳое аз қабили сидқ, ҷиҳод ва тоъат кардан нишон бидиҳад, ки Худо ва Расули ӯ (с) онҳоро дӯст медоранд.

Ҳамчунин рӯзе ба сӯи Паёмбари Худо (с) рӯй оварда гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) , ман дар гузашта чӣ қадар кӯшиш менамудам барои хомӯш кардани нури Худо ва касонеро, ки пойбанди дини Худо буданд, сахт меранҷонидамашон. Акнун ман дӯст медорам, ки маро иҷоза бидиҳӣ, ки ба Макка биравам ва онҳоро ба сӯи Худо даъват намоям ва ба сӯи Паёмбараш (с) ва ба сӯи дини ислом, шояд Худо онҳоро ҳидоят намояд ва агар онҳо ҳидоят наёбанд, ақаллан дар динашон бар онҳо ранҷ диҳам, ҳамчунон, ки дӯстону пайравони туро дар динашон озор ме-додам.

* * *

Дар он рӯзҳо аз лаҳзае, ки Умайр Маккаро тарк намуда мутаваҷҷеҳи Мадина шуд, Сафвон ибни Умайя, он шахсе, ки Умайрро

барои берун рафтан аз барои қатли Паёмбари Худо (с) таҳрику тарғиб намуда буд, дар кӯчаҳои Макка бо ифтихор ме-гашт ва дар маҷлисҳо ва ҷамъомадҳои Макка хурсанд ва бо табъи болида иштирок менамуд.

Ва ҳар гоҳ, ки қавмаш ва бародаронаш аз асрори хурсандии ӯ пурсон мекарданд, дар ҳоле ки ҳанӯз гармии устухонҳои падараш дар биёбони Бадр нарафтааст, ӯ бо кибру ғурур кафҳои дасташро бо ҳамдигар мемолид ва барои мардум мегуфт:

– Ман шуморо башорат медиҳам ба як воқеъае, ки хабари он чанд рӯзе баъд ба шумо хоҳад расид, ки воқеъаи Бадрро аз ёди шумо берун хоҳад кард!

Ӯ ҳар рӯз пагоҳӣ ба сари теппаҳои атрофи Макка, ки ояндагони Мадина аз он ҷо дохили Макка мешуданд, мебаромад ва қофилаҳои тоҷирон ва саворагонро мепурсид, ки оё дар Мадина ягон воқеъае рух надодааст? Онҳо ба вай ҷавобе медоданд, ки ӯ хуш намешуд ва розӣ намегардид. Пас ҳеҷ касе набуд, ки воқеаи назаррасеро дар Мадина шунида ва ё дида бошад.

Вале Сафвон ноумед намешуд ва ҳар рӯз пурсупоси савора-гонро идома медод, то он даме, ки як рӯз бо як саворае вохӯрд, ки аз он ҷо мегузашт. Аз вай пурсид:

– Оё дар Мадина ҳодисае рух надодааст?

Мусофир чунин ҷавобаш дод:

– Оре, ҳодисаи бузурге рух дод.

Ин ҳангом чеҳраи Сафвон гул-гул шукуфт ва вуҷудаш аз болидагӣ ва хурсандии дунё моломол гардид ва баргашта саро-сема ва боиштиёқ аз он мард пурсид:

– Чӣ ҳодисае рух дод? Ку, барои ман нақл кун.

Он мард гуфт:

– Умайр мусалмон шуд ва ба ӯ дар он ҷо аҳкоми динашро меомӯзонанд ва таълими Қуръон мегирад.

Замин дар зери пои Сафвон давр хӯрд. Он воқеъае, ки ӯ бо қавмаш мужда медод ва он воқеъае, ки мунтазираш буд, то ин ки аламҳои воқеъаи Бадрро аз ёдаш берун барад, имрӯз дар зимни ин хабари мудҳиш ба сараш омад, то ки пора-порааш созад...

* * *

Рӯзе он мусофири ба мо маълум ба ҳавлии худаш расид. Яъне Умайр ба сӯи Макка бозгашт, дар ҳоле ки шамшерашро аз ғилоф кашида буд ва омодаи ҷанг буд ва аввалин шахсе, ки ӯро мулоқот кард, Сафвон ибни Умайя буд..

Ва ҳамин ки чашми Сафвон ба Умайр афтид, ба ӯ ҳуҷум кард, вале шамшере, ки дар дасти Умайр барои дифоъ омода буд, ӯро адаб дод.

Пас бо ҳамин иктифо намуд, ки чанд ҳақорате ба гӯши Умайр ҳавола намуду аз паси кораш рафт.

Умайр ибни Ваҳаби мусалмон ба Макка даромад ва ӯ касе буд, ки чанд рӯз пештар аз Макка дар ҳолати мушрикӣ берун шуда буд.

Ӯ дар Макка даромад дар ҳоле, ки сурати Умар ибни Хаттоб (р) рӯзи ислом оварданаш пеши назараш ҷилвагар буд, баъд аз он дарҳол бо овози баланд исломашро ошкор карда гуфт:

– Қасам ба Худо, ман ҳеҷ маконеро, ки дар он бо ақидаи куфр нишаста бошам, намегузорам, магар ки дар он ҳолати имоно-вардаам низ менишинам.

Ва гӯё ки Умайр аз ин калимаҳо барои худ шиоре дуруст намуд ва аз ин мавқифгириаш барои худ пешраванде муқаррар кард ва зиндагониашро назри он дине намуд, ки муддатҳои дароз ба муқобилаш ҷангид.

Ва ба таҳқиқ ӯ дар як мақоме қарор дошт, ки барояш иҷоза ва дастур медод бар шахси ба ӯ ранҷ расонида ӯ низ ранҷ расонад.

Ва ҳамчунин ӯ корҳои неки аз даст рафтаашро ҷуброн мекард ва барои ба мақсад расиданаш бо замон пешдастӣ ва мусобиқа менамуд ва шабу рӯз ошкору пинҳон мардумро ба сӯи ислом мехонд.

Имонаш дар дили ӯ амният, ҳидоят ва нур мебахшид. Ва дар забонаш калимаи Ҳақ буд, ки ба воситаи он мардумро ба сӯи адолат ва некӯкорӣ ва корҳои машруъу хайр даъват менамуд. Дар дасташ шамшере буд, ки ба воситаи он роҳзанони роҳи Ҳақро метарсонид. Он касонеро, ки имон оварданро монеъ мешуданд ва мехостанд роҳи Худоро бо услубҳои нораво бипаймоянд.

Дар муддати ҳафтаҳои маъдуд адади он нафароне, ки ба дасти Умайр ибни Ваҳаб ба сӯи ислом ҳидоят ёфтанд, хеле зиёд шуд.

Ва Умайр онҳоро зимни як қофилаи дароз ба сӯи Мадина берун бурд ва он саҳрое, ки онҳо аз болояш мегузаштанд ва дар зимни сафарашон мепаймуданд, воҳима ва таъаҷҷуби худро аз ин марде, ки ба наздикӣ шамшерашро гирифта аз болои ӯ гузашта буд ва қадамҳояшро шитобон мегузошт ва ба сӯи Мадина мерафт, то Паёмбарро (с) бикушад, пинҳон карда наметавонист. Баъд аз он бори дигар ин саҳроро дар бозгашташ аз Мадина убур намуд, вале бо чеҳра ва ақидаи дигар ва Қуръонро болои пушти шутураш қироат мекард.

Акнун бори саввум. Бори саввум ҳамчун роҳбари як гурӯҳи тӯлоние аз мӯъминон, ки атрофи он қофиларо бо такбир ва таҳлилҳои худ пур кардаанд, аз болои ин саҳро мегузаранд.

* * *

Оре, ин вақеаи хеле бузургест, ахбори “Шайтони Қурайш”, ки ҳидояти Худо ӯро ба ёвари роҳи Ҳақ табдил кардааст, ёвари но-тарс аз ҳаввориёни ислом. Он шахсе, ки ҳамеша дар паҳлӯи Па-ёмбар (с) дар ғазоҳо ва ҷангҳо истод ва муҳаббату ихлосаш барои дини Худо устувор боқӣ монд. Ҳатто баъди аз дунё гузаштани Паёмбар (с) ҳам.

Дар рӯзи фатҳи Макка Умайр дӯсти худ ва хешашро, ки Сафвон ибни Умайя буд, фаромӯш накард ва ба сӯи ӯ рафта исломро талқин намуд ва ӯро баъди он ки дигар дар ростии Паёмбар (с) ва ростии рисолати ӯ шубҳае боқӣ намонда буд, ба сӯи ислом даъват кард.

Вале Сафвон аллакай бору матоъи худро баста ба сӯи Ҷидда ҳаракат кард, то ба воситаи баҳр ба Яман фирор намояд.

Дилсӯзии Умайр нисбати Сафвон хеле сахт шуд ва ба худ тас-мим гирифт, ки бо ҳар василае, ки набошад, ӯро аз дасти шайтон раҳо созад.

Ва бо шитоб ба сӯи Паёмбар (с) рафт ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) Сафвон ибни Умайя саиди қавмаш аст, аз тарси ту гурехта берун рафтааст, то худро ба баҳр афканад. Пас ӯро амон деҳ, Худо бар ту раҳмат кунад.

Паёмбар (с) гуфт:

– Ӯ дар амон аст.

Умайр боз гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) як нишонае бароям бидеҳ, ки ба воси-таи он амони додаи туро бишиносад ва бовар кунад.

Пас Паёмбари Худо (с) саллаашро, ки дар вақти даромадани Макка ҳамроҳаш буд, ба ӯ дод.

Биёед, Урва ибни Зубайрро бигзорем, ки барои мо нақлро пурра кунад:

– Умайр он салларо гирифта рафт. Он даме, ки Сафвон мехост дар киштӣ бинишинад, ӯро дарёфт ва ба ӯ гуфт:

– Эй Сафвон, падару модарам фидои ту бод. Туро ба Худо мехонам, ки нафси худатро аз ҳалок шудан наҷот бидеҳ. Ана ин нишонаи амон аст, аз ҷониби Паёмбар (с), ки бароят овардам.

Сафвон гуфт:

– Вой бар ту аз назарам гум шав ва бо ман сухан магуй.

Умайр гуфт:

– Эй Сафвон, падару модарам фидои ту бод. Ба таҳқиқ Паём-бари Худо (с) беҳтарини мардум аст ва некӯкортарини мардум ва боҳилмтарини мардум аст. Тавоноии ӯ иззати туст ва шарофатмандиаш шарафи туст.

Сафвон гуфт:

– Ман аз ҷонам метарсам.

Умайр гуфт:

– Ӯ ҳалимтар ва боикромтар аз он аст, ки ту мепиндорӣ.

Пас Сафвон бо ҳамроҳии Умайр бозгашт ва дар назди Паём-бари Худо (с) ҳозир шуд.

Сафвон ба Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ин кас, яъне Умайр чунин мепиндорад, ки ту маро амон додаӣ.

Паёмбар (с) гуфт:

– Рост гуфтааст.

Сафвон гуфт:

– Маро барои қабул ё радди ислом ду моҳ мӯҳлат деҳ.

Паёмбар (с) гуфт:

– Барои ту чаҳор моҳ мӯҳлат дода шуд.

Баъдтар Сафвон имон овард ва Умайр бо ислом овардани Сафвон худро хеле хушбахт мешуморид.

* * *

Ва Умайр ин масири мубораки худро дар роҳи Худо идома дод ва пайравии Паёмбареро, ки Худованд ба воситаи ӯ мардумро аз гумроҳӣ берун овард ва аз торикиҳо ба сӯи рӯшноӣ ҳидоят намуд, идома дод.

## 25. АБУДАРДО

**Ҳангоме ки лашкари ислом дар гӯшаву канораи замин бо ҷӯшу хурӯш, зафармандона қадам мезад ва пеш мерафт, дар Мадина як файласуфи аҷибе истиқомат мекард, ки ҳикмату дониш аз атрофи ӯ дар зимни суханоне, ки дар ғояти зебоӣ ва дурахшандагӣ буданд ҷӯш мезад.**

Ӯ доимо ба атрофиёнаш мегуфт:

– Оё ба беҳтарин ва покизатарини аъмол дар назди Худованди шумо шуморо хабар диҳам. Ва он амал беҳтар аз ин аст, ки шумо бо душманатон биҷангед ва гарданҳои онҳоро бизанед. Ва онҳо гарданҳои шуморо бизананд ва он беҳтар аз дирҳамҳо ва динорҳо бошад.

Дар ин ҳангом гарданҳои касоне, ки хомӯшона ӯро гӯш мекарданд, ба сӯяш дароз мешаванд ва тез ӯро мепурсиданд:

– Он кадом чиз аст, эй Абудардо?

Ӯ суханро аз нав оғоз намуда, дар ҳоле, ки чеҳрааш бо нури имон ва ҳикмат медурахшид, мегуфт:

– Ёди Худо ва албатта ёди Худо аз ҳама бузургтар аст.

* * *

Ин ҳакими аҷоибхислат ба он башорат намедод, ки мардум аз зиндагӣ гӯша гиранд ва ӯ бо ин гуфтаҳояш тариқи беҳаракатиро, яъне ҷумудро тарғиб намекард ва инчунин шона холӣ намудан аз зери масъулияти ин дини наве, ки ҷиҳоди дар роҳи Худо дар таълимоташ мақоми болоиро ишғол менамояд.

Оре, Абудардо аз ҷумлаи чунин мардон набуд. Ӯ марде буд, ки худаш шамшерашро бардошта ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) аз рӯзи имон оварданаш, то он даме, ки нусрати Худо ва фатҳу ғалаба насиби мусалмонон гардид, ба ҷиҳод бархоста буд.

Вале ӯ аз он қабил ашхосе буд, ки чун ба тааммул ва андеша фурӯ рафт ва дар меҳроби ҳикмат ҷой гирифт ва зиндагиашро барои ҷустуҷӯи ҳақиқат ва яқин назр кард, он гоҳ камолоти ҳастии худро дар шакли зинда дармеёфт.

Ин ҳакими он замони бузург Абудардо инсоне буд, ки як шавқи ниҳоят бузурге ӯро ба сӯи дидани ҳақиқат ва мулоқот намудан ба ҳақиқат даъват менамуд.

Ва аз он замон, ки ӯ ба Худо ва ба Расулаш (с) имони мустаҳкам овард, аз ҳамон рӯз инчунин имон овард, ки ин ақида бо вуҷуди ба ӯ баъзе масъулиятҳо ва фаҳмро таҳмил ва вобаста гардонидан, роҳе намунатар ва ягона ба сӯи дарёфти ҳақиқат аст.

Ҳамчунин ӯ бар болои тафаккури имонаш пурра худро гуморид ва нафсашро батамом ба имонаш супорид ва зиндагиашро мувофиқи имонаш дар қолаб рехт. Ва бо як азамат ва раҳёфтагӣ ва бузургӣ бо ин роҳ равон гардид, то ба мақсуд расид. Ва бар болои роҳи пешгирифтааш худро маъкуф сохт, то андозае, ки ба зинаи олии садоқати боварибахш расид. То андозае, ки ҷойгоҳи олии худро байни содиқон ёфт. Ва дар зимни оёти Худоро бо ҳусни адо тиловат карданаш, ба сӯи Парвардигораш муноҷот менамуд:

– Ба таҳқиқ намози ман ва хидматҳои бадании ман (аз қабили адои ҳаҷ) ва зиндагонии ман ва мурдани ман ҳама барои Худовандест, ки Парвардигори оламиён аст. (сураи Анъом ояи 162).

Оре, ба таҳқиқ ҷиҳоди Абудардо зидди нафсаш ва бо ҳамроҳии нафсаш ба ин қуллаи олӣ омада расид. То он ҳадди боло, ки худфаносозии роҳибонаеро пеш гирифт ва зиндагониашро батамом барои Худованд бахшид.

* * *

Акнун биёед бо ин ҳакими рӯҳонӣ наздик шавем. Оё равшанӣ ва нуреро, ки дар атрофи ҷабинаш партавфишонӣ дорад, мебинед? Оё бӯи хушеро, ки аз тарафи ӯ мевазад, шумо эҳсос мекунед?

Ба таҳқиқ ин рӯшноии ҳикмат ва бӯю таровати имон аст.

Имон ва ҳикмат ҳарду дар вуҷуди ин марди руҷӯъкунанда ба Худо бо як мулоқоти босаъодат рӯ ба рӯ ҷамъ омаданд!

Аз модараш пурсиданд, ки афзалтарин аъмол дар назди Абудардо кадом амал буд?

Ҷавоб дод:

– Тафаккур ва ибрат гирифтан.

Оре, ӯ сухани Худовандро, ки дар аксари оятҳои Қуръон мисдоқи он омадааст, тамоман ба гӯши ҷон фаро гирифта буд:

Пас эътибор кунед, эй соҳибони басират. (сураи Ҳашр ояи 2).

Ӯ дар ҳоле, ки дигар бародаронашро ба сӯи тааммул ва тафаккур тарғиб мекард, барояшон чунин мегуфт:

– Тафаккури чанд лаҳзаина аз ибодати якшаба авлотар аст.

Ба таҳқиқ ибодат ва тааммул ва ҷустуҷӯи ҳақиқат тамоми вуҷудашро ва тамоми зиндагониашро фаро гирифта буд. Ӯ рӯзе, ки

исломро ҳамчун дин бо қаноъатмандӣ қабул кард ва бо Паёмбари Худо (с) барои нусрати ин дини бокаромат байъат намуд, ӯ аз ҷумлаи тоҷирони хеле бо ривоҷу машҳур ва донои Мадина буд ва ӯ як пораи ҳаёташро пеш аз он, ки ислом орад, дар кори тиҷорат гузаронида буд. Ҳатто қабл аз он, ки Паёмбар (с) ва мусалмонон ба сӯи Мадина муҳоҷир шуда биёянд.

Лекин аз ислом оварданаш андак вақте нагузашта буд, ки ӯ дар ҳол....

Беҳтараш биёед бигузорем, ӯ худаш барои мо ин матлаъро такмил кунад:

– Вақте ки ман ислом овардам, тоҷир будам. Ва хостам, ки байни ибодат ва тиҷоратро ҷамъ намоям, вале онҳо ҷамъ нашуданд, аз ин рӯ, тиҷоратро тарк намудам ва рӯй ба сӯи ибодат овардам.

Имрӯз дигар ман ҳеҷ ёди хариду фурӯш намекунам ва агар рӯзе сесад динор фоида биёбам ҳам хурсанд намешавам. Ҳатто агар дукони ман дар дари масҷид бошад.

Огоҳ бошед, ки ман гуфтанӣ нестам, ки ба таҳқиқ Худованд байъро ҳаром кардааст, валекин ман авлотар медонам, аз ҷумлаи касоне бошам, ки тиҷорат ва харидуфурӯш онҳоро аз ёди Худо машғул намесозад.

Оё ҳеҷ эътибор медиҳед, ки ӯ чӣ гуна сухан мегӯяд? Ва воқеъан ҳақиқати ин қазияро баён месозад ва ҳикмату ростӣ аз байни суханонаш шӯълапошӣ мекунад.

Ба таҳқиқ пеш аз он ки мо ӯро бипурсем, ки оё Худованд тиҷоратро ҳаром намудааст, эй Абудародо, ҷавобро пешдастӣ менамояд...

Ӯ пешгирӣ мекунад ва аз хотирҳои мо ин пурсуҷӯро меафшонад ва моро ба сӯи ҳадафҳои олие, ки ба сӯи ӯ даъватамон мекунад, ишора менамояд ва ба сӯи он коре, ки ба хотири он тиҷораташро бо вуҷуди муваффақияташ тарк намудааст.

Ба таҳқиқ ӯ марде буд, ки соҳиби тахассуси рӯҳонӣ шудан ва дар ин ҷодда роҳи аз дигарон пеш гузаштанро ҷустуҷӯ менамуд. Ва ҳамеша назараш ба сӯи олитарин дараҷаҳои камолотест, ки барои фарзанди инсон дастрас аст.

Ӯ ибодатро мисли зинапояе ирода мекард, ки ӯро ба сӯи баландтарин олами хайр боло барад ва Ҳақро дар олитарин азamаташ ба ӯ рӯ ба рӯ созад ва ҳақиқатро дар ҷои тулӯъаш ба ӯ бинамояд. Ва агар ӯ ибодатро муҷарради таклифе медонист, ки бо ҳар роҳ бояд адо

карда шавад ва ё чанд чизи мамнуъест, ки бояд тарк гардад, албатта ӯ метавонист, ки байни чунин ибодат ва тиҷорат ва дигар амалҳояш як сарҷамъӣ фароҳам орад.

Мо бисёр тоҷирони некӯкору солиҳро медонем ва бисёр солиҳонро тоҷир мебинем.

Аз ҳамсӯҳбатони Паёмбар (с) касоне буданд, ки тиҷораташон ва хариду фурӯшашон онҳоро аз ёди Худо ғофил насохт, балки онҳо дар ривоҷи тиҷорат ва зиёд намудани молҳояшон кӯшиш намуданд, то ба воситаи он дар кори қазияи ислом хидмате анҷом бидиҳанд. Ва ба воситаи он камбудиву ҳоҷатмандии мусалмононро бароранд.

Роҳи ихтиёр намудаи дигар асҳоб манҳаҷи Абудардоро танг намекунад, ҳамчунон, ки манҳаҷи Абудардо тариқати он асҳобро таҳти шубҳа қарор намедиҳад. Пас ҳар касеро баҳри коре зодаанд.

Абудардо аз рӯи ҳисси ростӣ эҳсос кард, ки ӯ барои он коре, ки ҳаёташро барои он назр намудааст, халқ шудааст. Яъне тахассус дар ҷустуҷӯи ҳақиқат бо кору амали бардавом дар олитарин ва амиқтарин ҳолати дунёбезорӣ мувофиқи ҳидояти Парвардигор ва расул ва Ислом.

Агар хоҳед манҳаҷи ӯро тасаввуф гуед, вале тасаввуфи марде, ки барои ӯ фаҳму идроки воқеъии шахси мӯъмин ва тавоноии файласуф ва таҷрибаи ҷанговар ва фиқҳи саҳобӣ ва ҳама дар ҳадди камол ҷамъ омадаанд, то ҳадде, ки тасаввуфи ӯро як ҳаракати зинда дар бинои рӯҳ гардонидааст, на як сояе, ки барои ин бино фоидаманд бошад.

Оре, ана ин Абудардо аст, саҳобаи Паёмбар (с) ва шогирди ӯ.

Ана ин Абудардо аст, шахсияти рӯҳонӣ ва ҳаким.

Марде, ки дунёро бо ҳарду даст тела дод ва бо дилаш онро аз худ дур кард.

Марде, ки барои тазкияи нафси худ машғул шуд, то ин ки онро сайқал дод ва покизааш намуд, то андозае, ки мисли оинаи софе гардид, ки дар вай ҳикмат ва савобу некӣ чандон ҷилвагар шуд, ки аз шахсияти Абудардо як муъаллими бузург ва ҳакими росткоре берун омад.

Онон ки ба ӯ рӯй меоранд ва суханони ӯро гӯш мекунанд, ҳаққо, ки саодатмандтарин мардумонанд. Биёед, то ба ҳикмати ӯ наздиктар бишавем, эй соҳибони ақл.

* * *

Биёед аз фалсафаи ӯ нисбати дунё ва зебоиҳои вай ва нақшу нигор ва дилфиребиҳои вай ибтидо кунем.

Ба таҳқиқ ӯ то умқи рӯҳаш ба оёти Қуръон, ки дунёро тарк мегӯяд ва меронад, мутаассир гардидааст:

Он касе, ки молро ҷамъ намудааст ва гаштаву баргашта мешуморадаш... Мепиндорад, ки молаш ӯро ҷовидонӣ мегардонад. (Сураи Ҳумаза, оятҳои 2-3)

Ва ӯ то умқи рӯҳаш ба сухани Паёмбар (с) мутаассир аст, ки гуфта буд:

– Он чизе, ки кам бошад ва кифоя кунад, беҳтар аст аз он чизе, ки бисёр аст ва касро машғул мегардонад.

Ва Паёмбари Худо (с) мегӯяд:

– Шумо аз ташвишҳои дунё ҳар қадаре тавонед худро фориғ гардонед. Зеро ҳар касеро, ки дунё бузургтарин ташвишу қасдаш бошад, Худованд ҷамъияти хотирашро парешон месозад ва фақириашро дар пеши ду чашмаш аён мегардонад. Ва ҳар касеро, ки охират бузургтарин ташвишу қасдаш бошад, Худованд парешонхотириашро ҷамъ месозад ва сарваташро дар дилаш хазина мегардонад. Ва Худованд нисбати ин фард барои ҳар некие омодаву тайёр аст.

Аз ҳамин ҷиҳат ӯ дар ҳаққи касоне, ки таҳти андешаи гирдоварии сарвату мол афтидаанд, марсия мехонад ва мегӯяд:

– Бор Худоё, ба таҳқиқ ман паноҳ металабам ба ту аз парешонии дил.

Аз ӯ пурсиданд:

– Эй Абударддо парешонии дил чист?

Ӯ ҷавоб дод:

– Ин ки барои ман дар ҳар водие моле бошад.

Ва ӯ мардумро ба он даъват менамуд, ки дунёро ба сабаби мустағнӣ шудан аз он мутеъи хеш гардонанд. Ин пирӯз гардидани ҳақиқист бар дунё. Аммо равона будан аз дунболи тамаъҳое, ки интиҳояш маълум нест, ин бадтарини шакли бандагӣ ва ғуломист.

Дар ин мавзӯъ ӯ чунин мегӯяд:

– Касе, ки аз ин дунё беҳоҷат набошад, пас ӯ дунёе надорад.

Мол дар назди ӯ як василае барои зиндагонии қаноъатмандона ва муътадил аст на чизи дигар.

Аз ҳамин ҷиҳат пас ба мардумон лозим аст, ки молро аз ҳалол бигиранд ва онро дар ғояти нармиш ва мӯътадилӣ касб намоянд, на бо ҳирс ва чангу дандон газидан.

Ӯ мегӯяд:

– Ту ба ғайри ҳалол чизе махӯр ва ба ғайри ҳалол чизе касб макун ва ба хонаат ба ғайри ҳалол чизе ворид масоз.

Ӯ барои як дӯсташ чунин менависад:

“Баъди ҳамду санои Худованд ҳар чизе, ки дорӣ қабл аз ту моли ту набуд ва он баъди ту ба дигарон хоҳад расид. Ва чизе барои ту аз ин молҳо намерасад, магар он чизе, ки барои нафси худат пешакӣ фиристодаӣ. Пас нафъи он молро барои нафси худат авлотар аз он дон, ки ҷамъ созӣ то барои фарзандат мерос гардад. Ту барои яке аз ин ду нафар мол ҷамъ месозӣ: Ё барои фарзанди солиҳе, ки дар тоъати Худо ба қуввати ин мол кор мекунад ва дар ин сурат ба сабаби он чизе ки ту бадбахт гардидаӣ, ӯ саодатманд мегардад. Ва ё он фарзанди осӣ аст ва ба воситаи қуввати молҳои ту дар назди Худо маъсият менамояд. Пас ту ба воситаи он чизе, ки барои ӯ ҷамъ намуда будӣ, бадбахт мегардӣ. Аз ин рӯ, барои онҳо ба ризқи дар назди Худо буда такя ва эътимод намо ва нафси худатро наҷот бидеҳ.”

Дунё дар назари Абудардо комилан муҷарради як чизи орият буд.

Чун Қибрис фатҳ гардид ва ғаниматҳои ҷанг ба сӯи Мадина оварда шуданд, мардум Абудардоро диданд, ки мегирист. Мардум бо назари таъаҷҷуб ба ӯ наздиктар омаданд, то аз сабаби гиряаш бипурсанд ва барои аз номи ҷамъият суол додан Ҷубайр ибни Нафир интихоб гардид. Ӯ пурсид:

– Эй Абудардо, туро дар чунин рӯзе, ки Худованд ислом ва аҳли исломро боиззат ва тавоно намудааст, чи чиз мегирёнад?

Абудардо дар зимни ҷавоби ҳакимона гуфт:

– Вой бар ту эй Ҷубайр, чӣ қадар мардум дар назди Худо хору ночиз ҳастанд, вақте ки амрҳои Худоро тарк менамоянд. Дар он ҳангоме ки онҳо як миллати зӯровар ва ғолиб бошанд ва барои онҳо мулку мамлакат бошад, боз амри Худоро тарк намоянд ва ба тарафи он чизе, ки мебинӣ, майл намоянд.

Оре, ӯ бо ин суханонаш иллати харобии босуръатеро, ки лашкари ислом болои мамолики фатҳкардашуда оварда буданд, баён месозад. Сабабашро муфлисшавии сарзаминҳои исломӣ аз рӯҳонияти ростине медонад, ки ин мамлакатро нигоҳ медоштанд ва аз набудани дини саҳиҳе медонад, ки ин миллатро ба Худо пайванд намояд.

Ва аз ҳамин ҷиҳат низ ӯ барои мусалмонон аз он дар хавф буд, ки рӯзе расад ва пайванди имонӣ байнашон канда шавад ва робитаҳояшон ба Худо заъиф гардад ва ҳақ ва салоҳ ва амонат аз дасти

онҳо бо ҳамон осоние, ки аз ин пеш ба сӯи онҳо интиқол ёфта буд, аз дасташон берун биравад.

* * *

Ҳамчунон, ки дунё бо тамоми ҳастиаш муҷарради як ориятест дар яқини ӯ. Инчунин дунё пулест ба сӯи ҳаёти фанонопазир ва зебо.

Дар ҳоле, ки ӯ бемор буд, дӯстонаш барои аёдат ба наздаш даромаданд, пас ӯро болои як бистаре хобида диданд, ки аз пӯст тайёр шуда буд. Ба ӯ гуфтанд:

– Агар ту мехостӣ барои ту ҷои хобе хуштар ва мулоитар муҳайё мекарданд.

Ӯ дар ҳоле ки нигоҳи чашмонаш ба сӯи дуриҳо дӯхта шуда буданд, бо ангушти ишорааш чизеро нишон дода гуфт:

– Ба таҳқиқ хонаи мо он ҷост. Барои он ҷо ҷамъ мекунем ва ба сӯи он ҷо бозмегардем. Ба тарафи он диёр раҳсипор мегардем ва барои он ҷо амал мекунем.

Ин тарзи нигоҳ ва биниш ба сӯи дунё дар назди Абудардо танҳо як ҷиҳати хоси назарӣ надорад, балки роҳи ҳаёти амалиаш низ буд.

Язид ибни Муъовия духтари ӯ “Дардо”-ро ба занӣ хост. Абудардо талаби ӯро ҷавоби рад дод ва хостгорҳои ӯро қабул накард. Баъд аз он духтарашро яке аз фақирон ва солиҳони мусалмонон хостгорӣ кард. Абудардо духтарашро ба ҳамин камбағал ба занӣ дод. Мардум аз ин рафтори вай таъаҷҷуб намуданд. Абудардо онҳоро таълим дода гуфт:

– Шумо дар бораи Дардо чӣ андеша доред? Чун болои сараш хидматгорҳо ва мардони хисён (ахтакардашуда) ба хидмат меистанд ва зебу зиннатҳои қасрҳо чашми ӯро хира месозад... Он рӯз дигар дини ӯ дар куҷо мемонад.

Ин шахс ҳакимест дорои нафсе ростин ва қалбе мусаффо.

Ӯ аз дунё ва матоъи он ҳар чизеро, ки нафс ба вай пойбанд мегардад ва дил ба сӯи он майл менамояд, аз худ дур меандозад, вале бо ин кораш аз саодат намегурезад, балки ба сӯи он раҳсипор аст.

Пас саодати ҳақиқӣ дар назди вай ин аст, ки ту молики дунё бошӣ, на ин ки дунё бар ту молик гардад.

Ҳар вақте ки талаботи мардум дар ҳудуди қаноъат ва эътидол қарор гирад ва ҳар вақте ки мардум дарк намоянд, ҳақиқати дунё мисли пулест, ки аз болои он ба сӯи ҳавлии қарордошта ва ҷои бозгашт ва ҷовидонагӣ убур менамоянд, ҳар вақте ки инчунин ҷиҳати назарашонро дуруст карданд, насибаи онҳо аз хушбахтӣ хеле комил ва бузург аст.

Ва ба таҳқиқ ӯ мегӯяд:

– Некиву хайр он нест, ки молу фарзандонат зиёд шаванд, балки некиву хайр он аст, ки бурдборӣ ва шафқатат зиёда шавад ва илмат зиёд гардад ва ин ки бо мардум дар бораи ибодати Худо мусобиқа кунӣ.

Дар замони хилофати Усмон (р), дар он замоне, ки Муъовия амири Шом буд, аз рӯи рағбату хоҳиши халифа, Абудардо розӣ шуд мансаби қозигиро соҳиб шавад.

Дар Шом ӯ барои тамоми он касоне, ки моли дунё онҳоро ба худ мафтун карда буд, дар камин нишаст ва ба зиндагониаш аз рӯи амал ба роҳу тариқати зиндагонии Паёмбар (с) ва зиндагонии гурӯҳи аввали шаҳидон ва сиддиқон, мардумро ошно месохт ва панд медод ва ба ёдашон меовард.

Дар он замон сарзамини Шом як маркази тиҷоратӣ гардида буд, ки бо ҷилваҳо ва неъматҳо мавҷ мезад.

Шояд, ки сокинони Шом аз ин шахсе, ки ба воситаи мавъизаҳояш таматтуъ ва дунёи онҳоро талх ва танг менамуд, безор шуда буданд, ки Абудардо онҳоро ҷамъ намуд ва дар байнашон ба хутба бархоста гуфт:

– Эй бошандагони Шом! Шумо аз рӯи дин ба мо бародаред ва аз лиҳози маҳал ҳамсояи моед ва ба муқобили душманон ансори мо ҳастед, вале аз чӣ сабаб аст, ки шумо шарм намедоред ва чизеро ҷамъ мекунед, ки онро намехӯред ва хонаҳое бино мекунед, ки дар он сукунат намекунед ва як чизеро умед доред, ки ба он намерасед. Пеш аз шумо низ асрҳои аср мардуме буданд, ки моли дунёро ҷамъ карданд ва захира намуданд ва орзуҳо доштанд ва орзуҳояшон хеле тӯлонӣ буд. Чун бино месохтанд ба он боварӣ ва дилбастагӣ доштанд, вале ҷамъияти онҳо ба ҳалокат расид. Орзуҳояшон ҳама дурӯғ ва худфиребӣ баромад. Манзилҳояшон гӯрашон гардид. Онҳо қавми Од буданд, ки мобайни Адн ва Уммонро аз молу авлод пур сохта буданд.

Баъд аз он дар лабонаш як табассуми тамасхуромез пайдо шуд ва дар миёни он ҷамъияти ҳайронгашта дасташро ба ҳар тараф алвонҷ дода бо як истеҳзои хело кӯбанда ва сӯзонанда фарёд кашид:

— Оё ҳеҷ нафаре ҳаст, ки ин мероси авлоди Одро (яъне дунёро) аз ман ба ду дирҳам бихарад?

Ӯ мардест бо дилу дидаи равшан, ҳикматаш боварибахшу бехатар ва эҳсосоташ парҳезгорона ва мантиқаш рост.

Ибодат дар назди Абудардо ғурур ва фахр нест, балки илтимос ва ҷустуҷӯи некӣ ва баромадан дар рӯёрӯӣ ба раҳмати Худост ва зориву

илтимоси бодавоме, ки инсонро огоҳ созад ба заъфу бечорагиаш ва ба фазлу меҳрубонии Худо бар болои инсон.

Ба таҳқиқ ӯ мегӯяд: Шумо ҳамеша ва бодавом дар ҷустуҷӯи хайр бошед ва дар сари роҳи бодҳои раҳмати Худо бароед. Зеро мар Худовандро бодҳои раҳматест, ки ба касе, ки Худо бихоҳад мерасонад. Ва аз Худованд биталабед, ки гуноҳу камбудиҳои шуморо бипӯшонад ва аз ҷойҳое, ки тарс доред шуморо эмин гардонад.

Ин ҳакими бузург доимо дар муқобили мағрур гаштан аз ибодат бо чашми кушода менигарист ва мардумро аз он барҳазар медошт. Он мағрурияте, ки баъзе аз заъифимонҳоро аз рӯи ибодат карданашон фаро мегирифт ва аз рӯи ибодатгариашон мардумро аз худ поёнтар ва худро аз ҳама болотар мешумориданд ва фахр менамуданд.

Пас биёед ба гуфтаи ӯ гӯш андозем:

– Миқдори вазни як ғубор аз некии шахси соҳиби тақво ва яқин, вазнинтар ва афзалтар аст, аз баробари вазни кӯҳ аз ибодати мағрурон.

Ва дар ҷои дигар мефармояд:

– Ба мардум он чизеро, ки аз ҷониби Худо воҷиб гардонида нашудааст бор накунед.

Дар фикри ҷонҳои худ бошед, зеро ҳар касе, ки чизҳои аз мардум мушоҳида мекардаашро пайгирӣ намояд, андӯҳу ҳасраташ дер давом мекунад.

Ба таҳқиқ ӯ аз обид онро намехоҳад, ки аз зоти худ ҳисоботгири мардум бисозад. Агарчанде ки дар роҳи ибодат ба қуллаҳои охирин расида бошад ҳам.

Балки бар обид лозим аст, ки бо вуҷуди риёзат кашидан Худовандро барои тавфиқи ибодат доданаш ҳамд бигуяд ва ба воситаи дуъояш ва бузургии ҳиссиёти некаш ва нияти хайри худ онҳоеро, ки чунин тавфиқ насибашон нагардидааст, ёрӣ диҳад.

Оё ҳеҷ гоҳ шумо ҳикматеро дидаед, ки аз ҳикмати ин ҳаким бузургтар ва хирадмандонатар бошад?

Яке аз дӯстонаш Абуқалоба чунин мегӯяд:

– Рӯзе Абудардо ба пеши марде гузашт, ки гуноҳе содир карда буд ва мардум ҳақораташ мекарданд. Пас онҳоро аз ин кор манъ намуд ва гуфт:

–Оё шумо агар ин мардро дар як ҷарие афтида медидед, ӯро аз он ҷо намебаровардед?

Мардум гуфтанд, ки оре мебаровардем.

Абудардо гуфт: пас ӯро дашном ва сарзаниш накунед.

– Худоро ҳамду сано бигуед, ки шуморо аз ин гуноҳ нигоҳ доштааст.

Пас мардум гуфтанд:

– Ту ин мардро барои ин гуноҳи кардааш бад намебинӣ?

Ӯ гуфт:

– Ман амали кардаашро бад мебинам, вале агар онро тарк кунад, ӯ бародари ман аст.

Ва агар аз ду рӯи ибодат яке дар назди Абудардо ҳамин бошад (яъне ибодатро бо тавозӯъ адо намудан), рӯи дигараш дар назди ӯ, ин илму маърифат аст.

Ба таҳқиқ Абудардо илмро хеле муқаддас медонад. Илмро ҳамчун ҳаким муқаддас медонад ва онро ҳамчун обид муқаддас медонад. Ӯ мегӯяд:

– Ҳеҷ кадоме аз шумоён Худотарсу парҳезгор намегардед, то ки олим нашавед. Ва ҳаргиз он шахс бо дарёфт намудани илм зебо намешавад, то ин ки ба вай амалкунанда нагардад.

Оре, пас илм дар назди ӯ мафҳумҳои сулук, фаҳм, маърифат, роҳу равиш, андеша ва зиндагониро ифода мекунад ва аз сабаби он ки муқаддас доштани ӯ илмро бо биниши ҳакимона аст, мебинем, ки ӯ чунин нидо мекунад, ки муаллим мисли мутаъаллим аст (яъне талаба), ҳардуи онҳо дар фазилат ва мартаба ва савоб баробаранд.

Ва чунин мешуморад, ки бузургии зиндагонӣ қабл аз ҳама чиз вобаста ба илми нек аст.

Бубинед, ки чӣ мегӯяд:

– Ба ман чӣ шудааст? Мебинам, ки донишмандони шумо мераванд, яъне мемиранд ва гумроҳону бесаводони шумо намеомӯзанд?

Огоҳ бошед, ки муаллими илми нек ва толибилм дар аҷру савоб баробаранд ва дар боқимондаи мардум баъди ин ду гурӯҳ, ҳеҷ хайре нест.

Ва низ чунин мегӯяд:

– Мардум се фирқаанд: Олим, толибилм ва гурӯҳи сеюм кӯрпашшаҳоеанд, ки ҳеҷ хайре дар онҳо нест.

Ҳамчуноне, ки аз ин пеш дидем, илм дар ҳикмати Абудардо аз амал ҷудо намешавад. Ӯ мегӯяд:

– Ба таҳқиқ, он чӣ, ки барои нафсам аз ҳама зиёдтар аз он метарсам, ин аст, ки рӯзи қиёмат дар ҳузури халоиқ барои ман гуфта шавад:

Эй Увваймир, оё ту илм омӯхтӣ?

Пас ман мегӯям: Оре.

Пас ба ман гуфта шавад:

Пас ту дар он чӣ ки донистӣ, чӣ амал анҷом додӣ?

– .....

Ӯ ҳамеша олимони боамалро бузургдошт мекард ва ба онҳо эҳтиром дошт. Ӯ ба сӯи Парвардигораш дуъо карда мегуфт:

– Бор Худоё, ман ба ту паноҳ меҷӯям, аз ин ки маро дили олимон лаънат хонад.

Ба ӯ гуфтанд:

– Чӣ гуна дили олимон туро лаънат мегӯянд?

Ӯ гуфт:

– Агар маро бад бинанд.

Акнун дидед, ӯ дар бад дидани олим лаънатеро мушоҳида мекард, ки тоқати онро надошт. Аз ҳамин ҷиҳат ба сӯи Парвардигораш тазарруъ намуда мегуфт, ки ӯро аз ин лаънат дар паноҳаш гирад.

Ва ҳикмати Абудардо дар муносибати бародарӣ хайру некиро васият менамояд. Ва алоқаи инсонро бо инсони дигар бар асоси зоти табиати воқеии инсонӣ бино месозад.

Ӯ мегӯяд:

– Сарзанишҳои бародар беҳтар аст барои ту аз ин ки онро аз даст бидиҳӣ ва шахси дигар бо тамоми ҳастиаш дар баробари бародарат, чӣ касест?

Ба бародарат чизе бидеҳ ва бо ӯ мулоимат бикун. Дар бораи вай сухани ҳар як ҳосидро қабул нанамо, зеро ту низ мисли он ҳосид гардӣ. Фардо мавт ба сари ту хоҳад расид. Пас барои аз даст додани дӯстат марг барои ту кифоя аст. Чӣ гуна баъди фавташ ӯро гиря мекунӣ? Ҳол он ки ту дар зиндагониаш ҳаққи ӯро адо нанамудаӣ?

Ва муроқибат кардани Худованд бандагонашро, як қонуни ниҳоят сахтест, ки бар болои он Абудардо ҳуқуқи бародариро бино месозад.

Абудардо чунин мегӯяд:

– Ман ба таҳқиқ бад мебинам ба касе зулм намуданро, лекин аз ҳама зиёдтар бад мебинам касеро зулм намоям, ки ба ғайри Худованди баландмартабаи бузург дигар дар муқобили ман касе надорад, ки талаби ёрӣ намояд.

Чӣ нафси бузурге ва рӯҳи мунавваре дорӣ, эй Абударда!

Ба таҳқиқ ӯ мардумро аз афтидан дар фиреби ғалатфаҳмӣ барҳазар медорад. Вақто ки мардум гумон мекунанд, одамони зоҳиран заъифу бечора ва аз дунё кандашуда ва бесилоҳу қудрат барои дасти онҳо ва қуввати онҳо дастрастаранд (яъне метавонанд ҳар коре бихоҳанд дар ҳақашон бикунанд).

Ва онҳоро огоҳ месозад, ки ин қабил одамони бечора дар ҳолати заъифиашон як қудрати хеле мағлубкунандаро соҳиб ҳастанд. Вақте бо оҷизиашон ба сӯи Худованди тавоно ва бузург тавассул биҷӯянд ва аз ӯ ёрӣ бихоҳанд, ки кори ин золимону қудратмандонро ва инчунин беқадру қиматии хешро дар байни мардум ба пеши Худо ҳавола кунанд (яъне бо дуъо ба сӯи Худо) руҷӯъ намоянд.

Ана чӣ гуна касест Абудардои ҳаким.

Ана чӣ гуна касест Абудардои зоҳид, обид ва ба сӯи Худо руҷӯъкунанда.

Ана чӣ гуна касест Абудардое, ки мардум ҳар вақте тақвои ӯро дар ҳар ҷо таърифу тавсиф менамоянд ва аз ӯ дуъои хайр мехоҳанд. Вале ӯ бо як тавозӯъ чунин ҷавобашон медиҳад:

– Ман хуб шиновар нестам ва метарсам, ки ғарқ нашавам.

* * *

Бо вуҷуди ин ҳама илм ва тақво ту шиновариро наметавонӣ, эй Абударда?

Вале чӣ ҷои тааҷҷуб, ту дастпарвари Паёмбар (с) ва шогирди Қуръон ҳастӣ ва аз фарзандони аввали ислом ҳастӣ ва ҳамнишини Абубакру Умар (р) ва боқимонда мардони роҳи Худо ва Қуръон ҳастӣ.

## 26. ЗАЙД ИБНИ ХАТТОБ
### Уқоби рӯзи Ямома

**Паёмбар (с) рӯзе дар иҳотаи ҷамоъае аз мусалмонон нишаста буд. Ҳангоми сӯҳбат Паёмбар (с) чанд лаҳзае хомӯш монд ва баъд аз он ба сӯи атрофиёнаш рӯ оварда хитоб кард:**

– Дар миёни шумо мардест, ки дандонаш дар оташи дӯзах бузургтар аз кӯҳи Уҳуд аст.

Аз ин сухан хавфу даҳшат аз бероҳа шудан дар дин бар болои дили тамоми ҳозирони он маҷлис муставлӣ гардид.

Ҳар кадоми аз онҳо шубҳа мекард ва метарсид, ки ӯ ҳамон шахсе набошад, ки бозгашти бад ва хотимаи баде дар охират барои ӯ мунтазир аст.

Аммо ҳамаи он касоне, ки дар он маҷлис ба сӯи онҳо хитоб шуда буд, корашон бо хотимаи нек анҷом ёфт ва тӯли умри худро ба шаҳодат дар роҳи Худо ба поён расониданд. Аз ҷумлаи онҳо ба ҷуз Абуҳурайра ва Раҷҷол ибни Унфува касе зинда намонд.

Ва ҳамеша ҳама рагу пайванди Абуҳурайра аз тарси он ки он пешгӯӣ ба ӯ нарасад, тарс дошт ва дидагонаш хобро намедиданд ва хотираш ҳаргиз ором набуд, то он ки тақдир пардаро аз рӯи соҳиби ин насибаи бадбахтӣ бардошт.

Ин Раҷҷол буд, ки муртад гардида аз ислом рӯй гардонид ва ба Мусайламаи каззоб пайваста ба паёмбарии ӯ гувоҳӣ дод ва маълум гашт, ки он шахси Паёмбар (с) барои ӯ хотимаи бадро пешгӯӣ намуда Раҷҷол ибни Унфува аст.

Раҷҷол ибни Унфува рӯзе ҳузури Паёмбар (с) рафта байъат намуд ва мусалмон шуд. Ва чун аз Паёмбари Худо (с) исломро қабул кард, ба сӯи қавмаш бозгашт ва дигар ба сӯи Мадина бознагардид. Фақат баъди вафоти Паёмбар (с) ва халифа таъин шудани Сиддиқ (р) ба Мадина бозгашт. Ва барои халифа ахбори қавмҳои Ямома ва дар атрофи Мусайлама ҷамъ омаданашонро расонид. Ӯ аз халифа талаб намуд, ки ӯро ба сифати намоянда ба сӯи ин муртадони дар Ямома буда бифиристад, то онҳоро ба дини ислом собит гардонад. Халифа ӯро иҷоза дод.

Ва Раҷҷол ба сӯи аҳли Ямома раҳсипор гардид. Вақте ки ӯ ба он ҷо мерасад ва адади аз ҳад зиёди онҳоро мебинад, гумон мекунад, ки инҳо албатта ғалаба мекунанд. Пас ӯро нафси бадкирдораш барои мақом гирифтан дар давлати хаёлии Каззоб, ки пирӯзии онро

анқариб тасаввур мекард, далолат намуд. Аз ин сабаб ӯ исломро тарк намуда ба сафҳои Мусайлама пайваст, ба сафи касе, ки дар сурати пирӯзиаш ба ӯ ваъдаҳои зиёд дода буд. Дар ин вазъ хатари Раҷҷол аз хатари худи Мусайлама бештар буд.

Ин аз он сабаб буд, ки ӯ исломи собиқ ва лаҳзаҳои зиндагониашро, ки дар Мадина рӯзҳои зинда будани Паёмбар (с) сипарӣ намуда буд ва аз ёд донистани бисёре аз оятҳои Қуръон ва сафоратащро аз ҷониби Абубакр (р) халифаи мусалмонон мавриди сӯистеъмол қарор медод.

Ӯ тамоми ин неъматҳои исломро баъди муртад шуданаш барои тақвият бахшидан ба салтанати Мусайлама ва таъкиди паёмбарии дурӯғини вай, хеле хабисона сӯистифода мекард.

Ӯ миёни мардум мегашт ва барои онҳо мегуфт, ки ӯ аз Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки мегуфт: Ӯ (яъне Паёмбар (с) Мусайлама ибни Ҳабибро дар кори паёмбариаш шарик сохтааст... Чун Паёмбар (с) аз дунё даргузашт, пас ҳаққи бардоштани байрақи нубувват ва ваҳй баъди Паёмбар (с) бар Мусайлама аст.

Ва адади касоне, ки дар атрофи Мусайлама гирд омада буданд, ба сабаби ин дурӯғҳои Раҷҷол ва сӯистифода қарор додани алоқаҳои собиқааш ба ислом ва Паёмбар (с) ба шакли маккорона, хеле зиёд гардид.

Ва ба Мадина ҳар замон хабарҳои аъмоли Раҷҷол мерасиданд. Мусалмонон аз қаҳру ғазаб нисбати ин муртади хатарноке, ки мардумро дар гумроҳии хеле бузург тела медод ва бо гумроҳиаш доираи ҷангеро, ки мусулмонон бояд ҳатман даргири он шаванд васеъ менамуд.

Аз ҳамаи мусалмонон дида шахсе, ки бештар ба ғазаб афтода буд ва барои мулоқоти Раҷҷол дарун-дарун месӯхт ин саҳобаи бузург, ки ёдаш дар китобҳои сират ва таърих дурахшон мебошад, Зайд ибни Хаттоб аст.

Зайд ибни Хаттоб кист?

Зарурист, ки шумо ӯро шинохта бошед.

Ӯ бародари Умар ибни Хаттоб (р) аст.

Оре, бародари калонаш.

Ӯ аз Умар (р) пештар зода шуда, аз Умар (р) дида калонсолтар буд. Ӯ пеш аз Умар (р) ислом оварда буд ва дар шаҳид шудан низ аз ӯ пеш гузашт.

* * *

Зайд ибни Хаттоб диловари хеле бузург ва намоён буд. Ва ӯ хомӯшона амал мекард ва мекӯшид, то ҷавҳари диловариашро дар хомӯшиаш нигоҳ дорад.

Ва имонаш ба Худо ва ба Паёмбар (с) ва динаш хеле устувор ва боварибахш буд ва дар ягон набард ва ғазо аз Паёмбар (с) тахаллуф наварзидааст. Ва дар ҳамаи ҷангҳо, ӯ аз ғалаба дида бештар дар ҷустуҷӯи шаҳодат буд.

* * *

Ва рӯзи ҷанги Уҳуд, вақте ки ҷанг байни мусалмонон ва мушрикон ба авҷи худ расид, Зайд ибни Хаттоб зарба мезад ва зарба мезад...

Ӯро бародараш Умар ибни Хаттоб (р) дид, ки ҷавшанаш аз танаш афтида буд ва барои душманонаш хеле дастрас шуда буд ва эҳтимол буд, ӯро бизананд, ба сӯяш фарёд кашид:

– Зиреҳи маро бигир, эй Зайд ва бо зиреҳ дар ҷанг бош!

Зайд ба ӯ чунин ҷавоб дод:

– Эй Умар, он шаҳодате, ки ту орзу дорӣ, ман низ орзу дорам.

Ва бидуни зиреҳ ҷангро бо як фидокории барҷаста идома дод.

* * *

Гуфтем, ки ӯ барои рӯ ба рӯ шудан бо Раҷҷол дар оташи иштиёқ месӯхт ва орзу мекард, ки кори поён додани ҳаёти ин палид танҳо насибаи ӯ бошад.

Раҷҷол, дар андешаи Зайд танҳо муртад набуд, балки каззоб, мунофиқ ва нафъҷӯю мансабхоҳ буд.

Ӯ аз рӯи қаноъати қалбӣ муртад нашудааст, балки аз рӯи фоидаҷӯии ҳақирона ва мунофиқии нафратангез ва палидӣ ба ислом ва муслимин хиёнат кардааст. Зайд аз рӯи бадбинии нифоқ ва дурӯғ мисли бародараш Умар (р) буд. Ҳардуи ин бародарон ба чизе бадтар аз мунофиқӣ нафрат надоштанд ва агар муҳаррики ин нифоқ манфиатҷӯии паст ва ғаразҳои палид бошанд, боз ҳам зиёдтар кинавар мешуданд.

Ин ғаразҳои пасти Раҷҷол ба нафъи Мусайлама кор медоданд ва гумроҳони атрофи Мусайламаро хеле зиёд гардониданд.

Зайд нафсашро барои он омода намуд, то зиндагонии боимонашро барои несту нобуд сохтани ин фитна бубахшад, вале дар шахсияти Мусайлама не, балки дар шахсияти касе, ки ӯ аз Мусайлама дида хатарноктар ва гуноҳаш бузургтар аст, яъне Раҷҷол ибни Унфува.

Рӯзи Ямома бо як тирагӣ ва берангӣ оғоз ёфт.

Холид ибни Валид лашкари исломро ҷамъ намуд ва дар ҷойҳои лозимаашон онҳоро гузошт. Ва медонед байрақро ба кӣ дод? Ба дасти Зайд ибни Хаттоб.

Ва бани Ҳанифа пайравони Мусайлама набарди шадид карданд.

Дар ибтидои ҷанг мағлубият болои мусалмонон буд ва бисёре аз нафарҳои мусалмонон шаҳид шуданд.

Зайд мушоҳида намуд, ки эҳсоси даҳшат бар болои дилҳои баъзе аз мусалмонон таъсир расонидааст, пас ба болои баландие, ки он ҷо буд, баромад ва дар миёни бародарони мусалмонаш фарёд кашид:

– Эй мардум дандонҳои худро бифишоред ва худро ба душман бизанед ва ба сӯи пеш ҳаракат кунед! Қасам ба Худо, ман дигар сухан намегӯям, то ин ки Худованд ин ҷамоъаро ҳазимат надиҳад ва ё ин ки кушта шавам. Ва аввалин шуда бо Худо мулоқот намоям ва бо ӯ сухан гуям бо ҳуҷҷату далели худам.

Сипас аз болои он теппа фуруд омад ва дандонҳою лабонашро бо ҳам фишурд ва забонашро дигар ҳаракат намедод, ҳатто бо як гӯшакӣ ҳам.

Ва маҷрои набарди ӯ ба он самте равона гардид, ки Раҷҷол он ҷо буд. Зайд гирдоби маъракаи ҷангро мисли тир бурида дар талабу ҷустуҷӯи Раҷҷол ба пеш ҳаракат намуд, то ин ки ӯро дид.

Он ҷо гоҳо аз тарафи рости Раҷҷол меомад ва гоҳо аз тарафи чапаш. Ва ҳар гоҳ, ки тӯфони маъракаи ҷанг душман ва рақибашро аз назараш пинҳон месохт, Зайд низ аз пушти ӯ ба баҳри набард ғӯтта мезад, то ин ки мавҷ аз нав душманашро ба рӯи об мебаровард. Зайд ба ӯ наздик мешуд ва шамшерашро ба сӯи ӯ дароз мекард, вале мавҷи ҷӯшони башарӣ аз нав Раҷҷолро фурӯ мебурд. Боз Зайд дунболагириаш менамуд ва аз пушташ ба ин баҳри аз инсонҳо таркибёфта ғӯтта мезад, то ӯро аз даст надиҳад. Билохира аз гулӯяш гирифт ва бо шамшераш сари ӯро, ки пур аз ғурур ва дурӯғ ва пастиву разолат буд, канда партофт.

Ва бо афтидани ҳикояи дурӯғ, олами дурӯғин низ бо тамоми ҳастиаш фурӯ мерезад. Хавф дар дили Мусайлама ва Муҳкам ибни Туфайл ҷой гирифт. Қатли Раҷҷол мисли оташи фурӯзон дар рӯзи боди сахт дар тамоми лашкари Мусайлама таъсир расонид.

Зеро Мусайлама онҳоро ба ғалабаи ҳатмӣ ва қатъӣ ваъда медод ва даъво мекард, ки ӯ ва Раҷҷол ибни Унфува ва Муҳкам ибни Туфайл баъди ғалаба барои нашри динашон ва бинои давлаташон камар мебанданд.

Ва акнун диданд, ки Раҷҷол ба қатл расид, пас паёмбарии Мусайлама дурӯғ будааст ва фардо Муҳкам ва пас фардо худи Мусайлама суқут хоҳанд намуд. Ва ин як зарбаи Зайд ибни Хаттоб буд, ки ин қадар ҳалокатро дар сафҳои Мусайлама эҷод кард. Аммо мусалмонон ҳамин, ки хабари қатли Раҷҷол дар миёнашон паҳн гардид, азиматҳояшон мисли кӯҳҳо мустаҳкаму устувор гардид ва захмиёнашон низ аз ҷой бархоста аз нав шамшерҳояшонро гирифта бе ин ки ба ҷароҳатҳояшон эътибор бидиҳанд, ба ҷанг даромаданд.

Ҳатто онон, ки дар дами марг қарор доштанд ва онҳоро бо зиндагӣ ба ғайри як рамақи сусти зиндагии ғурубкунанда чизи дигаре пайванд намекард, ин хабар ба гӯшҳои онҳо ба мисли хоби ширини зебое расид ва дӯст доштанд, ки агар қуввате медоштанд, боз ба сӯи зиндагӣ бармегаштанд, то биҷанганд ва сурури ғалабаро бубинанд.

Вале дигар ин орзу барояшон кай муяссар мешавад, ҳол он ки дарҳои биҳишт барояшон кушода гардидааст ва ба наздикӣ номҳои худро мешунаванд, ки барои ҳозир шудан онҳоро даъват мекунанд.

Ин ҳангом Зайд дастҳояшро ба сӯи осмон баланд намуд ва ба сӯи Парвардигори хеш дуъо мекард ва неъматҳои ӯро шукр мегуфт.

Ӯ аз нав ба сӯи шамшераш ва ба сӯи хомӯшиаш бозгашт, зеро ӯ чанд лаҳза пеш ба Худо қасам хӯрда буд, ки то пурра ғалаба нашавад, сухан намегӯяд ё ин ки ба шаҳодат мерасад.

Ҷараёни маъракаи набард ба нафъи мусалмонон баргашт ва ғалабаи ҳатмӣ наздик мешуд. Дар ин ҷо Зайд чун насими ғалабаро эҳсос кард, ки ба сӯи онҳо мевазад, дигар барои зиндагониаш аз ин хотимаи беҳтаре ва равшантаре тасаввур карда наметавонист ва ӯ аз Худованди бузург орзу мекард, ки ӯ дар ҳамин рӯзи Ямома ба шаҳодат бирасад. Ва чун насими биҳишт вазидан гирифт, нафси ӯро аз иштиёқ лабрез кард ва дидагонашро аз ашк пур намуда азамати ӯро исрор бахшид.

Ва акнун ӯ мисли касе зарба мезад, ки роҳи бузурги бозгашти худро меҷӯяд (яъне шаҳодатталаб буд) ва ин диловар шаҳид шуда афтид. Балки беҳтараш гуем, ки ӯ шаҳид шуда ба осмон уруҷ кард.

Ӯ дар ҳоли бузургӣ тамҷидкардашуда ва хушбахт ба олами боло суъуд намуд. Ва лашкари ислом дар ҳоле, ки зафарманд буданд, ба сӯи Мадина бозгардиданд.

Дар он ҳоле, ки Умар (р) бо ҳамроҳии халифа ин гурӯҳи мусалмонони бозгардандаи зафармандро истиқбол мегирифтанд, бо

чашмони муштоқ бародарашро ҷустуҷӯ мекард. Ва Зайд марди хеле дарозқомат буд, аз ҳамин ҷиҳат дидани ӯ кори хеле осон буд.

Вале пеш аз он ки Умар (р) чашмашро барои ҷустуҷӯи ӯ ранҷ бидиҳад, ба назди ӯ як мусалмони бозгарданда омад ва ӯро барои Зайд таъзия гуфт.

Умар (р) гуфт:

– Худованд Зайдро раҳмат кунад. Ӯ дар ду кори нек аз ман пешдастӣ намуд: пеш аз ман ислом овард ва пеш аз ман шаҳид шуд.

* * *

Бо вуҷуди ғалабаҳои зиёде, ки ислом ба онҳо ноил гардид ба дурустӣ, ки лаҳзае Зайд аз ёди бародараш Форуқ (р) дур намешуд ва муттасил мегуфт:

– Ҳар лаҳзае, ки боди Сабо мевазад, ман бӯи Зайдро эҳсос мекунам.

Оре, ба таҳқиқ боди Сабо бӯи Зайдро бо худ ҳамроҳ дорад ва накҳати хислатҳои олии ӯро бо худ меорад.

Валекин агар амири мӯъминон иҷоза фармоянд, ман ба ибораи бузурги ӯ чанд калимае ҳамроҳ мекунам, то атрофи ҳалқаи мадҳро пурра созам.

Инак он суханон:

Аз он лаҳзае, ки насими нусрату пирӯзии ислом аз рӯзи Ямома сар карда мевазад, ислом дар онҳо бӯи Зайдро эҳсос мекунад ва корнамоиҳои ӯро ва диловарии ӯро ва бузургии ӯро эҳсос менамояд.

Аҳлу байти Хаттоб таҳти байрақи Паёмбар (с) баракат ёфтанд. Дар он рӯзе, ки ислом оварданд, баракат ёфтанд ва рӯзе, ки ҷиҳод намуда шаҳид шуданд, баракат ёфтанд ва дар охир, вақте ки назди Худованд мабъус мешаванд, баракат меёбанд.

## 27. ТАЛҲА ИБНИ УБАЙДУЛЛОҲ
### Шаҳбози рӯзи Уҳуд

Ояи карима:

**Аз ҷумлаи мӯъминон мардоне ҳастанд, ки дар он чизе, ки бо Худо аҳд карда бошанд, рост истодаанд. Пас баъзе аз онҳо мӯҳлати умри худро ба поён расониданд (яъне вафот карданд) ва баъзеи онҳо мӯҳлаташонро мунтазир ҳастанд ва ҳаргиз ваъдаву аҳдашонро табдил накардаанд. (сураи Азҳоб ояти 23).**

Паёмбари Худо (с) ин оятро тиловат намуда рӯяшро ба сӯи асҳоб гардонид ва дар ҳоле, ки ба сӯи Талҳа ишорат мекард гуфт:

– Ҳар касе хоҳад, ки ба сӯи марде нигоҳ кунад, ки мӯҳлати умрашро ба поён расонидааст ва дар рӯи замин мегардад, ба сӯи Талҳа бингарад!

Ва башорате, ки онро асҳоби Паёмбар (с) таманно доштанд ва дилашон аз рӯи шавқ ба сӯи он доим дар парвоз буд, беҳтар ва хубтар аз ҳамин башорат набуд, ки Паёмбар (с) бар гардани Талҳа ибни Убайдуллоҳ онро овехт. Ӯ аз ин баъд аз оқибати кораш ва масири ҳаёташ мутмаин шуд ва пас аз ин ӯ зиндагонӣ мекунад ва мемирад дар сурате, ки ӯ аз ҷумлаи касонест, ки дар аҳди бо Худо намудаашон устувор буданд ва ҳаргиз он аҳдро фитнае ба даст гирифта наметавонад ва мондагиву сустӣ ба он роҳ намеёбад.

Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) ӯро башорат ба биҳишт намуд. Пас ҳаёти ин шахси башоратшуда чӣ гуна бошад?

* * *

Ӯ дар пайи тиҷораташ дар сарзамини Бусро бо яке аз роҳибони некӯкори он диёр вохӯрд ва он роҳиб ӯро огоҳ намуд, ки он Паёмбаре, ки дар сарзамини Ҳарам ба наздикӣ бояд мабъус шавад ва он Паёмбаре, ки дигар Паёмбарони солиҳи пешгузашта аз ӯ хабар додаанд, ба таҳқиқ асри ӯ оғоз шудааст ва рӯзҳои мабъус шудани ӯ равшан гардидаанд.

Талҳа аз он дар ҳарос афтид, ки аз ин қофилаи муборак қафо намонад. Зеро ин қофилаи ӯ (яъне Паёмбар) қофилаи ҳидоят ва раҳмат ва наҷот аст.

Чун Талҳа баъди чанд моҳе, ки дар Бусро ва сафараш сипарӣ карда бошад, ба сӯи ватанаш Макка бозгашт, дар миёни бошан-дагони Макка ғулғулае шунид. Ва аз онҳо мешунид, ки байни худ дар кадом мавзӯъе гуфтугӯ мекарданд.

Ҳар вақте ки бо яке аз онҳо ва ё бо ҷамоъае аз онҳо мулоқот менамуд, аз Муҳаммади амин ва аз ваҳйе, ки ба сӯи ӯ меояд ва аз рисолате, ки бар ӯҳдаи худ дорад, ба сӯи Арабҳо ба тариқи хоса ва ба сӯи дигар мардум ба тариқи омма сухан мегуфтанд.

Талҳа аввалин шуда аз мардум дар бораи Абубакр (р) пурсид, пас донист, ки ӯ бо корвонаш ва амволи тиҷораташ ба наздикӣ бозгардидааст. Ва ӯ дар паҳлӯи Муҳаммад (с) истодааст, дар ҳоле ки мӯъмин аст ва мубоuизу муҳофизи Паёмбар (с) ва руҷӯъкунандаи ба сӯи Худо мебошад.

Пас Талҳа бо нафси худ гуфт:

– Муҳаммад (с) ва Абубакр (р). Қасам ба Худо, ин ду нафар ҳаргиз дар роҳи гумроҳӣ як ҷо намешаванд.

Муҳаммад (с) ба синни 40 солагӣ расид ва мо ҳаргиз аз ӯ дар ҷараёни ин умр як дурӯғе нашунидем. Пас оё ин гуна шахс дар муқобили Худо дурӯғ мегӯяд, ки: Ба таҳқиқ, Худованд маро ҳамчун Паёмбар фиристодааст ва ба сӯи ман ваҳӣ нозил меша-вад.

Ин гуна гумонҳоро тасдиқ карданашон хеле мушкил буд. Ва Талҳа босуръат сӯи ҳавлии Абубакр (р) раҳсипор гардид. Сӯҳбати ӯ тӯл накашид. Шавқи ӯ барои дидани Паёмбар (с) ва байъат намудан ба ӯ чунон тез шуд, ки аз таппиши дилаш ҳам тезтар.

Пас Абубакр (р) ӯро то назди Паёмбар (с) ҳамроҳӣ кард. Дар он ҷо ӯ ислом овард ва дар зимни ин қофилаи муборак ҷои худро гирифт. Ҳамчунин Талҳа яке аз мусалмонони дар оғози даъват имоноварда аст.

* * *

Бо вуҷуди обрӯманд будан дар миёни қавмаш ва сарвати бе-поёнаш ва тиҷорати муваффақонааш ӯ аз таъқибу зулми Қурайш насибаашро бардошта буд, зеро дар муқобили ӯ ва Абубакр (р) Навфал бинни Хувайлидро, ки бо лақаби "Шери Қурайш" ёд мешуд, муваккал карда буданд. Вале ин таъқибу фишор дер да-вом накард. Қурайшиён худ аз худ хиҷолатманд гардиданд ва аз оқибати кори хеш тарсиданд.

Ва ҳангоме ки мусалмонон барои ҳиҷрат маъмур гардиданд, Талҳа ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуд. Баъд аз он дар тамоми маъракаҳои набарди мусалмонон ҳамроҳи Паёмбар (с) иштирок дошт, ғайри ғазои Бадр. Зеро Паёмбари Худо (с) ӯ ва Саъид ибни Зайдро барои амре ба хориҷ аз Мадина фиристода буд.

Чун ин ду нафар он амрро анҷом дода ба Мадина бозгарди-данд, Паёмбари Худо (с) ва дигар саҳобагонаш аз ғазои Бадр бармегаштанд.

Пас нафси ин ду нафарро аз даст рафтани савоби ҳузур доштан бо ҳамроҳии Паёмбари Худо (с) дар ҷиҳод дар ав-валин ғазоҳояш хеле дардманд намуд. Магар ки Паёмбари Худо (с) барои ин ду нафар як оромии бузург ваъда кард. Ба онҳо хабар дод, ки барои ин ду нафар аҷру савоб мисли дигар размандагон батамом мерасад, балки барои ин ду нафар дар тақсими ғаниматҳо мисли касоне, ки дар ҷанг ширкат доштанд, ҳисса ҷудо намуд.

* * *

Ғазои Уҳуд пеш омад, то тамоми зӯровариҳои Қурайш ва та-моми қудрати онро намоиш бидиҳад. Онон ба ин ҷо барои қисоси рӯзи Бадр омада буданд ва Қурайш бо ин мубориза мехост роҳи ҳаёти минбаъдаи ҷамоъаи худро ба воситаи шикасти ниҳоии мусалмонон эмин гардонад. Он ҳазимате, ки онро Қурайш як амри ҳатмӣ тасаввур менамуд.

Ва як ҷанги устухоншикан доир гардид, ки дар андак замон рӯи заминро аз ҳосили дарави дардноки худ, аз ҳисоби кушташудагон моломол сохт ва доираи ҷанг ниҳоятан бар зарари мушрикон анҷомид.

Баъд аз он чун мусалмонон диданд, ки мушрикон ақибнишинӣ мекунанд, аслиҳаҳои худро гузоштанд ва тирандозон аз ҷойҳои худ поин омаданд, то насибаи худро аз ғаниматҳо бигиранд.

Нохост лашкари мушрикон аз пушти сафҳои мусалмонон пайдо шуданд ва лаҷоми маъракаи набардро ба даст гирифтанд ва ҷанг аз сари нав хуношомӣ, сангдилӣ ва устухоншикании худро оғоз кард. Ва ин амалиёти ногаҳонӣ асари худро дар паҳну парешон шудани сафҳои мусалмонон гузорид.

Ва Талҳа ба он ҷониби набард, ки Паёмбари Худо (с) дар он ҷо меистод, нигоҳ кард. Паёмбарро дар ҳолате ёфт, ки ӯ ҳадафи асосӣ барои қувваҳои бутпарастӣ ва ширк гардида буд, пас ба сӯи Паёмбари Худо (с) шитобид.

Ва Талҳа роҳеро тай намуд, ки бо вуҷуди кӯтоҳиаш беҳад дароз ба чашм мерасид. Роҳе, ки дар ҳар як ваҷаби он даҳҳо шамшери девонаву дарранда ва даҳҳо найзаҳо садди роҳ мешуданд. Ӯ Паёмбарро аз дур дид, ки аз рухсорааш хун ҷорӣ мешуд ва базӯр дар пояш рост меистод. Пас ҳолати ҷунунро гирифт ва он роҳро дар як ё ду ҷаҳиш тай намуд ва дар назди Паёмбари Худо (с) манзараеро дид, ки аз он метарсид. Яъне шамшерҳои мушрикон ба сӯи Паёмбари Худо (с) аз ниёмҳо баромада ва ӯро иҳота на-муда буданд ва қасди онро доштанд, ки бар

Паёмбари Худо (с) зарар расонанд. Талҳа худ ба танҳоӣ мисли як лашкари том дар он ҷо устувор биистод ва бо шамшери тези худ ба чапу рост мезад.

Ва ӯ мушоҳида намуд, ки хуни Паёмбар (с) рехта истодааст ва гӯё аз дард нолиш мекард. Пас ӯро такя гирифт ва бардошта аз назди он чуқурие, ки пояш дар он лағжида буд, дуртар бурд.

Ӯ Паёмбарро (с) бо дасти чап ба сари синааш такя гирифта ба сӯи қафо ба як ҷои амн бардошта бурд. Дар он ҳангом, ки дасти рости ӯ (Худованд дасти росташро муборак гардонад) бо шамшер мушриконеро мезад, ки Паёмбарро (с) иҳота намуда буданд ва доираи ҷангро мисли малаххо пур намуда буданд.

Биёед Сиддиқро (яъне Абубакрро) бишнавем, ки барои мо он саҳнаро васф кунад.

Оиша мегӯяд:

– Вақте, ки Абубакр (р) лаҳзаҳои ҷанги Уҳудро ба хотир меовард, мегуфт:

– Ҳамаи ин дар рӯзи Талҳа анҷом ёфт ва ё рӯй дод. Ман аввалин касе будам, ки ба назди Паёмбар (с) омадам, ӯ ба ман ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ гуфт:

– Бародаратонро даст гиред.

Чун мо ба сӯи Талҳа назар кардем, дар вуҷуди ӯ аз 70 захми найза ва зарби шамшер ва тир зиёдтар буд ва ангушташ бурида шуда буд, пас ҷароҳатҳояшро ба ислоҳ овардем.

* * *

Ва дар тамоми ҷангу ғазоҳо, Талҳа дар сафи муқаддами ҷанг қарор дошт ва ризои Худоро талаб менамуд ва бо қурбон наму-дани ҷони худ байрақи Паёмбарро ҳифз менамуд.

Талҳа дар миёни ҷамоъаи мусалмонон зиндагонӣ мекард ва ҳамроҳи дигар ибодаткунандагон Худоро ибодат менамуд ва ҳамроҳи муҷоҳидон дар роҳи Худо ҷиҳод мекард ва бо ёрии бо-зувонаш бо ҳамроҳии бозувони дигар бародаронаш таҳкурсии дини навро устувор мекарданд. Динеро устувор мекарданд, ки омадааст тамоми мардумро аз торикӣ ва ҷаҳолат ба сӯи рӯшноӣ ва маърифат берун барад.

Пас ҳар вақте ки ҳақи Парвардигорашро адо намуд, дар рӯи замин ба сафар мебаромад ва дар ҳоле, ки тиҷорати фоидаова-рашро ва корҳои муваффақиятнокашро ривоҷ медод, аз фазлу марҳамати Худованд ризқ талаб менамуд.

Талҳа аз тамоми мусалмонон дида сарватмандтар буд ва аз ҳама дида сарваташ бештар меафзуд.

Ва тамоми сарваташ дар хидмати дине буд, ки ҳамроҳи Паём-бар (с) байрақи онро бардошта буданд. Ӯ аз аз он сарваташ дар роҳи Худо беҳисоб сарф мекард. Ва Худованд низ дар баробари ҷавонмардии ӯ молашро беҳисоб зиёд мекард.

Ба таҳқиқ Паёмбар (с) ӯро Талҳату-л-хайр (яъне Талҳаи неки саховатманд) ва Талҳату-л-ҷуд (Талҳаи молбахшоянда) ва Талҳату-л-файёз (Талҳаи файзбахш) дар таърифи саховатмандӣ ва файзбахшандагиаш лақаб дода буд.

Чӣ басо воқеъ мешуд, ки ӯ агар аз сарваташ як дафъа чизе бе-рун кунад, пас Худованди карим он молро ба сӯи ӯ даҳ чандон боз мегардонид.

Занаш Суъдо бинти Авф барои мо ҳикоя менамояд:

– Рӯзе ҳузури Талҳа дохил шудам, ӯро ғамнок дидам. Аз ӯ суол намудам, ки ба ту чӣ шуд?

Ӯ гуфт:

– Моле ки дар назди ман аст, чунон бисёр шудааст, ки маро дар ташвиш андохта ва малулам кардааст.

Ман ба ӯ гуфтам:

– Ту айбдор нестӣ. Тақсимаш кун.

Пас бархост ва мардумро даъват кард ва ба тақсими он мол шурӯъ намуд, то ин ки аз он мол як дирҳам боқӣ намонд.

Боре ӯ заминеро бо қимати баланд фурӯхт ва чун ба он анбӯҳи мол, ки дар ивази қимати замин гирифта буд, назар андохт, чашмонаш пуроб гардиданд ва чунин суханонеро гуфт:

– Марде, ки ин молро дар хонааш шаб нигоҳ медорад, дар ҳоле ки намедонад чӣ ҳодиса шуданаш мумкин, ҳар оина нисбати Худованд мағрур аст.

Баъдан баъзе дӯстон ва наздиконашро даъват карда, тамоми он молро ба онҳо дод, ки бардошта ҳамроҳаш баранд ва дар кӯчаҳои Мадина дар хонаҳояш давр мехӯрд ва тақсим мекард, то он даме, ки субҳи дигар дар наздаш аз он мол як дирҳаме боқӣ намонд.

Ва Ҷобир ибни Абдуллоҳ саховатмандии Талҳаро васф намуда чунин мегӯяд:

– Ман касеро надидам, ки дар бахшидани мол бе талбидан аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ болотару пештар бошад.

Ӯ аз ҳамаи мардум дар накӯӣ нисбати аҳлу ақрабояш болотар буд ва бо вуҷуди зиёд будани онҳо дастгириашон менамуд ва дар бораи ӯ чунин гуфтаанд:

– Ӯ ҳеҷ нафареро аз бани Тайм камбағал нагузоштааст, магар ки нигаҳбонии худашро ва аҳли оилаашро ба зиммаи худ гирифта буд. Ва муҷаррадони онҳоро хонадор мекард ва камбағалонашонро хидмат мекард ва қарзи қарздоронашонро мепардохт.

Соиб ибни Зайд мегӯяд:

– Ман Талҳа ибни Убайдуллоҳро дар сафар ва дар муқимӣ чанд муддат ҳамроҳӣ намудам. Ман ҳеҷ касро дар саховатмандӣ дар пул, либос ва таъом болотар ва саховатмандтар аз ӯ надидам.

Ва фитнаи маъруфе, ки дар айёми хилофати Усмон (р) сар зада буд, рӯй дод.

Дар аввали амр Талҳа он даъвову ҳуҷҷатҳоеро, ки рақибони Усмон (р) бар болояш иддаъо доштанд, таъкид менамуд ва аксари муъоризонро дар он даъвоҳояшон, ки иборат аз тағйирот дар умури давлат ваислоҳи он буд, ҷонибдорӣ мекард. Вале бо вуҷуди чунин мавқифгириаш оё ӯ мардумро ба сӯи қатли Усмон (р) мехонд ё ин ки ба кушта шудани вай розӣ буд?

Ҳаргиз не!

Ва агар ӯ медонист, ки ин фитна зуд аст, ки мардумро ҷамъ месозад ва онҳо якдигарро ба ёрӣ даъват мекунанд, то он даме, ки дар охири кор аз киннаҳои девонавор лабрез мегарданд, дилашро аз ҳар гуна афкор холӣ мекард (яъне дар ҳеҷ коре ворид намешуд). Хусусан дар ин ҷинояти нафратоваре, ки "Зуннурайн" Усмон (р) қурбони он гардид.

Ман чунин мегӯям: Агар ӯ медонист, ки ин фитна тӯл мекашад ва ба ин кӯчаи сарбаста мерасад, албатта ҳамроҳи дигар саҳобагоне, ки дар аввали кор ин гурӯҳро тақвият ва нусрат дода буданд, ба эътибори ин ки ин ҳаракат як эътироз ва огоҳӣ асту бас, албатта бар зидди он қиём менамуд.

Оқибат мавқеъгирии Талҳа баъди ба он тариқаи нафратовар муҳосира ва кушта гардидани Усмон, ба як гиреҳе дар зиндагиаш табдил ёфт. Ва ҳамин ки имом Алӣ (р) байъати мусалмонон аз ҷумла байъати Талҳа ва Зубайрро қабул намуд, ин ду нафар барои берун рафтан ба сӯи Макка барои ҳаҷҷи умра аз вай иҷоза гирифтанд.

Ва аз Макка ба сӯи Басра ба он ҷое, ки қувваҳои зиёди интиқомгиранда ҷамъ омада буданд, то хуни Усмонро даъво ку-нанд ва қасос гиранд, раҳсипор гардиданд.

Дар он ҷое, ки талабкунандагони хуни Усмон (р) ва гурӯҳе, ки Алиро ёрӣ медоданд, дар муқобили якдигар ҷамъ омада буданд, воқеъаи Ҷамал рӯй дод.

Ҳар вақте ки Алӣ (р) дар хотираш ин мавқифи сахтеро, ки ис-лом ва мусалмонон дар ин хусумати даҳшатнок бояд аз сар гуза-ронанд, давр медод, ғаму андӯҳаш зиёдтар мешуд ва оби дида-гонаш шаш қатор мерехт ва оҳу нолааш баланд мегардид.

Ба таҳқиқ Алӣ (р) дар як кӯчаи сарбастаи душворгузари ноҳамвор ночор дохил шуд. Ӯ ҳамчун халифаи мусалмонон на-метавонист, балки ҳақ надошт, ки дар муқобили саркашӣ ба муқобили ҳукумат ё дар баробари ҳар гуна шӯришҳои мусаллаҳона дар баробари қудрати машруъа (қонунӣ) саҳлангорӣ намояд.

Вале дар он лаҳзае, ки ӯ барои пахш кардани ин гуна саркашиҳо қиём менамуд, ӯро лозим меомад, ки дар муқобили бародарон, дӯстон, ҳамсӯҳбатонаш ва пайравони Паёмбараш ва динаш ҷанг кунад. Дар муқобили он касоне, ки солиёни дароз ҳамроҳи онҳо ба муқобили лашкари ширк ҷанг карда буд ва ба-робари якдигар дар маъракаҳое таҳти байрақи тавҳид дохил шуда буданд, ки мисли маъдан онҳоро гудохта ва сайқал дода буд ва онҳоро бародар гардонид. Бародароне гардонид, ки якдигарро муттасил тақвият ва ёрӣ медоданд.

Пас чӣ роҳи сарбастаест он? Ва чӣ озмоиши душворе?

Ва дар ҷустуҷӯи роҳи халосӣ аз ин мушкилот ва барои муҳофизати хуни мусалмонон имом Алӣ (р) василаеро фурӯ нагузошт, магар ки ба он тавассул ҷуст ва ҳеҷ умедеро нагузошт, магар ки ба он чанг зад.

Вале он унсурҳое, ки зидди ислом кор мебурданд ва онҳо дар он замон хеле зиёд буданд, ононе ки бо дасти давлати мусалмонон дар рӯзҳои давлатдории ҳокими бузург Умар (р) оқибати талхи худро чашида буданд, тору пуди фитнаро хеле маҳкам бофтанд ва он фитнаро ғизо медоданд ва пешравӣ ва тезутунд шудани онро назорат менамуданд.

* * *

Алӣ (р) дар он ҳоле, ки модари мӯъминон Оиша дохили тахти равон болои ҷамал (шутур) ва дар сари лашкар ба муқобилаш баромад, хеле зиёд гирист.

Чун дар миёни лашкар Талҳа ва Зубайр, дӯстону ёварони Паёмбарро дид, он дуро даъват намуд, то ба тарафи ӯ биёянд. Он ҳарду аз лашкар ҷудо шуда ба сӯи ӯ омаданд, то ҳадде ки гарданҳои аспҳояшон ба якдигар омезиш кард. Пас Алӣ (р) ба Талҳа гуфт:

– Эй Талҳа, ту ҳамсари Паёмбарро овардӣ, то ба воситаи ӯ ҷанг бикунӣ ва ҳамсари худатро дар хона пинҳон намудӣ?

Баъд ба Зубайр рӯ оварда гуфт:

– Эй Зубайр, туро ба ҳаққи Худо қасам медиҳам, оё он рӯзеро, ки Паёмбари Худо (с) аз назди ту гузашт ва мо дар фалон ҷо будем, дар ёд дорӣ? Ва ӯ аз ту пурсида буд:

– Эй Зубайр, оё ту Алиро дӯст намедорӣ?

Ва ту гуфтӣ:

– Чӣ гуна ман писари таға ва писари амакамро ва касеро, ки бар дини ман аст, дӯст надорам?

Пас бароят гуфт:

– Эй Зубайр, қасам ба Худо, ту бар зидди ӯ ҷанг хоҳӣ кард ва ту дар муқобили ӯ золим ҳастӣ!

Зубайр гуфт:

– Оре акнун ба ёдам омад. Ман ин воқеаро фаромӯш карда будам. Қасам ба Худо, ки бо ту ҷанг нахоҳам кард.

Ва Талҳаву Зубайр аз иштирок намудан дар ин ҷанги хонаводагӣ даст кашиданд.

Онҳо вақте ки ҳақиқатро дарк намуданд ва Аммор бинни Ёсирро диданд, ки дар сафи Алӣ (р) меҷангад, фавран аз набард даст кашиданд ва сухани Паёмбарро, ки ба Аммор гуфта буд: Туро як гурӯҳи ёғӣ хоҳанд кушт, ба ёд оварданд.

Пас агар Аммор дар ин маъракае, ки Талҳа иштирок дорад, кушта гардад, Талҳа низ ёғӣ аст.

* * *

Талҳа ва Зубайр худро аз майдони ҷанг ақиб кашиданд ва дар муқобили ин қафонишинӣ ҷони худро қурбон карданд. Ва онҳо Худовандро дар ҳоле мулоқот намуданд, ки Худованд бо додани басират ва ҳидоят бар болои онҳо миннат гузошт ва онҳо хурраму шод буданд.

Зубайрро марде бо номи Амр ибни Ҷармуз таъқиб намуд ва бо макру ҳила дар вақти намоз ба қатл расонид.

Аммо Талҳаро Марвон ибни Ҳакам тире ба сӯяш андохт ва ӯро ҳалок гардонид.

* * *

Кушта шудани Усмон (р) чуноне пеш аз ин гуфтем, ба як гиреҳе дар зиндагии Талҳа табдил ёфт.

Бо вуҷуди он ки дар куштори ӯ иштирок надошт ва дар қатли ӯ касеро тарғиб нанамуда буд, аммо дар он рӯзҳо, ки ҳанӯз фитна воқеан зоҳир нашуда буд, касонеро, ки зидди Усмон (р) буданд, ёрӣ кард ва тасаввур кардан душвор буд, ки муқобилиятҳо дер давом мекунанд ва ба ихтилофи ҷиддӣ печида мегарданд ва ба ҳадде мерасанд, ки ба ин ҷаримаи нафратовар мубаддал ме-шаванд.

Ҳангоме ки ӯ ҷои худро дар набарди Ҷамал ҳамроҳи лашкари муқобили Алӣ ибни Абутолиб (р) буда ва хуни Усмонро талаб-кунанда ёфт, орзу намуд, ки ин мавқифгириаш шояд кафорати гуноҳонаш гардад, то ӯро аз азоби виҷдон халос намояд.

Ӯ қабл аз оғози набард то ҳадде дуъо ва тазарруъ менамуд, ки гиря гулӯгираш мешуд ва мегуфт:

– Худоё, имрӯз аз ман барои Усмон (р) ҳар чи мехоҳӣ бигир, то ин ки розӣ шавӣ!

Пас вақте ки Алӣ (р) бо Талҳа ва Зубайр бо он тавре ки пеш гуфтем, рӯ ба рӯ гардид ва сухан гуфт, суханони Алӣ (р) вуҷуди ин ду нафарро равшан намуд. Пас роҳи савобро дарёфтанд ва замини ҷангро тарк гуфтанд, вале шаҳид гардидан барои ин ду нафар амри азалӣ буд. Оре, шаҳодат насиби Талҳа буд, ки бояд Талҳа шаҳодатро ва шаҳодат Талҳаро дар куҷое набошад, дарме-ёфтанд.

Магар Паёмбари Худо (с) дар бораи ӯ нагуфта буд:

– Ин шахс аз ҷумлаи касонест, ки мӯҳлати умри худро ба охир расонидааст ва касеро, ки хоҳиш бошад,ки шаҳидеро бубинад, ки дар рӯи замин мегардад, пас ба сӯи Талҳа бингарад.

Ин шаҳид ҷои бузурги тақдиршудаи хешро мулоқот намуд ва воқеъаи Ҷамал ба охир расид.

Ва модари мӯъминон Ойша (р) дарк намуд, ки дар корҳо каме саросемагӣ зоҳир намудааст. Пас бо қасди Макка Басраро тарк гуфт ва баъдтар аз Макка ба Мадина омад ва аз ин муборизаҳо дасти хешро афшонд. Алӣ (р) дар ин сафар барои ӯ тӯша ва та-моми асбоби роҳат ва иззатро омода намуд.

* * *

Чун Алӣ (р) шаҳидони маъракаро аз назар мегузаронид, ба ҳамаи онҳо намоз гузорид. Ҳам ба касоне, ки ҳамроҳаш буданд ва ҳам ба касоне, ки зиддаш буданд.

Баъди аз дафни Талҳа ва Зубайр фориғ гардидан дар сари хоки онҳо истода чанд сухан барои вадоъи онҳо гуфт. Суханони хотимавии ӯ инҳоянд:

– Ман орзу мекунам, ки бо Талҳаву Зубайр ва Усмон (р) аз ҷумлаи касоне бошем, ки Худованд дар васфи онҳо чунин гуфтааст:

Мо аз дилҳои онҳо кинаро кашида гирифтаем ва онҳо ҳамчун бародар бар тахтҳо рӯ ба рӯи ҳам нишастаанд (яъне дар биҳишт). (сураи Ҳиҷр ояти 47).

Баъд аз он бо назари меҳрубонона ва софу афсусхӯранда ба сӯи қабри онҳо нигариста гуфт: ҳамин гӯшҳои ман аз Паёмбари Худо (с) шунидаанд, ки мегуфт:

– Талҳа ва Зубайр ҳамсоягони мананд дар биҳишт.

## 28. ЗУБАЙР ИБНИ АВВОМ
## Ёвари Паёмбари Худо (с)

**Дар ҳеҷ ҷое зикри Талҳа наёмадааст, магар ки ҳамроҳи ӯ номи Зубайр низ зикр карда мешавад. Ва зикри Зубайр ҳар ҷое равад, Талҳа низ он ҷо зикр карда мешавад.**

Вақте ки Паёмбар (с) дар Макка байни саҳобагонаш аҳди бародарӣ мебаст, пеш аз ҳиҷрат байни Талҳа ва Зубайр низ аҳди бародарӣ баст.

Дар аксар ҷой Паёмбар (с) дар бораи ҳардуяшон якҷоя сухан гуфтааст. Монанди ҳадиси ӯ: Талҳа ва Зубайр ҳамсоягони мананд дар биҳишт.

Ва ҳар дуи онҳо дар қаробату насаб бо Паёмбар (с) ҷамъ мео-янд.

Талҳаро насабаш бо Паёмбар (с) дар Мурра ибни Каъб ҷамъ мешавад.

Аммо насаби Зубайр, бо Паёмбар (с) дар Қусай ибни Килоб якҷоя мешавад, ба замми ин модараш Сафия аммаи Паёмбари Худост.

Ҳар яке аз инҳо дар ченакҳои зиндагӣ ба якдигар хело зиёд шабоҳат доштанд.

Пас монандӣ дар миёнашон зиёд аст. Дар синну сол, дар сар-ват, дар саховат, дар қуввати дин, дар зебоии шуҷоъат ва ҳар дуяшон аз ҷумлаи касонеанд, ки хеле барвақт имон овардаанд ва аз ҷумлаи даҳ нафареанд, ки Паёмбари Худо (с) онҳоро ба биҳишт башорат дода буд. Ва ҳар ду аз ҷумлаи гурӯҳи шашнафарае буданд, ки Умар (р) ба сӯи онҳо интихоби халифаро баъд аз сари худ ҳавола намуда буд. Ҳатто роҳи зиндагониашон комилан ба ҳам монанд буд, балки як масири танҳо буд.

* * *

Зубайр аз ҷумлаи касоне буд, ки барвақт имон оварда буд. Зеро ӯ аз ҷумлаи ҳафт нафаре буд, ки аз ҳама аввал ба сӯи ислом роҳ гирифтаанд ва бо ҳамроҳии пешоҳангони ин гурӯҳи муборак дар ҳавлии Арқам саҳми худро гузошта буданд.

Дар он ҳангом аз умри ӯ понздаҳ сол гузашта буд. Ҳамчунин ба ӯ дар кӯдакиаш ҳидоят ва нур ва хайр насиб гардида буд.

Ва ӯ аз замони ҷавониаш аспсавор ва пешоҳанг буд. Ҳатто баъзе таърихнигорон зикр мекунанд, ки аввалин шамшере, ки дар роҳи Худо кашида шудааст, ин шамшери Зубайр аст.

Дар рӯзҳои аввали ислом, ки мусалмонон дар он рӯзҳо хеле кам буданд ва дар хонаи Арқам пинҳонӣ вомехӯрданд.

Рӯзе як овозае паҳн шуд, ки гӯё Паёмбар (с) кушта гардид.

Зубайр ҳеҷ даранг нанамуда, дарҳол шамшерашро бараҳна кард ва онро ба даст гирифт ва бо вуҷуди хурдсолиаш дар кӯчаҳои Макка мисли боди туфонӣ роҳ мерафт.

Ӯ аввал рафт, то ин хабарро аниқ кунад. Дар ҳоле ки қасд на-муда буд, агар ин хабар рост бошад, шамшерашро дар гардани тамоми Қурайш хоҳад ниҳод, то ба тамоми онҳо зафар ёбад ё ин ки онҳо бар болояш зафар ёбанд.

Ва дар самти болои Макка тасодуфан бо Паёмбари Худо (с) рӯ ба рӯ омад.

Паёмбар (с) аз ӯ пурсид:

– Чӣ воқеъа рӯй додааст, эй Зубайр?

Зубайр ба ӯ хабарро расонид.

Паёмбари Худо (с) дар ҳаққи ӯ ва дар ҳаққи шамшераш ба некӣ дуъо кард ва аз даргоҳи Худованд дар ҳама кор ба ӯ пирӯзӣ талабид.

Бо вуҷуди дар миёни қавмаш обрӯ доштанаш бар болояш кулфат ва азобҳои Қурайш таҳмил шуд.

Ва он касе, ки маъмур ба азоб додани вай буд, амакаш буд. Амакаш ӯро дар бурё мепечонид ва бо оташ ӯро дуд мекард, то нафасаш бигирад ва дар он ҳангом ки ӯ таҳти фишору азоб буд, ӯро нидо карда мегуфт:

– Ба Парвардигори Муҳаммад (с) кофир шав, ман туро аз азоб халос мекунам.

Зубайр дар ҳоле, ки ӯ як ҷавони наврасида буд ва устухонаш тару тоза, ба амакаш довталабона ҷавоб медод:

– Қасам ба Худо, ман ба сӯи куфр ҳаргиз бар намегардам!

Ва Зубайр ду маротиба ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат намуд, ҳиҷрати аввал ва сонӣ. Баъд аз он бозгашт, то дар тамоми саҳнаҳои набардҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) иштирок намояд. Ягон ғазо ва маъракаи ҷанг аз ӯ фавт нагардидааст.

Дар бадани ӯ бисёр аст осори захмҳое, ки дар набардҳо бар-доштааст. Ин захмҳо баъди беҳбудӣ ёфтан дар тамоми андоми ӯ нишонаҳои худро гузоштаанд, то аз ҷавонмардӣ ва бузургиҳои Зубайр дар набардҳо ҳикоят кунанд.

Биёед ба қиссаи яке аз дӯстонаш гӯш бидиҳем, ки ин аломатҳоро дида ва тибқи гуфтаи ӯ барои ҷой гирифтан дар ба-данаш байни ин нишонаҳо ҷидол аст. Ӯ чунин нақл мекунад:

– Ман бо Зубайр ибни Аввом дар баъзе сафарҳояш ҳамроҳ будам ва тани ӯро дидам, ки нишонаҳои захми шамшери зиёде дошт ва дар сари синааш мисли чашмҳои чуқур пайҳои осори зарби тир ва найза ҳувайдо буд.

Ман ба ӯ гуфтам:

– Қасам ба Худо, ман дар вуҷуди ту чизҳоеро дидам, ки ҳаргиз дар ягон кас надидаам.

Ӯ ба ман гуфт:

– Аммо қасам ба Худо, ки ҳамаи ин ҷароҳатҳо бо ҳамроҳии Паёмбар (с) ва дар роҳи Худо ба ман расидаанд.

Дар ғазои Уҳуд баъди он ки лашкари Қурайш ба сӯи Макка баргашт, Паёмбар (с) ӯро ва Абубакрро (р) тарғиб намуд, ки аз қафои лашкари Қурайш таъқиб намоянд, то онҳо чунин пиндо-ранд, ки мусалмонон ҳоло ҳам қувват доранд ва андешаи бозгашт ба Мадина ва аз нав ҷанг сар карданро накунанд.

Абубакр (р) ва Зубайр бо ҳамроҳии ҳафтод нафар аз мусал-монон ба роҳ баромада ва бо вуҷуди ин ки онҳо як лашкари ғолибро дунболагирӣ менамуданд, вале санъати ҳарбие, ки Сиддиқ (р) ва Зубайр аз худ нишон додаанд, Қурайшро дар иштибоҳ андохт ва гумон бурданд, ки онҳо шикасти мусалмо-нонро нодуруст баҳо дода буданд ва чунин пиндоштанд, ки ҳамин як гурӯҳи хурде, ки пешҷанг ҳастанд ва Абубакр (р) ва Зубайр бақувват будани онҳоро хеле хуш намоиш дода буданд, як муқаддимаи лашкари бузургест аз Паёмбар (с) ва гумони ғолиб он аст, ки омада то як таъқиби даҳшатноке анҷом бидиҳад ва болояшон шабехун бизанад.

Пас Қурайш суръати сайрашонро зиёд намуда ва бо суръати тез ба сӯи Макка роҳ пеш гирифтанд.

Дар рӯзи ҷанги Ярмук Зубайр худаш ба танҳоияш як лашкар буд. Ӯ вақто мушоҳида намуд, ки муҷоҳидоне, ки ӯ сардориашон мекард дар муқобили лашкари Рум, ки ба мисли кӯҳ пахш на-муда меомад, қафонишинӣ намуданд. Нидои Аллоҳу акбарро сар дод ва сафи он лашкари азимро ба танҳоияш пора намуд. Пас аз миёни он сафҳои ҷаррор дар ҳоле, ки шамшераш дар дасташ медурахшид, ба қафо баргашт.

Ӯ барои ба шаҳодат расидан бисёр ҳарис буд ва марг дар роҳи Худоро бисёр дӯст медошт. Ӯ чунин мегуфт:

– Ба таҳқиқ Талҳа ибни Убайдуллоҳ ба писаронаш номҳои паёмбаронро гузоштааст ва медонад, ки ҳеҷ набие баъди Муҳаммад (с) нахоҳад омад, вале ман фарзандонамро ба номи шаҳидон мегузорам, шояд онҳо шаҳид шаванд.

Ва ӯ писарашро Абдуллоҳ ибни Зубайр ном ниҳод, аз руи табаррук ҷустан ба номи як саҳобаи шаҳид Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш.

Ва писари дигарашро Мунзар ном ниҳод, аз рӯи табаррук ҷустан ба саҳобаи шаҳид Мунзар ибни Амр.

Ва ба дигар писараш Урва ном ниҳод, аз рӯи табаррук ҷустан ба саҳобаи шаҳид Урва ибни Амр.

Ҳамчунин ба яке аз писаронаш номи Ҳамзаро ниҳод аз рӯи табаррук ҷустан ба сайиди шуҳадо, Ҳамза ибни Абдулмуталлиб.

Номи Ҷаъфарро ба яке аз дигар писаронаш, аз рӯи табаррук ҷустан ба шаҳиди бузург Ҷаъфар ибни Абутолиб ном гузошт.

Ва якеро Мусъаб ном кард ба ёди Мусъаб ибни Умайр.

Ва ҳамчунин Холид ном ниҳод, ба хотири эҳтироми шаҳид Холид ибни Саъид ва ҳамчунин ӯ барои писаронаш номҳои шаҳидонро ихтиёр мекард, бо умеди ин ки ҳар вақт аҷалашон дар расад, бо шаҳодат бимиранд.

Ва дар таърихи зиндагониаш гуфта шудааст: Ба таҳқиқ ӯ ҳаргиз аморатро ва ҷамъ намудани закотро ва ҷамъ намудани ушри заминро ва ягон мансаби дигареро қабул накардааст, магар ғазо карданро дар роҳи Худо.

Ва бартарияти ӯ ҳамчунин разманда дар он намудор мешавад, ки ӯ ҳамеша ба нафси худ эътимод ва боварии комил дошт.

Пас агар дар ҷанг сад ҳазор ҷанговар ҳамроҳаш мебуд, ӯро медидӣ, чунон меҷангид, ки гӯё дар майдони набард худаш танҳо аст ва гӯё масъулияти ҷанг ва ғалаба танҳо ба дӯши ӯст.

Ва фазилати ӯ ҳамчун разманда дар субот ва қуввати асабҳояш зоҳир мешавад.

Ӯ саҳнаи шаҳодати тағояш Ҳамзаро дар ҷанги Уҳуд дид, ки мушрикон ҷисми шаҳидгаштаи ӯро бо як ваҳшоният мусла на-муда буданд (гӯшу бинии ӯро бурида буданд). Ӯ дар назди ҷасади Ҳамза мисли кӯҳи азим истода буд ва дандонҳояшро ба ҳам мефушурд ва қабзаи шамшерашро бо дасташ маҳкам медошт ва ба ғайри қасоси даҳшатнок дигар чизе ба хотираш намеомад, вале дарҳол ваҳй омад,

ки Паёмбар (с) ва мусалмононро аз муҷарради фикр кардан дар бораш наҳйи кардааст.

Чун муҳосираи бани Қурайза дер давом кард ва онҳо таслим нашуданд, Паёмбари Худо (с) Зубайрро ба ҳамроҳии Алӣ ибни Абутолиб (р) фиристод. Зубайр дар назди қалъаи мустаҳками яҳудиён ҳамроҳи Алӣ (р) истода, ин суханро такрор мекард:

– Қасам ба Худо, ки он чиро, ки Ҳамза чашид (яъне шаҳодатро), мо низ мечашем ё ҳатман қалъаашонро ба рӯяшон боз хоҳем кард.

Баъд аз он онҳо нафсҳои худро танҳо ба дохили қалъа андохтанд ва бо тавони ҳайратовари асабҳояшон тарсро дар дили бо-шандагони дохили қалъа ҷой гиронданд ва барои мусалмонон дарҳои қалъаро кушуданд.

Ва рузи Ҳунайн, Молик ибни Авфро, ки раҳбари қабилаи Ҳавозин ва сарлашкари аскари ширк дар ин ғазо буд, бидид. Ӯро баъди шикастхӯрӣ ва қафошиниаш дар Ҳунайн дид, ки дар миёни як гурӯҳи дӯстонаш ва боқимондаи лашкари шикастхӯрдааш истода буд. Зубайр ба танҳоӣ бар сари он гурӯҳ ҳуҷум овард ва онҳоро парешон сохта аз он камингоҳи истодаа-шон, ки роҳи баъзе аз роҳбарони мусалмонони аз маъракаи ҷанг бозгардандаро мепоиданд, дур сохт.

* * *

Ӯ аз муҳаббату қадр кардани Паёмбар (с) хело бархурдор буд ва Паёмбари Худо (с) ба вуҷуди ӯ ифтихор мекард ва мегуфт:

– Ҳаққо, ки барои ҳар Паёмбаре як ёваре ва шогирде ҳаст ва ҳавории ман Зубайр ибни Аввом аст.

Ин аз он сабаб буд, ки ӯ танҳо писари аммаи Расули Худо (с) ва шавҳари Асмоа, духтари Абубакр (р), ки бо лақаби зоти Нитоқайн (соҳиби ду ресмони миён) маъруф аст, набуд, балки ӯ шахси вафодору далеру шуҷоъатманд ва ҷавонмарду сахӣ буд. Ӯ касе буд, ки нафсу молашро дар роҳи Парвардигори оламиён бахшида буд.

Беҳуда нест, ки Ҳассон ибни Собит дар васфи ӯ ин қасидаро эҷод намудааст:

Ақома ъало ъаҳди-н-набийи ва ҳадйиҳи,
Ҳаворийюҳу ва-л-қавлу би-л-феъли яъдилу.
Ақома ъало минҳоҷиҳи ва тариқиҳи,
Юволи валийя-л-ҳаққи ва-л-ҳаққу аъдалу.
Ҳува-л-форису-л-машҳуру ва-л-баталу-л-лазӣ,
Ясулу изо мо кона явму муҳаҷҷалу.
Лаҳу мин Расулиллоҳи Қурбо қарибатун,

Ва мин нусрати-л-исломи маҷдун муассалу.
Факам қурбатан забба Зубайру бисайфиҳи,
Ъани-л-Мустафо валлоҳу юътӣ ва юҷзилу.
Тарҷумаи таҳтуллафзи форсӣ:
Ба аҳду паймон ва ҳидояти Паёмбар (с) вафо кард,
Ёвари Паёмбар (с) буд ва сухану кирдораш яке буд.
Роҳу тариқати Паёмбарро (с) дуруст пайравӣ кард,
Соҳиби ҳақро ёрӣ медод ва дар ҳақиқат
камтар касест мисли ӯ одил.
Ӯ саворaест машҳур ва диловарест,
Ҳамла мекунад, чун рӯзи аспони бодпой бирасад.
(яъне рӯзи ҷанг).
Мар ӯро бо Паёмбари Худо (с) пайвандие қариб аст,
Ва аз нусрат додани ислом бузургии пойдоре вароcт.
Пас чӣ басо андуҳӯ ғамеро Зубайр
бо шамшераш дур сохтааст,
Аз Мустафо ва Худованд ато мекунад комилу беҳисоб.
* * *

Ӯ соҳиби хислатҳои олӣ ва кирдори ибратомӯз буд. Шуҷоъат ва саховаташ мисли ду аспе буд гардан ба гардан мераванд. Ӯ тиҷорати пешрав ва самарабахше дошт ва сарваташ хеле зиёд буд. Аммо ӯ ин сарваташро дар роҳи ислом чандон сарф намуд, ки худаш қарздор мурд.

Ва таваккали бар Худо кардааш роҳу равиши саховат ва мантиқи шуҷоъату фидокориаш буд. То андозае, ки дар ҳоле, ки ҷони худро ҷавонмардона фидо менамуд ва ба писараш Абдуллоҳ васият мекард, ки қарзҳояшро адо намояд, ба ӯ чунин гуфт:

– Чун қарзе туро оҷиз созад, пас аз мавлои ман (яъне Худованди бу-зург) ёрӣ талаб кун.

Ва Абдуллоҳ пурсид:

– Ту кадом мавлоро дар назар дорӣ?

Ӯ ҷавоб дод:

– Аллоҳро, ӯ нек мавло ва нек нусратдиҳанда аст.

Абдуллоҳ баъдтар мегӯяд:

– Қасам ба Худо, ман дар ҳар сахтие, ки аз рӯи қарзи падарам дучор гардидам, гуфтам:

– Эй мавлои Зубайр, қарзашро адо кун: пас адо мешуд.

* * *

Ва дар рӯзи Ҷамал ба ҳамон тариқае, ки қаблан ба тафсил дар зиндагиномаи Талҳа гуфтем, оқибати кори Зубайр низ ҳамон гуна ба поён расид.

Чун дар он ҷо ҳақро дид ва андешид, ки бояд аз ҷанг даст бикашад. Пас он ашхосе, ки мехостанд алангаи фитна давом кунад, ӯро дунболагирӣ намуданд. Ва дар ҳолате, ки ӯ дар пешгоҳи Ху-дованд намоз мегузорид, ба ӯ зарба заданд.

Ва қотили ӯ ба назди имом Алӣ (р) рафт ва гумон мекард, ки агар ба гӯши Алӣ (р) бирасонанд, ки чӣ зулме ба болои Зубайр намудааст ва дар ҳоле, ки дар пеши дасти Алӣ (р) бо ин мақсад шамшери Зубайрро баъди анҷоми амали норавояш мегузорад. Гӯё башорате ба Алӣ (р) мерасонда бошад.

Ва локин чун Алӣ шунид, ки қотили Зубайр назди дари ӯ ис-тода иҷозаи даромад мепурсад, фарёд кашид ва амр кард, ки ӯро аз дар биронед.

Ва гуфт:

– Башорат бидиҳед, кушандаи писари Сафияро ба оташи дӯзах.

Чун ба назди Алӣ (р) шамшери Зубайрро даровgames, имом онро бӯсид ва ба гиря даромад. Ва гуфт:

– Ин шамшерест, ки соҳибаш солҳои зиёд аз сари Паёмбари Худо (с) машаққатҳоро дур месохт.

Оё дар охири ҳадисамон зеботар аз калимоти Алӣ (р) сухане ҳаст, ки дар сирати Зубайр орем?

Салом, бар Зубайр, дар вақти мавташ баъди зиндагониаш!

Салом, баъд аз он салом бар ёвари Паёмбари Худо (с).

## 29. ХУБАЙБ ИБНИ АДИЙ
## Диловаре бар пояи дор

**Ва акнун роҳро кушода кунед барои ин диловар, эй ҷавонмардон! Ва аз ҳар самт ва аз ҳар макон биёед, чобук ва бомаром.**

Биёед бо суръат ва ҳаросида. (аз рӯи бузургдошт – мутарҷим).

Ва рӯй биёваред, то дар боби фидокорӣ дарсеро биёмӯзед, ки назираш ёфт намешавад,

Шояд шумо эътироз кунед, ки магар тамоми он чизро, ки қаблан ба мо нақл кардӣ, дарси фидокорӣ набуданд, ки барояшон назире нест?

Оре, дарсҳои фидокорӣ буданд, дарсҳое буданд, ки мислу монанде барояшон пайдо шудан мушкил аст, вале шумо алҳол дар ҳузури устоди наве дар фанни худқурбонӣ намудан истодаед.

Устоде, ки агар саҳнаи фидокории ӯ аз шумо фавт шавад, пас аз шумо некии зиёде фавт шудааст.

Ба сӯи мо биёед, эй соҳибони ақида дар ҳар уммат ва сарзамин.

Ба сӯи мо биёед, эй ошиқони олиҳиммати аз ҳар як аср ва замон!

Ва шумо низ, эй он касоне, ки ғурури гаронбор бар дӯш ва димоғатон нишастааст ва нисбати дину имон гумони бад доред, бо ҳамроҳии ғururатон биёед!

Биёед ва назар кунед, ки дини Худо чӣ гуна мардон ба камол мерасонад.

Биёед ва назар кунед ва бубинед, чӣ иззате ва чӣ дастнорасоие ва чӣ суботе ва чӣ устуворие ва чӣ фидокорие ва чӣ садоқату муҳаббате дар сулуки онҳост!

Ва агар ҳамаи инро хоҳем бо як сухан ифода намоем, чӣ бузургии ғайриоддӣ ва равшанро имони ба Ҳақ бар соҳибони мухлисаш ато мекунад.

Оё шумо ҷасади ба дор овехташударо мебинед?

Имрӯз мавзӯъи дарси мо ҳамин аст, ҳамин, эй фарзандони Одам.

Оре, ин ҷисми ба дор овехташуда дар назаратон мавзӯъи дарс аст ва устоди ин дарс Хубайб ибни Адий аст.

Шумо ин номи бузургро хуб дар ёдатон нигоҳ доред. Онро дар ёд доред ва доим ба забон тараннум намоедаш. Зеро, ки ӯ шарафи тамоми инсонҳост. Аз ҳар дине, ки бошад ва аз ҳар мазҳабе ва аз ҳар қавму ҳар давру замоне!

* * *

Ӯ аз қавми Авс аз Мадина ва ансори Мадина аст.

Ӯ ба назди Паёмбари Худо (с) аз лаҳзае, ки ба сӯи онҳо ҳиҷрат намуд, рафтуомад кард ва ба Парвардигори оламиён имон овард. Ӯ соҳиби рӯҳ ва нафси пок ва имони мустаҳкам ва замири мусаффо буд.

Ӯ ҳамчунон буд, ки Ҳассон ибни Собит васфаш намудааст:

Ба мисли уқоб дар ҷамъи ансор соҳиби

мақоми олист.

Касе, ки табиати ҷавонмардонаи

поку беолоиш дорад.

Чун ғазои Бадр байраққҳояшро барафрошт, ӯ як размандаи далере буд ва сарбози муваффақ. Ва аз байни мушриконе, ки ҳангоми набард сари роҳаш баромада буданд ва онҳоро ба шамшераш ҳалок намуд, яке аз онҳо Ҳорис ибни Омир ибни Навфал буд.

Ва баъди интиҳои набард ва бозгардидани боқимондаи лашкари шикастхӯрдаи Қурайш ба сӯи Макка фарзандони Ҳорис аз кушта шудани падарашон огаҳӣ ёфтанд ва номи он мусалмонеро, ки ӯро кушта буд, хуб дар ёд нигоҳ доштанд ва ӯ Хубайб ибни Адий буд.

* * *

Ва мусалмонон аз Бадр ба сӯи Мадина бозгаштанд ва барои ободии ҷамъияти навашон кӯшишу ғайрат менамуданд.

Ва Хубайб ҳамчун обид ва шайху парҳезгор дар худ табиати парҳезгорӣ ва шавқи ибодатгаронро гирифт.

Дар ин ҷо ба як рӯҳияи ошиқона рӯ ба ибодат овард, ки шабҳоро зинда медошт ва рӯзҳо рӯза мегирифт ва ба покӣ ёд мекард Парвардигори оламиёнро.

* * *

Рӯзе Паёмбари Худо (с) иродаи онро намуд, ки аз асрори Қурайш огоҳ гардад ва муайян намояд, ки пешравӣ ва ҷунбишу омодагиҳои Қурайш барои ҷанги нав то чӣ андоза аст. Пас аз ҷумлаи саҳобагон даҳ нафарро интихоб намуд, ки дар байнашон Хубайб низ буд ва амири онҳо Осим ибни Собитро таъйин кард.

Ин ҷамоъа ба сӯи мақсадашон равона гардиданд, то ин ки ба як манзиле байни Асфон ва Макка расиданд. Хабари онҳо ба як ҷамоъае аз қабилаи Ҳузайл расид, онҳоро қавми Бани Ҳайён мегуфтанд. Онҳо бо сад марди ҷанговар, ки аз беҳтарин тирандозони эшон буданд, ба муқобили онҳо шитофтанд ва ба таъқиби онҳо пардохтанд ва аз пайи онҳо мерафтанд.

Ва наздик буд, ки онҳоро гум кунанд. Агар яке аз онҳо чанде аз донаҳои хурмоеро, ки дар болои регҳо партофта шуда буданд, намедид. Яке аз онҳо он донаҳоро бардошта, тибқи фаросати аҷибе, ки дар арабҳо ҳаст, дар онҳо тааммул кард, баъд аз он дар миёни ҳамроҳонаш фарёд кашид:

– Бидонед, ки ин донаҳои хурмои Ясриб аст. Дунболи ин донаҳо бояд биравем, то моро ба онҳо раҳнамоӣ кунад.

Ва аз пушти он донаҳои пошидашуда дар рӯи замин, равон гардиданд, то ки аз дур гумкардаашонро ёфтанд.

Осим амири лашкари даҳнафара эҳсос намуд, ки онҳоро таъқиб менамоянд. Пас ҳамроҳонашро даъват намуд, ки ба болои қуллаи баланде дар сари кӯҳ бароянд.

Он сад тирандоз наздик омаданд ва онҳоро аз зери кӯҳ иҳота намуданд. Ва дар атрофи онҳо аз худ ҳисори мустаҳкаме сохтанд.

Онҳо баъди он ки ба мусалмонон аҳду паймон доданд, ки барояшон ягон ранҷу алам намерасонанд, онҳоро даъват барои таслим шудан намуданд.

Ва он даҳ нафар рӯ ба сӯи амирашон Осим ибни Собити Ансорӣ карданд ва мунтазири он буданд, ки чӣ мефармояд.

Ӯ гуфт:

– Қасам ба Худо, ман ҳеҷ гоҳ дар зиммаи мушрик намефароям. Бор Худоё, Паёмбаратро аз ҳоли мо огоҳ гардон.

Ва он сад тирандоз ба тирандозӣ оғоз карданд.

Амири онҳо Осим захмдор шуда шаҳид гардид ва ба ҳамроҳии вай ҳафт нафари дигар низ ба шаҳодат расиданд.

Ва мушрикон ба боқимондагони онҳо нидо дардоданд, ки агар онҳо фуруд оянд, барои онҳо аҳд ва паймон аст.

Пас се нафари дигар, Хубайб ибни Адий ва ду рафиқи дигараш фуруд омаданд.

Тирандозон ба онҳо наздик шуданд ба назди Хубайб ва ҳамроҳаш Зайд ибни Дисина омада, зеҳи камонҳояшонро кушода, он ду нафарро ба он бастанд.

Чун рафиқи сеюмашон ибтидои ин аҳдшиканиро дид, қарор дод, ки бимирад дар ҷое, ки Осим ва бародаронаш шаҳид шуданд. Ва дар ҳамон ҷое, ки мехост ба шаҳодат расид.

Ба ҳамин тариқ ҳашт нафар аз бузургтарин мӯъминони ба Худо ва Расулаш (с) ҷоми шаҳодат нӯшиданд.

Ва Хубайб ва Зайд хело кӯшиданд, то худро аз банд халос намоянд, вале натавонистанд.

Ва ин тирандозони таҷовузгар онҳоро ба Макка бурданд ва ба мушрикон фурӯхтанд.

Ва номи Хубайб дар гӯшҳо садо дод. Ва Бани Ҳорис ибни Омир кушташудаи Бадр, ин номро ба ёд оварданд ва онҳо ин номро хуб дар ёд доштанд ва дар дилҳояшон кина хурӯҷ кард.

Ва барои хариданаш шитофтанд ва дар харидории ӯ ба мақсади интиқомгирифтан аз ӯ аксари аҳолии Макка аз ҷумлаи касоне, ки дар маъракаи Бадр, падарҳо ва сардорони худро аз даст дода буданд, рақобат карданд.

Ва дар охир бо якдигар маслиҳат намуданд ва ӯро ба ҷазое ҳукм намуданд, ки кинаҳои онҳоро шифо бахшад, на фақат аз ҷониби ӯ, балки аз ҳисоби тамоми мусалмонон.

Ва қавмҳои дигари мушрикон дастонашонро ба рафиқи Хубайб, Зайд ибни Диссина гузоштанд ва дар охири кор ӯро бо азоб сӯзонданд.

* * *

Хубайб бошад, оқибати кори худро ба Худованд супорид, ки Парвардигори оламиён аст. Ва ба нафси собит бо таҳаммул ва оромӣ рӯй ба ибодату парастиши Худо кард, зеро сабру таҳаммул ва оромии қалбро ба ӯ Худованди бузург он миқдор ато карда буд, ки харсангҳоро пора мекунад ва даҳшатҳоро аз байн мебарад.

Худованд ҳамроҳи ӯ буд ва ӯ ҳамроҳи Худованди хеш.

Дасти ҳимояи Худо бар болои ӯ буд ва гумон менамуд, ки асари навозиши ангуштони ӯро дар дохили қалбаш эҳсос мекард.

Рӯзе яке аз духтарони Ҳорис, ки Хубайб дар хонаи ӯ асир буд, назди вай даромад ва дарҳол аз ҷояш берун рафта ва ба сӯи мардум шитобид ва онҳоро нидо мекард:

– Биёед, то чизи аҷиберо бубинед.

– Қасам ба Худо, ки ӯро дидам бо худ як хушаи калони ангурро дошт ва онро мехӯрд ва дар ҳоле, ки дар оҳан баста шуда буд. Ҳол он ки ал-он дар Макка ангур ёфта намешавад.

Ман гумон мекунам, ки ин рӯзиест, ки Худованд ба Хубайб ато намудааст.

Оре, он ризқе буд, ки Худованд бар бандаи солиҳаш дода, ҳамчунон, ки мисли онро аз ин пеш ба Марям бинти Имрон дода буд, он рӯзе, ки чунин буд:

Ва ҳар вақт, ки Закариё ба савмаъаи ибодати Марям меомад, ризқи шигифтоваре назди ӯ меёфт ва мегуфт, ки:

– Эй Марям, ин рӯзӣ аз куҷо барои ту мерасад?

Посух медод, ки:

– Ин аз ҷониби Худост, ки ҳамоно Худо ба ҳар кас бихоҳад, рӯзии беҳисоб медиҳад. (Сураи Оли Имрон, ояти 37)

* * *

Мушрикон хабари марги ҳамсафар ва бародараш Зайд ибни Дисинаро ба Хубайб расониданд, ки Худо аз вай розӣ бод.

Гумон карданд, ки бо ин хабар асабҳои Хубайбро заъиф мекунанд ва ӯро чанд баробари марг азоб хоҳанд дод. Вале онҳо намедонистанд, ки Худованди Раҳим ӯро ба сифати меҳмон қабул намуда, бар вай оромӣ ва раҳмати худро фуруд овардааст.

Ва ба харидории имонаш пардохтанд ва ба ӯ ишора мекарданд, ки агар ӯ ба Муҳаммад (с) ва ба Парвардигораш, ки ба ӯ имон овардааст, кофир шавад, наҷот меёбад. Лекин ин кори онҳо ба мисли рафтори шахсе буд, ки офтобро бо паронидани тир мехост сайд намояд.

Оре, имони Хубайд мисли офтоб аст, дар қуввату дурӣ, бузургӣ, оташборӣ ва рӯшноӣ.

Имони вай барои ҳар касе, ки аз вай нуре талабад, равшанӣ менамояд ва касе агар гармӣ талабад, гармиаш медиҳад. Аммо агар касе ба ӯ наздик шавад ва ба вай сар ба сар гардаду муқобила намояд, ӯро месӯзонад ва мегудозад.

Чун аз он чизе, ки умед менамуданд, ноумед шуданд, ин диловарро ба сӯи ҷои охирини мақоми дунёияш оварданд. Ба як ҷое баровარданд, ки номаш Танъим буд, он ҷое, ки қатлгоҳаш буд.

Ва ҳамин, ки ба он ҷо расиданд, Хубайб аз онҳо илтимос намуд, ки иҷозат диҳед ду ракаъат намоз бигузорам ва онҳо низ иҷозааш доданд.

Зеро гумон бурданд, ки шояд ба нафсаш гуфтугӯе ҷараён ёбад, ки дар охир ба таслим шуданаш анҷомад ва ба Худо ва Расулаш ва динаш кофир шавад.

Вале ӯ ду ракаъат намоз гузорид бо эҳтирому тарс аз Худо ва беҳарос аз ғайри ӯ ва бо тавозӯъу сарпастӣ. Дар рӯҳу ҷонаш ҳаловати имон дар таппиш даромад ва дӯст дошт, ки намоз бигузораду намоз бигузораду намоз бигузорад.

Вале ӯ ба сӯи қотилонаш рӯй оварда гуфт:

– Қасам ба Худо, агар гумон бурдани шумо, ки ман аз марг ҳарос дорам, садди роҳам намешуд, ҳар оина намозамро зиёдтар менамудам.

Баъд аз он дастонашро ба сӯи осмон баланд намуда, гуфт:

– Худоё, ададашонро ҳисоб кун ва дар парешонӣ бимиронашон.

Пас бо як азамат ба чеҳраҳои нопоки онҳо нигарист ва ин абётро хонд:

Ман боке надорам чун, мусалмон кушта мешавам,
Бар кадом паҳлӯе набошад дар роҳи
Худо кушта шудани ман.
Ва ин дар зоти Илоҳӣ ҳаст ва агар хоҳад,
Бар пайвандҳои аъзоҳои ҷудогашта
ва пора-пора шуда баракат медиҳад.

* * *

Ва шояд дар таърихи Араб аввалин бор буд, ки аввал мардеро овезанд ва баъд бар болои дор бикушандаш.

Ба таҳқиқ аз шоххҳои дарахт як салиби калоне сохтанд ва омода намуда, Хубайбро дар болои вай устувор намуданд ва ӯро бастанд.

Мушрикон бо як заҳрхандаи зоҳирӣ ҷамъ омаданд ва тирандозон тирҳояшонро тез мекарданд. Ин ваҳшоният бо як оҳистагии сохта ва мақсаднок дар пеши чашми ин диловари ба дор овехташуда сурат мегирифт.

Ӯ чашмонашро напӯшид ва он оромии зебо аз рӯяш зоил нагардид.

Тирҳо аз ҳар ҷониб ӯро фаро гирифтанд ва шамшерҳо гӯштҳои баданашро пора карданд.

Дар ҳамин ҳол яке аз сардорони Қурайш ба ӯ наздик шуд ва барояш гуфт:

– Оё ту дӯст медорӣ, ки Муҳаммад (с) дар ҷои ту бошад ва ту солиму тандуруст дар миёни аҳлу хонаводаат бошӣ?

Дар ҳамин ҳолат Хубайб ба шӯр омад, мисли тундбод ва ба сӯи қотилонаш фарёд кашид:

– Қасам ба Худо, ман дӯст намедорам, ки дар миёни аҳлу байтам бошам ва бо ман тандурустии дунё ва неъматҳои он бошад ва дар муқобили ин ба тани Паёмбар (с) хоре бихалад.

Айнан ҳамин суханони бузургу олие, ки рафиқи ӯ Зайд ибни Дисина ҳангоми қасд бар ҷонаш карданд гуфта буд.

Айнан суханони бузургу кӯбандае, ки дирӯз Зайд онҳоро такрор мекард, Хубайб он калимаҳоро имрӯз мегӯяд.

Ин калимаҳо Абусуфиёнро, ки ҳоло имон наёварда буд, чунон тахти таъсир қарор доданд, ки кафҳои дасташро ба якдигар мезад. Ва ӯ ҳайратзада шуда буд ва мегуфт:

– Қасам ба Худо, ҳеҷ гоҳ касеро надидам, ки касеро чунон дӯст дорад, ҳамчунон ки пайравони Муҳаммад (с), Муҳаммадро дӯст медоранд.

* * *

Ин суханони дар охир гуфтаи Хубайб гӯё ишорат ба фармон гаштанд. Ва найзадорҳо ва шамшердорон бо як девонагӣ ва ваҳшиёнат ба ӯ ҳуҷум оварданд.

Ва дар наздикии ин саҳна паррандагон, хусусан бозҳои зиёде гирд омада буданд, гӯё интизории онро доштанд, ки кай қассобон корашонро анҷом дода бозмегарданд, то онҳо аз ин ҷисми тару тоза як ҳиссаи болаззате ба даст оранд.

Лекин дере нагузашта ба сӯи якдигар нидо кардан гирифтанд ва гирди ҳам ҷамъ шуданд ва минқорҳояшонро ба якдигар наздик мекарданд, гӯё онҳо гӯшакӣ менамуданд ва ба оҳистагӣ радду бадали андеша мекарданд. Ва нохост парвоз намуда ва фазоро бурида ба дуриҳои дур парвоз намуданд.

Гӯё бо ҳаввос ва ғаризаи худ бӯи ин марди солиҳ ва руҷӯъкунанда ба Худоро, ки аз ҷисми ба дор овехташуда меомад, эҳсос намуданд. Пас хиҷолат кашиданд, то ба вай наздик шаванд ва ё ба ҷисми шаҳиди ӯ зараре расонанд.

Он селаи паррандагон бар оғӯши фазои поку беабр, бегуноҳ ва боинсоф рафтанд.

Ва ҷамоъаи мушрикон ба сӯи лонаҳои фосиди худ дар Макка саркашу таҷовузкор бозгардиданд.

Ва ҷисми ин шаҳид дар он ҷо боқӣ монд. Ӯро як гурӯҳи Қурайшиён, ки бо худ найза ва шамшер доштанд, посбонӣ мекарданд.

Хубайб бошад, чун ӯро ба болои шоххои дарахте, ки аз вай дор сохта буданд, бардоштанд ва дар ҳоле, ки ӯро бо банд мебастанд, дар ҳамин ҳол рӯяшро ба тарафи осмон гардонид ва ба сӯи Парвардигори бузурги хеш тазаррӯъкунон гуфт:

– Поко Парвардигоро, мо дар ҳақиқат рисолати Паёмбаратро (с) расонидем, пас дар ин субҳидам он чизеро, ки дар ҳаққи мо мекунанд, ба вай бирасон.

Ва Худованд дуъои ӯро иҷобат кард.

Пас дар он ҳангоме, ки Паёмбар (с) дар Мадина буд, нохост ӯро эҳсоси бузург ва сахте фаро гирифт, ки дӯстони ӯ дар ранҷ ҳастанд ва ҷисми яке аз онҳо дар назараш намудор гардид, ки овезон аст.

Ӯ дарҳол Миқдод ибни Амр ва Зубайр ибни Аввомро ба сӯи худ хонд. Онҳо аспони худро савор шуданд ва ба роҳ даромаданд.

Ва Худованд онҳоро ба он макони қасдкардаашон расонид. Онҳо ҷисми дӯсташон Хубайбро аз сари дор дар он ҷое аз замини пок, ки интизораш буд, поин оварданд, то замин ӯро дар зери хоки сарди худ ба оғӯш гирад.

* * *

То имрӯз касе намедонад, ки қабри Хубайб куҷост?

Ва шояд ҳамин номаълумӣ барои вай лоиқу сазовор бошад, то ҷои вай дар сафҳаву ёди таърих дар замири ҳаёт ҳамчун як диловар дар болои дор боқӣ монад. Ҷовидона бар болои дор!

## 30. УМАЙР ИБНИ САЪД
## Яккабофт ё нақши бемисл

**Оё шумо Саъид ибни Омирро дар ёд доред? Ҳамон зоҳиди обид ва руҷӯъкунанда ба Худо, ки Умар (р) ӯро барои қабули аморати Шом ва вилояти он маҷбур сохт.**

Ба таҳқиқ мо дар ҷузъи аввали ҳамин китоб дар бораи ӯ сухан гуфта будем ва аз зоҳидӣ ва баландмартабагӣ ва аз парҳезгории ӯ аҷоиботеро мушоҳида кардем.

Ва инак, мо дар ҳамин саҳифаҳо бо як бародари вай, балки дугоники вай дар парҳезгорӣ ва дар зуҳду олимартабагӣ ва дар азамати нафсе, ки бузургтар аз он аст, ки назире дршта бошад вомехӯрем. Ва ӯ, Умайр ибни Саъд аст.

Мусалмонон дар он замон ӯро "Нақши бемисл" (яъне шахси камназир) лақаб монда буданд.

Ва барои ту басандааст дарк намудани бузургии инчунин марде, ки дар лақаб монданаш ба ҳамин сифат тамоми саҳобагони Паёмбари Худо (с) бо вуҷуди фазилат ва фаҳму нуронияташон иҷмоъ доранд.

* * *

Падараш Саъдӣ қорӣ буд, ки Худо аз вай розӣ бод. Ӯ дар ҷанги Бадр ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) буд ва дар дигар саҳнаҳои ҷанг, ки баъди Бадр буданд, низ ширкат дошт. Ва дар аҳди бо Паёмбари Худо (с) намудааш устувор ва амонатдор буд, то ин ки дар ҷанги Қодисия шаҳид шуд ва бо Худованд мулоқот намуд.

Воқеъан, ӯ ҳамроҳи писараш назди Паёмбари Худо (с) омад ва бо Паёмбари Худо (с) байъат намуда ислом овард.

Ва аз замоне, ки Умайр ислом овард ва ӯ дар меҳроби Худо обид ва муқим гардид, аз рушноӣ мегурехт ва ба сӯи оромии сояҳо руҷӯъ дошт.

Гумон аст, ки ту ягон вақт ӯро дар сафи пеши ягон коре дучор шавӣ, магар ки намоз бошад. Ӯ дар намоз ҳама вақт дар сафи аввал меистод, то савоби собиқинро дарёбад. Ва дар ҷиҳод низ ҳамчунин буд. Ӯ ба умеди он ки аз ҷумлаи нахустин шаҳидон бошад, бошитоб дар сафи аввал меҷангид.

Ва дар ғайри ин гуфтаҳо ӯ машғул ба ҳисоботи нафси худ буд. Нафсашро накӯӣ ва хайру бурдборӣ мебахшид ва салоҳу тақвои онро зиёд мекард.

Ӯ аз руҷуъкунандагони ба Худост. Ва муттасил аз бори гуноҳони худ мегиряд. Ва ӯ барои Худо аз олам канда шудааст ва аз руҷӯъи худ нағмасарой мекунад. Ӯ ҳамеша тамоми ҷои мусофиратҳояш ва чӣ дар ҷои иқоматҳояш мусофире буд ба сӯи Худо.

* * *

Худованд дар дили асҳобаш нисбати вай меҳре ҷой намуда буд. Ӯ нури чашми онҳо буд. Ин аз он сабаб буд, ки қуввати имонаш ва покизагии нафсаш ва оромию хомӯшиаш ва бӯи хуши хислатҳояш ва равшании сурати зоҳириаш, барои ҳар касе, ки ҳамнишинони ӯ мешуд ва ё ӯро медид як хурсандӣ ва кушодадилӣ ато мекард.

Ӯ болотар аз динаш касеро ва ё чизеро намедонист.

Рӯзе аз Ҷулос ибни Сувайд ибни Сомит, ки хеши наздикаш буд ва он дам Умайр дар хонаи онҳо буд шунид, ки мегуфт:

– Агар ин мард ростгӯ бошад, албатта мо аз харҳо дида бадтар ҳастем.

Ҷулос бо калимаи ин мард Паёмбарро дар назар дошт.

Ҷулос аз ҷумлаи он касоне буд, ки аз тарс ислом оварда буд.

Умайр ибни Саъд ин ибораро шунид, пас дар дохили нафси мутавозиъи оромаш як ҳиссиёти қаҳру ғазаб ва ҳайрат ҷӯш зад.

Қаҳру ғазаб барои он буд, ки як кас аввалан даъво мекунад, ки ӯ аз ҷумлаи мусалмонон аст ва Паёмбарро бо ин лаҳҷаи дурушт ва бад ном мебарад. Ҳайрон аз он ҷиҳат буд, ки хотираш ба зудӣ дар бораи масъулияташ дар муқобили он чӣ шунид ва бадаш омад, давр хӯрд.

Оё он чиро шунид, ба Паёмбар (с) бигуяд?

Агар бигуяд, чӣ гуна бигуяд? Дар ҳоле ки маҷлисҳо ба амонат ҳастанд (яъне, чизе ки аз ҳамнишинат шунидӣ, ба касе нагӯӣ).

Оё сукут варзад ва он чиро шунидааст, дар дилаш пинҳон нигоҳ дорад?

Дар ин сурат вафодорӣ ва муҳаббат нисбати Паёмбаре, ки Худованд ба воситаи ӯ онҳоро ҳидоят намудааст ва онҳоро аз торикиҳо ба сӯи рушноӣ баровардааст, дар куҷост?

Лекин ҳайрониаш тӯл накашид, пас ростии нафс барои соҳибаш доим роҳи берун омадан аз ин лаҳзаҳоро меёбад.

Ӯ дарҳол худро мисли марди қавӣ ва мӯъмини тақводор ба даст гирифт.

Пас суханашро ба сӯи Ҷулос ибни Сувайд мутаваҷҷеҳ намуда гуфт:

– Қасам ба Худо, эй Ҷулос, ба дурустӣ, ки ту аз ҷумлаи дӯстгарини мардум ва некӯкортарини мардум аз лиҳози ёрмандӣ карданат ба ман ҳастӣ ва ту ҳозир сухане гуфтӣ, ки агар онро аз ҷониби ту овоза кунам, ба ту ранҷ мерасад. Ва агар хомӯш истам, ҳамин гуфтаи ту ҳар оина дини маро ҳалок месозад. Ва ҳуқуқи дин авлотар аст ба вафо кардан ва ман ин гуфтаи туро ба Паёмбар (с) мерасонам.

Умайр бо ин гуфтаҳояш қалби парҳезгори хешро куллан розӣ сохт.

Ӯ аввалан ҳаққи амонати маҷлисро адо намуд ва нафси бузурги хешро болотар аз он гузошт, ки як шахси гӯшкунанда ва хабаркаш бошад. Сониян, ҳаққи динашро низ адо намуд ва як нифоқи шубҳанокро кашф намуд.

Ва солисан, Ҷулосро низ фурсати руҷуъ дод, то аз Худо барои ин хатояш талаби омурзиш хоҳад, зеро ба ӯ ошкоро гуфт, ки аз суханаш Паёмбарро огоҳ мекунад.

Агар Ҷулос дарҳол руҷуъ мекард ва пушаймон шуда аз Худо талаби мағфират мекард, қалби Умайр ором меёфт ва дигар дар назди ӯ ҳоҷате барои расонидани ин хабар ба Расули Худо (с) боқӣ намемонд.

Вале Ҷулосро қудрату тавоноияш ба гуноҳ кашонид ва лабонашро ба калимаи таассуф ва ё узрхоҳӣ наҷунбонид ва Умайр дар ҳоле ки аз назди онҳо дур мешуд, чунин гуфт:

– Ман ин хабарро ба Расули Худо (с) мерасонам, пеш аз он ки ваҳй нозил шавад ва маро дар ин гуноҳ шарик гардонад.

Расули Худо (с) дар талаби Ҷулос кас фиристод. Ҷулос аз гуфтааш мункир шуд, балки бардурӯғ ба Худо қасам хӯрд.

Валекин ояти Қуръон нозил шуд ва ҳақро аз ботил ҷудо кард:

Онҳо қасам мехӯранд, ки нагуфтаанд ва ба таҳқиқ сухани куфрро гуфтанд ва баъди ислом оварданашон кофир шуданд ва қасд намуданд ба як чизе ки ба даст оварда натавонистандаш ва ҳеч чизе нест, ки боъиси бадбинии онҳо гардад, ба ҷуз ин ки Худо ва Расули Ӯ (с) аз фазли Худо онҳоро бениёз гардонидааст. Пас агар тавба кунанд, барои онҳо беҳтар аст ва агар пушт бигардонанд, Худованд онҳоро дар дунё ва охират азоб хоҳад намуд ва барои онҳо дар рӯи замин дӯст ва ёридиҳандае нест (сураи Тавба ояти 74).

Ва Ҷулос маҷбур шуд, ки ба гуфтааш иқрор намояд ва аз хатои кардааш узр бипурсад.

Хусусан вақте дид, ки ояи каримае, ки гунаҳкор будани ӯро исбот мекунад, дар айни ҳол ба раҳмати Худо ваъдааш медиҳад, агар ӯ тавба кунад ва аз ин кораш даст бикашад:

Пас агар тавба кунанд, барои онҳо беҳтар аст.

Ва ин рафтори Умайр барои Ҷулос хайр ва баракат буд. Пас тавба кард ва исломашро нек намуд.

Ва Паёмбари Худо (с) гуши Умайрро бо дасти муборакашон гирифта дар ҳоле ки ӯро бо таҳсини худ тухфаборон менамуд чунин гуфт:

– Эй писар, гӯши ту вазифаашро иҷро намуд. Ва Парвардигорат туро тасдиқ кард.

* * *

Ҳаққо, ки ман дар мулоқоти аввалин бо Умайр, ҳангоме ки муддати чор сол қабл китоби "Байни дастони Умар"- ро менавиштам (нашри аввали ин китоб соли 1961 ба табъ расидааст – шарҳи муҳаррир), худро хеле хушбахт ва саодатманд мешуморидам.

Маро воқеъае, ки аз ҷониби Умайр бо амири мӯъминон рӯй дода буд,ончунон дар ҳайрат афганд, ки то он ҳол чизе маро дар он сатҳ ба шигифт наандохта буд. Ва ман акнун онро барои шумо қисса мекунам, то дар зимни шунидани он шоҳиди азамати нафси инсонӣ дар олитарин мартабаи он бошед.

* * *

Шумо медонед, ки амири мӯъминон Умар (р) чун роҳбарони ҳукуматро интихоб менамуд, гумон мекардӣ, ки тақдирашро интихоб мекунад.

Ӯ роҳбаронро аз ҷумлаи зоҳидони парҳезгор ва амонатнигоҳдорони ростгӯ интихоб менамуд. Гурӯҳи одамоне ҳам буданд, ки аз амалдорӣ дар аморат ва вилоят мегурехтанд ва ин мансабҳоро қабул намекарданд, то он ки амири мӯъминон онҳоро маҷбур намесохт.

Ӯ бо вуҷуди басирати дақиқаш ва огоҳии ҳамаҷонибааш корро дуру дароз кашол медод ва дар ихтиёр намудани волиҳояш ва муъовинонаш хеле зиёд ва дақиқ назар мекард.

Ӯ ҳамеша ин ибораи худро, ки аз даҳон ба даҳон нақл шудааст такрор менамуд:

– Ман мардеро мехоҳам, чун дар миёни қавме бошад, ки амири онҳо нест, чунон рафтор кунад, ки гӯё амири онҳост. Ва ҳар вақте ки дар миёни онҳо бошаду амири онҳо бошад, чунон зиндагонӣ кунад, ки

як фарди оддии онҳост. Ман волие мехоҳам, ки худро дар либос ва дар таъом ва дар сукунатҷой аз мардум ҷудо накунад. Дар миёни онҳо намоз бигузорад ва дар миёни онҳо аз рӯи ҳақ тақсимот гузаронад ва аз рӯи адолат дар миёнашон ҳукм намояд ва дарашро дар назди эҳтиёҷоти онон набандад.

Ва дар партави ин меъёрҳои қотеъона рӯзе Умайр ибни Саъдро волии Ҳамс таъин намуд.

Ва Умайр хеле кӯшид, то аз ин масъулият раҳоӣ ёбад ва бигурезад, вале амири мӯъминон ин корро маҷбуран дар гарданаш воҷиб гардонид.

Умайр ба даргоҳи Худо истихора намуд ва ба сӯи кору масъулияташ равон шуд (истихора – дар намоз ва беруни намоз дуъо кардан барои кори дар пеш истода ба умеде, ки ба хайр анҷомад).

Дар Ҳамс як соли комил бар ҳокимии ӯ гузашт, вале ба Мадина аз ҷониби ӯ хироҷе нарасид ва ҳатто амири мӯъминон аз вай мактубе ҳам нагирифт.

Амири мӯъминон котибашро даъват намуда гуфт:

Ба ҷониби Умайр бинавис, ки ба сӯи мо биёяд ва ин ҷо аз шумо (хонандагон) иҷоза мепурсам, ки сурати мулоқоти Умар (р) ва Умайрро ҳамчуноне, ки дар китоби худам "Байни дастони Умар " аст, айнан нақл кунам:

Рӯзе кӯчаҳои Мадина шоҳиди марде гаштанд, ки мӯйҳои сару рӯяш парешон ва ғуборолуда ва ӯро машаққатҳои сафар зери бори худ гирифта буданд. Аз сабаби душвориҳои зиёди ба сараш омада қадамҳояшро аз замин ба зӯр меканд. Дар китфи росташ як халта ва табақи чӯбине. Ва бар китфи чапаш як машки хурде, ки об дошт. Ӯ бар асое такя мекард ва вазни ҷисми харобу лоғараш ҳеҷ машаққате ба асо намеовард. Ва тавозӯъмандона ба сӯи маҷлиси Умар (р) бо қадамҳои оҳиста мерафт.

– Ассалому алайкум эй амири мӯъминон!

Умар (р) ҷавоби саломашро гардонид ва дар ҳоле, ки машаққату ранҷи зиёди роҳ дар чеҳра ва андоми лоғару устухонҳои барҷаста баромадаи ӯ зоҳир мешуданд ва қалби Умарро (р) ба риққат меоварданд аз ӯ пурсид:

– Чӣ ҳол дорӣ эй Умайр?

– Чӣ ҳол дорам, ҳамчунон ки мебинӣ. Оё намебинӣ, ки танам сиҳат, хунам покиза ва ҳамроҳам дунёст, ки аз шохҳояш гирифта онро мекашам.

Умар (р) гуфт:

– Ҳамроҳат чӣ дорӣ?

Умайр гуфт:

– Ҳамроҳам халтаам аст, ки дар вай тӯшаамро мегирам ва косаи чӯбинам, ки дар он таом мехӯрам боз машкам, ки дар он оби таҳорат ва нӯшиданиамро мегирам. Ва асоям, ки бар вай такя мекунам ва агар душмане пеш ояд бо ин асо бо ӯ муқобала мекунам. Қасам ба Худо, ки дунё тобеъи дороии ман аст (Яъне ҳар неъмате, ки дар дунёст зимни ин чизҳо хулоса мешавад).

Умар (р) гуфт:

– Оё пиёда омадӣ?

Умайр гуфт:

– Оре.

Умар (р) гуфт:

– Оё касе наёфтӣ, ки саворие ба ту бидиҳад?

Умайр гуфт:

– Онҳо аз пеши худ накарданд ва ман бошам аз онҳо наталабидам.

Умар (р) гуфт:

– Ту дар он умуре, ки бо ту аҳд баста будем, чӣ кор кардӣ?

Умайр гуфт:

– Ман ба ҳамон мамлакате, ки ту маро фармуда будӣ, рафтам ва мардони солиҳи он ҷоро ҷамъ намудам ва онҳоро барои ҷамъоварии андози ғаниматҳо ва молҳояшон маъмур намудам, вақте ки онҳо ҷамъоварӣ намуданд, дар ҷойҳои даркориаш расонидам (яъне ба масрифаш). Ва агар чизе аз онҳо барои ту боқӣ мемонд, албатта онро бароят меовардам.

Умар (р) гуфт:

– Пас чизе барои мо овардӣ?

Умайр гуфт:

– На.

Пас Умар (р) дар ҳоле, ки худро ҳайратзада ва хушбахт мешумурд, фарёд зад:

– Барои Умайр аҳди нав бинависед! (яъне хост то ӯро ба ҳокимӣ таъин намояд).

Вале Умайр бо як беҳоҷатӣ ва истиғнои бузург чунин ҷавобаш дод:

– Он рӯзҳо гузаштанд. Дигар на барои ту ва на барои касоне, ки баъди ту меоянд, кор нахоҳам кард.

Ин сурати саҳнавие нест, ки мо онро худамон кашида бошем ва на гуфтугӯест, ки мо эҷодаш намуда бошем. Ин воқеъаи таърихист, ки онро рӯзе замоне Мадина пойтахти ислом дар замони ҷовидонагӣ ва бузургиаш шоҳид гашта буд.

Пас чӣ гуна мардоне буданд, ин родмардон?

* * *

Умар (р) чунин орзу мекард ва мегуфт:

– Агар ман чанд марде мисли Умайр медоштам, ки барои иҷрои кори мусалмонон аз онҳо мадад меҷустам, адолат ҳама ҷо барқарор мебуд.

Ин аз он сабаб буд, ки Умайр саҳобаест, ки дӯстонаш аз рӯи ҳақиқат ӯро бо лақаби "Яккабофт ё бемисл" номгузорӣ карданд ва ӯ бар болои тамоми заъфу нотавониҳои инсонӣ, ки сабабаш вуҷуди моддӣ ва ҳаёти печидаи мост, ғолиб ва фоиқ гашта буд.

Рӯзе барои ин рӯҳонии бузург чунин тақдир пеш омад, ки аз имтиҳону таҷрибаи вилоят ва ҳукм бигзарад, вале дар ҳоли ҳокимиаш низ парҳезгории вай рӯ ба афзоиш буд.

Дар ҳақиқат, ӯ дар он ҳоле ки амири Ҳамс буд, масъулиятҳои ҳокими мусалмонро дар чанд калима эълон намуд ва муайян кард, ки замонҳои тӯлонӣ дар миёни ҷамоъаи мусалмонон аз болои минбарҳо садо медод.

Ана он калимот:

– Огоҳ бошед, ислом девори баланд ва дари мустаҳкамест. Девори ислом адл аст ва дараш ҳақ, пас агар девор канда шавад ва дар шикаста шавад, ислом кушода мешавад. (яъне аз ислом чизе боқӣ намемонад). Ислом то он даме, ки салтанати сахт боқист, вуҷуд дорад, худро ҳимоят мекунад, вале сахтии салтанати ислом бо шамшер куштан ва ё шаллоқ задан нест, вале ба ҳақиқат ҳукм намудан ва адолат намудан аст.

Акнун мо ба Умайр видоъ мекунем ва бо бузургдошту тарс ӯро таҳия мегӯем (саломаш мегӯем). Биёед мо сарҳоямонро ва пешониҳоямонро хам кунем: барои беҳтарини муъаллимон, Муҳаммад (с).

Ва барои имоми мутаққиён: Муҳаммад (с). Барои раҳмати Худо, ки бахшида шудааст барои мардум, модоме зиндагонӣ вуҷуд дорад. Бар вай аз ҷониби Худо салоту салом ва таҳия ва баракоташ!

Ва салом бар аҳлу авлоди покаш!

Ва салом бар саҳобагони некӯкораш!

## 31. ЗАЙД ИБНИ СОБИТ
## Гирдоварандаи Қуръон

**Ҳар гоҳ Қуръонро ба дастат бигирӣ ва бо он рӯ ба рӯ шавӣ ва бихоҳӣ, ки дар боғҳои пурсамари он сура-сура ва оят-оят сайру гашт намоӣ, пас бидон, ки дар воқеъ аз байни он касоне, ки барои ин кори бузург бар гардани ту ҳаққи шукргузорӣ ва сипос доранд, марди бузургест, ки номаш Зайд ибни Собит аст.**

Ба таҳқиқ воқеаҳои гирдоварии Қуръон дар як Мусҳаф дар ҳеҷ ҷое зикр намешавад, магар ки ҳамроҳи он номи ин саҳобаи бузург зикр мегардад. Вақте ки гулҳои армуғон бар ёди касоне, ки фазли ҷамъоварии Қуръон ва тартибу ҳифзи он аз хидматҳои бузурги таърихии онҳост, нисор карда мешавад, ҳаққо, ки насиби Зайд ибни Собит аз ин гулҳо ҳиссае бузург аст.

* * *

Ӯ як марди ансорист аз Мадина. Ва синну соли ӯ ҳангоми муҳоҷирати Паёмбари Худо (с) ба Мадина, 11 сола буд ва ин тифли хурдсол ҳамроҳи дигар мусалмонон аз хешу табораш ислом овард ва ба дуъои Паёмбари Худо (с) дар ҳаққи ӯ боиси баракат шуд.

Падару бобоҳояш ӯро ҳамроҳи худ ба ҷанги Бадр бурданд, вале Паёмбари Худо (с) ӯро ба сабаби хурд будани синну солаш ва ҷисмаш бозгардонид.

Ва дар ҷанги Уҳуд ҳамроҳи гурӯҳе аз ҳамсолонаш ба сӯи Паёмбари Худо (с) рафтанд ва илтиҷо намуданд, ки онҳоро дар ягон ҷо аз сафҳои муҷоҳидин қабул намояд ва хешу таборонашон низ зорӣ ва илтиҷо ва умед менамуданд.

Паёмбари Худо (с) ба тарафи ин саворагони хурдсол назари ризомандона андохт ва чунин вонамуд кард, ки аз шомил гардидани онҳо дар гурӯҳи размандагон дар ин ҷанг, низ узурхоҳӣ менамояд (яъне қабул карданашон нахост).

Лекин яке аз онҳо, ки Рофеъ ибни Худайҷ ном дошт, пеши Паёмбари Худо (с) омад ва дар ҳоле, ки найза ба даст дошт ва онро ба дасташ чобукона ҳаракатҳои аҷиб медод, ба Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ман ҳамчуноне ки мебинӣ, тирандозам ва дар тирандозӣ моҳирам, пас маро иҷозат деҳ.

Паёмбари Худо (с) ин диловарии навраси зеборо бо табассуми ризомандона муборакбод гуфта, ба ӯ иҷозат дод.

Аз ин амал рагҳои ҳамсолонаш ба хурӯш омаданд.

Ҷавони дуввум, ки Самура ибни Ҷундуб ном дошт, боадабона пеш омада, бозувони боқуввваташро намоишкорона дар ҳаво (мисли паҳлавонон) алвонҷ медод ва баъзе хешу таборонаш ба Паёмбари Худо (с) гуфтанд:

– Самура дар гӯштингирӣ Рофеъро мағлуб мекунад.

Паёмбари Худо (с) Самураро низ ба табассуми меҳрубонона марҳабо гуфт ва ба ӯ низ иҷоза дод.

Дар ин вақт синну соли Рофиъ ва Самура ба 15 расида буданд ва аз тарафи дигар ҷисмашон низ бақувват гашта буд.

Ва аз ин ҳамсолон шаш нафар шербачаҳо боқӣ монданд. Аз ҷумлаи онҳо Зайд ибни Собит ва Абуллоҳ ибни Умар буданд. Онҳо ба зорӣ пардохтанд, гоҳо бо умед ва гоҳо бо оби дида ва гоҳо бо намоиш додани мушакҳояшон.

Вале синну солашон хеле ҷавон буд ва ҷисмашон норасида. Пас Паёмбари Худо (с) онҳоро ба ғазои навбатӣ ваъда дод.

Ва ҳамчунин Зайд бо дигар бародаронаш ҳамчун размanda давраашонро дар соли панҷуми ҳиҷрат аз ғазои Хандақ дар роҳи Худо шурӯъ карданд.

Шахсияти ин мусалмони мӯъмин босуръат ва ҳайратовар камол меёфт. Ӯ на фақат ҳамчун муҷоҳиди моҳир ба воя расид, балки ба сифати як муаллим ва соҳибмаданияте зоҳир шуд, ки чандин навъи истеъдод дар вуҷуди ӯ ҷамъ буд. Ӯ Қуръонро аз рӯи ҳифз намудан пайгирӣ мекард ва барои Паёмбари Худо (с) ваҳйро менавишт ва дар илму ҳикмат бар дигарон фоиқ гардид ва чун Паёмбари Худо (с) дар расонидани даъват, фиристодани мактубҳояшро барои олами хориҷ ба сӯи подшоҳони рӯи замин ва қайсарҳо оғоз намуд, ба Зайд амр кард, то баъзе забонҳои хориҷиро биёмӯзад. Зайд дар андак вақти кӯтоҳ чанд забонро омӯхт.

Ҳамчунин шахсияти Зайд ибни Собит намудор гардид ва дар миёни ҷамъияти нав барои худ мақоми олие касб намуд ва мавриди эҳтироми мусалмонон ва бузургдошти онҳо гашт.

Шаъбӣ мегӯяд:

– Зайд ибни Собит рӯзе равон шуд то савор шавад. Ибни Аббос рикоби ӯро гирифт. Зайд ба ӯ гуфт:

– Эй писарамаки Паёмбари Худо (с), он тараф ист (яъне ин корро накун, мо лоиқи он хидмат нестем).

Ибни Аббос чунин ҷавобаш дод:

– Не, мо бо уламои худ ҳамчунин эҳтиром мекунем.

Қабиса мегӯяд:

– Зайд дар Мадина сардори ҳама буд дар ҳукм, фатво ва қироъат ва фароиз.

Собит ибни Убайд мегӯяд:

– Ман мардеро шӯхтабъ дар хонадонаш ва ҷиддитар дар маҷлисаш аз Зайд надидаам.

Ибни Аббос мегӯяд:

– Ба таҳқиқ донишмандон аз асҳоби Паёмбари Худо (с) донистa буданд, ки Зайд ибни Собит дар илм хеле пешрафта аст.

Ин сифатҳоеро, ки дар бораи ӯ дӯстонаш гаштаю баргашта такрор кардаанд, ҳар оина барои мо эҳтиром ва қадршиносиро барои ин марде, ки тақдир шарафи анҷом додани бузургтарин коре дар таърихи ислом, гирдоварии Қуръонро, ба зиммаи ӯ гузошта буд, зиёд мекунад.

* * *

Аз нахустин лаҳзаҳое, ки ваҳй роҳи худро ба сӯи қалби Паёмбари Худо (с) кушод, то Паёмбари Худо (с) аз ҷумлаи тарсдиҳандагон бошад, ба воситаи Қуръон ва даъватро ба ин ояти равшан ибтидо кард:

Бихон ба баракати номи Парвардигоре, ки офаридгор аст. Офарид Одамро аз пораҳои баста. Бихон ва Парвардигори ту бузургвортар аст. Он ки илм омӯхт ба дастёрии қалам. Омӯхт одамонро он чӣ намедонистанд. (Сураи Алақ, оятҳои 1-5)

Аз рӯзи оғози ин робита ваҳй бо Паёмбари Худо (с) ҳамроҳ буд ва ҳаргоҳ, ки бо умеди нури Худо ва ҳидояти Худо, рӯяшро ба тарафи Маъбуди барҳақ мутаваҷҷеҳ месохт ваҳй ба зудӣ меомад. Ва дар тамоми давоми даврони рисолат идома ёфт, чун ки Паёмбари Худо (с) аз як ҷанг фориғ мешуд, то дигарашро оғоз кунад. Ва ҳангоме ки мехост, макреро ва ё ҷангеро пешгирӣ кунад, то ба макри дигар ва боз дигар рӯ ба рӯ ва ҳангоме, ки олами наверо бо тамоми ҷиддият мехост бино ниҳад, ваҳй фуруд меомад ва Паёмбари Худо (с) онро мехонд ва мерасонид. Ва ин ҷо як гурӯҳи бузургоне буданд, ки зеҳн ва қобилияти даркашонро аз рӯзҳои аввали ваҳй, бар ҳифзи Қуръон таҳрик медоданд. Баъзе аз онҳо чӣ қадаре, ки метавонистанд ҳифз карданд ва баъзе дигар аз касоне, ки хуб навишта метавонистанд, оятҳои навиштаро нигоҳдорӣ мекарданд.

Ва дар давоми тақрибан ёздаҳ сол Қуръон дар лаҳзаҳои муносиб ва сабабҳои муносиби нузул оят-оят ё ки маҷмӯъи оятҳо аз паи оятҳо

фуруд меомаданд. Ин ҳофизони Қуръон ва нависандагон кори худашонро бо тавфиқ аз ҷониби Худованди кабир ҳидоят шуда идома медоданд.

Ва Қуръон якбора ва якҷоя нозил нагардидааст, зеро он китобе нест, ки онро касе навишта бошад. (ба тариқи эҷод)

Қуръон роҳнамои як уммати навест, ки ба таври табиӣ хишт-хишт ва рӯз то рӯз бино меёфт ва ақидааш нумӯ мекард, мувофиқи машияти Илоҳӣ ташаккул меёфт. Ва таҷрибаи башариро барои ин уммат дар роҳи қаноъатмандсозии комил бо машияти Илоҳӣ пеш мебурд.

Аз ҳамин сабаб барои Қуръон зарур буд, ки ҷудо-ҷудо ва пора-пора нозил шавад, то таҷрибаҳои башариро дар масири фазояндааш ва дар мавқифҳои наваш ва мушкилоти муқобилистодааш, пайгирӣ намояд.

Бо мурури замон ҳофизони Қуръон ва нависандагони он зиёд гардиданд, ҳамчунон, ки қаблан зикр шуд. Ва дар раъси онҳо Алӣ ибни Абутолиб (р), Убай ибни Каъб, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Абдуллоҳ ибни Аббос ва шахсияти хеле бузурге, ки ҳоло дар борааш сухан меравад, Зайд ибни Собит буданд.

* * *

Ва баъди он ки Қуръон комилан нозил гардид ва дар лаҳзаҳои охири нозил гардиданаш, Паёмбари Худо (с) Қуръонро барои мусалмонон тавре қироат менамуд, ки оятҳо ва сураҳои онро мураттаб месохт.

Ва баъди вафоти Паёмбари Худо (с) мусалмонон фавран ба ҷанги муртадон машғул гардиданд.

Ва дар набарди Ямома маъракае, ки мо дар бораи он пеш аз ин дар зимни қиссаамон аз Холид ибни Валид ва аз Зайд ибни Хаттоб сухан гуфта будем, адади шаҳидшудагон аз қориён ва ҳофизони Қуръон хеле бисёр ва ташвишовар буд.

Пас ҳамин ки оташи фитнаи муртадон хомӯш гардид, дарҳол Умар (р) сӯи халифа Абубакр (р) бо рағбат ва зорӣ шитофт. Ва иброз намуд, ки пеш аз ба марг ва шаҳодат расидани қориён ва ҳофизони боқимондаи Қуръон, барои гирдоварии Қуръон ҷаҳд намоянд.

Ва халифа ба Парвардигори хеш истихора кард ва бо дигар саҳобагон машварат намуд.

Баъд аз он Зайд ибни Собитро даъват карда гуфт:

– Ту ҷавони оқилӣ, туро таҳти шубҳа қарор намедиҳем.

Ва ӯро амр намуд, ки барои гирдоварии Қуръони карим оғоз кунад ва аз донандагони Қуръон ёрӣ ҷӯяд. Ва Зайд барои иҷрои он амале, ки ояндаи ислом, асли ақидаи мусалмонон, ҳамчун дин, ба он вобаста буд, камар баст.

Ва дар иҷрои ин амри ҷиддӣ ва пурмашаққат бузургтарин масъулиятҳоро мутаҳаммил шуд. Ӯ ба ҷамъоварии оятҳо ва сураҳо аз хотираи ҳофизони Қуръон ва ҷойҳои навишташуда шурӯъ намуд. Онҳоро муқобила мекард, ба якдигарашон месанҷид ва дар интихоби онҳо таҳарро мекард (аз миёни чанд чизи мушобеҳ, якеро ихтиёр кардан), то ин ки тамоми Қуръонро мураттаб ва ҷамъ намуд.

Ва ба таҳқиқ амали ӯро иҷмоъи саҳобагон, он касоне, ки дар зиндагиашон аз Паёмбари Худо (с) онро шунидаанд, хусусан олимон ва ҳофизони Қуръон ва котибони ваҳй таҳсин намуданд.

Зайд сахтӣ ва душвории бузургеро, ки муқаддасияти ин кор ва бузургии вай эҷод намуда буд, чунин баён менамояд:

– Қасам ба Худо, агар маро маҷбур менамуданд, ки кӯҳеро аз ҷояш ба ҷое бубар, сабуктар буд барои ман аз он чизе, ки маро ба ҷамъ намудани Қуръон амр намуданд.

Оре, агар Зайд дар китфи худ як ё ду кӯҳро бор мекард, ин кор барои нафсаш хубтар аз он буд, ки камтарин хатое кунад дар кӯчонидани оят ва ё комил намудани сура. Ҳар як даҳшатро ботин ва дини Зайд таҳаммул менамояд, магар ки як хатоеро дар Қуръон раво намебинад, агар чӣ хеле ночиз ва беихтиёр сурат гирифта бошад.

Лекин тавфиқ аз ҷониби Худо ҳамроҳи ӯ буд ва инчунин ҳамроҳи вай ваъдаи Худост, ки мегӯяд:

Ба таҳқиқ мо ин зикрро фурӯ фиристодаем ва ба таҳқиқ мо ҳар оина онро ҳифзкунанда ҳастем (сураи Ҳиҷр ояти 9).

Пас дар ин масъулият ӯ муваффақ гардид ва бо беҳтарин сурат масъулият ва воҷибашро ба иҷро расонид.

* * *

Ин марҳалаи якуми ҷамъоварии Қуръон буд. Ва дар ин дафъа Қуръон дар чанд Мусҳаф гирд оварда, навишта шуда буд.

Бо вуҷуди ин ки сурати тафовути ин Мусҳафҳо ва хилофашон зоҳирӣ ва шаклӣ буд, пас ба таҳқиқ таҷриба барои саҳобагони Паёмбари Худо (с) зарурати якҷоя ҳамагӣ дар як Мусҳаф будани онро тақозо мекард.

Дар аҳди хилофати Усмон (р) бошад мусалмонон паи ҳам кишваркушоиҳо ва ҳуҷумҳои худро идома доданд ва аз Мадина дур шуда аз он ҷо ба ҷойҳои дигар мекӯчиданд.

Дар ҳамин рӯзҳо ва таҳти шароите, ки ислом ҳар рӯз гурӯҳҳоро аз пушти гурӯҳҳо аз ҷумлаи касоне, ки дар ислом дохилшаванда ва бо ӯ байъаткунанда буданд истиқбол мекард, зоҳир ва равшан гардид, ки таъаддуди Мусҳафҳо ба чӣ хатаре оварда мерасонад. Зеро лаҳҷаҳо (тарзи талаффуз) бар хондани Қуръон мухталиф гардиданд, ҳатто дар миёни саҳобагони аз ҳама пеш имоновардагон ва аввалинҳо ҳам.

Ана дар ҳамин ҳолат як гурӯҳе аз саҳобагони Паёмбари Худо (с) ба назди халифа Усмон (р) рафтанд, ки сардорашон Ҳузайфа ибни Ямон буд. Ва онҳо ҳатмӣ ва ногузир будани ягонагии (талаффуз ва эъроби) Мусҳафро ба халифа баён карданд.

Ва халифа Усмон (р) ба Парвардигораш истихора намуд ва бо ёру дӯстон маслиҳат кард.

Ва ҳамчунон ки Абубакри Сиддиқ (р) аз Зайд ибни Собит ёрӣ хоста буд, Усмон (р) низ дар ин кор ба ӯ такя намуд.

Пас Зайд дӯстон ва ёварони худро ҷамъ намуда ва аз хонаи Ҳафса бинти Умар (р) Мусҳафҳоро оварданд, дар ҳоле ки ин Мусҳафҳо дар назди вай нигоҳдорӣ карда мешуданд ва Зайд ва дигар дӯстонаш ба иҷрои ин масъулияти ниҳоят бузург шурӯъ намуданд. Ҳамаи он касоне, ки Зайдро ёрӣ медоданд, аз ҷумлаи котибони ваҳй ва ҳофизони Қуръон буданд.

Бо вуҷуди ин, ҳамин ки дар ягон ҷой ихтилоф мекарданд ва кам ҷое буд, ки ихтилоф кунанд, фикру сухани Зайдро ҳамчун ҳуҷҷат ба ҳалли масъала меҳисобиданд.

* * *

Ва акнун мо Қуръонро бо осонӣ гирифта тиловат мекунем ва ё онро бо тартиб ва адои саҳиҳи ҳуруф мешунавем. Вале он машаққатҳои тоқатфарсое, ки ин ҷамоъаи мусалмонон, ки Худованд онҳоро барои ҷамъ намудани Қуръон ва нигоҳдории ӯ халқ намуда буд аз сар гузарониданд, дар хотири мо намегузаранд.

Мисли он даҳшатҳое, ки онҳо дар роҳи Худо ҷиҳод менамуданд, то дар рӯи замин ин дини ростин барқарор гардад ва торикиҳои он асрро ба нури ислом пароканда созанд ва дар ин роҳ ҷонҳои худро нисор намуданд.

## 32. ХОЛИД ИБНИ САЪИД
### Фидоие аз гурӯҳи аввал

**Дар хонадони сарватманд ва аз рӯи мансабу ҷой ашроф ва воломақом ва аз падаре, ки дар байни қабилаи Қурайш сардор ва пешво буд, Холид ибни Саъид ибни Ос ба дунё омад. Ва агар хоҳед, ки насабашро аз ин бештар донед, бигуед: ибни Умайя ибни Абдушамс ибни Абдуманоф.**

Аз рӯзе, ки риштаи нур шармида дар атрофи Макка гаштугузор мекард ва бо овози пасте ба гӯшҳо мерасонид, ки Муҳаммади амин аз ваҳйе, ки дар ғори Ҳиро ба ӯ расидааст ва аз рисолате, ки аз ҷониби Худо гирифтааст, сухан мегӯяд, то онро ба мардум бирасонад, дили Холид тамоми ҳаввосашро ба сӯи ин нур ва сухани паст мутаваҷҷеҳ намуд.

Дилаш аз ғояти хуррамӣ ба парвоз даромад. Гумон мебурдӣ, ки ӯ бо ин рисолат ваъдадор будааст ва ӯ дунболи ин нур мегашт дар ҳар куҷо ки буд.

Ӯ ҳар гоҳ ҷамоъае аз қавмашро мешунид, ки аз дини нав сухан мегӯянд, дар назди онҳо менишаст ва бо як иштиёқу хурсандии ниҳонӣ гӯш мекард ва гоҳ-гоҳе бо ягон сухане аз ҷониби худаш каломи гӯяндагонро ғизо медод, то сухани онҳоро қувват бахшад.

Ҳар бинандае ӯро дар он ҳангом як ҷавони дар ҳадафаш ором ва хело оқилу хомӯш медид, вале дар айни замон дар ботин ва дохили нафсаш як суруру хурӯш ва фараҳ вуҷуд дошт. Гӯё андаруни қалби ӯ ҷашне буд, ки таблҳо менавохтанд ва байрақҳо парафшонӣ мекарданд ва карнайҳо садо медоданд ва таронаҳо хонда мешуданд.

Дар дилаш иде буд бо тамоми зебоии идона, дурахшидану ҷилои идона ва рӯҳбаландии идона ва шӯру ғавғои идона.

Ва ин ҷавон ин базму идро дар дилаш пинҳон медошт ва сирри дохили қалбашро пӯшида ва маҳфуз мемонд, зеро агар падараш огоҳ мешуд, ки ӯ дар аъмоқи қалбаш нисбати даъвати Муҳаммад (с) ин қадар дилбастагӣ дорад, албатта ҳаёташро қурбони олиҳаи Абдуманоф месохт.

Валекин чун ҳастии ботинии инсон вақте аз коре ё сирре лабрез мегардад ва саршории он ба охирин дараҷа мерасад, дигар наметавонад, ки барои лабрез нашуданаш монеъае эҷод кунад.

Шабе Холид ибни Саъид дар хобаш дид, ки ӯ дар канори оташи бузурге истодааст ва падараш аз қафо ӯро ба ду дасташ ба сӯи он оташ

тела медиҳад ва мехоҳад, ки ӯро дар оташ афганад, баъд аз он Паёмбари Худоро (с) дид, ки ба сӯяш меояд ва бо дасти муборакаш аз изораш гирифта ба сӯи худ мекашад ва аз назди оташ ва аланга дур мебарад.

Субҳдам аз хобаш хеста нақшаи корашро дар ин рӯзи нав кашид. Пас дарҳол ба сӯи ҳавлии Абубакр (р) равон шуд ва хабарашро ба ӯ нақл кард ва ин хоб ҳоҷат ба таъбир надошт. Абубакр (р) ба ӯ гуфт:

– Аз таъбири хоб некие барои ту ирода карда шудааст ва Муҳаммад (с) воқеъан Паёмбари Худост, пас ӯро пайравӣ намо. Ислом туро аз оташ нигоҳ медорад.

Холид дар ҷустуҷӯи Паёмбари Худо (с) афтид, то ин ки аз ҷои исти ӯ огоҳ шуд ва бо ӯ мулоқот намуд ва Паёмбарро аз ҳақиқати даъваташ пурсид. Паёмбари Худо (с) ӯро чунин ҷавоб дод:

– Бояд ба Худо имон орӣ ба танҳоияш ва ба ӯ чизеро шарик насозӣ. Ва имон орӣ, ки Муҳаммад (с) бандаи Худо ва Расули ӯст ва аз ибодати бутҳое, ки намешунаванд ва намебинанд ва на зараре мерасонанд ва на нафъе, худро биканӣ.

Ва Холид фавран дасташро дароз кард ва дасти Паёмбари Худоро (с) бо хурсандӣ гирифта, гуфт:

– Ман гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз Маъбуди барҳақ Худое нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) бандаи Худо ва Расули вай аст.

Шеърхониҳо ва ғазалсароиҳои ботинаш (бо гуфтани ин калимот) озод гардиданд ва он иду ҷашнвораҳое, ки дар ботинаш буд, ҳама ба берун баромаданд ва хабар ба падараш расид.

* * *

Рӯзе, ки Холид ислом овард, пештар аз вай ба сӯи ислом ғайр аз чор-панҷ нафар касе пещдастӣ нанамуда буд. Ӯ аз ҷумлаи панҷнафароне ҳаст, ки барвақт ба сӯи ислом шитофтанд. Чун яке аз фарзандони Саъид ибни Ос бо ин барвақтӣ ба ислом гаравид, ин амал ба андешаи Саъид ӯро дар байни Қурайш ба масхара шудан ва хор гардидан рӯ ба рӯ месохт ва заминро дар зери биной роҳбариаш меларзонад (яъне ба ҷоҳу мансабаш халал воқеъ мекард).

Аз ин рӯ Холидро ба сӯи худ хонд ва ба ӯ гуфт:

– Оё рост аст, ки ту Муҳаммадро пайравӣ мекунӣ ва ту айб гирифтани олиҳаҳои моро аз вай гӯш мекунӣ?

Холид гуфт:

– Қасам ба Худо, ки ӯ рост мегӯяд ва ман ба ӯ имон овардаам ва ӯро пайравӣ менамоям.

Дар ин ҳангом падараш ба мушт ба сараш ҳуҷум кард ва ӯро хуб кӯфт. Ва ӯро дар як ҳуҷраи торике зиндонӣ кард ва бо гуруснагӣ ва ба ташнагӣ ва анвоъи дигари азоб ӯро шиканҷа карда, харобу лоғар гардонид. Холид бошад, аз пушти дари ба рӯяш қулфкарда шуда, ба тарафи онҳо фарёд зада мегуфт:

– Қасам ба Худо, ки ӯ рост мегӯяд ва ман ба ӯ имон овардаам.

Дар хотири Саъид гузашт, ки он азобу ранҷе, ки ба фарзандаш овардааст, кам мебошад ва кифоя намекунад, бинобар ин ӯро ба регзори тафсони Макка мебарорад ва дар миёни сангҳои вазнин ва фишороварандаи аланганок (аз ғояти гармӣ) се рӯз зери санг гӯр мекунад, ки дар ин муддат ягон сояе дар рӯи вай намеафтад ва лабонашро як қатраи обе тар намекунад.

Падар аз писараш ноумед шуда, ӯро ба ҳавлиаш бозмегардонад ва ба ташвиқ ва тарсдиҳии ӯ мепардозад. Ба ӯ ҳар гуна ваъдаҳо медиҳад ва метарсонадаш, вале Холид дар роҳи Ҳақ ҳамчунон устувор ва ба падараш мегуфт:

– Ман исломро дар муқобили ҳеҷ чиз раҳо намекунам ва бо он зиндагӣ менамоям ва ҳамроҳи он мемирам.

Ва Саъид фарёд мекашад:

– Пас аз назарам дафъ шав, эй беасли ҳаромӣ, қасам ба Лот, ки ғизо доданро бар ту манъ менамоям.

Холид ҷавоб медиҳад:

– Худо беҳтарини ризқдиҳандагон аст.

Ва ӯ аз ҳавлие, ки аз нозу неъмат ва аз хӯрок ва либосу роҳат пур буд, бадар рафт.

Ӯ аз он нозу неъматҳо ҷудо шуда, ба сӯи фақр ва маҳрумият рафт.

Вале чӣ бок?

Магар имонаш ҳамроҳаш нест?

Магар ӯ тамоми ҳокимияти ботинашро ва тамоми ҳаққашро дар роҳи интихоб намудааш ҳифз нанамуд?

Дар ин сурат дигар гуруснагӣ чист ва маҳрумияту азоб чӣ чизе ҳастанд?

Ва ҳар вақт инсоне нафси худро бо ҳамроҳии ҳаққи азиме ёфт, мисли ҳаққе, ки Муҳаммад Расули Худо (с) ба сӯи Ӯ мардумро даъват менамояд, пас оё дар тамоми олам чизи пурқиматтаре боқӣ мондааст, ки моликаш нагардида бошад?

Ба ҳамин дастур амал карда, Холиб ибни Саъид муваффақ гардид. Азобро ба қурбонии нафс мағлуб сохт ва бо имонаш бар болои маҳрумият ғолиб омад.

Чун Паёмбари Худо (с) саҳобагони мӯъминашро барои ҳиҷрати дуввум ба сӯи Ҳабаша амр намуд, Холид ибни Саъид низ аз ҷумлаи касоне буд, ки бору бандашонро ба сӯи Ҳабаша барбаста буданд.

Ва Холид дар Ҳабаша дар тӯли муддати Худо хоста, истод. Ва баъд аз он ҳамроҳи дигар бародаронаш дар соли ҳафтум аз ҳиҷрат ба сӯи билодашон бозгаштанд ва мусалмононро дар ҳоле ёфтанд, ки нав аз фатҳи Хайбар бозгашта буданд.

Ва Холид дар миёни ҷамъияти исломии наве, ки бинои ин ҷамъиятро тарҳрезӣ карда буданд ва ӯ яке аз панҷнафарони аввалини он буд зиндагиашро давом медод ва аз ин баъд Паёмбар (с) дар ҳар ғазое иштирок мекард ва дар ҳар саҳнае набарде, ки ҳузур дошт, Холид ибни Саъид ҳамсафу ҳамроҳаш буд.

Холид аз сабаби собиқадориаш дар ислом ва аз сабаби рост будани ботинаш ва роҳу сулукаш мавқеъи муҳаббат ва икроми ҳамагон буд.

Ӯ қаноъатмандии худро (яъне қаноъатмандӣ аз рӯи ақида) мавқеъи эҳтиром мегузошт ва риё намекард ва онро дар мевқеъи савдо намегузошт.

Пеш аз вафоташ Паёмбари Худо (с) ӯро волии Яман гардонид.

Вақте ки хабари халифа шудани Абубакр (р) ва байъат намудани мардум ба ӯ расид, корашро аз Яман партофта ба Мадина омад.

Ӯ фазилати Абубакрро, ки бо ӯ баробарӣ ва мусобиқа карда намешуд, эътироф дошт.

Вале бо вуҷуди ин, ӯ чунин мепиндошт, ки ҳақдортарини мардум ба хилофат яке аз шахсиятҳои аз қабилаи Бани Ҳошим аст, масалан, Аббос ва ё Алӣ ибни Абутолиб (р).

Ӯ тарафи қаноъатмандии хеш истода бо Абубакр (р) байъат нанамуд. Ва Абубакр (р) ӯро дӯст медошт ва қадршиносиаш менамуд ва маҷбураш намесохт, ки байъат намояд ва низ барои байъат нанамуданаш бадаш намедид. Ҳар гоҳ, ки зикраш миёни мусалмонон мегузашт, халифа ӯро хеле зиёд ҳамду ситоиш менамуд ва бар ӯ сано мегуфт.

Бо мурури замон ақидаи Холид ибни Саъид тағйир ёфт. Рӯзе нохост мардум диданд, ки сафҳои мардумро дар масҷид рахна карда,

пеш меравад. Дар он ҳол Абубакр (р) дар болои минбар буд. Ӯ дар он рӯз бо Абубакр (р) байъати ростин ва мустаҳкам намуд.

* * *

Абубакр (р) лашкарашро ба сӯи Шом фиристод ва барои Холид ибни Саъид байрақе баст. Ӯ яке аз амирони лашкар гардид.

Вале пеш аз он ки қувваҳо ҳаракат намоянд, дар Мадина чунин ҳодисае рӯй дод, ки Умар (р) дар бораи аморати Холид ибни Саъид муқобил баромад ва хеле пофишорӣ намуд, ки халифа қарори худро дар бораи аморати Холид тағйир бидиҳад.

Ин хабар ба Холид мерасад ва ӯ ба ҷуз ин чанд калима дигар чизе нагуфт:

– Қасам ба Худо, ки роҳбар таъйин намуданатон маро хурсанд накарда буд ва аз аморат бекор намуданатон маро малул насохт.

Абубакри Сиддиқ (р) ба сӯи хонаи Холид шитобид, то аз вай узр хоҳад ва сабаби қарори нав қабул намуданашро шарҳ диҳад ва аз вай бипурсад, ки ҳамроҳи кадом сарлашкар ва амир мехоҳад, ки бошад: ҳамроҳи Амр ибни Ос, ки ӯ писарамакаш аст, ё ҳамроҳи Шураҳбил ибни Ҳасана?

Пас Холид ҷавоб дод:

– Писари амакамро аз лиҳози қаробат дӯст медорам, вале Шураҳбил аз лиҳози диндориаш бар ман дӯстдоштатар аст.

Ӯ разманда буданро дар гурӯҳи Шураҳбил ибни Ҳасана ихтиёр намуд.

* * *

Қабл аз он ки лашкар ҳаракат кунад, Абубакр (р) Шураҳбилро назди худ даъват намуда гуфт:

– Ту муроқиби Холид ибни Саъид бош, пас ҳақеро, ки бар болои ту дорад, барояш бишинос, чуноне ки мехоҳӣ туро ҳақшиносӣ кунад, агар ту дар ҷои вай бошӣ ва ӯ дар ҷои ту. Ту мақому мартабаи ӯро дар ислом медонӣ, ки Паёмбари Худо (с) аз дунё рафт, дар ҳоле ки Холид барои вай волӣ шуда хидмат мекард. Ва ман низ иродаи онро доштам, ки ӯро волӣ гардонам, баъд аз он боз дигар фикр ба сарам омад. Шояд, ки ҳамин таъйин нашуданаш барои диндории вай беҳтар бошад.

Ва ӯро дар миёни амирон ихтиёрӣ гузоштам, ки бо касе хоҳад биравад ва ӯ туро аз писари амакаш боло донист ва ихтиёр намуд. Агар бар ту коре пеш омад, ки ба раъйи марди ботақвову насиҳатгар эҳтиёҷманд гардӣ, аввалин касе, ки аз вай ибтидо мекунӣ, Абуубайда

ибни Ҷarроҳ ва Муъоз ибни Ҷабал ва сеюмӣ онҳо, Холид ибни Саъид бошад. Ту дар назди ин одамон насиҳати холисона ва хайру некиро хоҳӣ ёфт. Худро аз худсарӣ бо нафси худат дар ҳузури онҳо ва ё пинҳон доштани раъйатро аз онҳо нигоҳ дор.

Ва дар сарзамини Марҷу-с-суфр (яъне марғзори тиллоӣ ё мисӣ) дар сарзамини Шом дар он ҷое, ки задухӯрдҳо байни мусалмонон ва лашкари Рум хеле даҳшатнок ва хуношом давом мекард, дар пешопеши касоне, ки аҷри онҳо бар Худост (яъне шуҳадо) як шаҳиди боазамат буд, ки роҳи зиндагониашро аз лаҳзаи хеле ҷавониаш то лаҳзаи шаҳид гардиданаш дар як сайри содиқона, боимон ва шуҷоъат сипарӣ намудааст.

Дар ҳоле, ки мусалмонон шаҳидони набардро ҷустуҷӯ менамуданд, ӯро диданд, ҳамчуноне ки доимо буд, бо чеҳраи осуда ва бо хомӯшии хушбӯйкунанда ва бо тасмими қавӣ.

Пас гуфтанд:

– Худоё аз Холид ибни Саъид розӣ шав.

## 33. АБУАЮБИ АНСОРӢ
### Бишитобед, сабук ва сангин

**Паёмбари Худо (с) ба Мадина ворид шуд ва бо ворид шуданаш мӯҳлати сафари ин ҳиҷрати зафармандашро ба поён расонид ва рӯзҳои муборакашро дар дори ҳиҷрате оғоз намуд, ки дасти тақдир барои ин сарзамин ҳодисаҳоеро омода намудааст, ки монанди онро дар дунё барои ҳеҷ мардум надодааст.**

Паёмбари Худо (с) дар миёни ҷамъияте равон буд, ки дилҳояшон аз шавқу муҳаббати ӯ саршор буд. Ва ӯ дар ҳоли дар болои уштураш савор ва мардум дар атрофи лаҷоми вай ҷамъ омада, ҳар яке иродаи онро дошт, ки Паёмбари Худоро ба меҳмонӣ даъват намояд.

Ва ин ҷамъияти одамон ба ҳавлиҳои бани Солим ибни Авф расиданд. Онҳо садди роҳи уштур шуданд ва хоҳиш карданд, ки эй расули Худо:

– Дар назди мо иқомат кун, зеро дар назди мо аз лиҳози адад ва асбоби ҷангӣ ва ҳимоя ҳамааш аст.

Вале дар ҳоле ки бо дастҳояшон лаҷоми уштурро дошта истода буданд, Паёмбари Худо (с) чунин ҷавобашон дод:

– Роҳи шутурро кушода доред, дар ҳақиқат шутур амркардашуда аст.

Ва ин ҷамъият ба маҳаллаи бани Баёза расиданд, пас ба маҳаллаи бани Соъида, пас ба маҳаллаи бани Ҳорис ибни Хазраҷ, пас ба маҳаллаи бани Адий ибни Наҷҷор... ва ҳар яке аз фарзандони қабилаҳои зикршуда пеши роҳи уштурро мегирифтанд ва зорӣ мекарданд, ки Паёмбари Худо (с) бо фаромаданаш дар ҳавлии онҳо, онҳоро хушбахту сарфароз намояд ва Паёмбари Худо (с) дар ҳоле ки дар лабонаш табассуми ризомандона давр мехӯрд, чунин ҷавобашон медод:

– Роҳи уштури маро озод бигзоред, зеро он амр карда шудааст.

Ва дар ҳақиқат, Паёмбари Худо (с) ихтиёр намудани макони нузулашро ба қазои илоҳӣ супурд. Он ҷоеро, ки анқариб барои он манзил бузургӣ ва ҳашамати азим ато хоҳад шуд ва болои замини он масҷиде бино хоҳад ёфт, ки ба тамоми дунё суханони Худо ва нури Худовандӣ аз он масҷид хоҳад расид. Ва дар паҳлӯи он ба зудӣ як ҳуҷра ё якчанд ҳуҷрае аз лой ва хишт бино хоҳад шуд, ки дар онҳо аз матоъи дунё ба ғайри қути лоямут ва ё камтар чизи дигаре нест. Ба зудӣ дар он ҳуҷраҳо муаллиме ва Паёмбаре зиндагӣ хоҳад намуд, ки

омадааст, то дар рӯҳи хомӯшшудаи зиндагӣ ҷони тозае бидамад ва то барои касоне, ки мегӯянд: Парвардигори мо Аллоҳ аст ва баъд аз гуфтани ин калима ба он истиқомат меварзанд, тамоми шарофатмандӣ ва амнияту сулҳро ато намояд.

Ояти карима: Барои он касоне, ки имон овардаанд ва имонашонро ба зулму ситам наомехтаанд. (сураи Анъом ояти 82).

Ояти карима: Барои касоне, ки дини худро холис барои Худо гардонидаанд. (сураи Нисо ояти 146).

Барои он касоне, ки дар рӯи замин ислоҳкорӣ мекунанд ва фасод наменамоянд.

Оре, Паёмбари Худо (с) хеле кӯшиш намуд, интихоби ҷои истиқоматашро ба қазову қадаре бисупорад, ки қадамҳои ӯро ба сӯи пеш мекашад. Аз ҳамин сабаб ӯ низ лаҷоми уштурашро озод гузошт ва уштурро раҳо кард. Ва гардани уштурро ба ин тарафу он тараф тоб намедод ва қадаммониашро бознамедошт. Бо қалбаш ба сӯи Худо таваҷҷуҳ намуд ва бо забонаш ба сӯи Худо тазаррӯъ намуда, дуъо мекард:

– Худоё, барои ман хайру баракат ато фармо ва барои ман макони поке ихтиёр ва интихоб намо.

Ва дар назди ҳавлии Молик ибни Наҷҷор уштури Паёмбар (с) зону зада хобид. Баъд аз он бархост ва дар он макон чанде ин тарафу он тараф давр зад, баъд аз он ба ҷои аввали зонузадааш баргашт ва бори дуюм бо синааш хобид ва дар ҷои худаш истода шуд ва Паёмбар (с) аз болояш фуруд омад, дар ҳоле ки бо худ фоли нек мегирифт ва башорат меёфт.

Ва яке аз мусалмонон пеш омад, дар ҳоле ки чеҳрааш аз ғояти хурсандӣ ва фараҳ барқ мезад. Пеш омаду борҳои болои уштурро бардошт ва ба хонааш даровард ва Паёмбарро низ барои даромадан даъват намуд. Паёмбари Худо (с), ки хайру баракат атрофи ӯро печонида буд, аз қафои ӯ ба хона даромад. Ин шахси саъодатманд ва ваъдакардашудае, ки уштури Паёмбар (с) дар назди ҳавлии ӯ зону зада хобид, кист? Кист он ки Паёмбари Худо (с) меҳмони ӯ шуд ва тамоми бошандагони Мадина барои ин насибаи комил ба ӯ ҳасад мебаранд?

Ӯ қаҳрамони қиссаи навбатии мо, Абуайюби Ансорист, ки Холид ибни Зайд ном дорад ва набераи Молик ибни Наҷҷор аст.

* * *

Ин мулоқоти аввалини Абуайюб бо Паёмбар (с) набуд. Ӯ пеш аз ин ҳамроҳи як гурӯҳ намояндагон аз Мадина ба қасди байъати

Паёмбар (с) дар Макка хориҷ шуда буд. Ӯ барои байъати машҳури муборак, ки байъати Ақабаи дуввум ном дорад, бо ҳафтод нафар мӯъмине, ки дастҳои рости худро ба дасти рости Паёмбар (с) сахт ниҳода бо ӯ байъат намуданд ва барои нусраташ аҳд карданд, ба Макка рафта буд.

Ва акнун, ки Паёмбари Худо (с) ба Мадина ташриф меорад ва он ҷоро ҳамчун пойтахт барои дини Худо интихоб менамояд, Худованд ба сабаби некрӯзии комили Абуайюб ҳавлии ӯро аввалин сукунатгоҳ барои ин муҳоҷири бузург ва Паёмбари карим (с) гардонид.

Ва ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) истиқоматро дар табақаи поёни хонаи Абуайюб ихтиёр намуд, вале ҳамин ки Абуайюб ба ҳуҷраи худ дар табақаи боло баромад, ӯро ларза фаро гирифт ва натавонист, ки ба худ тасаввур кунад, ки вуҷуди ӯ истода ё хобида дар ҷое бошад, ки болотар аз ҷоест, ки Паёмбари Худо (с) меистад ва ё мехобад.

Ва ӯ дар ҳузури Паёмбар (с) зориву илтиҷо намуд, ки ба табақаи боло бигузарад. Пас Паёмбари Худо (с) хоҳиши ӯро ба амал баровард.

Акнун он лаҳза дур нест, ки Паёмбари Худо (с) то тамом шудани бинои масҷид ва ҳуҷрае барои ӯ дар паҳлӯи масҷид, ин ҷо истиқомат мекунад.

Ва аз замоне, ки Қурайш мисли паланг бар зидди Ислом найранг оғоз кард ва бар болои дори ҳиҷрат "Мадина" ҳуҷум овард ва дигар қабилаҳоро бар зидди Ислом бархезонид ва лашкарҳоро аз ҳар тараф ҷамъ намуд, то нури Худоро хомӯш созад. Аз лаҳзаи оғози ин душманӣ Абуайюб барои худ пешаи ҷиҳод дар роҳи Худоро интихоб намуд. Дар Бадр, Уҳуд, Хандақ ва дар тамоми саҳнаҳо ва ғазоҳо ин диловар ҳозир буд. Дар ҳоле ки нафсу молашро барои Парвардигори оламиён бахшида буд.

Баъди вафоти Паёмбари Худо (с) ӯ дар ҳамаи набардҳои бар зидди мусалмонон оғоз шуда иштирок дошт ва ҳеҷ гоҳ аз набард ва машаққатҳои дар роҳи ҷиҳод ба миён омада тахаллуф наварзид. Ва шиори ӯ доимо, шабу рӯз ва ошкору пинҳон ин сухани Худо буд:

– Ҳама якҷоя сабук ва вазнин ба муқобили душманонатон бархезед. (сураи Тавба ояти 41).

Ҳамагӣ як маротиба аз лашкаре, ки халифа амирии онро ба як ҷавоне аз мусалмонон дода буд, ки аморати ӯ Абуайюбро қонеъ карда наметавонист, тахаллуф варзид.

Оре, ҳамагӣ як бор, вале бо вуҷуди ин, пушаймониаш барои чунин мавқифгириаш нафсашро ба зилзила овард ва гуфт:

– Барои ман чӣ бок, ки чӣ касеро бар болои ман ҳоким месозанд.

Баъд аз он дигар ягон ҷанг аз вай фавт нагардидааст.

Барои ӯ басанда аст, ки ӯ ҳамчун як размандаи лашкари ислом зиндагонӣ кунад ва таҳти байрақаш биҷангад ва аз ҳурматҳои ислом дифоъ намояд.

Вақте ки ихтилоф байни Алӣ (р) ва Муъовия (р) сар зад, ӯ бе ҳеҷ тардид дар ҷониби Алӣ (р) истод, зеро ӯ имоми мусалмонон буд, ки байъати мусалмонон ба вай дода шудааст.

Вақте ки Алӣ (р) шаҳид гардид ва хилофат ба Муъовия гузашт, Абуайюб ҳамроҳи нафси зоҳидаш, устувор ва бо парҳезгории худ истод, ки аз дунё ғайри ин ки дар рӯи замин дар маъракаи ҷанг ӯ дар миёни муҷоҳидон бошад, дигар чизеро орзу надошт.

Чун ӯ лашкари исломро дид, ки сӯи Қустантания ҳаракат менамояд, дарҳол аспашро савор шуд ва шамшерашро гирифт ва дар пайи ҷустуҷӯи шаҳодати бузурге гардид, ки аз дер замон ба сӯи он дилкашолӣ дошт ва муштоқаш гардида буд. Ва дар ҳамин набард ҷароҳатдор шуд. Ва амири лашкар ба аёдати ӯ омад ва дар он ҳол охирин нафасҳояш ба шавқу рағбат ба сӯи лиқои Худованди бузург мусобиқа менамуданд (яъне дар лаҳзаи мавт қарор дошт). Пас амири лашкар, ки Язид ибни Муъовия буд, аз ӯ пурсид:

– Эй Абуайюб, чӣ ҳоҷате дорӣ?

Ту (эй хонандаи азиз) чӣ мепиндорӣ ва оё дар миёни мо касе ҳаст тасаввур карда тавонад, ки ҳоҷати баёнкардаи Абуайюб чӣ буд?

Ҳаргиз касе тасаввур карда наметавонад. Пас ба таҳқиқ ҳоҷати ӯ дар лаҳзае, ки рӯҳи худро қурбон мекард, чизе буд, ки ҳар як тасаввурро ва ҳар тахайюлро барои фарзандони инсон оҷиз месозад.

Ӯ ба таҳқиқ аз Язид талаб намуд:

Чун бимирам, ҷисми маро болои аспам бор кунед ва бо ин асп ҷисмамро ба дуртарин масофае, ки мумкин бошад, дар замини душман бибаред ва он ҷо дафн кунед, баъд аз он бо лашкар дар тӯли ин масофа ҳуҷум намоед, то ки мондани суми аспҳои мусалмононро дар болои қабрам бишунавам, пас он ҳангом дарк кунам, ки ба таҳқиқ мусалмонон ба нусрат ва ғалабае, ки мехостанд, расиданд.

Оё ту ин суханонро шеър мепиндорӣ?

Не инҳо хаёл ҳам нестанд, балки воқеият ҳастанд ва ҳақиқате ҳастанд, ки дунё замоне шоҳиди он буд. Ва бо чашмонаш медид ва бо гӯшҳояш мешунид ва наметавонист, ки дида ва шунидаашро бовар кунад

Ва Язид васияти Абуайюбро иҷро намуд.

Ва дар қалби Қустантания – ки имрӯз Истамбул аст, ҷасади як марди бузург, хеле бузург хобидааст.

Ва ҳатто пеш аз он ки ислом ин сарзаминҳоро ишғол намояд, аҳолии Қустантанияи Рум ба сӯи қабри Абуайюб ҳамчун ба як шахси муқаддасу пок назар доштанд.

Ва воқеъан ҳам кас таъаҷҷуб мекунад, чун мебинад, ки тамоми таърихнигорон ин воқеъаҳоро навишта мегӯянд:

Румиҳо қабри ӯро ҳурмат мекарданд ва ба зиёраташ мерафтанд ва вақте ки қаҳтсолӣ мешуд, ба назди қабри Абуайюб омада, талаби борон менамуданд.

* * *

Бо вуҷуди набардҳои пайи ҳам, ки тамоми ҳаёти Абуайюбро фаро гирифта буданд ва он маъракаҳо ӯро фурсате намедоданд, ки лаҳзае шамшерашро гузошта истироҳат намояд, зиндагии ӯ ором ва пурбаракат буд. Ин аз он сабаб буд, ки аз Паёмбари Худо (с) ҳадисе шунида буд ва ӯро дар ёд нигоҳ медошт:

– Вақте ки ту намоз гузоридӣ, чунон намоз бигзор, ки гуё ту акнун видоъ мекарда бошӣ (яъне мемурда бошӣ) ва суханеро, ки аз вай узр пурсидан лозим аст, нагӯй ва аз он чизе, ки дар дасти мардум аст, ноумед шав.

Ҳамчунин ӯ ҳеҷ гоҳ забонашро дар фитнае ҳамроҳ накард ва нафсашро ба сӯи ягон тамаъе роғиб нанамуд ва ҳаёташро дар шавқу рағбати обидона ва зуҳду бедории видоъкунанда гузаронид.

Вақте ки аҷалаш даррасид, барои вай дар дарозиву паҳноии дунё ҳоҷате ҷуз ҳамин орзуе, ки зиндагонии ӯро дар диловарӣ ва азаматаш тасвир менамояд, чизи дигаре набуд:

– Ҷисми маро дуродур баред, дар сарзамини Рум. Ва маро он ҷо дафн кунед.

* * *

Ӯ ба пирӯзии ислом бовар дошт ва бо нури басираташ ин сарзаминҳоро медид ва ба таҳқиқ (пешакӣ) ҷояшро дар миёни воҳаҳои сарзамини ояндаи ислом гирифт ва дар ҳудуди партави нури ислом дохил шуд.

Аз ҳамин ҷиҳат хост, ки ҷои бошиш ва оромгоҳи охиринаш он ҷо бошад. Дар пойтахти ин сарзамин. Дар ҷое, ки ба наздики набарди охирину ҳалкунанда баргузор мегардад ва ҷое, ки метавонад дар зери хоки вай лашкари исломро дар ҳолати ҳуҷум ва пешравиаш наззора

намояд, овози лаппиши байрақҳояшро бишнавад ва овози шиҳаи аспонашро ва овози ниҳодани қадамҳояшонро ва садои ба ҳам бархӯрдани шамшерҳояшонро бишунавад. Ва ӯ имрӯз дар он ҷо оромона хобидааст. Дигар овози ҷарангоси шамшерҳоро ва шиҳаи аспонро намешунавад. Пас он чӣ шуданӣ буд, шуд ва киштӣ аз роҳҳои дур гузашта дар болои кӯҳи Ҷудӣ бинишаст (ишора ба қиссаи Нуҳ (а), ки киштиаш баъди сафари тӯлонӣ бар болои кӯҳи Ҷудӣ нишаст мақсад ин ки мусалмонон баъди салтанату қудрат хору нотавон гардиданд – мутарҷим), лекин ӯ ҳар рӯз аз субҳ то шом садои дилнишини азонеро, ки аз манораҳои мисли найзаҳо росткардашуда дар уфуқ истодаанд, мешунавад.

Аллоҳу акбар... (Худованд бузургтар аст)

Аллоҳу акбар...

Ва рӯҳи хушу хуррами ӯ, ки дар ҳавлии ҷовидониаш ва дар партави бузургиаш сукунат дорад ҷавоб медиҳад:

– Ин ваъдаест, ки Худо ва Расули ӯ ба мо карда буданд.

Ва Худованд ва Расули ӯ (с) рост гуфтанд. (сураи Аҳзоб ояти 22).

## 34. АББОС ИБНИ АБДУЛМУТАЛЛИБ
## Соқии Ҳарамайн

**Дар соли Раммода (ҳалокӣ) вақте, ки бандагони Худо ва сарзаминҳо ба қаҳтии сахте гирифтор шуданд, амири мӯъминон Умар (р) ҳамроҳи дигар мусалмонон ба фазои кушод баромаданд ва намози талаби борон хонданд ва ба сӯи Худованди раҳим тазаррӯъ менамуданд, то ки ба сӯи онҳо борон бифиристад.**

Умар (р) дар ҳоле, ки дасти Аббосро бо дасташ дошта буд, онро ба сӯи осмон баланд карда гуфт:

– Худовандо мо ба ҳурмати Паёмбари ту (с) талаби борон менамудем, дарҳоле ки ӯ байни мо буд. Худовандо! Мо имрӯз ба ҳурмати амакии Паёмбарат талаби борон менамоем. Пас моро об бинӯшон.

Мусалмонон ҳоло ҷойҳои худро тарк накарда буданд, ки борон борид ва хеле ҳам сахт борид. Ва мужда меовард ва серобиро ато мекард ва заминро ҳосилхез менамуд. Саҳобагон рӯ ба Аббос оварданд ва ӯро оғӯш намуда мебӯсидандаш ва аз вай табаррук меҷустанд. Онҳо чунин мегуфтанд:

– Хушо ба ҳоли ту, соқии Ҳарамайн.

Пас ин соқии Ҳарамайн кист? Ӯ чӣ касест, ки Умар (р) ба воситаи ӯ ба сӯи Худо тавассул ҷуст?

Ҳол он ки мо Умарро мешиносем, аз рӯи тақвояш ва собиқаи исломаш, бо ҷоҳу манзалаташ дар назди Худо ва Расули ӯ (с) ва дар назди мусалмонон. Ин шахси бузург Аббос амакии Паёмбари Худост.

Расули Худо (с), ӯро хеле бузургдошт мекард, ба он ҳадде, ки ӯро дӯст медошт. Ӯро таъриф мекард ва хислату рафтори ӯро ситоиш намуда мегуфт:

– Ин кас аз бозмондаҳои падарони ман аст.

* * *

Ин шахс, Аббос ибни Абдулмуталлиб аст, ки саховатмандтарини Қурайш аст.

Ҳамчунон, ки Ҳамза амакии Паёмбар (с) ва ҳамсоли ӯ буд, ҳамчунин буд Аббос (Худо аз ҳардуяшон розӣ бод). Пас Аббос ва Паёмбарро ғайри ду ё се сол дигар чизе дар сину солашон ҷудоӣ намеандозад, ки ин ду-се сол умри Аббос бузургтар буд аз умри Паёмбар (с).

Ҳамчунин Муҳаммад (с) ва амакаш Аббос ду тифле буданд аз як насли воҳид.

Фақат қаробати хунии онҳо ягона пайванди муҳаббати онҳо набуд, балки инчунин ҳамсолӣ ва садоқати сину сол низ таъсир дошт.

Ва чизи дигаре, ки ченаку меъёри Паёмбар (с) дар шинохтани мардум онро доимо дар ҷои аввал мегузорад. Ин ҳам бошад, хислат ва рафтори Аббос аст. Аббос саховатманд буд ва гоҳо дар саховатмандӣ аз андоза мегузашт.

Ӯ бо вуҷуди ҳамаи ин марди бофаҳм ва зирак буд. Ба воситаи ин фаҳму идрокаш, ки дар байни Қурайш мартабаи ӯро баланд намуда буд, тавонист, ки ранҷу машаққатҳои зиёдеро аз Паёмбар (с) дур созад, дар ҳоле ки даъваташро ошкоро намуд.

* * *

Ҳамза, ҳамчунон ки пеш аз ин дар рафти қиссаи ӯ мушоҳида намудем, зулми Қурайшро ва кибру ғурури Абуҷаҳлро бо шамшери зарбазананда пешгирӣ мекард.

Аммо Аббос бошад, ин фитнаҳоро бо фаҳму зиракии худ пешгирӣ менамуд.

Аббос исломи худро дар соли фатҳи Макка ошкор кард. Аз ин ҷиҳат баъзе муаррихон, ӯро аз ҷумлаи шахсоне шумориданд, ки дар ислом овардан таъхир намуданд. Вале ривоятҳои дигаре аз таърих далолат бар он мекунанд, ки ӯ аз ҷумлаи мусалмонони барвақт исломоварда буда, вале исломашро пинҳон медошт.

Абурофеъ, хидмадгори Паёмбар (с) мегӯяд:

– Ман ғуломи Аббос ибни Абдулмуталлиб будам ва ислом дар миёни мо аҳли байти Паёмбар (с) дохил шуда буд. Пас Аббос имон овард ва умми Фазл (занаш) низ имон овард ва ман низ имон овардам. Вале Аббос имонашро пинҳон менамуд.

Ин ривояти Абурофеъ аз ҳоли Аббос ва ислом оварданаш пеш аз ғазои Бадр ба мо ривоят мекунад. Ин ҳангом маълум гардид, ки Аббос пештар мусалмон шуда будааст. Ва истиқомат намудани ӯ дар Макка, пас аз ҳиҷрати Паёмбар (с) ва саҳобагонаш, нақшае будааст, ки ба беҳтарин сурат вазифаашро анҷом додааст.

Қурайш шакку шубҳаи худро нисбати кору нақшаҳои Аббос пинҳон наменамуд, вале инчунин далелу роҳе барои муқобила кардан бар зидди вай низ надоштанд, зеро ӯ дар зоҳири кор ба як рафторе ва дине буд, ки Қурайш аз ӯ розӣ мешуданд.

Чун ғазои Бадр пеш омад, Қурайшиён ин фурсатро барои фаҳмидани ботин ва ҳақиқати Аббос ғанимат шумориданд.

Аммо Аббос бо зиракӣ ва ҳӯшёрии худ аз таваҷҷуҳу майлони ин макри бади Қурайш, ки ба воситаи он дардҳои худро мехоҳад шифо бахшида, нақшаи сӯи қасди худро тартиб дода, амалӣ намояд, ғофил намонд.

Вале агар Аббос дар расонидани хабарҳои Қурайш ва ҳаракатҳояшон ба Паёмбар (с) дар Мадина муваффақият ҳосил намуда бошад, Қурайш дар тела додани вай дар як маъракаи ҷанге, ки ба он имон надорад ва ӯро намепазирад, муваффақият ҳосил менамояд, вале ин муваффақияти Қурайш як лаҳзаина буд ва чанде нагузашта бар сари Қурайшиён хасорат ва ҳалокат овард.

* * *

Ду гурӯҳ бо якдигар дар ғазои Бадр рӯ ба рӯ шуданд ва дар айни ҷушӯ хӯруши ҷанги даҳшатнок шамшерҳо бо ҳам бархӯрданд, ки тақдири ҳар яке аз ду ҷамъият ва гурӯҳро муайян менамуданд.

Дар ҳамин ҳол Паёмбар (с) дар миёни саҳобагонаш чунин нидо кард:

– Ба таҳқиқ, мардоне аз бани Ҳошим ва аз ғайри бани Ҳошим бо маҷбурият ба ҷанги зидди мо хориҷ карда шуданд. Онҳо ҳеҷ майле барои ҷанг ба муқобили мо надоранд. Агар яке аз шумо бо ягон нафари онҳо рӯ ба рӯ ояд, онҳоро накушед. Касе Абулбухтурӣ ибни Ҳишом ибни Ҳорис ибни Асадро бубинад, ӯро накушад. Ва касе, ки Аббос ибни Абдулмутталибро бубинад, ӯро накушад, зеро онон маҷбуран ба ин ҷо омадаанд.

Паёмбари Худо (с), бо ин амалаш мақсади онро надошт, ки амакаш Аббосро ягон ҳуқуқу манзалати хоссае бидиҳад, ки ин мавқеъ ҷои боло донистани касе нест.

Ва Муҳаммад (с) аз он касоне нест, ки сарҳои дӯстонашро аз тан ҷудо бинад ва донад, ки амакаш аз ҷумлаи мушрикон аст ва ӯро шафоъат кунад.

Оре, Паёмбар (с) аз муҷарради талаби мағфират аз Худо барои амакаш Абутолиб манъ карда шуд, бо вуҷуди бисёрии некиҳо ва қурбониҳое, ки Абутолиб дар ҳаққи Паёмбар (с) ва ислом карда буд.

Ин сухан ба мантиқу ақл дуруст намеояд, ки марде биёяд дар ғазои Бадр ва ба сӯи касоне, ки падарҳо ва бародарони мушрики худро кушта истодаанд, бигуяд, ки амакии маро истисно кунед ва накушедаш.

Аммо Паёмбар (с) ҳақиқати амакашро медонад ва медонад, ки қалби ӯ дар худ исломро нигоҳ медорад. Ва ӯ аз дигарон зиёдтар хидматҳои нонамоёни барои ислом анҷомдодаи ӯро медонад. Ва медонад, ки бо зурӣ ба ҷанг берун оварда шудааст. Пас бар ӯ лозим меояд, ки каси ҳолаш чунин бударо наҷот бидиҳад ва ҳаддалимкон аз рехтани хунаш ҷилавгирӣ намояд.

Вақто ки Абулбухтари ибни Ҳорис як шахсияте, ки қаблан ислом наовардааст, то ӯро пинҳон кунад ва на пинҳонӣ хидмате ба ислом намудааст чун Аббос.

Тамоми фазилати ӯ ин буд, ки пешвоёни Қурайшро дар фуруд овардани зарар ва зулм бар болои мусалмонон, ёрӣ ва мушорикат нанамудааст ва аз корҳое, ки дар ҳаққи мусалмонон кардаанд, розӣ набудааст ва ӯ ба сӯи ғазои Бадр маҷбурӣ берун омадааст.

Чун Абулбухтурӣ, ки ҳолаш чунин аст, ба шафоъати Паёмбар (с) сарафроз шавад, то хунашро беҳуда нарезанд ва ҳаёташро қатъ нанамоянд, оё ба чунин шафоъат як мусалмоне, ки исломашро пинҳон медошт, сазовор нест? Ва марде, ки барои ӯ дар нусрат додани ислом хадамоти ошкоро аст ва чандин хидматҳоест, ки пардаи пинҳонӣ болои онҳоро пӯшонидааст, ба ин шафоъат ҳақ надорад?

Бале, ҳақ дорад ва сазовор аст ва ҳамон мусалмон ва ҳамон ёвар Аббос аст. Биёед барои мушоҳидаи корҳои ӯ каме ба қафо баргардем.

* * *

Дар байъати Ақабаи сонӣ, чун гурӯҳи намояндагони ансор дар мавсими ҳаҷ ба Макка ташриф оварданд, ки теъдодашон 73 мард ва 2 зан буданд. Онҳо азм доштанд, то барои Худо ва Расулаш (с) аҳду байъати худро бидиҳанд ва ҳамроҳи Паёмбар (с) иттифоқ кунанд барои ҳиҷрат ба сӯи Мадина.

Паёмбари Худо (с) хабари ин гурӯҳ ва ин байъатро ба амакаш Аббос расонид ва Паёмбар (с) ба амакаш дар тамоми раъяш эътимод дошт.

Вақте ки соати он мулоқоти сиррӣ ва пинҳонӣ фаро расид, Паёмбар (с) ва амакаш Аббос ба он ҷое, ки ансор мунтазираш буданд, берун омаданд. Аббос хост, ки қуввату устувории қавмро озмоиш кунад ва аз ҷониби онҳо нисбати Паёмбар (с) боварӣ ва эътимод пайдо намояд.

Биёед бигузорем, ки яке аз аъзоён ва иштирокдорони он гурӯҳ, он қиссаро барои мо ривоят кунад, чунон ки шунида ва дидааст. Он кас Каъб ибни Молик мебошад:

– Мо дар дараи кӯҳӣ нишаста интизории Паёмбарро (с) менамудем, то ин ки ӯ омад ва ҳамроҳаш амакаш Аббос низ буд. Аббос суханро оғоз намуда гуфт:

– Эй ҷамоъаи Хазраҷ, ба таҳқиқ Муҳаммадро дар миёни мо медонед, ки чӣ қадру манзалате дорад ва ба таҳқиқ мо ӯро аз зарару заҳматрасонии қавм ҳимоя намудем. Пас ӯ дар иззат аст аз тарафи қавмаш ва дар мамлакати худ дар ҳимоят аст. Ва ба таҳқиқ ӯ бо вуҷуди ин ҳама мехоҳад ба сӯи шумо биравад ва бо шумо бипайвандад.

Агар шумо ба худ боварӣ дошта бошед, ки бо ин даъвати худ, ӯро ёрӣ медиҳед ва аз мухолифонаш ҳимояташ мекунед, пас ин масъулиятро ба ӯҳда бигиред ва оқибаташро худатон медонед. Вале агар шумо тасаввур кунед, ки дар охир таслимаш мекунед ва баъди ба сӯи шумо рафтанаш хораш месозед, пас беҳтар он аст, ки ҳозир бигузоредаш.

Вақте ки Аббос ин суханони қотеъонаашро мегуфт, чашмонаш мисли чашмони уқоб дар рӯи ансор менигаристанд ва таъсири калом ва аксулъамали сариъи онро мушоҳида менамуданд. Аббос бо ин ҳам қаноъат накард, зеро зиракии вай, зиракии амалист, ки ҳақиқатро дар муҳити моддиаш амиқ меозмояд ва тамоми ҷиҳатҳои он корро ҳамчун ҳисобгари огоҳ ҳамаҷониба мувоҷеҳ мешавад.

Аз ин ҷиҳат боз суханонашро бо ансор бо як суоли зиракона аз нав ифтитоҳ намуд ва гуфт:

– Шумо барои ман чӣ гуна ҷанг карданро васф кунед. Бигуед, ки шумо бо душманонатон чӣ гуна меҷангед?

– Аббос бо зиракиву таҷрибааш дарк мекард, ки ноилоҷ ҳамроҳи Қурайш ҷанг пеш меояд. Ҷанг байни ислом ва ширк ва Қурайш ҳаргиз аз динаш ва бузургманишиаш ва саркашиаш паст намефарояд. Ва ислом низ чун дини ҳақ аст, ҳаргиз барои ботил аз ҳуқуқи машруъаи худ, даст намекашад.

Агар ин тавр аст оё ансор , ки аҳли Мадинаанд, агар ҷанг ба миён ояд, устуворӣ доранд?

Ва оё онҳо аз лиҳози маҳорат ва омодагии ҷангӣ ҳамсанги Қурайш ҳастанд? Фанни ҳуҷум ва қафонишинию ҷангиданро хуб медонанд.

Аз ҳамин сабаб ӯ суоли худро бори дигар такрор намуд:

– Шумо барои ман чӣ гуна ҷанг карданро васф кунед. Бигуед, ки шумо бо душманонатон чӣ гуна меҷангед?

Ансор, ки суханони Аббосро мешуниданд, мардоне буданд мисли кӯҳ устувор. Ва ҳамин ки Аббос суоли барангезонанда ва

таҳрикдиҳандаашро дод, даррав ансор ба сухан даромаданд. Ва Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром дар ҷавоб ба сухан оғоз кард:

– Қасам ба Худо, мо аҳли ҷанг ҳастем. Мо ба ҷанг ғизо хӯрдаем ва барои ҷанг машқ дода шудаем ва ҷанговариро аз аҷдоди худ насл ба насл мерос гирифтаем.

Мо аввал бо тир мезанем то ин, ки тирҳоямон тамом шавад.

Баъд ба найзаҳо мезанем, то ин ки найзаҳо бишкананд.

Баъд бо шамшерҳоямон меҷангем, то ин ки пешоҳангони мо ва ё пешсафи душман ҳалок шавад.

Аббос хеле хушҳол шуд ва гуфт:

– Ин тавр бошад, шумо аҳли ҷанговар будаед ва магар зиреҳи ҷангӣ доред?

Онҳо гуфтанд:

– Оре, назди мо зиреҳҳои ҷангӣ ҳаст.

Баъди ин як сӯҳбати хеле дилчасп байни Паёмбар (с) ва ансор доир гардид. Сӯҳбате, ки агар Худо хоҳад ба зудӣ сари он меоем.

* * *

Ана ин аст мавқифи Аббос дар байъати Ақабаи дуввум.

Баробараст, ки ӯ он дам исломро қабул намуда бошад ва ё ҳоло ба фикр кардан машғул буд. Вале ин мавқифи азими вай дар он рӯз ҷойгоҳи ӯро дар миёни қувваҳои торики ғурубкунанда ва рӯшноии аз пешоянда муайян месозад ва сурати мардонагӣ ва устувории ӯро дар роҳи ҳақ инъикос менамояд.

* * *

Акнун рӯзи Ҳунайн фаро мерасад, то фидокории ин шахсияти дар таваҷҷуҳаш ором ва мулоимрафторро таъқид намояд. Ва дар рӯи маъракаи корзор як диловариеро ба намоиш бигузорад, ки замону маконро пур месозад, вақто ки ба он ҳоҷат афтад, вале дар ғайри мавзиъи ҳоҷат ӯ аз назарҳо пӯшида аст ва нонамоён.

* * *

Дар соли ҳаштуми ҳиҷрат ва баъди он ки Худованд Маккаро барои Паёмбараш ва динаш кушода кард ва ин фатҳ барои баъзе ҳукуматдорони қаблии ҷазираи Араб хеле гарон афтид.

Бо ин андеша қабилаҳои Ҳавозин, Сақиф, Наср, Ҷушам ва дигарон ҷамъ шуданд ва бо ин қарор омаданд, ки бар зидди Паёмбар (с) ва мусалмонон як ҷанги тақдирсозро омода намоянд.

Аммо истилоҳи “қабилаҳо” бояд моро дар иштибоҳ наандозад, зеро табиати ин ҷангҳое, ки Паёмбар (с) дар тӯли ҳаёташ ба онҳо рӯ ба

рӯ омад, саҳл ва дар доираи заду хурдҳои маъмулӣ ва хонаводагии хурд набуданд, чунки дар он замон ҳеҷ ҷанге сахттар аз ҷанги ин қабилаҳо дар қалъаҳояшон набуд.

Фикри ин ҳақиқат на танҳо моро аз кӯшишҳо ва ҷонфидоиҳои Паёмбар ва асҳобаш огоҳ месозад, балки ифодагари қимати воқеъии нусратест, ки ислом ва муслимин онро соҳиб гардиданд ва инъикоси тавфиқи додаи Худост барои ин нусрату пирӯзӣ.

* * *

Ин қабилаҳо дар сафҳои пурҳашамати бузурге аз муқотилони ашаддӣ гирд омаданд.

Ва мусалмонон ба дувоздаҳ ҳазор нафар ба муқобили онҳо баромаданд. Дувоздаҳ ҳазор ва аз киҳо иборат буданд?

Аз он касоне, ки дирӯзакак Маккаро фатҳ намуданд ва ширку бутҳоро ба суи нобудӣ гусел карданд ва байраққояшон бе ягон муқобилият баланд гардида уфуқи осмонро пур месохт. Ва ин ғолибиятҳо омилҳое ҳастанд, ки кибру худситоиро бармеангезонанд. Ва мусалмонон низ башар ҳастанд, аз ҳамин ҷиҳат дар баробари худситоӣ ва фахре, ки омилаш адади зиёд ва низоми мустаҳкамашон буд заъф нишон дода гуфтанд:

– Акнун мо имрӯз аз рӯи камии шумораамон ҳаргиз мағлуб намешавем.

Вақте ки осмон мусалмононро барои як мақсади бузурге омода месохт, ки ӯ бузургтар ва баландтар аз ҷанг буд. Пас такя намудан ба қуввати аскарияшон ва ба ғалабаи ҷангӣ фахр намуданашон як амали ғайри солиҳ буд. Ва зарур буд, ки аз ин амал тезтар даст бикашанд, агарчанде бо як зарбахурдани шифобахшанда ҳам бошад. Ва ҳамин зарбаи шифобахш, як шикасти бузурги ногаҳонӣ буд дар аввали ҷанг, то ин ки ба сӯи Худо ба зорӣ даромаданд ва аз қуввату қудрати худ гузашта ба қуввати Худо рӯй оварданд, пас шикасташон ба ғалаба мубаддал гашт ва Қуръони карим фуруд омад, ки ба мусалмонон чунин мегуфт:

Ва дар ҷанги Ҳунайн, ки фирефтаю мағрури бисёрии лашкари ислом шудед ва он лашкари зиёд аслан ба кори шумо наомад ва замин бадон фарохӣ бар Шумо танг шуд, то он ки ҳама рӯ ба фирор ниҳодед.

Он гоҳ Худои қодири мутлақ виқор ва сакинаи худро бар Расули худ ва мӯъминин нозил фармуд ва лашкарҳое аз фариштаҳо, ки шумо намедидед, ба мадади шумо фиристод ва кофиронро ба азоб ва зиллат афканд ва ин аст ҷазои кофирон (Сураи Тавба, оятҳои 25-26)

* * *

Дар он рӯз садои Аббос ва устувориаш аз ҷумлаи равшантарин мазоҳири оромӣ ва ҷонфидоӣ буд. Ҳангоме ки мусалмонон дар яке аз водиҳои Тиҳома ҷамъ шуда буданд ва омадани душманонашонро интизорӣ мекашиданд, мушрикон аз онҳо пешдастӣ намуда ба водӣ омада дар дараҳои он ҷо ва гардишҳои он водӣ камин гирифта ва аслиҳаҳояшонро тез намуда ва оғози ҳуҷумро ба даст гирифта буданд.

Ва дар як лаҳзаи ғафлат бар болои мусалмонон ногаҳон ҳуҷум намуданд ва ин ҳодиса мусалмононро маҷбур сохт, ки бигурезанд ва касе ба каси дигараш нангарад.

Чун Паёмбари Худо (с) дид, ки ҳуҷуми ногаҳонии рабоянда бар сари мусалмонон чӣ офатеро эҷод намуд, пас болои хачири сафедаш баромада фарёд кашид:

– Ба куҷо меравед, эй мардум!

Ба тарафи ман биёед. Ман Паёмбарам, ҳеҷ дурӯғе нест, ман писари Абдулмуталлибам.

Дар он ҳолат дар атрофи Паёмбар (с) ғайри Абубакр (р), Умар, Алӣ ибни Абутолиб, Аббос ибни Абдулмуталлиб ва фарзандаш Фазл ибни Аббос, Ҷаъфар ибни Ҳорис ва Робиъа ибни Ҳорис, Усома ибни Зайд, Айман ибни Убайд, ки Худованд аз ҳамаи онон розӣ бошад ва чанд гурӯҳи каме аз саҳобагон каси дигаре набуд.

Дар он ҷо як зане буд, ки дар миёни мардон ва диловарон ҷойгоҳи олӣ гирифта буд, Ӯ Умми Сулайм бинти Милҳон буд.

Вақте ки ӯ беҳушӣ ва саргардонии мусалмононро дид, пас ба шутури шавҳараш Абуталҳа (р) савор шуда ба сӯи Паёмбар (с) шитобид. Дар он вақт ҳомила буд. Вақте ки бачааш дар шикамаш ба ҷунбиш даромад, дарҳол либоси болопӯшашро баровардa ва бо он миёнашро мисли миёнбанд сахт барбаст. Дар ҳоле, ки дар дасташ ханҷари кашида дошт, ба назди Паёмбар (с) ҳозир шуд, Паёмбар ба сӯи ӯ табассуме намуд ва гуфт:

– Оё Умми Сулаймӣ?

Он зан гуфт:

– Оре падару модарам фидои ту бод, эй Расули Худо (с).

Ва илова намуд.

– Эй Паёмбари Худо (с), ононеро, ки аз атрофи ту гурехтаанд бикуш, ҳамчуноне ки мекушӣ онҳоеро, ки бо ту меҷанганд, зеро онҳо бо ин сазовор ҳастанд.

Ва боз Паёмбари Худо (с) бо табассуми зебо ва дилкаш ба итминони қалб ба ваъдаи Парвардигораш ба он зан гуфт:

– Худованд кори моро худаш кифоя кард ва аз ҳама хубтар анҷомаш дод, эй Умми Сулайм!

* * *

Ана дар ҳамин ҷой ва дар чунин ҳолат Аббос дар паҳлӯи Паёмбар (с) буд, балки пеши ду пояш, ки лаҷоми хачири Паёмбарро гирифта буд ва бо маргу хатар рӯ ба рӯ мешуд. Ва ӯро Паёмбари Худо (с) амр намуд, ки бо овози баланд фарёд кашад, зеро ки Аббос марди боқувват ва баландовоз буд. Пас ӯ чунин нидо дардод:

– Эй гурӯҳи ансор, эй соҳибони байъат!

Гумон мебурдӣ, ки овози ӯ даъваткунандаи қадар ва тарсдиҳандаи аз қадар бошад. Пас ҳамин, ки ба гӯши он нафароне, ки тарсида буданд ва дар атрофи водӣ парешон гардида буданд, расид, дарҳол ба як овоз гуфтанд (Лабайк-лабайк) ва мисли тундбод ба қафо баргаштанд, то дараҷае, ки баъзе нафаронро шутурашон ва ё аспашон рамида буданд, пас аз болои он худро партофта пиёда шуданд ва зиреҳ, шамшер ва камони худро гирифтанд ва ба сӯи садои Аббос рӯй оварданд. Ва набард аз нав оғоз ёфт, хеле хуношом ва сахт. Паёмбари Худо (с) фарёд кашид.

– Акнун ҷанг гарм шуд!

Оре, ҷанг даргирифт.

Ва куштаҳои Ҳавозин ва Сақиф афтидан гирифтанд ва гурӯҳи Худо бар гурӯҳи Лот пирӯз гардид ва Худованд як оромиеро дар қалби Паёмбар (с) ва дигар мӯъминон андохт.

* * *

Паёмбари Худо (с) амакаш Аббосро хеле зиёд дӯст медошт, то ҳадде ки чун ҷанги Бадр поён ёфт ва амакаш он шабро дар асорат рӯз кард, то саҳар нахобид.

Ва Паёмбар (с) низ ин дилсӯзиву вобастагии худро пинҳон накард. Ҳангоми сабаби бедорхобиашро пурсиданд, чунин ҷавоб дод:

– Ман нолиши Аббосро дар зери бандҳояш шунидам.

Чун баъзе мусалмонон ин сухани Паёмбарро шуниданд, дарҳол ба ҷои исти асирон давиданд ва ресмони Аббосро каме кушоданд ва баргашта ба Паёмбар (с) хабар доданд: Эй Паёмбари Худо (с) мо аз банди Аббос каме кушода намудем.

Вале барои чӣ танҳо Аббосрову бас?

Ана дар ҳамин ҷо Паёмбари Худо (с) ба он саҳобияш гуфт:

– Бирав ва ҳамин корро бо дигар асирон низ анҷом деҳ. (яъне банди дигар асиронро низ суст кун)

Оре, пас дӯстдории Паёмбар (с) барои амакаш маъноеро надорад, ки ӯро аз дигар мардумон, ки дар як зуруфи хос якҷоя ҳастанд ҷудо кунад ва бартар донад.

Вақте, ки мусалмонон ба як қарор омаданд, ки аз асирон фидя бигиранд, Паёмбари Худо (с) ба амакаш гуфт:

– Эй Аббос, ту ба ҷои худат ва ба ҷои писари бародарат Уқайл ибни Абутолиб ва Навфал ибни Ҳорис ва ба ҷои ҳампаймонони худат Утба ибни Амр, бародари бани Ҳорис ибни Фиҳр фидя бидеҳ, зеро ту соҳиби мол ҳастӣ.

Ва Аббос хост, ки аз асорат бидуни фидя халос шавад, бинобар ин гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) ман мусалмон будам, лекин ин қавм маро маҷбур намуданд.

Вале Паёмбари Худо (с) бар фидя доданаш исрор кард ва бинобар ин муносибат Қуръони карим нозил гардид, ки мегуфт:

– Эй Паёмбар барои шахсоне, ки дар дасти шумо ҳастанд аз асирон бигӯ, ки агар Худованд дар дилҳои шумо некиро бубинад ( яъне ниятҳои шумо нек бошад) аз он чизҳое, ки аз шумо гирифта шудааст, беҳтарашро барои шумо медиҳад ва боз шуморо мағфират мекунад ва Худованд мағфираткунандаву меҳрубон аст. (сураи Анфол ояти 70).

Ва ҳамчунин Аббос ба ҷои худ ва ба ҷои ҳамроҳонаш фидя дода ба Макка баргашт ва Қурайш аз ин баъд дигар ӯро аз лиҳози ақлӣ ва ҳидояташ ҳеҷ гоҳ гумроҳ насохтаанд. Баъди чанде молҳояшро ҷамъ намуд ва матоъҳояшро бор кард ва Паёмбарро дар Хайбар дарёфт, то ҷояшро дар миёни қофилаи ислом ва қофилаи мӯъминон бигирад.

Ӯ дар мавқеъи муҳаббати мусалмонон ва бузургдошти азими онҳо қарор гирифт, хусусан вақте ки мусалмонон икром кардани Паёмбарро нисбати ӯ ва муҳабат доштани Паёмбарро нисбати ӯ медиданд ва он суханеро, ки Паёмбар (с) дар шаъни ӯ мегуфт:

– Аббос ба таҳқиқ ба ҷои падарам аст. Пас касе, ки Аббосро биёзорад, ба таҳқиқ маро озор додааст.

Ва Аббос насли бузург ва муборакеро аз худ боқӣ гузоштааст.

Ва он донишманди уммат, Абдуллоҳ ибни Аббос яке аз ҳамин фарзандони мубораки ӯст.

* * *

Дар рӯзи ҷумъаи чаҳордаҳи раҷаби соли сию дуи ҳиҷрат аҳолии қисмати болои Мадина мунодиеро шуниданд, ки нидо мекард:

– Худованд раҳм кунад касеро, ки ба ҷанозаи Аббос ибни Абдулмуталлиб ҳозир шавад.

Мардум фаҳмиданд, ки Аббос дунёро падруд гуфтааст. Ва мардум барои ҷанозааш дар як ҷамоъаи азиме гирд омаданд, ки мисли онро то он вақт касе надида буд. Ва халифаи он рӯзаи мусалмонон Усмон (р) бар вай намоз гузорид. Ва дар зери хоки Бақиъ ҷисми Абулфазл ором гирифта истироҳат дорад. Ва бо хуррамӣ дар миёни некмардони бо Худо аҳду паймон баста хобидааст.

## 35. АБУҲУРАЙРА
### Хазинаи хотироти асри ваҳӣ

**Дуруст аст, ки зеҳну ҳофизаи қавии як шахс аксаран бар зарари ӯст. Ва шахсоне, ки соҳиби қобилияти фавқулъодда ҳастанд, аксар вақт аз худ қимати кореро мепардозанд, ба ҷои он ки мукофоту қадрдонӣ аз дигарон ба онҳо бирасад (яъне ба ҷои фоида зарар мебинанд).**

Ин саҳобии бузург, ки Абуҳурайра аст, аз ҳамин қабил одамон аст.

Ӯ соҳиби насибаи фавқулъоддае буд дар доштани ҳофиза ва қуввати он. Ӯ дар фанни гӯш кардан хеле маҳорат дошт ва ҳофизааш низ дар фанни нигоҳдорӣ ва захира кардани шунидааш фаъол буд.

Мешунид, мефаҳмид пас ҳифзаш менамуд. Баъд аз он ҳаргиз як ҳарферо ва калимаеро аз он чи фаҳмидааст ва ҳифз намудааст, фаромӯш намекард, агарчанде вақти зиёд гузарад ҳам. Аз ҳамин ҷиҳат ин қобилияти Худо бахшидааш ӯро чунин омода сохт, ки аз дигар саҳобагони Паёмбар (с) аз рӯи ҳифзи аҳодис болотар бошад.

Чун асри эҷодкорони ҳадиси дурӯғ сар шуд ва онҳо дар бофта баровардани дурӯғ нисбати Паёмбар (с) тахассус пайдо намуданд, Абуҳурайраро мавқеъи ғарази худ қарор доданд ва бо бадтарин ваҷҳ аз овозаву обрӯи вай дар ривояти ҳадис аз расули Худо сӯи истифода намуданд. Чун ҳадисе аз расули Худо, ба дурӯғ ривоят мекарданд, мегуфтанд: Абуҳурайра гуфт. Ва наздик буд, ки онҳо ба ин феълашон шунидаҳои Абуҳурайра ва ҷоҳу мартабаи ӯро ҳамчун муҳаддис аз Паёмбар Худо (с) зери шубҳа ва суол қарор диҳанд, Агар кӯшиши некукорона ва хориқулъоддае аз ҷониби як зумра мардони бузурги некукор намебуд, зеро онҳо ҳастии худро назр ва фидои хидмати ҳадиси набавӣ намуданд ва барои берун андохтан ва рад намудани ҳар гуна чизи қалбакӣ ва бегона кӯшиш ба харҷ доданд.

Баъди ҳамин Абуҳурайра (р) аз чанголи ухтубути (ҳаштпой) дурӯғҳо ва бофтаҳои фасодкороне наҷот ёфт, ки ирода доштанд ба воситаи он аҳодиси дурӯғин дар ислом тағйирот дохил намоянд ва гуноҳи онро ва дарду ранҷашро ба дӯши Абуҳурайра бор кунанд.

Ва акнун ту воъизеро ва ё нотиқеро ё хатиби ҷумъаро мешунавӣ, ки ин иборати таърихиро мегӯянд:

– Абуҳурайра (р) гуфт: гуфт Расули Худо (с): ...

Ман гуфтаниам, ки ҳар вақте ки ту ин номро ба ҳамин шаклу таркиб мешунавӣ ва ё вақте ки дар китобҳои ҳадис, таърих, фиқҳ ва дин ба сифати умум онро ҳам зиёд дучор меойӣ, пас бидон, ки ту ба шахсияте мулоқот хоҳӣ кард, ки аз ҳамаи саҳобагон дида ба сӯҳбату гӯш кардан бештар майлу хоҳиш дошт. Аз ҳамин сабаб сарвате, ки ӯ аз аҳодиси баёнгару равшан ва аз тавҷиҳоти ҳакимонае, ки аз Паёмбари Худо (с) аз ёд ҳифз намудааст, дар дунё назираш кам ёфт мешавад. Ва ба таҳқиқ вай бо вуҷуди доштани ин қобилияти Худо бахшида ва ин сарват, аз ҷумлаи қудратмантарини саҳобагон аст, барои бурдани ту ба сӯи он рӯзҳое, ки Паёмбар (с) ва саҳобагонаш зиндагонӣ намуданд ва барои ба парвоз даровардани ту агар соҳиби имони қавӣ ва нафси ҳассос бошӣ дар осмонҳое, ки ҷилои Муҳаммад (с) ва саҳобагони ӯро дида буданд, ки ба зиндагонӣ маънӣ мебахшиданд ва ӯро ба сӯи камолоташ роҳнамоӣ мекарданд. Ва агар ин сатрҳо ба таҳқиқ шавқи туро барои шинохтани Абуҳурайра ва барои шунидани хабаре аз хабарҳояш дар ҳаракат оварда бошад, пас он чи мехоҳӣ дар пешгоҳи туст.

Ӯ яке аз он касонест, ки инқилоби ислом бо тамоми он тағйирот ва дигаргуниҳое бузурге, ки ба вуҷуд овард, бар болои онҳо мунъакис мешавад.

Аз як мардикоре ба сӯи пешво. Ва аз як гумноме дар анбӯҳи мардум ба сӯи нишона ва пешвоӣ. Ва аз саҷдакунандаи сангҳои гирдовардашуда, ба сӯи мӯъмин ба Худованди ягонаи ғолиб.

Бубинед, ки ӯ чӣ қисса мекунад ва мегӯяд:

– Ман ятим ба воя расидам ва мискину камбағал ҳиҷрат намудам ва ман мардикори Бусра бинти Ғазвон будам, дар ивази таъоми шикамам. Ман ба онҳо хидмат мекардам, вақте ки фуруд меомаданд ва шутурҳоро мерондам, вақте ки савор мешуданд... Ва акнун маро мебинед, ба таҳқиқ Худованд Бусраро ҷуфти ман гардонид.

Пас сипос мар Худовандеро, ки динро меъёру ченаки зиндагонӣ қарор дод ва Абуҳурайраро имом гардонид.

* * *

Ӯ соли ҳафтуми ҳиҷрат, ҳангоме ки Паёмбари Худо (с) дар Хайбар буд, ба наздаш омад ва бо рағбату иштиёқ ислом овард ва аз замоне, ки Паёмбарро дид ва бо ӯ байъат намуд, ҳаргиз аз вай ҷудо нашудааст, магар дар соатҳои хоб. Ҳоли ӯ дар муддати чор сол бо ҳамроҳии Паёмбар буданаш аз лаҳзаи ислом оварданаш то вафоти Паёмбар (с) ҳамчунин буд. Ман гумон мекунам, ки ин чор сол як умри мард буд ба

танҳоияш. Хеле дарозу паҳно, пур аз суханони нек ва амали нек ва гӯш кардани манфиатбахш.

* * *

Абуҳурайра бо табиати ростини худ, он вазифаи бузурги навбатиеро, ки ба ӯ насиб шудааст ва метавонад ба воситаи он дар роҳи дини Худо хидмат намояд, дарк кард.

Зеро дид, ки ҷанговарони диловар дар миёни саҳобагон зиёданд ва фақеҳон ва доъиён ва муаллимон бисёранд, вале муҳиту ҷамъияти он рӯза нависанда надорад.

Пас дар он аср на танҳо Арабҳо, балки аксари ҷамоъаи инсонӣ ба навиштан кам майл мекарданд. Ва дар ягон ҷамъият нависандагӣ нишонаи пешрафт ва тараққӣ шумурда намешуд.

Балки худи Аврупо ҳам то ба ин наздикӣ ҳамин гуна буд. Ва аксари пошоҳони Аврупо дар сардориашон Шорламон комилан бесавод буданд, на мехонданд ва на менавиштанд, бо вуҷуди ин дар айни замон аз иракӣ ва тавоноии зиёде баҳраманд буданд.

* * *

Акнун боз ба сари қиссаамон бармегардем, то Абуҳурайраро бубинем, ки бо фитрати худ ҳоҷати ҷамъияти наверо, ки ислом онро бунёнгузорӣ мекард, ба ашхосе, ки мероси таълимоти онро ҳифз намоянд, дарк кард.

Албатта дар он рӯзҳо аз ҷумлаи саҳобагон шахсоне буданд, менавиштанд, вале шумораи онҳо хеле кам буд ва баъзеи онҳо вақти зиёде намеёфтанд, ки тамоми он суханонеро, ки Паёмбар (с) мегӯяд, бинависанд.

Абуҳурайра нависанда набуд, вале хуб дар ёдаш мегирифт ва бо вуҷуди ин вақт ҳам дошт, зеро на замине дошт, ки зироъат кунад ва на тиҷорате дошт, ки аз пушти он овора шавад.

Ва ӯ худашро дид, ки хеле дер ислом овардааст ва қасд намуд, ки ҷои ин камбудиро пур кунад ва ин корро ба ин тариқа анҷом дод, ки доим аз паи Паёмбар (с) бигардад ва бо ӯ ҳамнишин бошад.

Баъд аз он ӯ дар нафси худ ин атои Худоро дарк карда буд, ки ҳофизаи бузург ва қавии ӯ буд ва дуъои Паёмбари Худо (с): Парвардигоро, дар дарк ва ҳифзи ӯ баракат ато кунӣ ҳофизаи ӯро зиёдтар қувват ато намуд.

Пас барои чӣ ӯ яке аз он шахсоне набошад, ки бар гардани худ ҳифзи мероси ислом ва расонидани онро ба наслҳои баъдӣ бигирад?

Оре, ин навбатест, ки қобилиятҳояш барои ӯ омода сохтаанд ва барои ӯ лозим аст, ки дар роҳи иҷрои он сустӣ ва коҳилӣ наварзад.

* * *

Абуҳурайра аз ҷумлаи шахсони нависанда набуд, вале чунончи гуфтам дорои ҳофизаи қавӣ буд ва на замине дошт, ки зироъате кунад ва на тиҷорате, ки машғул шавад. Аз ҳамин ҷиҳат аз Паёмбари Худо (с) ҳаргиз дар ҳоли сафар ва дар ҳоли муқим буданаш ҷудо намешуд. Ва ӯ дарку диққати ҳофизаашро барои дар хотир нигоҳ доштани ҳадисҳои Паёмбар Худо (с) ва шарҳу тавҷиҳоти ӯ равона кард.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) бо рафиқи аъло пайваст, Абуҳурайра ҳадис мегуфт ва ҳадис мегуфт, ба он дараҷае, ки баъзе асҳоб таъаҷҷуб менамуданд, ки аз куҷо ин қадар ҳадисро медонад ва кай шунидааст ва кай онро азёд кардааст.

Абуҳурайра барои ин гурӯҳ мардум равшанӣ андохт ва гуё, ки аз нафси худ оқибати ин шакку шубҳаҳоро рад мекарда бошад, гуфт:

– Шумо мегуед, ки Абуҳурайра дар гуфтани ҳадис аз Паёмбари Худо (с) аз ҳад гузаронид ва боз мегуед, ки муҳоҷироне, ки аз вай пеш ислом оварда буданд, ин ҳадисро намегӯянд. Огоҳ бошед, ки дӯстони муҳоҷири манро аҳду паймонҳои тиҷоратиашон дар бозор машғул мекард. Ва ба таҳқиқ бародарони ансори маро заминашон машғул месохт. Ва ман марди мискине будам ва ҳамнишинии Паёмбари Худоро (с) зиёда мекардам. Пас дар лаҳзаҳое, ки онҳо ғоиб буданд, ман ҳозир будам ва вақте ки онҳо чизеро фаромӯш мекарданд, ман аз ёд мекардам. Ва рӯзе Паёмбари Худо (с) ҳадисе барои мо гуфт:

Ӯ гуфт:

–Касе ридоашро паҳн кунад то он даме, ки ман аз сухан гуфтан фориғ шавам, баъд аз он он ридоро ба бадани худ ҷамъ кунад, пас ҳеҷ гоҳ ҳадисеро, ки аз ман шунидааст, фаромӯш нахоҳад кард.

Ман либосамро паҳн намудам, пас Паёмбари Худо (с) барои ман ҳадис гуфт, баъд аз ин он либосро ба бадани худам пахш намудам. Қасам ба Худо, ки ягон чизеро, ки аз вай шунида будам, фаромӯш накардам ва қасам ба Худо, ки агар ин ояти дар каломи Худо буда намебуд, ҳаргиз барои шумо ҳадисе ривоят наменамудам. Он оят ин аст:

Ба таҳқиқ шахсоне, ки пинҳон медоранд он чизеро, ки Худо фиристодааст аз далелҳо ва раҳнамоиҳо баъд аз он ки мо онҳоро барои мардум дар китоб фиристодем, онҳоро Худованд лаънат мегӯяд

ва дигар лаънаткунандагон ҳам лаънаташ мегӯянд (сураи Бақара ояти 159).

Ҳамчунин Абуҳурайра сирри ягона буданаш дар бисёр ривоят кардан аз Расули Худоро тафсир менамояд.

Аввал, ин ки ӯ барои сӯҳбати Паёмбар (с) аз дигарон дида бекортар буд. Сониян, ӯ соҳиби ҳофизаи қавӣ буд, ки бо дуъои Паёмбари Худо (с) дар ҳифзаш баракат дода шуда қуввати ҳофизааш афзуда буд. Ва солисан, ҳадис гуфтани ӯ аз рӯи рағбат ва хоҳишаш набуд, балки ҳадафи ӯ ошкор намудану гуфтани ин ҳадисҳост бо эҳсоси баланди масъулияти динӣ ва ҳаётиаш. Ва ӯ дар ин ақида буд, ки агар ҳадисро нагуяд, пас пӯшонандаи хайр ва ҳақиқат аст ва бепарво ва бемасъулият шинохта шуда, ӯро ҷазои тафриткунандагон интизор мебуд.

Аз ҳамин сабаб ӯ ҳадис мегуфт ва ҳадис мегуфт. Ва аз ҳадис гуфтан чизе ӯро монеъ намешуд ва ягон садде пеши роҳи ӯро гирифта наметавонист. То андозае, ки рӯзе Умар (р) дар ҳоли амири мӯъминон будан ӯро гуфт:

– Ту албатта бояд ҳадис гуфтанро аз Расули Худо (с) тарк кунӣ ва ё ин ки туро ба замини Давс мефиристам (яъне замини қавмаш).

Ин наҳӣ аз ҷониби амири мӯъминон Умар (р) барои Абуҳурайра иттиҳомеро эҷод намекунад, балки ин кор такя бар як назарияе дорад, ки Умар (р) онро эҷод карда ва таъкидаш месозад. Он назария ин аст: ба таҳқиқ дар худи ҳамин порчае аз замон барои мусалмонон лозим аст, ки ба ғайри Қуръон дигар ҳеҷ чизро нахонанд ва аз ёд насозанд, то ин ки Қуръон қарор гирад ва дар дилҳо ва ақлҳо собит гардад.

Пас Қуръон, ки китоби Худо ва қонуни Худо ва луғати фиристодаи ӯст ва бисёрии ҳадис ривоят кардан аз Паёмбари Худо (с), хусусан дар он давраи баъди вафоти Паёмбари Худо (с) ва солҳои гирдоварии Қуръон сабаби баъзе нофаҳмиҳое гардида метавонист.

Аз ҳамин сабаб Умар (р) мегуфт:

– Шумо ба Қуръон машғул шавед, ба таҳқиқ Қуръон китоби Худост.

Ва боз мегуфт:

– Шумо ба ривоят намудан аз Расули Худо (с) камтар машғул шавед, магар дар он гуфтаҳояш, ки ба корҳои амалӣ марбут бошанд.

Чун Абумӯсои Ашъариро ба сӯи Ироқ фиристод, ба ӯ гуфт:

– Ба таҳқиқ ту ба назди қавме меравӣ, ки барои онҳо дар масҷидҳояшон савти хониши Қуръон мисли садои занбӯрҳо ба гӯш

мерасад. Онҳоро ба ҳамон ҳолашон бигузор ва ба ҳадисхонӣ ва гуфтугӯи ба ҳадис онҳоро машғул насоз ва ман низ бо ту дар ин кор шарик ҳастам.

Қуръон ба як тариқаи муътамад ва бо замонат, бидуни он ки ба сӯи ӯ чизе, ки аз вай набошад, роҳ ёбад, ҷамъоварӣ гардид.

Аммо ҳадисҳоро Умар (р) тазмин карда наметавонист, ки таҳриф нашуда бошад ва ё ба шакли қолаби бофта нашуда бошад ва ё барои дурӯғ эҷод кардан дар ҳаққи Паёмбар (с) ва чизе аз ислом ба фоидаи худ ба даст овардан, онро васила накарда бошанд.

Абуҳурайра нуқтаи назари Умарро эҳтиром мегузошт, лекин ӯ аз нафси худаш ва аз амонатдориаш боварӣ дошт ва намехост, ки аз ҳадис ва илм чизеро пӯшида нигоҳ дорад, ки ба эътиқоди ӯ пӯшида нигоҳ доштанаш гуноҳ ва ҳалокату нобудӣ аст.

Аз ҳамин ҷиҳат, ҳамин ки як лаҳзае меёфт, то чизеро шунида ва азхуд намудааст аз қалбаш берун кунад, даррав ҳадис мегуфт.

* * *

Илова бар ин, дар ин ҷо як сабаби ҷиддии дигаре буд, ки дар ин барангезиши мушкилиҳо дар атрофи Абуҳурайра дахолати бузурге дошт, аз рӯи зиёд дар бораи ҳадис гуфтугӯ намуданаш. Он мушкилӣ ин буд, ки дар он рӯзҳо як ҳадисгуяндаи дигар буд, ки аз Паёмбари Худо (с) ҳадис мегуфт ва аз ҳад мегузаронд (яъне бисёр ривоят мекард) ва мусалмонон хусусан саҳобагон бисёр вақт ба ҳадисҳои гуфтаи вай бовар карда наметавонистанд. Ӯ, Каъбулаҳбор, як нафар яҳудие буд, ки ислом овардааст.

* * *

Марвон ибни Ҳакам рӯзе хост қудрати ҳифзу аз ёд нигоҳдории Абуҳурайраро имтиҳон кунад. Пас ӯро ба наздаш хонд ва ҳамроҳи худаш бинишондаш ва аз вай талаб намуд, ки аз Паёмбари Худо (с) ҳадис ривоят кунад дар он ҳол котибашро дар пушти парда нишонида амр намуд, ки ҳар чизе Абуҳурайра бигуяд, бинависад.

Баъди гузаштани як сол Марвон боз Абуҳурайраро дуюмбора даъват намуд ва аз вай талаб намуд, ки ҳамон ҳадисҳоеро, ки порсол гуфта буду котибаш онро навишта буд, бигуяд, пас Абуҳурайра дар гуфтани онҳо як калима ҳам хато накард.

Ӯ дар бораи худаш чунин мегӯяд:

– Ҳеҷ касе аз асҳоби Паёмбари Худо (с) аз ман дида дар бораи Паёмбар (с) ҳадис намедонад, магар ки Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос, зеро ӯ ҳадисҳоро менавишт ва ман наменавиштам.

Имом Шофиъӣ (р) дар бораи Абуҳурайра чунин мегӯяд:

– Абуҳурайра баландтарин шахсест дар ҳифзи ҳадис дар асри худаш.

Имом Бухорӣ (р) мегӯяд:

– Аз Абуҳурайра наздики ҳаштсад саҳобаву тобиъин ва аҳли илм ва аз ин ҳам зиёдтар ҳадис ривоят кардаанд.

Ҳамчунин Абуҳурайра (р) худаш як мактабе буд, ки барои вай бақо ва абадият китобат карда шудааст. Абуҳурайра аз ҷумлаи шахсони ибодатгар ва руҷуъкунанда ба сӯи Худо буд. Ӯ ҳамроҳи занаш ва духтараш зинда нигоҳ доштани тамоми шабҳоро навбат карда буданд. Худаш сеяки аввали шаб мехест ва занаш сеяки байн ва духтараш сеяки охирро бедорхобӣ мекарданд.

Ва ҳамчунин ҳама соати шаб дар хонаи Абуҳурайра ибодат ва зикру намоз вуҷуд дошт. Ва дар роҳи фориғ сохтани нафсаш барои сӯҳбати Паёмбари Худо (с) алами гуруснагиро хеле зиёд кашидааст, ки ҳеҷ кас он миқдор алам надидааст. Ӯ худаш ба мо қисса мекунад, ки чӣ тавр гуруснагӣ рӯдаҳояшро мегазид то ба ҳадде, ки дар шикамаш сангеро мебаст ва ҷигарашро бо дасташ фишор медод ва дар масҷид меафтид ва аз ғояти гуруснагӣ печу тоб мехӯрд, то он даме, ки баъзе аз дӯстонаш гумон мекарданд, ки ӯ мубталои бемории саръ гардидаст, вале ӯ саръӣ набуд.

Чун ислом овард, дигар аз мушкилоти зиндагӣ чизе набуд, ки ӯро андармон намояд, ба ғайри як мушкиле, ки ба сабаби он хоб бар чашмонаш намеомад. Ин мушкила модараш буд. Ӯ он рӯзҳо ислом оварданро рад намуда буд, вале ба ислом наоварданаш кор тамом намешуд, балки боз писарашро дар бораи Расули Худо (с) меранҷонид ва азобаш медод, ба ин ки дар ҳаққи Паёмбар (с) носазо мегуфт.

Рӯзе модараш дар бораи Паёмбар (с) чизҳое гуфт, ки бадаш омад. Пас аз назди модар гирён, зиқ ва малул берун шуд. Ва ба масҷиди Паёмбар (с) омад.

Биёед гӯш бидиҳем, ки боқимондаи қиссаро худаш ба мо бигӯяд:

– Ман дар ҳоле ки мегиристам ба пеши Паёмбари Худо (с) омадам. Ба Ӯ гуфтам:

– Эй Паёмбари Худо (с), пештар ман модари Абуҳурайраро ба сӯи ислом даъват кардам. Ӯ аз ман саркашӣ намуда буд. Ва ба таҳқиқ ман ӯро имрӯз даъват намудам, пас дар бораи ту суханоне ба ман

шунавонид, ки маро бад расид. Пас ба Худо дуъо кун, то модарамро ба сӯи ислом ҳидоят намояд.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Худоё, модари Абуҳурайраро ҳидоят кун.

Ман берун шудам ва медавидам, то ки модарамро барои дуъо намудани Паёмбар (с) мужда диҳам. Вақте ки ба назди дари хона расидам, ӯ қулф буд ва ман садои рехтани обро шунидам ва модарам овоз дод:

– Эй Абуҳурайра, дар ҷоят ист!

Баъд аз он либосашро пӯшид ва чодарашро тез дар сараш кард ва берун омада гуфт:

– Гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуде ба ҷуз Аллоҳ ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад бандаи Худо ва Расули ӯст.

Пас ман бозгашта ба назди Паёмбар (с) омадам ва аз ғояти хурсандӣ мегиристам. Чунон ки пештар аз ғояти андӯҳ мегиристам. Ва гуфтам:

– Эй Паёмбар (с), ман муждарасонам, ки Худованд дуъои туро қабул кард.

Худованд модари Абуҳурайраро ба сӯи ислом ҳидоят намуд.

Пас гуфтам:

– Эй Паёмбар (с), дуъо кун, ки Худо маро ва модарамро нисбати мӯъминон ва мӯъминаҳо муҳаббат ато кунад.

Пас Паёмбар (с) гуфт:

– Худоё, ин бандаакатро ва модарашро ба нисбати тамоми марду зани мусалмон бо муҳаббат гардон.

* * *

Абуҳурайра дар ҳоли обидӣ ва муҷоҳидӣ зиндагиашро давом дод. Ӯ аз ҳеҷ ғазо ва аз ҳеҷ тоъат тахаллуф наметварзид. Ва дар аҳди хилофаташ Умар (р), ӯро дар аморати Баҳрайн волӣ таъин намуд. Ва Умар (р) чуноне медонем дар ҳисобу китоби волиҳояш хеле сахтгир буд. Чун як нафарро волӣ намояд ва ӯ ду ҷома дошта бошад, пас ба ӯ лозим меомад, ки ҳангоми вилоятро тарк намуданаш ба ғайри он ду либос чизе аз дунё бояд надошта бошад. Ва афзалтар ин аст, ки вилоятро дар ҳоле тарк кунад, ки як либос дошта бошад.

Аммо чун аз вилоят хориҷ шавад ва дар вай нишонаи боигарӣ бошад, пас ин ҳангом аз ҳисобу китоби Умар (р) халос намешуд, ҳар қадаре ки манбаъи сарваташ ҳалол ва машрӯъ бошад ҳам.

Вақте ки Умар (р) Абуҳурайраро волии Баҳрайн таъин намуд, аз роҳи ҳалол як миқдор мол захира намуд. Ва Умар (р) инро медонист ва ӯро ба сӯи Мадина бозхонд. Беҳтараш Абуҳурайраро бигзорем, то гуфтугузори тезу тунде, ки байни ӯ ва Умар (р) шударо ба мо баён кунад:

– Умар (р) гуфт:

– Эй душмани Худо ва душмани Китоби ӯ оё моли Худоро duздидӣ?

Ман гуфтам:

– Ман душмани Худо ва душмани Китоби ӯ нестам, вале душмани касе ҳастам, ки Худо ва Китоби ӯро душманӣ мекунад. Ва ман моли Худоро надуздидаам.

Умар (р) гуфт:

– Пас аз куҷо даҳҳо ҳазорро ҷамъ намудӣ?

Гуфтам:

– Аспҳоям насл доданд ва бахшишҳое, ки мардум бароям медоданд, ҷамъ шуданд.

Умар (р) гуфт:

– Онҳоро ба байтулмоли мусалмонон бисупор!

Ва Абуҳурайра он молро ба сӯи Умар (р) ҳавола кард ва дастонашро ба сӯи осмон баланд намуда гуфт:

– Худоё, амири мӯъминонро биёмурз.

Пас аз чанд муддат Умар (р) Абуҳурайраро ба ҳузураш хонда, аз сари нав вилоятро ба вай пешкаш намуд. Вале ӯ қабул накард ва узр пурсид.

Умар (р) аз вай пурсид:

– Чаро?

Абуҳурайра гуфт:

– Барои он ки обрӯям нарезад ва молам гирифта нашавад ва бар пуштам шаллоқ зада нашавад.

Баъд аз он гуфт:

– Ва метарсам аз рӯи нодонӣ, ҳукме накунам ва аз рӯи номеҳрубонӣ сухане нагуям.

* * *

Рӯзе шавқаш ба сӯи дидори Худо зиёд гардид ва дар ҳоле ки ба аёдат омадагон дар ҳақаш дуъо мекарданд, ки шифо ёбад. Ӯ бошад, илтиҷо ва исрор карда чунин мегуфт:

– Бор Худоё, ман мулоқоти туро дӯст медорам, ту низ мулоқоти маро дӯст дор.

Ӯ дар соли панҷоҳу нӯҳ аз ҳиҷрат дар синни ҳафтоду ҳаштсолагӣ вафот кард. Ва дар миёни сокинони некӯкори Бақиъ ҷисми соддаву мутавозиъи ӯ ҷои муборакеро ишғол намуд.

Ҳангоме ки ҷанозахонҳо аз ҷанозааш бармегаштанд, забонҳояшон бисёр аз ҳадисҳоеро, ки ӯ аз Паёмбари Худо (с) барояшон ҳифз намуда буд, такрор мекарданд.

Ва шояд яке аз мусалмонони нависломоварда ба сӯи ҳамсӯҳбаш худро хам намуда мепурсад: Чаро шайхи аз дунё реҳлаткардаи моро Аубуҳурайра куният гузоштаанд?

Ҳамсӯҳбаташ, ки аз ин асрор бохабар буд, чунин ҷавобаш дод:

– Номи ӯ дар замони ҷоҳилият Абдушшамс (яъне, бандаи офтоб) буд. Вақте, ки ислом овард, Паёмбар (с) ӯро Абдураҳмон (яъне бандаи Худо) номид. Ӯ нисбати ҳайвонот хеле меҳрубон буд ва ӯ гурбае дошт, ки онро хӯрок медод ва дар дасташ мегирифт ва покизааш мекард ва ҷояш медод дар бағал ё хона ва он гурба мисли соя аз пушташ доим мегашт, ана бо ҳамин сабаб “Абуҳурайра”-аш ном мегирифтанд. (Дар арабӣ гурба ҳира аст ва гурбачаро ҳурайра мегӯянд, яъне падари гурбача – мутарҷим), ки Худо аз вай розӣ шавад ва ӯро низ аз худ розӣ гардонад.

## 36. БАРРОЪ ИБНИ МОЛИК
### Худо ва ҷаннат

**Ӯ яке аз ду бародаронест, ки дар роҳи Худо зиндагонӣ намуданд ва бо Паёмбари Худо (с) аҳде намуданд, ки бо мурури замон ин аҳд нумуъ кард ва гул-гул шукуфид.**

Аввалини онҳо Анас ибни Молик буд, ходими Паёмбари Худо (с), ки модараш Умми Сулайм ӯро гирифта ба назди Паёмбари Худо (с) овард ва дар он вақт даҳсола буд ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ин Анас аст, ӯ дастёри туст ва туро хидмат кунад ва дар ҳаққаш ба даргоҳи Худо дуъо кун.

Паёмбари Худо (с) аз миёни ду чашми ӯ бӯсид ва дар ҳақаш дуъо кард, ки умри дарозу хайру баракаташ аз фазилати он дуъо буд.

Паёмбари Худо (с) барояш дуъо намуда гуфт:

– Худоё, молашро ва фарзандашро зиёд гардон ва баракаташ деҳ ва ӯро дохили Ҷаннат соз ва ӯро дохили Ҷаннат гардонид.

Ӯ 99 сол умр дид ва Худованд барояш фарзанду набераҳои зиёд ато намуд, чунон ки Худо аз дигар рӯзиҳо низ барояш ризқ дод. Боғи калоне ба воя расонд, дорои зироъатҳо ва дарахтони зиёд, ки дар як сол ду бор ҳосил мегирифт.

* * *

Ва дуюмини онҳо, ин Барроъ ибни Молик аст. Ӯ зиндагонии бузурги сарбаландонае гузаронд ва шиораш ин буд: Худо ва Ҷаннат.

Ва касе, ки ӯро дар вақти ҷиҳод дар роҳи Худо медид, аҷоиботеро мушоҳида мекард, ки аз тамоми аҷоибот афзалтар аст. Вақте ки Барроъ ба шамшераш бар зидди мушрикон меҷангид, аз ҷумлаи шахсоне набуд, ки барои ғалаба меҷангида бошад, агарчанде ки ғалаба охирин ғояту мақсад аст. Ба таҳқиқ ӯ шаҳодатро ҷустуҷӯ мекард. Тамоми орзуи вай ин буд, ки шаҳид бимирад ва маргаш дар болои замини набарди бузурге аз набардҳо дар роҳи Ҳақ ва ислом бошад. Аз ҳамин ҷиҳат аз ягон ҷангу ғазо ақиб намемонд.

Рӯзе бародарону дӯстонаш барои аёдаташ омаданд. Гӯё дар чеҳраҳои онҳо сухани мегуфтагиашонро хонд ва гуфт:

– Шояд Шумо ҳарос доред, ки ман дар болои бистарам мемирам. Не, қасам ба Худо, ҳаргиз Худованд маро аз шаҳодат маҳрум намегардонад.

Худованд гумони ӯро рост баровард ва ӯ бар болои бистараш намурд, балки дар як набарди бузургтарини ислом шаҳид гардид.

* * *

Дар рӯзи ҷанги Ямома диловарии хоссаи Барроъ зоҳир шуд. Диловарии хоссае, ки чун Умар ибни Хаттоб (р) онро мушоҳада кард, васият намуд, ки ҳаргиз сарлашкар нашавад, зеро ки ҷасорат ва пештозии вай ва маргро ҷустуҷӯ намуданаш сардории ӯро барои дигар размандагон хатарнок мегардонад.

Барроъ рӯзи Ямома дар ҳоле бархост, ки лашкари ислом таҳти роҳбарии Холид барои ҳуҷум омода буд.

Ва чашмони шарорабораш бо суръат ва мӯшикофона болои тамоми замини маърака ҳаракат менамуданд, гӯё онҳо ҷои муносибтаре барои афтидани ин диловар ҷустуҷӯ менамуданд.

Оре, дар дунё чизи дигаре набуд, ки ӯро машғул созад, ба ҷуз ин мақсад. Ҳосили дарави зиёд аз мушрикон, ки даъватгарони торикӣ ва ботиланд, ба тезии шамшери марговараш ба замин рехтанд. Баъд аз он дар охири набард як зарбае аз дасти мушрикае ба ӯ расид ва дар асари он ҷасади ӯ ба сӯи замин майл кард. Дар он ҳангом рӯҳи ӯ роҳи худашро ба сӯи он ҷамоъаи олӣ пеш гирифт, то дар ҷашни шаҳидон ва муборакгардонидашудагон иштирок кунад.

* * *

Холид садои Аллоҳу акбарро баланд кард ва сафҳои бо ҳам зич ба сӯи қазову тақдири худ равона гардиданд. Ва ин ошиқи шаҳодат Барроъ ибни Молик низ ҳамроҳи онҳо ба сӯи пеш ҳаракат намуд.

Ва пайравони он каззоб, яъне Мусалаймаро бо шамшераш мехобонид ва онҳо мисли баргҳои тирамоҳ дар зери дурахши шамшери ӯ мерехтанд.

Лашкари Мусайлама сусту камшумор набуданд, балки хатарноктарин лашкари муртадон ба ҳисоб мерафтанд.

Ва ин лашкар ба шуморааш ва аслиҳаву омодагиаш ва ҷонсупории ҷанговаронаш хатаре буд болотар аз ҳар хатар.

Онҳо ба ин ҳуҷуми мусалмонон бо муқовимате ҷавоб доданд, наздик буд зимоми пешравиро ба даст бигиранд ва муқовиматашон ба ҳуҷум табдил шавад.

Ин ҳангом дар сафҳои мусалмонон як бетоқатӣ роҳ ёфт ва роҳбарон ва хатибонашон аз пушти аспҳо ва саворихояшон ба гуфтани суханони дилбардоркунанда ва устуворкунанда пардохтанд. Ва ваъдаҳои Худовандро ёдовар мешуданд.

Ва Барроъ овози баланди ширадор дошт. Сарлашкар Холид ӯро нидо карда гуфт:

– Эй Барроъ, сухан гӯй!

Пас Барроъ бо суханоне, ки дар ширингуфторӣ ва далолат ва қувват назир надоштанд, фарёд кашид:

– Эй аҳли Мадина, дигар барои шумо имрӯз Мадинае вуҷуд надорад. Мадинаи шумо Худо ва Ҷаннат аст.

Ин суханонеанд, ки далолат ба рӯҳи гӯянда мекунанд ва ба хислатҳои вай ишора менамоянд. Оре, фақат Худо ва Ҷаннат асту бас.

Дар ин гуна лаҳзаҳои ҳассос сазовор нест, ки дар хотир чизи дигаре давр бихӯрад. Ҳатто Мадина, ки пойтахти ислом аст ва сарзаминест, ки дар он ҷои истиқомат ва зану фарзандонашонро гузоштаанд, сазовор нест, ки дар бораи он фикр кунанд. Зеро агар имрӯз мағлуб шаванд, дигар Мадинае боқӣ намемонад.

Суханони Барроъ ҳаммонанди… монанди чӣ. Агар таъсири онро ба ҳар чизе, ки монанд кунем, барои ҳақиқати асари он ва таъсири он зулм аст (зеро ҳар ташбеҳ кам аст – мутарҷим). Пас бояд бигуем, ки суханони Барроъ дар дил таъсир карду халос.

Андак вақте нагузашт, ки набард ба маҷрои аввалааш баргашт. Мусалмонон пеш мерафтанд ва ғалабаи қатъӣ пешоҳанги онҳо буд. Мушрикон бошанд, дар ҷарии ҳазимати шармандаовар меафтиданд. Ва Барроъ он ҷо ҳамроҳи дигар мусалмонон байрақи Муҳаммадро (с) ба сӯи ваъдагоҳи бузургаш пеш мебурданд. Мушрикон бошанд, якбора ба сӯи қафо баргашта гурехтанд ва дар як боғи калон даромаданд ва пинҳон шуданд.

Ва набард дар хуни мусалмонон хунук шуд. Ва чунин зоҳир гашт, ки мушкил аст тағйир додани равиши маърака бо ин ҳоле, ки пайравони Мусайлама ва лашкариёнаш ба он паноҳ бурданд. Дар ҳамин ҷо Барроъ ба як теппаи баланде баромада фарёд кашид:

– Эй ҷамоъаи мусалмонон, маро бардоред ва бар болои онҳо ба даруни боғ партоед.

Оё ман нагуфтам, ки ӯ аз ғалаба дида шаҳодатро ҷустуҷӯ дорад.

Ва ба таҳқиқ ӯ дар ин нақшааш беҳтарин хотимаро барои зиндагониаш ва беҳтарин суратро барои риҳлаташ тасаввур менамуд. Ӯ тасаввур мекард, ки вақте ӯро дар боғ меандозанд ва ӯ дари боғро барои мусалмонон мекушояд, дар худи ҳамин лаҳза шамшерҳои мушрикон бар сараш ҳамлавар мешаванд ва ҷасадашро пора пора мекунанд ва дар худи ҳамин лаҳза инчунин Ҷаннат худро ороста намуда дарҳояшро барои ин шаҳи нав ва бузург мекушояд.

* * *

Барроъ мунтазири он наистод, ки дигарон ӯро бардоранд ва дар боғ бияндозанд, балки худаш болои девор баромада ва худро ба даруни боғ андохт ва дарҳоро кушод. Лашкариёни ислом дохили боғ ҳуҷум оварданд, вале он орзуи Барроъ ба вуқӯъ напайваст. Пас шамшерҳои мушрикин ӯро ғофилгир накарданд ва ӯ қатли худро, ки нафсашро ба он таскин медод, мулоқот нанамуд.

Абубакр (р) рост гуфта буд:

– Ту барои мурдан ҳарис шав, бароят зиндагониро мебахшад.

Дуруст аст, ки ҷасади ин диловар аз шамшерҳои мушрикон ҳаштоду чанд зарба хӯрда ва ҳаштоду чанд ҷароҳат ӯро аз по афтонд. Ва баъди набард як моҳи комил бистарӣ буд. Ва Холид ибни Валид худаш ба аёдати ӯ меомад. Аммо ҳама он чизе ки ба ӯ расида буд аз мақсаду ғояти ӯ ва он чизе ки ӯ орзуяш мекард, камтар буд. Вале ҳамаи ин ӯро ноумед намесохт, зеро боз пагоҳ набард аст. Рӯзи дигар набард ва баъди он набард аст. Барои вай Паёмбари Худо (с) пешгӯӣ намуда буд, ки ӯ мустаҷобуддаъват аст. Пас барои ӯ лозим аст, ки фақат дуъо кунад ба сӯи Парвардигори хеш, то шаҳодатро ба ӯ рӯзӣ гардонад, баъд аз он ба ӯҳдаи вай аст, ки саросема нашавад, зеро барои ҳар мӯҳлате навиштаҷоте ҳаст.

Ва Барроъ аз ҷароҳатҳои рӯзи Ямома шифо ёфт ва ҳамроҳи лашкари ислом рафт, то қуввaҳои зулмониро то қатлгоҳашон мушояъат намояд. Он ҷое ки ду давлати фонишаванда истодаанд, Рум ва Форс бо лашкарҳояшон, ки саркашу ёғиянд, сарзаминҳои Худоро истило мекунанд ва бандагони Худоро ба асорату ғуломӣ мебаранд.

Барроъ бо шашераш зарба мезанад ва дар ҷои ҳар як зарба як девори баланде дар бинои олами наве, ки дар таҳти байрақи ислом тез нашъунамо мекунад, ба мисли рӯзи равшан қомат меафрозад.

* * *

Ва дар яке аз задухӯрдҳои Ироқ Форсҳо дар майдони набард ваҳшиёнатиеро ба кор бурданд. Онҳо чангакҳоро дар атрофи занҷирҳо мустаҳкам намуда буданд ва онҳоро бар оташ гарм карда аз болои қалъаҳо мепартофтанд ва агар касеро аз мусулмонон дарёб мекарданд, ӯ худро аз он халос карда наметавонист.

Барроъ ва бародари бузургаш Анас ибни Молик вазифадор буданд муҳофизати қалъаеро, ки барояшон вогузор шуда буд ӯҳдадор бошанд. Дар задухӯрд яке аз ҳамин гуна чангакҳо ногаҳон аз болои қалъа афтид ва Анас ба он андармон шуд ва натавонист, ки ба занҷирҳо даст расонад ва худро халос кунад, зеро ки аз таъсири оташ

аланга мезад. Ва Барроъ ин саҳнаро медид. Ӯ ба сӯи бародараш, ки он занҷирҳои гарм ӯро ба қади девори қалъа боло мебурданд, давид ва бо дастонаш аз он занҷир дошта, бошуҷоъат онро шикаста пора намуд ва Анас наҷот ёфт. Барроъ ва касоне ки ҳамроҳаш буданд, бар кафҳои ӯ назар карданд, онҳоро дар ҷояшон наёфтанд. Тамоми гӯштҳои кафҳояш аз таъсири гармӣ рехта буданд ва сурату ҳайкали устухонии вай, ки пайванд карда шуда ва сӯхта шуда буд, боқӣ монда буду халос.

Ва ин диловар чанд замони дигарро дар табобат гузаронид, то ин ки шифо ёфт.

* * *

Оё акнун он лаҳзае фаро нарасидааст, ки ин ошиқи марг ба мақсади ниҳоии худ бирасад?

Бале, он лаҳза фаро расидааст.

Ва огоҳ бошед, ки ин мавқеъи Тустур аст, ки меояд, то мусалмонон дар он ҷо бо лашкари Форс рӯ ба рӯ шаванд ва он ҷо барои Барроъ ид бошад ва чӣ гуна иде!

Аҳолии Аҳвоз ва Форсҳо дар як лашкари зиёде гирд омаданд, то ба мусалмонон биҷанганд.

Ва амири мӯъминон Умар ибни Хаттоб (р) ба сӯи Саъд ибни Абиваққос ба Куфа хат навишт, то ба сӯи Аҳвоз лашкар бифи-ристад.

Ва ба Абумӯсои Ашъарӣ дар Басра навишт, ки ба сӯи Аҳвоз лашкар кашад ва дар мактуб ба ӯ чунин гуфт: амири лашкар Суҳайл ибни Адийро таъин намо ва Барроъ бояд бо ӯ бошад.

Ва лашкариёни оянда аз Куфа ба лашкариёни аз Басра омада рӯ ба рӯ шуданд, то ба лашкари Аҳвоз ва лашкари Форс дар як набарди хуношом рӯ ба рӯ шаванд.

Ин ду бародарони бузург дар миёни лашкари мӯъминон бу-данд, Анас ибни Молик ва Барроъ ибни Молик. Ҷанг аз мубори-заи танҳо ба танҳо шурӯъ шуд. Танҳо Барроъ 100 муборизи Фор-сро ба ҳалокат расонид.

Баъд аз он лашкариён ба ҳам омехтанд ва кушташудагон аз ҳар ду тараф ба шумораи хеле зиёд афтидан гирифтанд. Баъзе аз саҳобагон ба Барроъ наздик шуданд ва дар он ҳангом ҷанг идома дошт ва ба сӯи ӯ нидо карда гуфтанд:

– Эй Барроъ, оё ту суханони Паёмбари Худоро (с) дар ҳаққи худат дар ёд дорӣ, ки гуфта буд:

– Бисёр мӯйпарешони ғуборолуда аст, ки дар тан ду либоси дарида дорад ва хеле назарногир аст, агар ба Худованд қасам бихӯрад,

ҳар оина Худованд қасами ӯро рост мегардонад. Яке аз онҳо Барроъ ибни Молик аст. (яъне ҳар кореро дуъо кунад, иҷро мешавад.)

– Эй Барроъ ба Парвардигорат қасам бихӯр, то онҳоро мунҳазим созад ва моро нусрат бидиҳад.

Барроъ дастонашро ба сӯи осмон баланд намуд ва бо тазаррӯъ дуъо кард:

– Худоё, китфони онҳоро ба мо бубахш!

– Худоё, онҳоро ҳазимат бидеҳ ва моро бар болои онҳо нусрат ато кун ва маро имрӯз ба Паёмбарат лоҳиқ гардон!

Ва ба сӯи бародараш Анас, ки дар қарибии ӯ меҷангид, назари дуру дарозе намуд, гӯё ӯро видоъ мекард.

Ва мусалмонон дар як ҷонфидоии бемисле, ки дунё аз ғайри онҳо дар ҷои дигар надидааст, ҳуҷум намуданд ва ғалабаи ниҳоӣ ва ошкоро ба даст оварданд.

* * *

Дар миёни шаҳидони маърака Барроъ низ буд, ки рӯяшро як табассуми ором мисли равшании субҳ фаро гирифта буд ва дасти росташ як муште аз хоки олуда ба хунашро, ки пок аст, қабза намуда буд ва шамшераш дар паҳлӯяш дароз афтида, боқувват, кунд нашуда ва ба ҳолати ростиаш бидуни захм.

Ин мусофир акнун ба манзилаш расид.

Ӯ ҳамроҳи дигар бародарони шаҳидгардидааш ин сафари умри бузургу боазаматро ба анҷом расонид ва аз ҷониби ғайб ба онҳо нидо карда шуд:

– Ана, ин ҳамон Ҷаннат аст, мерос дода шуд онро ба сабаби он корҳое, ки амал кардед. (сураи Аъроф ояти 43).

## 37. УТБА ИБНИ ҒАЗВОН
### Фардо, баъди ман амиронеро хоҳед дид

**Аз миёни мусалмонони собиқ ва муҳоҷирини ба сӯи Ҳабаша ва баъдан ба сӯи Мадина ва аз миёни тирандозони нодире, ки дар роҳи Худо кӯшишу ғайрати неку сазовор аз худ нишон додаанд, ҳамин марди қоматбаланд бо чеҳраи зебо ва дили тавозуъмандона, Утба ибни Ғазвон аст.**

Ӯ ҳафтумин кас аз ҳафт нафар авалинҳост, ки ба сӯи ислом пешдастӣ намудаанд ва дастҳои росташонро ба сӯи дасти рости Паёмбари Худо (с) дароз намудаанд ва бо ӯ байъат намуданд ва бо Қурайш ба муқобила бархостанд бо вуҷуди тавоноӣ ва қудрат доштанаш барои интиқом.

Ва дар рӯзҳои аввалини даъват, рӯзҳои гуруснагӣ ва тарсу ҳарос Утба ибни Ғазвон ҳамроҳи дигар бародаронаш ин азму устувории бузургро аз худ нишон доданд, ки дар оянда барои рӯҳу қалби инсоният тӯшае гардида бо мурури замон аҳли исломи кураи арз аз он ғизо мегиранд ва пеш мераванд.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) асҳобашро ба ҳиҷрат ба сӯи Ҳабаша амр намуд, Утба ибни Ғазвон ҳамроҳи дигар муҳоҷирин ба роҳ баромад.

Аммо дилбастагиаш нисбати Паёмбари Худо (с) ӯро нагузошт, ки дар он ҷо ором гирад. Пас зуд хушкиву баҳрро тай намуда ба сӯи Макка бозгашт ва дар паҳлӯи Паёмбари Худо (с) истод. То вақти ҳиҷрат ба сӯи Мадина фаро расид. Утба ҳамроҳи дигар мусулмонон ба Мадина ҳиҷрат кард.

Ва аз замоне, ки Қурайш дасисаҳояшро ва баъдан ҷангҳояшро оғоз намуд, Утба найза ва тирҳояшро бардошта бо як устозии фавқулъодда дар роҳи Худо тир меандохт ва ҳамроҳи дигар бародарони муъминаш дар вайрон намудани олами қадим бо бутҳо ва тӯҳматҳояш саҳми босазое мегузошт.

Ӯ рӯзи вафоти Паёмбари Худо (с) ҳам силоҳашро ба замин нагузошт, балки муборизаашро давом дод. Ва ӯ дар муқобили лашкари Форс ҷиҳоди бузург кардааст.

** *

Амири мӯъминон Умар (р) ӯро барои фатҳи Убулла фиристод, то замини онро аз Форсҳо пок гардонад. Аз он касоне, ки маҳалли Убулларо нуқтаи ҷаҳиши хатарноке бар зидди нерӯҳои исломӣ

интихоб намуда буданд, ва онҳо мехостанд аз сарзамини империотурии Форс убур кунанд, то аз он ҷо сарзамини Худо ва бандагони Худоро покиза ва ҷудо карда гиранд.

Умар (р) дар ҳоле, ки ӯро ва лашкариёнашро видоъ мекард, гуфт:

– Ту бо касоне, ки ҳамроҳат ҳастанд бирав, то ин ки ба дуртарин нуқтаи сарзаминҳои Араб ва сароғози билоди Форс бирасӣ. Ва бо баракату бахшоиши Худо пеш рав ва ҳар касе, ки туро иҷобат намуд, ба сӯи ислом даъваташ намо. Аммо касе, ки саркашӣ кунад, пас ҷизя бифармо ва агар қабул нанамуданд, пас шамшерро кор бифармо, бесустӣ ва мадоро. Ва душманонро таҳти фишор қарор бидеҳ. Ва аз Худованде, ки Парвардигори туст, битарс!

* * *

Утба дар сардории лашкари начандон бузурге ба роҳ баромад, то ба Убулла расид. Форсҳо дар он ҷо лашкареро ҷамъ оварда буданд, ки аз қавитарин лашкарҳои онон буд. Утба қувваҳои худро ба низом даровард ва худаш дар пеши рӯи онҳо истод, дар ҳоле, ки дар дасташ найзаашро дошта меистод, ки аз лаҳзаи тирандозиро ёд гирифтанаш то ҳанӯз касе аз нишона хато кардани ӯро надидааст. Ва дар миёни лашкараш фарёд зад:

– Худо бузургтар аз ҳама аст, ваъдаашро рост гардонид.

Ва гӯё, ки ӯ ғайби қарибро хонда бошад, (зеро калимаи иқтибосшудаи оят, ки Худо ваъдаашро рост гардонид дар он вақте гуфта мешавад, ки ҳодисае ба вуқуъ меояд – мутарҷим).

Пас аз чанд задухӯрди кӯтоҳи ба нафъи мусалмонон муваффақона анҷом пазируфта, минтақаи Убулла таслим шуд ва марзи он аз лашкариёни Форс пок гардид. Сокинони он ҷо ки аз заҷру зулми ҳокимони ҷоҳил дар ҷабр қарор доштанд, раҳоӣ ёфтанд ва Худованди бузург ваъдаи худро рост гардонид.

* * *

Утба дар ҷои Убулла шаҳри Басраро тарҳрезӣ намуд ва онро обод кард ва дар он ҷо масҷиди бузурги хешро бунёд гузошт. Сипас қасд кард, ки он сарзаминро тарк намуда ба Мадина бозгардад, то аз аморат халос шавад. Вале амири мӯъминон ӯро амр кард, то он ҷо бимонад.

Утба дар ҳамон ҷо истиқоматашро давом дод. Ӯ бо мардум намоз мегузорид ва онҳоро илми дин меомӯзонд ва дар байнашон бо адолат ҳукм мекард. Ва барои онҳо беҳтарин масалҳоро дар боби зуҳду парҳезгориву зиндагонии содда пешкаш мекард.

Ӯ ба муқобили дар неъмат фурӯравӣ ва исрофкорӣ бо тамоми қувваташ мечангид, то андозае, ки шахсони ба лаззатҳо ва шаҳватҳо дода шуда, дар тангӣ ва душворӣ афтида буданд.

Ана дар ҳамин ҷой Утба дар миёнашон ба хутба бархоста гуфт:

– Қасам ба Худо, ки ман худамро ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) шахси ҳафтум аз ҳафт нафар дида будам, дар ҳоле, ки барои мо ҳеҷ таъоме набуд, магар барги дарахтон. То ҳадде, ки кунҷи лабҳои мо захмӣ мешуд. Ва ман рӯзе як либоси хатакие ба даст овардам, пас онро ду пора намудам ва нисфашро ба Саъд ибни Молик додам ва нисфи дигарашро худам пӯшидам.

* * *

Утба аз дунё нисбати динаш хеле сахт метарсид ва аз он нисбати дигар мусалмонон низ дар хавф буд. Пас аз ин сабаб онҳоро бар қаноъат ва қашшоқӣ маҷбур месохт.

Ва баъзе касоне пайдо шуданд, ки мехостанд ӯро аз ин тариқааш бозгардонанд, ва барояш ҳиссиёти роҳбарӣ ва калоншавандагиро бедор созанд ва ӯро водор кунанд, ки амирӣ чӣ ҳуқуқҳое дорад. Хусусан дар ин сарзаминҳое, ки пеш аз ин амирони зоҳиран ҷандапӯш ва зоҳидро одат надоранд ва мардуми ин сарзаминҳо одат доранд, ки сару сикаи олӣ ва фохирро эҳтиром мекунанд. Утба ба онҳо чунин ҷавоб дод:

– Ман ба Худо паноҳ металабам, ки дар дунёи шумо бузург бошам ва дар назди Худо пасту сағир.

Вақте дид, ки дар рӯи мардум ба сабаби сахтгириаш дар маҷбур сохтани онҳо ба камбағалӣ ва қаноъат, норизоиятӣ ва хастагӣ мушоҳида мешавад, барояшон гуфт:

– Фардо, баъди ман амиронеро хоҳед дид.

Мавсими ҳаҷ пеш омад. Ӯ ба ҷои худ яке аз бародаронашро дар Басра халифа таъин намуда худаш ба қасди ҳаҷ берун омад. Чун ҳаҷро анҷом дод, ба сӯи Мадина сафар кард ва дар он ҷо аз халифа илтимос намуд, ки ӯро аз аморат холӣ кунад.

Вале Умар (р) ин қабил одамони бузурги зоҳидро, ки аз неъматҳои дунёӣ, ки барои дарёфти онҳо оби даҳони тамоми башар равонааст гурезонанд, ҳаргиз аз даст намедод ва барояшон мегуфт:

– Шумо амонатҳоятонро дар гардани ман мегузоред ва маро танҳо тарк мекунед? Қасам ба Худо, ки ҳаргиз шуморо аз кор бекор намекунам!

Ва ба Утба ибни Ғазвон низ ҳамчунин гуфт.

Чун Утба ба ғайри итоъат илоҷе наёфт, пас рӯ ба сӯи савориаш овард, то ба он савор шуда ба сӯи Басра бозгардад.

Вале пеш аз он ки бар пушти он савор шавад, рӯ ба сӯи қибла овард ва кафҳои дасташро бо тазарруъ ба сӯи осмон бардошт ва ба Парвардигори азизу тавонову бузург дуъо кард, ки ҳаргиз ӯро ба Басра ва ба аморат бознагардонад. Ва дуъояш иҷобат гардид. дар он ҳангом, ки ӯ ба сӯи вилояту амораташ бармегашт, марг ӯро даррасид ва рӯҳаш хушу хурсандона ба сӯи соҳибаш парвоз намуд, бо ҳамроҳии он корҳое, ки кард ва бахшид ва зуҳд кард ва покдоманӣ намуд ва Худо неъматҳояшро комил сохт ва Худованд барояш савобу мукофот ато намуд.

## 38. СОБИТ ИБНИ ҚАЙС
### Хатиби Расули Худо

**Ҳассон ибни Собит шоири Расули Худо (с) ва ислом буд. Ва Собит хатиби Расули Худо (с) ва ислом буд. Ибораҳое, ки аз даҳони ӯ берун меомаданд, хеле боқувват, кӯбанда, пурмазмун ва пурҷило буданд.**

Дар соле, ки намояндагон аз гирду атроф аз ҷониби қабилаҳои атроф ба сӯи Мадина меомаданд, як гурӯҳи намояндагони Бани Тамим ба Мадина расиданд ва ба Паёмбари Худо (с) гуфтанд:

– Мо барои он омадем, ки дар бораи бузургии аслу насаб баҳс кунем, пас барои шоир ва хатиби мо иҷоза бидеҳ!

Паёмбари Худо (с) бо табассум барояшон гуфт:

– Ман барои хатиби шумо иҷоза додам. Бигузор бигуяд.

Хатиби онҳо, ки Уторуд ибни Ҳоҷиб ном дошт, аз ҷой бархост ва аз бузургиҳои аслу насаби қавмаш бо ифтихор суханронӣ намуд.

Чун эълон кард, ки суханаш ба охир расидааст, Паёмбари Худо (с) ба Собит ибни Қайс гуфт:

– Бархез ва ӯро ҷавоб гӯй!

Ва Собит бархост ва гуфт:

– Сипосу ситоиш барои Маъбуди барҳақе бод, ки осмонҳову замин халқкардашудаи ӯ ҳастанд. Ва ҳукми худро дар миёни онҳо ҷорӣ на-мудааст ва илмаш муҳити Курсии вай аст. Ва чизе дар олам вуҷуд надорад, магар аз фазли ӯст.

Баъд аз он аз ҷумлаи қудратнамоии вай аст, ки моро пешвоӣ ато кард ва аз ҷумлаи беҳтарини махлуқоташ Паёмбаре баргузид, ки беҳтарини онҳост аз рӯи насаб ва ростгӯтарини онҳост аз рӯи сухан ва афзалтарини онҳост аз рӯи обрӯмандӣ, пас бар вай китобашро фиристод ва барои махлуқоташ ӯро шахси амонатдор гардонид.

Пас ӯ касест, ки интихобкардаи Худост аз ҷумлаи оламиён. Баъд аз он мардумро даъват намуд, ки ба вай имон биёваранд, пас муҳоҷирон, ки аз қавму хешу табори ӯ ҳастанд, имон оварданд, ки беҳтарини мардуманд аз лиҳози обрӯмандии аслу насаб ва некӯтарини мардумо-нанд аз рӯи хулқу рафтор. Баъд аз он, мо ансор, аввалин мардуме ҳастем, ки ӯро иҷобат кардем. Акнун мо нусратдиҳандагони Худо ва вазирони Паёмбари ӯ (с) ҳастем.

* * *

Собит ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ғазои Уҳуд ва тамоми ҷангҳои баъдина ширкат варзидааст ва ҷонфидоии вай хеле аҷиб аст.

Дар ҷангҳои зидди муртадин ӯ доим дар гурӯҳи пешоҳанги ҷангӣ қарор дошт ва байрақи ансорро мебардошт ва бо шамше-раш, ки ҳаргиз хато намекард, зарба мезад.

Дар ҷанги Ямома, ки пеш аз ин чандин маротиба аз он ёдовар шудем, Собит ибни Қайс воқеъ шудани ҳуҷуми ногаҳониро аз ҷониби лашкари Мусайламаи каззоб бар болои мусалмонон дар аввали набард мушоҳида намуд. Пас бо овози баланди огоҳкунандаи худ фарёд кашид,

– Қасам ба Худо, ки мо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) инчунин намеҷангидем.

Баъд аз он каме дуртар рафта ва худро хушбӯй намуда ва кафанҳояшро пӯшид ва бори дигар фарёд кашид:

– Худоё, ман дар назди ту аз кори кардаи онҳо аз нафси худ безорӣ эълон медорам, яъне аз кору кирдори лашкари Мусай-лама ва аз кори кардаи ин гурӯҳ аз ту узр мепурсам, яъне аз сус-тии мусалмонон дар ҷанг.

Ва Солим, ғуломи озодкардаи Паёмбари Худо (с) низ бо вай якҷоя шуд, ки ӯ байрақи муҳоҷиронро мебардошт. Ҳарду барои худашон хандақҳо канданд ва дар онҳо даромада рост истоданд ва регҳоро бар болои худашон кашиданд, то ин ки то миёнашон пӯшида шуд. Ана ҳамчунин истоданд... Ду кӯҳи сар ба фалак кашида нисфашон дар миёни регҳо ғӯтида дар чуқурии он ҷо маҳкам, нисфи болои онҳо, сари сина, рӯй ва дастонашон ба муқобили лашкари бутпарастӣ ва дурӯғ истода буд.

Ва ҳар касе, ки аз лашкари Мусайлама ба онҳо наздик мешуд, онро бо шамшерҳояшон мезаданд, то ин ки ҳарду шаҳид шуданд ва офтоби умри ҳар яке ба сӯи ғуруб майл намуд.

Ва ин саҳнаи диловарии онҳо, ки Худо аз ҳардуяшон розӣ бод, бузургтарин нидое буд барои бозгардонидани мусалмонон ба ҷои худашон. Дар ҷое, ки лашкари Мусайламаи каззобро ба хоке мубаддал намуданд, ки қадамҳо онҳоро поймол мекунанд.

* * *

Собит ибни Қайс. Касе, ки дар ироаи хутбагӯӣ аз дигарон бартарӣ дошт ва дар ҷанг низ аз дигарон дастболо буд, бо вуҷуди ин ҳама дорои нафси руҷуъкунандаи ба Худо ва дили тарсгор ва итоъатгар буд.

Ӯ нисбат ба дигар мусалмонон аз Худованд бештар метарсид ва аз Худо ҳаё мекард.

* * *

Вақте ки ояи каримаи: Худо ҳаргиз мардуми мутакаббир ва худситоро дӯст намедорад (Сураи Луқмон, ояти 18) нозил шуд, Собит дари хонаашро ба рӯяш баста ба гиря даромад ва ин ҳол хеле давом намуд, то ин ки хабараш ба Паёмбари Худо (с) расида ӯро ба наздаш даъват намуд ва сабаби ин амалашро аз вай пурсид. Собит гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ман либоси зебо ва мӯзаи зеборо дӯст медорам ва метарсам, ки бо ин корам аз ҷумлаи он мутакаббирон набошам.

Пас Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки аз ғояти ризомандӣ механдид, гуфт.

– Ту аз ҷумлаи онҳо нестӣ, балки ту ба некӣ зиндагонӣ мекунӣ ва бо некӣ вафот мекунӣ ва дохили ҷаннат мешавӣ.

Вақте ки ин сухани Худо нозил шуд:

Эй аҳли имон, (бо Расули Худо ба адаб сухан гуед). Баландтар аз савти Пайғамбар садо баланд макунед ва дар сухан гуфтан бо ӯ дурушт ва дағал гап назанед, чунонки одатан байни якдигаратон гап мезанед, ки аъмоли некатон маҳв ва ботил шавад ва шумо фаҳм накунед. (Сураи Ҳуҷурот, ояти 2).

Боз Собит дари хонаашро қулф намуда ба гиря даромад. Ва Паёмбари Худо (с) ӯро ҷустуҷӯ намуда дар бораи ӯ пурсид. Баъд кас фиристод ва ӯро ба сӯи худаш хонд.

Ва Собит омад. Паёмбари Худо (с) аз сабаби ғоиб шуданаш аз вай суол кард. Ӯ ҷавоб дод:

– Ман мардеам баландовоз ва шояд гоҳо овозамро аз овози ту баландтар карда бошам, эй Паёмбари Худо (с) ва ин ҳангом амалҳои ман ботил гардида бошад ва ман аз аҳли дӯзах бошам?

Паёмбари Худо (с) чунин ҷавобаш дод:

– Ту аз ҷумлаи онҳо нестӣ, балки ту ҳаёти боарзише мегузаронӣ ва шаҳид кушта мешавӣ ва Худованд туро дохили биҳишт мегардонад.

* * *

Дар қиссаҳои Собит як воқеъае боқӣ монд, ки шояд онро баъзе нафароне, ки фикру шуъуру биниши худро дар дохили олами танги моддӣ, ки бо ламс маҳсус мешавад ва ё мебинандаш ва ё бӯяш мекунанд, маҳсур намудаанд, бовар ва эътимод накунанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, ин воқеъа дуруст аст ва шарҳи он ошкор ва осон аст барои касоне, ки ҳамроҳи биноии зоҳирӣ басирати до-хилиашонро низ кор мефармоянд.

Баъди он ки Собит дар набард шаҳид шуд ба пеши мурдаи вай яке аз мусалмононе, ки нав дар ислом даромада буданд, ме-гузарад ва дар бадани Собит як зиреҳи (куртаи ҷангӣ) гаронбаҳо мебинад, гумон мекунад ҳақ дорад инро барои худаш бигирад. Пас онро мегирад.

Биёед бигузорем ривояткунандаи қисса худаш ба мо нақл ку-над:

– Ҳангоме, ки яке аз мусалмонон хобида буд Собит дар хобаш медарояд ва ба вай мегӯяд:

– Ман барои ту васияте мекунам эҳтиёт кун, ки нагӯӣ, ки хобест ва он васиятро зоеъ кунӣ. Вақте ки ман дирӯз шаҳид шудам, ба назди ман марде аз мусалмонон гузар кард ва зиреҳи ҷангии маро гирифт ва манзилаш аз ҳамаи мардум дуртар аст (яъне дар охири лашкаргоҳ аст) ва аспаш аз рӯи одат дар тавилааш аст – яъне бо лаҷом ва зину бандаш истодааст.

Ва ба таҳқиқ бар болои он зиреҳ дегеро чаппа карда мондааст ва дар болои деги чаппакардашуда зини аспаш меистад. Пас ту ба назди Холид бирав, ӯро бифармо, то онро ҷустуҷӯ намояд ва пас бигирад.

Чун ба Мадина қадам гузоштӣ, ба назди халифаи Расули Худо Абубакр (р) бирав ва ба вай бигӯй, ки ман (Собит) ана ин қадар ва он қадар қарздорам. Халифа барои адои онҳо бархезад.

Вақте ки он мард аз хобаш бедор шуд, ба назди Холид ибни Валид омад ва хобашро ба вай қисса намуд. Холид нафар фири-стод, то зиреҳро биёранд, онҳо рафта ҳақиқати ҳолро он чунон ки Собит гуфта буд, дарёфтанд. Чун мусалмонон ба сӯи Мадина бозгардиданд, он мусалмон бар халифа хобашро нақл кард. Ха-лифа васияти Собитро ба иҷро расонид. Дар ислом васияти мурдаро, ки баъди фавташ дар хоби касе васият карда бошад, ба ин дастур ба анҷом нарасонидаанд ғайри васияти Собит ибни Қайс.

Дар ҳақиқат инсон сирри бузургест...

Шумо он касонеро, ки дар роҳи Худо кушта гардидаанд, мурда напиндоред... балки онҳо зиндаанд дар назди Худо, ризқ мехӯранд... (Сураи Оли имрон, ояти 169).

## 39. УСАЙД ИБНИ ҲУЗАЙР
## Диловари рӯзи Сақифа

**Ӯ некӯкориро насл ба насл мерос гирифтааст. Падараш Ҳузайру-л-катоиб, пешвои қабилаи Авс ва дар замони ҷоҳилият яке аз бузургони ашрофи Араб ва аз ҷанговарони хеле қавӣ ба ҳисоб мерафт.**

Дар сифати у шоир чунин гуфтааст:

Агар марг аз шахси воҳимаангез
ба самти номаълуме бигурезад,
Ҳаққо, ки аз Ҳузайр метарсад, чун рӯзе
дарро ба рӯяш андӯҳнок бубандад,
Дар атрофи ӯ давр мехӯрад,
то ин ки шаб дармеёбадаш,
Паҳлӯи вай ба худ ҷои нишаст пайдо мекунад
бо ҳамфикрии якдигар.

Усайд аз падараш ҷоҳу мартаба, шуҷоъат ва саховаташро ба мерос гирифт. Ва пеш аз он ки исломро пазирад, яке аз пешвоёни Мадина ва ашрофи Араб ва аз ҷумлаи тирандозони камназир ба шумор мерафт.

Чун ӯ исломро ихтиёр кард ва ба сӯи роҳи Худованди тавоно ва сазовори ситоиш ҳидоят ёфт, иззаташ ба камол расид ва ша-рафаш волотар гардид. Он рӯзе, ки ҷои худашро ҳамчун як ан-сории Худо ва ансории Паёмбар (с) гирифт ва аз ҷумлаи собиқини ба сӯи исломи бузург шуд.

* * *

Рӯзе, ки ӯ ислом овард, ислом оварданаш босуръат, қотеъона ва мардона буд.

Ин воқеъаи таърихӣ замоне рӯй дод, ки Паёмбар (с) Мусъаб ибни Умайрро ба сӯи Мадина фиристод, то мусалмонони ан-сорро, ки дар байъати Ақабаи аввал бо Паёмбар (с) аҳд баста буданд ислом биёмӯзонад.

Он рӯз Усайд ибни Ҳузайр ва Саъд ибни Муъоз, ки ҳарду пешвои қавмашон буданд, якҷоя нишаста ва дар бораи ин шахси ғарибе, ки аз Макка омад ва дини онҳоро паст мезанад ва ба сӯи як дини наве, ки намешиносандаш даъват менамояд, машварат менамуданд.

Саъд ба тарафи Усайд гуфт:

– Ту ба сӯи ин мард бирав ва ӯро аз ин кор манъ намо.

Усайд дарҳол найзаашро гирифта ва бо қадамҳои сареъ ба сӯи қароргоҳи Мусъаб дар меҳмонии Асъад ибни Зарора, яке аз пешвоёни Мадина, ки пештар ба ислом гаравида буданд, рафт.

Усайд дар наздикии маҷлиси Мусъаб ва Асъад ибни Зарора гурӯҳи калони мардумро дид, ки бо таваҷҷуҳи зиёд суханони Мусъаб ибни Умайрро гӯш мекарданд.

Усайд нохост бо ғазаб ва шӯру ғавғо ба сари онҳо омад. Мусъаб ба тарафи ӯ хитоб намуда гуфт:

– Оё метавонӣ, ки биншинӣ ва гӯш кунӣ? Пас агар сухане бишнавӣ, ки розӣ гардӣ, қабулаш мекунӣ ва агар ягон сухане гӯям, ки аз он бадат барад, мо он суханро намегӯем.

* * *

Усайд марде буд дар камоли руҷулият ва соҳиби ақли расо ва бо фаҳму идрок. Ин буд, ки аҳолии Мадина ӯро бо лақаби Комил ном мебурданд. Ин лақабест, ки пеш аз вай падараш онро дошт.

Чун Мусъабро дид, ки бо мантиқу ақл ӯро ба доварӣ мекашад, найзаашро дар замин халонд ва ба Мусъаб гуфт:

– Хеле боинсофона сухан гуфтӣ, акнун он чӣ дорӣ, биёр.

Мусъаб ба тиловати оятҳои Қуръон шурӯъ кард ва даъвати ин дини ҷадидро барояш тафсир намудан гирифт. Он дини ҳаққеро, ки Муҳаммад (с) маъмур гардидааст барои таблиғ ва нашри он.

Он касоне, ки дар он маҷлис ширкат доштанд, мегӯянд:

– Қасам ба Худо, ки мо дар чеҳраи Усайд исломро қабл аз он, ки сухан гуяд, мушоҳида намудем. Мо онро аз рӯи равшан гар-дидани чеҳра ва мулоим гардиданаш ва аз табиаташ дарк наму-дем.

* * *

Ҳамин ки Мусъаб ҳадисашро ба поён расонид, Усайд ҳайратзада шуда фарёд кашид:

– Чӣ хуб ва чӣ зебост, ин суханон!

Шумо чӣ кор мекунед, вақте ки дар ин дин даромаданӣ шавед?

Мусъаб барояш гуфт:

– Баданат ва либосатро пок месозӣ ва ба шаҳодати Ҳақ гувоҳӣ медиҳӣ, баъд аз он намоз мегузорӣ.

Шахсияти Усайд, шахсияти рост, боқувват ва равшан аст ва ӯ вақте ки роҳашро шинохт, дигар дар назди иродаи қотеъи худ тараддуд намеварзад. Аз ҳамин сабаб бедаранг ва сустӣ бархост, то динеро, ки дилаш ба сӯи он кушода гардидааст ва рӯҳаш равшанӣ ёфтааст, истиқбол намояд. Пас ғусл кард, худро ва ли-боси худро пок сохт. Баъд

аз он ба даргоҳи Худо саҷда кард, дар ҳоле ки исломашро эълон намуд ва ба рӯзҳои бутпарастӣ ва ҷоҳилият видоъ намуд.

Усайд ӯҳдадор буд, ки боз ба назди Саъд ибни Муъоз бозгардад, то ба назди ӯ ахбори масъулиятеро, ки ӯро вазифадор гардонида буд, бирасонад. Он масъулият, манъ намудани Мусъаб ибни Умайр ва хориҷ намудани ӯ аз Мадина буд.

Ӯ ба назди Саъд баргашт.

Ва ҳамин ки Усайд ба маҷлиси Саъд наздик шуд, дар ҳол Саъд ба атрофиёнаш гуфт:

– Ман ба Худо қасам мехӯрам, ки Усайд ба ғайри он чеҳрае, ки рафта буд, ба назди Шумо баргаштааст.

Оре, ӯ ба чеҳраи пурғазаб ва таҳдидомез рафта буд ва бо чеҳраи ором, раҳматбор ва нуронӣ баргашт!

* * *

Усайд қарор дод, ки зиракиашро каме кор фармоед. Ӯ медо-нист, ки Саъд ибни Муъоз дар покизагии ҷавҳараш ва азамати дурандешиаш, тафаккури самимиаш куллан ба ӯ монанд аст ва медонист, ки байни Саъд ва ислом фақат шунидани он суханони Худост, ки ӯ шунидааст он суханоне, ки хониши саҳеҳ ва шарҳу тафсири онро сафири Паёмбари Худо (с) Мусъаб ибни Умайр хеле хуб анҷом медиҳад.

Лекин агар худаш ба Саъд бигуяд, ки ман ислом овардам ва ту низ бархезу имон биёр, ин як намуди муқобала шуморида ме-шавад, ки оқибати хуб надорад. Ин ҷо бар вай лозим аст, ки ғайрати Саъдро ба ҳар роҳ барангезад, то ӯро ба суи маҷлиси Мусъаб таҳрик бидиҳад, то худаш бишнавад ва бубинад. Пас ин корро чӣ тавр анҷом бидиҳад?

* * *

Ҳамчунон ки қабл аз ин ёдовар шудем, Мусъаб дар ҳавлии Асъад ибни Зурора ба меҳмонӣ фуруд омада буд.

Ва Асъад ибни Зурора, писари холаи Саъд ибни Муъоз буд.

Ана дар ҳамин ҷо Усайд ба Саъд гуфт:

–Ба ман нақл намуданд, ки бани Ҳориса бо вуҷуди ин, ки ме-донистанд, ки Асъад ибни Зурора писари холаи туст, берун рафтанд, то ӯро бикушанд, Саъд бархост дар ҳоле, ки номусу ғазаб ӯро пеш мебурд, силоҳашро ба даст гирифт ва ба зудӣ сӯи он маконе, ки Асъад, Мусъаб ва дигар мусалмонон буданд, роҳ пеш гирифт.

Чун ба он маҷлис наздик шуд, ҳеҷ гуна ғиреве мушоҳида на-кард. Магар як оромии ботинӣ ҷомеъае аз мардумро фаро ги-рифта буд, ки

дар миёнашон Мусъаб ибни Умайр ба як тарсу та-возуъ оятҳои Худоро мехонд ва дигарон бо як эътимоди зиёд онро гӯш мекарданд.

Ӯ дар ҳол фаҳмид, ки Усайд ин найрангро фикр намуд, ки ӯро ба сӯи ин маҷлис таҳрик кунад ва ба суханони сафири Паёмбар (с) гӯш бидиҳад.

Воқеъан фаросати Усайд дар бораи дӯсташ Саъд рост баромад. Ҳамин, ки Саъд суханони Худоро шунид, дилашро Худованд ба роҳи ислом кушода гардонид ва дарҳол ҷояшро дар байни мусулмонони собиқ ишғол кард.

* * *

Усайд дар қалб ва хирадаш имони мустаҳкам ва дурахшоне дошт ва имонаш барои вай таҳаммул ва ҳилму суботро дар аъмолаш ато мекард. Ҳилм ва суботи Усайд ӯро мавриди эъти-моди хосу ом қарор медод.

Дар ғазои бани Мусталиқ ғазабу қаҳри Абдуллоҳ ибни Убай ҷӯш зад. Пас барои он касоне, ки аз аҳли Мадина дар атрофаш буданд, гуфт:

– Шумо онҳоро дар диёратон даровардед ва молҳоятонро дар байнашон тақсим намудед, аммо қасам ба Худо, ки шумо агар манъ кунед он чизеро, ки дар дасти шумост ҳар оина ба сӯи дигар диёр хоҳанд рафт. Аммо қасам ба Худо, ки агар мо ба сӯи Мадина бозгардем, албатта азизтарин шахс хортарин шахсро аз Мадина берун мекунад. Яке аз саҳобагони бузург Зайд ибни Арқам ин калимотро шунид, балки ин шамоли сӯзони мунофиқонаи девонаро шунид, пас ӯ ҳақ дошт, ки ин хабарро ба Паёмбари Худо (с) бирасонад.

Паёмбари Худо (с) аз шунидани ин хабар хеле озурда шуд ва дар он ҳоле, ки Усайд ба вай рӯ ба рӯ шуд, Паёмбари Худо (с) ба вай гуфт:

– Оё ба ту хабари он суханоне, ки роҳбари шумо гуфтааст, нарасид?

Усайд гуфт:

– Он кадом роҳбари мост, эй Паёмбари Худо (с)?

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Абдуллоҳ ибни Убай.

Усайд гуфт:

– Ӯ чӣ гуфтааст?

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ӯ гумон дорад, ки агар ба сӯи Мадина бозгардад, албатта шахси азизтар як нафари хору залилтарро аз Мадина хориҷ месозад.

Усайд гуфт:

– Қасам ба Худо эй Паёмбари Худо (с), ту ӯро аз Мадина хориҷ месозӣ, агар Худо хоҳад. Қасам ба Худо, ӯ худаш хору залилтарин аст ва ту тавонову боиззат ҳастӣ.

Баъд аз он Усайд гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) ба вай каме меҳрубонтар муносибат намо, зеро қасам ба Худо, ки Парвардигор туро барои мо овард. Дар он ҳоле, ки қавми ӯ барояш дурдонаҳоро дар ресмон шадда мекарданд, то ки ӯро тоҷгузорӣ кунанд ва дар Мадина подшоҳаш созанд. Ҳоло ӯ чунин мепиндорад, ки ислом аз дасташ мулкашро берун бурддааст.

Бо ҳамин гуна тафаккури ором, амиқ, баробарвазнию равшанӣ Усайд доимо мушкилоти омадаро бо ҳӯшу ақли ҳозиру нозукбинаш ҳал мекард.

Дар рӯзи Сақифа, баъди вафоти Паёмбари Худо (с) дар он ҷое, ки як гурӯҳи ансор бо сардории Саъд ибни Убода ҳаққияти хешро барои хилофат эълон доштанд, баҳсу гуфтугӯ дер давом намуда ба муноқаша расид. Дар ин ҷо мавқифиУсайд ҳамчун пешвои ансории кабир, мавқифгирии фаъол буд. Дар ҳалли ин рӯйдод суханони ӯ мисли равшании субҳ буданд, барои муайян намудани масири он ҳолат.

Усайд бархоста ба тарафи гурӯҳи ансор аз қавмаш хитоб на-муда гуфт:

– Шумо медонед, ки Паёмбари Худо (с) аз ҷумлаи муҳоҷирин буд. Пас халифааш низ бояд аз ҷумлаи муҳоҷирин бошад. Ба таҳқиқ мо ансори Расули Худо (с) будем. Пас Усайд ба сӯи Саъд хитоб намуда гуфт: ва имрӯз бар мо лозим аст, ки ансори халифаи Паёмбари Худо (с) бошем.

Суханони ӯ барои ҳозирин хеле рӯҳбаландкунанда буданд.

* * *

Усайд ибни Ҳузайр ҳамчун шахсияти обид, мутеъи Худо ва сарфкунандаи ҷону молаш дар роҳи Худо зиндагонӣ намуд. Ӯ васияти Паёмбари Худоро (с), ки барои ансор карда буд, ҳамеша сармашқи кори худ медонист:

– Шумо бо сабру таҳаммул бошед, то он даме, ки бо ман дар лаби ҳавз мулоқот намоед.

Ба таҳқиқ аз ҷиҳати диндорӣ ва ахлоқаш ҳамеша мавқеъи эҳтиром ва муҳаббати Абубакри Сиддиқ (р) буд ва ҳамчунин ҳамин мартабаву манзалатро дар дили амири муъминон Умар (р) низ дошт ва дар дили тамоми саҳобагон.

Гӯш кардани овози ӯ ҳангоми қироъати Қуръон яке аз дастовардҳои бузурге буд, ки ҳамеша асҳоб барои шунидани он ҳарис буданд.

Он овозе, ки ҳувайдову гӯшнаво буд. Паёмбари Худо (с) чунин хабар дода буд, ки малоик ба ин дӯсти ӯ шабе наздик омаданд, то қироъаташро бишунаванд.

Дар моҳи шаъбони соли бистуми ҳиҷрат Усайд вафот намуд. Ва амири муъминон Умар (р) ҳеҷ қабул накард, магар, ки тобути ӯро дар болои китфаш бардошт. Ва дар зери хоки гӯристони Бақиъ, саҳобагон ҷасади ин мӯъмини бузургро ба хок супурданд ва ба сӯи Мадина бозгаштанд. Ва байни худ рафтору кирдори неки ӯро ёд мекарданд ва сухани Паёмбари Худоро (с), ки дар ҳаққи ӯ гуфта буд, гаштаву баргашта такрор менамуданд:

– Нек мардест, Усайд ибни Ҳузайр.

## 40. АБДУРАҲМОН ИБНИ АВФ
### Чӣ чиз туро мегирёнад, эй Абомуҳаммад?

**Рӯзе дар ҳолати оромӣ ва сокитии Мадина аз теппаҳои атрофи он ғуборе бархост, ки хеле ғафс буд, ба ҳадде, ки наздик буд уфуқро бипӯшонад.**

Ва бод ин ғубори зардеро, ки аз регҳои мулоим бармехостанд, тела медод. Он ғубор дар асари тела додани бод ба дарҳои Мадина наздик шуд ва бо шиддат бар дару девори Мадина вазидан гирифт.

Мардум пиндоштанд ягон бӯронест, ки регҳоро рӯфта меорад ва ба ҳар ҷо мепартояд. Аммо дере нагузашта онҳо ғулғулаеро шуниданд аз пушти пардаи ғубор, ки аз воридшудани як қофилаи бузурге хабар медод.

Дере нагузашта ҳафтсад шутури вазнинбор ба кӯчаҳои Мадина дохил шуданд ва аз садоҳои пои худ он ҷоро меларзониданд. Мардум якдигарро нидо мекарданд, то ин саҳнаи бисёр аҷибу ғарибро бубинанд ва то башорат ёбанд ва хурсанд шаванд ба он чизе, ки онҳо дар болои худ доранд аз хайр ва ризқ.

* * *

Ва модари мӯъминон Оиша (р) дар ҳоле, ки ба гӯшаш садои қофилаи омадаистода расид, пурсид, ки дар Мадина чӣ ҳодиса рӯй додааст? Ба ӯ ҷавоб доданд:

– Ин қофилаи Абдураҳмон ибни Авф аст, ки аз Шом меояд ва бори тиҷорати ӯро меорад.

Модари мӯъминон гуфт:

– Оё қофила ҳамин қадар шӯру мағал мекунад?

Ба ӯ гуфтанд:

– Оре, эй модари мӯъминон, дар ҳақиқат ҳафтсад шутур аст.

Модари мӯъминон сарашро ин тарафу он тараф ҷунбонид ва нигоҳҳои тези худро ба як нуқтаи дур равона сохт. Гумон мекардӣ, ки ягон лаҳзаи дидаашро ё ҳодисаи шунидаашро ба ёд меорад.

Баъди чанде гуфт:

– Аммо ман аз Паёмбари Худо (с) шунида будам, ки мегуфт:

– Ман Абдураҳмон ибни Авфро дидам, ки хазида ба биҳишт медаромад.

* * *

Абдураҳмон ибни Авф ба биҳишт хазида медарояд?

Барои чӣ ҳамроҳи собиқин аз асҳоби Паёмбари Худо (с) ҷаҳида ва ё давида не?

Баъзе аз ҳамсӯҳбатонаш гуфтаи Оишаро барояш қисса намуданд. Пас ба ёдаш омад, ки ӯ ин ҳадисро борҳо ва бо чанд лафзи гуногун аз Паёмбари Худо (с) шунидааст.

Пеш аз он ки қулфи сандуқҳои тиҷораташ кушода шаванд, бо қадамҳои тез ба сӯи хонаи Оиша равон шуда ба ӯ гуфт:

– Ба таҳқиқ ҳадисеро дар ёдам овардӣ, ки ҳаргиз фаромӯшаш накардаам.

Баъд аз он гуфт:

– Аммо ман туро гувоҳ мегирам, ки ин қофила ҳамроҳи борҳояш ва зину афзораш ҳама дар роҳи Худованди тавонову бузург аст.

Ва бори ҳафтсад шутур ба аҳолии Мадина ва атрофиёни Мадина дар як ҷамъомади бузурги хайрия, тавзеъ ва тақсим гардид.

Ҳамин ҳодиса ба танҳоиаш сурати комили зиндагонии ин саҳобаи Паёмбар (с) Абдураҳмон ибни Авфро муҷассам мекунад.

Пас ӯ тоҷирест комёб, ба дараҷаи олитарини комёбӣ ва комилтарини фоидааш.

Ӯ сарватманди тавоно ва дорост ва шахсияти боимон ва доноест дар он сатҳе, ки намехоҳад аз дунё фоида бурданаш фоидаҳои охираташро нобуд созад ва намехоҳад, ки боигариаш ӯро аз қофилаи имондорон ва савоби ҷаннат қафо мононад. Пас ӯ аз сарваташ саховатмандӣ мекунад, бо бахшидан, ато кардан ва бо ин роҳ қалбашро таскин мебахшад. Худо аз вай розӣ бод!

* * *

Ин марди бузург кай ва чӣ гуна ба ислом даромад?

Ӯ хеле барвақт дар соатҳои аввалини даъват пеш аз он ки Паёмбари Худо (с) ба ҳавлии Арқам бидарояд ва онро ҷои мулоқот бо дӯстони мӯъмини худ қарор бидиҳад, имон оварда буд.

Пас ӯ яке аз ҳашт нафарест, ки ба сӯи ислом аз ҳама пешдастӣ намуда буданд.

Абубакри Сиддиқ (р) ба ӯ ва Усмон ибни Аффон ва Зубайр ибни Аввом, Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Саъд ибни Абиваққос исломро арз намуд ва барои онҳо ҳеҷ чизе аз ин кор пӯшида набуд ва ҳеҷ шакку шубҳае онҳоро ба қафо напартофт, балки дарҳол бо ҳамроҳии Сиддиқ (р) ба сӯи Паёмбари Худо (с) шитофтанд ва ба ӯ байъат намуданд ва байрақи ӯро бардоштанд.

Аз рӯзе, ки имон овард то он даме, ки дар синни ҳафтоду панҷсолагӣ ба Парвардигори худ мулоқот намуд, ӯ яке аз намунаҳои шахсияти бузурги боимон аст, то он дараҷае, ки Паёмбари Худо (с) ӯро дар радифи шахсони ба Ҷаннат башоратёфта зикр намудааст. Ва Умар (р) ӯро бо ҳамроҳии нафарони шашгонае якҷоя намудааст, ки хилофатро баъди худаш дар миёни онҳо ниҳодааст. Ва гуфтааст:

– Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) аз дунё гузашт ва аз ин нафарон розӣ буд.

Аз лаҳзаи аввали ислом оварданаш фавран ба зулму ситами Қурайш рӯ ба рӯ гардида насибаи комиле аз он бардоштааст.

Вақте, ки Паёмбари Худо (с) асҳобашро ба ҳиҷрат ба сӯи Ҳабаша амр кард, ибни Авф низ ҳиҷрат намуд ва баъдтар ба Макка бозгардид ва бори дуввум низ ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат намуд. Баъд аз ин ба сӯи Мадина ҳиҷрат карда ва дар ҷангҳои Бадр, Уҳуд ва тамоми ҷангҳои минбаъда иштирок намудааст.

* * *

Ӯ дар тиҷорат ба ҳадде муваффақ гардида буд, ки худаш таъаҷҷуб мекард ва дар ҳайрат меафтид. Ӯ гуфта буд:

– То ҳадде, ки худам дар бораи худам чунин гумон мекунам, ки агар сангеро аз замин бардорам, дар зери он нуқра ё тиллое меёбам.

Тиҷорат дар назди Абдураҳмон ибни Авф ҳирс ва гирдоварии мол нест.

Ҳаргиз! Балки амал кардан ва воҷиберо анҷом додан аст, ки ҳардуи ин амалу воҷиб муваффақият ва комёбӣ ба нафс қарибшуданашро ва афзудани саъяшонро зиёда мегардонад.

Ибни Авф дар худ як табиати хурӯшанда ва саршоре дорад, ки роҳаташро ҳар куҷое, ки бошад дар кори бо шарофат мебинад. Пас агар ӯ дар масҷид нест, ки намоз бихонад ва на дар ғазост, ки ҷиҳод бикунад, ӯ ба тиҷорате машғул мешавад, ки ба таври ҳайратангез зиёд мешавад, то он андозае, ки қофилаҳои тиҷораташ ба сӯи Мадина аз Мисру аз Шом меоянд ва тамоми он чизеро, ки аз либосу таъом ҷазираи Араб мӯҳтоҷ аст, дар пушти худ доранд.

Ва моро ба сӯи табиати хурӯшони ӯ кори кардааш дар фардои ҳиҷрати мусалмонон ба сӯи Мадина, далолат мекунад. Зеро Паёмбари Худо (с) он рӯзҳо як тариқаеро интихоб намуда буд, ки байни ду нафаре аз саҳобагон, ки яке муҳоҷиру аз Макка дигаре ансорист аз Мадина аҳди бародарӣ барбаст.

Ва ин бародарӣ дар охири кор ба ҳадде расид, ки соҳибони ақл ангушти ҳайрат газиданд. Ансории аз Мадина тамоми дороияшро байни худ ва бародари муҳоҷираш тақсим менамояд. Ҳатто ҷои хобашро ва агар ӯ соҳиби ду зан бошад, якеро талоқ медиҳад, то бародараш вайро никоҳ кунад.

Ана ҳамин рӯз Паёмбари Худо (с) байни Абдураҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Рабиъ аҳди бародарӣ барбаст.

Биёед ба ин саҳобаи бузург Анас ибни Молик гӯш бидиҳем, то он рӯйдодро ба мо нақл кунад.

Саъд ба Абдураҳмон гуфт:

– Эй бародар, ман аз ҳама аҳли Мадина дида сарватмандтарам. Пас нигоҳ кун ва нисфи моламро бигир. Ва ман ду зан дорам. Пас нигоҳ кун кадомашон, ки бароят хуш ояд, талоқаш медиҳам то онро ба никоҳат дарорӣ!

Абдураҳмон ибни Авф гуфт:

– Худованд дар аҳлу молат баракат ато фармояд, ту фақат маро роҳи бозорро нишон деҳ.

Ва ба сӯи бозор баромада чизе харид ва фурӯхт ва фоида кард.

Бад-ин минвол ҳаёташ дар Мадина чӣ дар вақти ҳаёти Паёмбар (с) ва чӣ баъди вафоташ давом мекард. Ӯ вазифа ва ҳуқуқӣ динии худро мукаммал адо мекард ва амали дунё ва тиҷорати фоиданоки муваффақиятнокеро низ анҷом медод, ки бо гуфти худаш агар сангеро аз ҷояш бардорад ҳар оина дар зери он нуқра ва ё тиллое меёбад.

Ва он чизе, ки асосан тиҷорати вайро фоидаовар ва бобаракат намудааст, ҷустуҷӯи фоидаи ҳалол ва парҳези шадидаш аз ҳаром, балки аз шубҳаҳост.

Ҳамчунин аз ҷумлаи он чизҳое, ки тиҷораташро муваффақият ва баракат ато намудааст, ин аст, ки он тиҷорат аз они Абдураҳмон нест, балки барои Худованд дар ин тиҷорат насибаи комиле ҳаст. Ва ба воситаи он мол ба аҳлу байт ва бародаронаш силаи раҳм ба ҷо меорад ва лашкари исломро омода ва муҷаҳҳаз месозад.

Ҳар вақте ки тиҷорат ва сарватҳоро бо адади нақдинаҳо ва фоидаҳояш ҳисоб кунанд, сарвати Абдураҳмон ибни Авфро ба он миқдоре, ки аз он мол дар роҳи Худованди оламиён нафақа мекунад чен карда мешавад.

Рӯзе Паёмбари Худо (с) барояш гуфт:

– Эй ибни Авф, ба таҳқиқ ту аз ҷумлаи ағниё ҳастӣ. Ва ба таҳқиқ ту ба зудӣ хазида ба биҳишт дохил мешавӣ. Пас Худовандро қарз бидеҳ то пойҳои туро кушода гардонад.

Аз замоне, ки ӯ ин насиҳатро аз Паёмбари Худо (с) шунид, ӯ ба Худованд қарзи ҳасана медиҳад ва Худованд барои вай он чизи додаашро чандин баробар зиёд мегардонад.

Ӯ рӯзе як заминро ба чил ҳазор динор фурӯхт, баъд аз он пулро билкул дар миёни хешу табораш аз қабилаи бани Зуҳра ва ба модарони мӯъминон ва фақирони мусалмон тақсим кард.

Рӯзе барои лашкари ислом панҷсад асп пешкаш намуд ва як рӯзи дигар 1500 шутур дод.

Вақти мурданаш дар роҳи Худо панҷоҳ ҳазор динор васият кард ва барои касоне, ки аз гурӯҳи иштирокдоштагони Бадр боқӣ монда буданд, чорсад динорӣ васият кард, то ин ки Усмон ибни Аффон бо вуҷуди сарватмандиаш ҳаққашро аз он васият гирифт ва гуфт:

– Ба таҳқиқ моли Абдураҳмон ҳалолу покиза аст ва тӯъмае аз он тандурустӣ ва баракат аст.

* * *

Абдураҳмон ибни Авф соҳиби моли худ буд на ғуломи мол. Ва нишонаи он ин аст, ки ӯ ба сабаби ҷамъ намудан ва хазина кардани он мол худро шақиву бадбахт насохт, балки онро бо оромӣ аз ҳалол ҷамъ намуд ва баъдан танҳо худаш аз вай истифода накард, балки ҳамроҳи вай аҳлаш ва хешу табораш ва бародаронаш ва тамоми ҷамъияташ фоида мебурданд. Кор ба дараҷае расид, ки аз бисёрии атову бахшишаш ва ба дигарон ёрӣ доданаш чунин мегуфтанд:

– Аҳолии Мадина ҳамагӣ дар моли Ибни Авф шариканд.

Сеяки онҳоро қарз медод ва сеяки дигарро қарзҳояшонро адо мекард ва сеяки дигарашро силаи раҳм ва атоҳо медод. Ин сарвати ӯ чунин набуд, ки дар нафсаш фараҳ ва хушҳолиро барангезад, агар нусрат додани дин ва ёрии бародарони исломӣ набошад.

Аммо ба ғайри ин ӯ ҳамеша аз ин сарватдориаш аз Худованд дар тарсу ҳарос буд.

Рӯзе ба назди вай таъоми ифтор оварданд, зеро ӯ рӯзадор буд. Чун чашмонаш ба он таъом афтод, хушаш омад ва иштиҳо пайдо кард. Вале дар гиря даромад ва гуфт:

– Мусъаб ибни Умайр шаҳид гардид, ки ӯ аз ман беҳтар буд ва ӯро дар як либоси хатакие кафан карданд, ки агар сарашро мепӯшонидӣ, пойҳояш луч мешуданд ва агар пойҳояшро мепӯшонидӣ, сараш луч

мешуд. Ва Ҳамза, ки ӯ аз ман беҳтар буд, шаҳид гардид, пас барои кафаниаш ба ҷуз як пора либос чизи дигаре ёфт нашуд. Баъд аз он дари дунё барои мо ин қадар кушода шуд ва ба таҳқиқ ман аз он метарсам, ки аҷри амали мо дар ҳамин дунё барои мо дода нашуда бошад?

Рӯзе баъзе дӯстонаш дар назди вай барои таъоме гирд омада буданд. Ва ҳамин ки дар назди онҳо таъом гузошта шуд, ӯ ба гиря даромад. Аз вай пурсиданд:

– Чӣ чиз туро мегирёнад, эй Абомуҳаммад?

Ӯ гуфт:

– Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) аз дунё рафт. дар ҳоле, ки шиками вай ва аҳли байташ аз нони ҷавин сер нашуда буд.

Ман чунин намепиндорам, ки моро барои он чизе, ки барои мо беҳтар бошад, ба таъхир гузошта бошанд.

Ҳамчунин сарвати бепоёни вай натавонист як заррае аз фахру кибрро дар нафси вай ба таҳрик биёрад. То андозае, ки дар бораи вай гуфта шудааст: агар шахси ғарибу ношиносе ӯро дар миёни хидматгоронаш бубинад, наметавонад ӯро аз хидматгоронаш фарқ кунад.

Вале агар ин шахси ғариб як гӯшаи ҷиҳоди ибни Авф ва хидматҳои ӯро медонист, масалан дар рӯзи Уҳуд бист ҷароҳат бардоштанаш ва ба сабаби яке аз он ҷароҳатҳо лангидани доимиро дар як пояш боқӣ мондаро медонист, назараш дигар мешуд. Ҳамчунон ки дар рӯзи Уҳуд баъзе дандонҳои пешаш афтида буданд, пас набудани дандонҳояш ҳамеша дар нутқу ҳадисаш ошкор мегашт.

Дар ҳамин ҳолат он марди мусофир метавонист ин марди хушқомат ба чеҳраи дурахшон ва пӯсти нозук, ланг, дандонҳои пешаш аз асари ҷароҳатҳое, ки дар рӯзи Уҳуд ба вай расида буд, афтодаро бишиносад, ки Абдураҳмон ибни Авф аст.

Худованд аз вай розӣ шавад ва ӯро аз худ розӣ гардонад.

* * *

Ба таҳқиқ, аз рӯи одати табиати башарӣ сарват ҳамеша ҳокимиятро ба сӯи худ мехонад, яъне ба таҳқиқ сарватмандон доимо дӯст медоранд, ки барои онҳо бояд нуфуз ва ҳокимияте бошад, ки сарватҳои онҳоро ҳимоят кунад ва онҳоро зиёд гардонад ва хоҳишоти фахру бузургманишӣ ва худхоҳиро, ки одатан сарватҳо бедор мекунанд, сер ва қонеъ созад.

Пас, вақте ки мо Абдураҳмон ибни Авфро дар миёни ин сарватҳои бепоёнаш мебинем, инсони аҷиберо мушоҳида мекунем, ки дар ин ҳудуд тамоми табиатҳои башариро зери по гузоштааст ва ба сӯи қуллаи баланди ягона аз болояшон қадам ниҳода гузаштааст. (яъне ӯ ҳеҷ гоҳ ҳокимиятхоҳ набуд)

Ин ҳодиса вақте руй дод, ки Умар ибни Хаттоб (р) рӯҳи поки худро ҷавонмардона месупурд ва шаш нафар аз саҳобагони Паёмбари Худоро (с) интихоб намуд, то аз миёнашон халифаи навро интихоб намоянд. Дар ин ҳангом ангуштоне ҳам буданд, ки ба сӯи ибни Авф ишора мекарданд (яъне ӯро барои хилофат лоиқтар мешумориданд).

Ва ба таҳқиқ баъзе аз саҳобагон бо вай аз ин боб сухан оғоз намуда буданд, ки ибни Авф аз миёни ин шаш нафар барои амри хилофат лоиқтар мебошад.

Пас ӯ гуфт:

– Қасам ба Худо, агар теғеро гирифта дар гулӯи ман гузоранд ва онро аз ҷониби дигари гулӯям бигузаронанд, ин кор дӯстдортар аст барои ман аз ин кори хилофат.

Ҳамчунин ҳамин ҳайати шашнафараи интихобшуда ҷамъомади худро доир намудаанд, то ки баъди Умари Форуқ якеашонро интихоб намоянд. Абудараҳмон ибни Авф бо панҷ нафар бародарони боқимондааш хабар дод, ки ба таҳқиқ ӯ аз ҳаққи худ, он ҳаққе, ки Умар (р) дар ҳоле ки ӯро яке аз нафарони шашгона гардонидааст, ки халифа аз миёни онҳо интихоб бояд мешуд, мегузарад.

Ва бар онҳо лозим аст, ки кори интихоботро танҳо байни худашон бигузоранд, яъне байни панҷ нафари боқимонда.

Дар ин ҳол ин гӯшагирӣ аз мансаб ӯро дар ҷои довар байни ин панҷ нафар бузургон ҷой дод.

Ва ҳама розӣ шуданд, ки ӯ аз миёни панҷ тани боқимонда халифаи ояндаро интихоб намояд ва имом Алӣ (р) барояш гуфт:

– Ба таҳқиқ шунидаам, Паёмбари Худо (с) туро васф менамуд, ба ин ки ту амонатдорӣ дар миёни сокинони осмон ва дар миёни бошандагони замин низ аминӣ.

Абдураҳмон ибни Авф, Усмон ибни Аффонро ихтиёр намуд. Пас дигарон пешниҳоди ӯро пазируфтанд.

Ин аст ҳақиқати як марди сарватманд дар ислом. Оё шумо дидед, ки ислом дар ҳаққи ӯ чӣ кор кард? То он дараҷае, ки ӯро болотар аз сарватҳо гузорид ва чӣ гуна ӯро дар беҳтарин сурат қолабрезӣ намуд?

Акнун вай дар соли 32-юми ҳиҷрат охирин нафасҳои худро ҷавонмардона мекашад (яъне дар садади мавт аст). Ва модари мӯъминон Оиша (р) мехоҳад ӯро ба як шарафи хосе ноил созад, ки ба каси дигаре сазовор надида буд. Дар бистари марг ба вай пешниҳод кард, ки ӯро дар ҳуҷраи худаш дафн кунанд, яъне дар ҳамсоягии Паёмбари Худо (с) ва Абубакру Умар (р).

Вале ӯ аз мусалмононест, ки ислом ӯро одоби нек омӯзонидааст. Ӯ шарм дошт, ки нафси худро то он дараҷае боло бардорад, ки бо ин ҳамсоягӣ шарафёб шавад.

Ба замми ин ӯ бо Усмон ибни Мазъун (р) як ваъдаи мустаҳками пешакие дошт, ки ҳар кадоме аз онҳо вафот ёбад дигарашонро дар ҳамсоягии ӯ бигӯронанд.

* * *

Вақте ки рӯҳи ӯ омодаи ин сафари нав шуда истода буд, чашмонаш аз ашк пур гардиданд ва бо забони лакнатдор чунин гуфт:

– Ба дурустӣ, ки ман метарсам мабодо маро аз лоҳиқ гардидан бо дӯстонам, аз сабаби зиёдатии молҳоям манъ кунанд.

Вале як оромии аз ҷониби Худо ӯро фаро гирифт, пас дар чеҳрааш як табассуми нозуку нуронии дурахшони ором пайдо шуд.

Ва гӯшҳояшро барои шунидан мутаваҷҷеҳ сохт. Ҳамчунон, ки дар он ҷо гӯё овози хуше буд, ба гӯшҳои вай наздик мешуд.

Ва шояд он ҳангом ростии сухани Паёмбари Худоро (с) мешунид ки хеле барвақт гуфта буд:

– Абдураҳмон ибни Авф дар биҳишт аст.

Ва шояд ӯ ваъдаи Худовандро дар китобаш низ мешунид:

Ононе, ки молҳои худро дар роҳи Худо нафақа мекунанд, баъд аз он паи чизҳои нафақа намудаашон миннат ва ранҷише ба касе намекунанд, барои онҳо аҷру савобашон дар назди Парвардигори эшон ҳаст ва бароявшон хавфе нест. Ва ҳеҷ гоҳ маҳзуну ғамгин намешаванд. (сураи Бақара ояти 262).

## 41. АБУҶОБИР, АБДУЛЛОҲ ИБНИ АМР ИБНИ ҲАРОМ
## Зери сояи малоик

**Ҳангоме ки ансори ҳафтоднафара дар байъати Ақабаи сонӣ бо Паёмбари Худо (с) аҳд бастанд, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром, ки падари Ҷобир ибни Абдуллоҳ аст, яке аз ин ансор буд.**

Чун Паёмбари Худо (с) аз миёни ин ҳафтод нафар намоянда интихоб намуд, Абдуллоҳ ибни Амр яке аз он намояндагон буд. Ӯро Паёмбари Худо (с) барои қавмаш аз бани Салама намоянда гардонида буд.

Чун ӯ ба сӯи Мадина баргашт, вуҷуду молу хонаводаашро дар хидмати ислом гузошт.

Ва баъди ҳиҷрати Паёмбари Худо (с) ба сӯи Мадина Абуҷобир тамоми насибаҳои хушбахтии худро дар сӯҳбати Паёмбари Худо (с) ёфт, чӣ шаб ва чӣ рӯз.

* * *

Дар ғазои Бадр ҳамчун муҷоҳид берун омад ва диловарона ҷангид.

Ва дар ғазои Уҳуд пеш аз он, ки мусалмонон барои ғазо берун раванд, ҷои кушта шуданаш ба ӯ нишон дода шуд ва ӯро эҳсоси ростине фаро гирифт, ки ӯ ҳаргиз аз ин ҷанг барнамегардад. Пас наздик буд қалбаш аз фараҳ ба парвоз ояд. Пас писараш Ҷобир ибни Абдуллоҳро, ки як саҳобаи бузург аст, ба наздаш хонд ва ба ӯ гуфт

– Ба таҳқиқ маро дар ин ғазо кушташуда хоҳӣ дид. Балки шояд аз аввалин кушташудагони мусалмони ин маърака бошам. Ба таҳқиқ қасам ба Худо, ман пас аз марг ҳеҷ касеро, ки ӯ аз ту дида дар назди ман ғайр аз Паёмбари Худо (с) дӯсттар бошад, надорам ва ба таҳқиқ бар ӯҳдаи ман қарзе ҳаст. Он қарзро аз ҷониби ман адо намо ва дар ҳаққи бародаронат накӯӣ кун.

* * *

Ва дар субҳи рӯзи оянда мусалмонон барои мулоқоти Қурайш берун омаданд.

Он Қурайше, ки дар миёни лашкари бисёре омада буд, то Мадинаи осудаи онҳоро зери ҳуҷуми хеш қарор бидиҳад.

Ва набарди даҳшатноке дар гирифт, ки дар ибтидои он мусалмонон пирӯзии фаврие ба даст оварданд, ки имкон дошт ба пирӯзии комил анҷомад, агар тирандозоне, ки Паёмбари Худо (с) амр карда буд дар ҷойҳои худашон биистанд ва ҷои хешро ҳаргиз тарк насозанд, мухолифи фармудаи Паёмбар рафтор намекарданд. Зеро

пирӯзии зоҳирӣ бар Қурайш онҳоро барои ба даст овардани ғаниматҳо дар саросемагӣ андохт. Онҳо ҷойҳои хешро аз болои кӯҳпора тарк карданд ва ба ҷамъоварии ғаниматҳои лашкари шикастхӯрда пардохтанд.

Ана ҳамин лашкар чун диданд, ки лашкари мусалмонон аз самти қафо кушодааст, фавран фавҷҳои парокандаи хешро ҷамъ намуда ногаҳон аз пушт ба онҳо ҳамла намуданд ва пирӯзии мусалмонон ба шикаст мувоҷеҳ гардид.

* * *

Дар ин набарди сахт ва талх, Абдуллоҳ ибни Амр ҷиҳоди як шахси видоъкунанда ва шаҳидро иҷро намуд. Чун мусалмонон баъди ба охир расидани ҷанг барои дидани шаҳидонашон рафтанд, Ҷобир ибни Абдуллоҳ барои кофтукови падараш рафт ва ӯро байни шаҳидшудагон ёфт. Ва ӯро мушрикон мусла карда буданд. Ҳамчунон, ки дигар диловарон ва шаҳидонро мусла намуданд.

Ва Ҷобир ҳамроҳи баъзе хешу таборонаш истода бар ҷасади шаҳиди роҳи ислом Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром мегиристанд ва Паёмбари Худо (с) аз назди онҳо гузашт ва онҳо мегиристанд. Пас гуфт:

– Бигирйедаш ё нагирйедаш, ба дурустӣ, ки дар ин дам малоик ҳар оина бо парҳояшон ӯро соя мекунанд.

* * *

Имони Абуҷобир равшан ва мустаҳкам буд ва муҳаббати ӯ, балки иштиёқи комили ӯ нисбат ба мурдан дар роҳи Худо охирин мақсад ва орзуи вай буд.

Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) дар оянда як хабари бузургеро ба огоҳии мардум расонид, ки иштиёқи бузурги ӯро нисбат ба шаҳодат баён месозад.

Паёмбари Худо (с) рӯзе ба фарзанди ӯ Ҷобир гуфт:

– Эй Ҷобир, ба ҳеҷ касе Худо ошкор гап назадааст, магар аз пушти парда ва ба таҳқиқ бо падари ту рӯ ба рӯ гап зад.

Пас ба вай гуфт:

– Эй бандаи ман аз ман чизе бихоҳ, то бароят бидиҳам.

Ӯ гуфт:

– Эй Парвардигори ман, ман аз ту суол мекунам, ки маро ба дунё бозгардонӣ, то дуюмбора дар роҳи ту кушта шавам.

Худованд барояш гуфт:

– Ба таҳқиқ сухани ман пеш аз ин гузаштааст, ки онҳо дигар ба сӯи дунё барнамегарданд.

Ӯ гуфт:

– Эй Парвардигори ман, пас ба касоне, ки аз пушти ман ҳастанд, бирасон аз неъматҳое, ки ба мо додаӣ.

Пас Худованд нозил фармуд:

Шумоён касонеро, ки дар роҳи Худо кушта гардиданд, мурда напиндоред, балки онҳо зиндаанд ва дар назди парвардигори хеш ризқ дода мешаванд. Ва аз он чизҳое, ки Худо барояшон дода аст, хурсанд ҳастанд ва барои онҳое, ки ҳоло аз пушти онҳо ба онҳо лоҳиқ нашудаанд, шодбошӣ мегиранд, ки на хавфе барои онҳо аст ва на ҳузне. (сураи Оли имрон оятҳои 169 – 170).

* * *

Чун мусалмонон баъди ба охир расидани ғазваи Уҳуд шаҳидони бузургашонро шинохта мегирифтанд ва ҳангоме ки хонаводаи Абдуллоҳ ибни Амр ҷасади ӯро шинохтанд, занаш ҷасади ӯро болои уштураш бор кард ва бо ҳамроҳияш бародари худашро, ки шаҳид шуда буд, бор кард. Ва қасд намуд, ки онҳоро ба сӯи Мадина бибарад ва онҷо дафн кунад. Ва баъзе дигар мусалмонон низ ин корро бо шаҳидони худ карданд.

Магар ин ки нидокунандае аз ҷониби Расули Худо (с) ба онҳо расида, онҳоро нидо кард ва фармони Паёмбари Худоро (с) расонид:

– Мурдаҳоро дар ҷои кушта шуданашон дафн кунед.

Пас ҳама мурдаҳои хешро бозгардониданд.

Паёмбари Худо (с) худаш дар дафни асҳоби шаҳидгардидааш ҳозир истод, барои он шаҳидоне, ки аҳди бо Худо кардаашонро ба ростӣ анҷом доданд ва ҷонҳои пурқимати хешро қурбонии мутавозеъонае барои Худо ва Расули ӯ намуданд.

Чун навбати Абдуллоҳ ибни Ҳаром расид, то ӯро дафн намоянд, Паёмбари Худо (с) нидо кард:

– Абдуллоҳ ибни Амр ва Амр ибни Ҷамӯҳро дар як қабр дафн кунед, зеро онҳо дар дунё бо якдигар дӯст буданд ва садоқати ростин доштанд.

* * *

Ва акнун дар байни лаҳзаҳое, ки ин қабри накӯ омодаи мулоқоти ин ду шаҳиди карим мегардид, биёед ба сӯи шаҳиди дуюм, Амр ибни Ҷамӯҳ назаре бо муҳаббат кунем.

## 42. АМР ИБНИ ҶАМӮҲ
### Мехоҳам бо пои лангам дар биҳишт роҳ биравам

**Ӯ шавҳари хоҳараш Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром аст, занаш Ҳинд бинти Амр мебошад. Ибни Ҷамӯҳ яке аз пешвоёни Мадина ва сайиде аз сайидзодаҳои бани Салама аст. Писараш Муъоз ибни Амр дар ислом овардан аз вай пешдастӣ карда буд ва ӯ яке аз ансори ҳафтоднафара, аз асҳоби байъати Ақаба мебошад.**

Муъоз ибни Амр ҳамроҳи дӯсташ Муъоз ибни Ҷабал дар миёни аҳолии Мадина мардумро ба сӯи ислом даъват менамуданд. Дар он вақт мардум одате доштанд, ки табақаи ашрофи ҷамъият дар хонаҳояшон ғайр аз бутҳои бузурги ниҳодашуда дар ҷойҳои ҷамъшавиашон, ки онҳоро гурӯҳи калони мардум зиёрат мекунанд, бутҳои рамзӣ доштанд. Ва Амр ибни Ҷамӯҳ ба эътибори ин ки вай сайид ва шарифи қавмаш ба ҳисоб мерафт, дар хонааш санаме дуруст карда онро дар ҳавлиаш гузошта ва номашро Маноф ниҳода буд.

Фарзандаш Муъоз ибни Амр бо ҳамроҳии дӯсташ Муъоз ибни Ҷабал иттифоқ карданд, ки аз бути Амр ибни Ҷамӯҳ як истеҳзо ва бозӣ омода кунанд.

Пас ҳарду дар торикии шаб назди он бут омада, он бутро бардоштанд ва онро дар чуқурие, ки он ҷо мардум ахлотҳояшонро мепартофтанд, андохтанд.

Амр субҳ бархеста Манофро дар ҷои аввалаи худаш надид ва ба ҷустуҷӯи он баромад. Ва онро дар ҳамон чуқурӣ пайдо кард, ва гуфт:

– Эй вой бар шумо, кист, ки бар болои олиҳаи мо имшаб ин таъаддиҳоро намуда.

Баъд аз он онро шуста ва покизааш гардонид ва хушбӯяш сохт.

Чун шаби дигар даромад, ин ду рафиқ дар ҳаққи он бут он корро такрор карданд. Ва ин ҳол давом кардан гирифт, то ин ки Амр безор шуд ва шамшерашро овард дар гардани Маноф овехт ва гуфт:

– Агар дар вуҷуди ту хайру некие бошад, пас худро ҳимоя кун!

Чун субҳ шуд, боз онро дар ҷояш наёфт, балки ӯро дар ҳамон чуқурӣ партофташуда ёфт. Вале ин дафъа дар он чуқурӣ вай танҳо набуд, балки ҳамроҳаш як саги мурда дар як ресмони мустаҳкам баста шуда буд.

Дар он ҳолате, ки ӯ дар ҳолати ғазаб ва афсӯсхӯрӣ ва асабоният қарор дошт, баъзе аз калоншавандагони Мадина, ки қаблан ба ислом гаравида буданд, ба вай наздик шуданд ва ба ангуштонашон сӯи он

буте, ки сарнишеб бо ҳамроҳии саги мурда мехобид, ишоракунон дилу ақлу шуури Амр ибни Ҷамӯҳро таҳти хитоб қарор дода аз Илоҳи ҳақиқӣ, ки баландмартабаву бузургтар аз ҳама ҳаст, аз он зоте, ки мисли ӯ чизе нест, бо вай гуфтугу намуданд. Ҳамчунин аз Муҳаммади ростгӯй ва амонатдор. Касе ки дар ҳаёт барои он омадааст, то ки бидиҳад, на ин ки бигирад ва раҳнамоӣ кунад, на ин ки гумроҳ созад. Ва аз исломе, ки фурӯ фиристода шудааст, то башариятро аз тамоми занҷирҳо озод намояд ва омадааст, то дар вуҷуди онҳо рӯҳи Худоро зинда гардонад ва дар дилҳояшон нури Худоро ҷой кунад, сухан гуфтанд.

Дар чанд лаҳзае Амр нафси худ ва роҳи ҳидояти худро дарёфт. Сипас рафта бадан ва либосҳояшро покиза намуда, баъд аз он худро хушбӯй ва ороста гардонид ва покизаву равшан сохт ва бо сари баланд ва нафси нуронӣ барои байъат намудан ба хотами пайямбарон ва ёфтани ҷои худ дар байни мӯъминон раҳсипор гашт.

* * *

Гоҳо пурсандае аз худ суол мекунад: чӣ гуна мардоне мисли Амр ибни Ҷамӯҳ, ки дар миёни қавмашон пешво ва аз ҷумлаи ашроф буданд, бо бутҳои заъифу нотавон ин қадар имону боварӣ доштанд? Ва чӣ гуна ақлҳояшон онҳоро аз ин сафсатаҳо бознамедошт? Ва мо имрӯз онҳоро бо вуҷуди ислом оварданашон ва ҷонбозиҳову қурбониҳояшон чӣ гуна аз ҷумлаи мардони бузург мешуморем.

Ин қабил суолҳоро иброз доштан дар замони мо кори хеле саҳл аст, зеро мо кӯдакеро ёфта наметавонем, ки ақлаш ғунҷоиши онро дошта бошад, ки дар хонааш чӯберо рост монда онро бипарастад.

Аммо дар гузашта ъотифаҳои башарӣ ғунҷоиши он корҳоро дошт ва заковату нубуғи фикрии онҳо роҳи халосӣ дар баробари ин тақлидҳоро намеёфт.

Барои мо мисоли хубе шуда метавонад, Афинае, ки маркази Юнони қадим буд ва дар ин мулк Пифагор, Суқрот ва дигар ҳакимону уламои қадим мезистанд. Афина, ки дар он замон ба дараҷаи олии тафаккур расида буд ва ҳар соҳибақлеро дар ҳайрат меафканд, тамоми бошандагони он чӣ файласуфҳо ва ҳакимон ва оммаи мардумаш ба ин гуна бутҳо, ки ба дасти инсон тарошида буданд, имон доштанд. Зеро мафкураи динӣ дар он замони хеле дур дар баробари пешрафти тафаккури ҷомеъа дар як хати баробар сайр намекард.

* * *

Амр ибни Ҷамӯҳ ҷисму ҷонашро ба Худованди бузург, Парвардигори оламиён таслим намуд. Ӯ фитратан ҷавонмарди сахӣ буд ва ислом ҷавонмардиашро қувват бахшида ва ӯ тамоми молашро дар хизмати дин ва бародаронаш гузошт.

Рӯзе Паёмбари Худо (с) аз ҷамоъае аз бани Салама, ки аз қабилаи Амр ибни Ҷамӯҳ буданд, суол кард ва гуфт:

– Пешвои шумо кист, эй бани Салама?

Гуфтанд:

– Ал-Ҷадд ибни Қайс, бо вуҷуди бахилиаш.

Пас Расул (с) гуфт:

– Ва кадом дард аст, ки бадтар ва зарарноктар аз бахилӣ бошад? Балки сайиди шумо мӯисар ҷингилаи сафеду пок, Амр ибни Ҷамӯҳ аст.

Пас ин шаҳодат аз ҷониби Паёмбари Худо (с) нисбати Амр ибни Ҷамӯҳ ниҳояти икром буд.

Дар бораи ӯ шоири ансор гуфтааст:

Пас пешво гардид Амр ибни Ҷамӯҳ аз рӯи
саховатмандиааш,
Ва сазовораст бар Амр, ки аз рӯи саховаташ
пешво шинохта шавад.
Чун суоле пеш ояд, ки амволаш сарф шудааст,
Бигуяд: бигиред моли маро ва ҳаққо,
ки моли ман фардо бозмегардад!

Ҳамчунон ки Амр ибни Ҷамӯҳ бо молаш дар роҳи Худо саховатпешагӣ мекард, қасд кард бо ҷонаш низ ҷавонмардӣ кунад.

Вале бо кадом роҳ?

Дар ҳақиқат пояш сахт мелангид ва ин нуқс ӯро барои иштирок дар ғазо ғайрисолеҳ мегардонид.

Ӯ чаҳор писар дошт ва ҳамаашон исломро пазируфта буданд. Ва мардоне буданд мисли шерҳо. Онҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ғазоҳо ширкат мекарданд ва барои адои фаризаи ҷиҳод мекӯшиданд.

Амр қасд намуд, ба ғазои Бадр берун равад. Фарзандонаш бошанд, ба сӯи Паёмбари Худо (с) тавассул ҷӯстанд, ки ӯро барои набаромадан дар ҷиҳод қонеъ созад ва агар қонеъ нашуд, бар ӯ амр кунад, ки ба ғазо наравад.

Паёмбари Худо (с) ба ӯ хабар дод, ки ислом ӯро аз фаризаи ҷиҳод маъоф медонад. Ва сабаби ин оҷизии ӯст дар лангидани пояш.

Вале ӯ хоҳишашро идома медод ва умед мекард. Пас Паёмбари Худо (с) амраш намуд, ки дар Мадина бимонад.

* * *

Ғазои Уҳуд пеш омад. Амр назди Паёмбари Худо (с) рафт ва ба ӯ тавассул ҷуст, ки ба ғазо равад ва ба Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), фарзандони ман мехоҳанд аз баромадан ҳамроҳи ту ба сӯи ҷиҳод, маро монеъ шаванд. Ва қасам ба Худо, ман мехоҳам ки бо ҳамин маълулиям лангида-лангида дар ҷаннат қадам занам.

Дар муқобили исрори бузурги вай Паёмбари Худо (с) ӯро барои берун омадан ба сӯи ғазо иҷозат дод. Ӯ силоҳашро гирифт ва бо як фараҳу хурсандӣ лангон-лангон ба роҳ баромад ва бо овози зорикунанда ба сӯи Парвардигори хеш дуъо кард:

* * *

– Худовандо, маро шаҳодат рӯзӣ гардон ва маро ба сӯи аҳлу хонаводаам боз нагардон.

Дар рӯзи Уҳуд ҳарду лашкар ба якдигар рӯ ба рӯ шуданд.

Амр ибни Ҷамуҳ бо фарзандонаш бо шамшерҳояшон лашкари зулм ва ширкро қир мекарданд.

Амр дар миёни он задухӯрду доду фарёдҳо лангида-лангида меҷангид ва бо ҳар лангишаш саре аз сарҳои бутпарастонро бо шамшераш мебурид.

Ӯ бо дасти росташ зарба мезад ва баъд аз он ба атрофаш назар мекард, гумон мебурдӣ, ки омадани малоикаеро мепояд, ки рӯҳи ӯро қабз менамояд. Баъд аз он барои ба сӯи ҷаннат рафтан ӯро ҳамроҳӣ мекунад.

Оре, ӯ аз Парвадигораш шаҳодатро талабидааст ва ӯ дилпур буд, ки Худованд дуъои ӯро иҷобат намудааст.

Ва ӯ хоҳони он аст, ки бо пои лангаш дар ҷаннат гаштугузор кунад, то бошандагони ҷаннат бидонанд, ки Муҳаммад, Расули Худо (с) медонад, ки чӣ гуна саҳобагонашро ҷудо карда гирад ва чӣ тарз мардонро тарбият намояд.

* * *

Ана ҳамон чизе, ки мунтазираш буд, омад, як зарбаи шамшере, ки дурахшид ва соати мулоқот ва дидорбиниро эълон намуд.

Мулоқоти ин шаҳиди бузургро ба сӯи ҷаннатҳои ҷовидона.

Вақте ки мусалмонон шаҳидҳояшонро дафн мекарданд, Паёмбари Худо (с) он амрашро, ки пештар онро шунида будем, содир кард:

– Шумо нигоҳ кунед ва Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром ва Амр ибни Ҷамуҳро дар як қабр бигӯронед, зеро онҳо дар дунё дӯстдори якдигар буданд ва дӯстиашон софу беғубор буд.

* * *

Ин ду дӯсти шаҳиди содиқро дар як қабр гӯрониданд, дар зери замине, ки ҷасадҳои поки онҳоро ба сӯи худ қабул намуд, баъди оне ки диловарии онҳоро мушоҳида кард.

Ва баъди гузаштани чилу шаш сол аз дафни онҳо ва ҳамҷиворecho онҳо як сели сахте омад ва замини қабрҳоро пӯшонид. Ба сабаби як чашмаи обе, ки дар он ҷо Муъовия ҷорӣ сохта буд. Мусалмонон барои бурдани устухонҳои боқимондаи шаҳидон шитофтанд. Онҳо он чунон буданд, ки шахсони иштирок карда дар интиқол додани ҷасадҳои онҳо васф намудаанд:

– Ҷасадҳои онҳо мулоим буд ва нигоҳҳояшон гӯё ба ҳар тараф гардиш менамуд.

* * *

Ҷобир ибни Абдуллоҳ дар он ҳол зинда буд. Ӯ ҳамроҳи аҳлу хонаводааш барои интиқоли ҷасади Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ҳаром ва ҷасади шавҳари аммааш Амр ибни Ҷамуҳ рафтанд. Онҳоро дар қабрҳояшон мисли шахсони хобида ёфт. Замин аз ҷасадҳои онҳо чизеро нахӯрда буд ва дар лабони онҳо табассуми ризомандона ва муҳаббате, ки дар рӯзи даъват шуданашон ба мулоқоти Худо вуҷуд дошт ҳувайдо буд.

**Оё шумо таъаҷҷуб мекунед?**

**Ҳаргиз, таъаҷҷуб накунед.**

Зеро рӯҳҳои бузурги ботақво ва пок, ки масири зиндагонии хешро худ роҳбарӣ ва пешвоӣ намудаанд, дар дохили ҷасадҳое, ки ҷои бошиши онҳо буд, як миқдор қувваи муҳофизе боқӣ мегузоранд, ки аз он ҷасадҳо омилҳои нестшавӣ ва таъсири хокро нигоҳ медоранд.

## 43. ҲУБАЙБ ИБНИ ЗАЙД
## Қиссаи фидокорӣ ва муҳаббат

**Дар байъати Ақабаи сония, он байъате, ки Паёмбари Худо (с) дар он бо ҳафтод марду зан аз аҳолии Мадина байъат намуд, Ҳубайб ибни Зайд ва падараш Зайд ибни Осим аз ҷумлаи ҳафтоднафараи муборак буданд.**

Модараш Нусайба бинти Каъб аввалини он ду зане ҳаст, ки бо Паёмбари Худо (с) байъат намуда буданд ва зани дуввум, холаи Ҳубайб буд.

Ӯ ин ҳангом мӯъмини ботақвоест, ки имон дар пушти падарон ва сари синаи модаронаш ҷорӣ буд.

Ӯ баъди ҳиҷрати Паёмбар (с) ба сӯи Мадина дар ҳамсоягии Паёмбари Худо (с) зиндагонӣ намуд ва аз ҳеҷ ғазое тахаллуф намекард ва аз иҷрои ҳеҷ воҷибе бозначенишаст.

* * *

Рӯзе минтақаи ҷанубии ҷазираи Араб ду каззоби саркашро шоҳид гардид, ки даъвои нубуват мекарданд ва мардумро ба сӯи залолат мехонданд.

Яке аз онҳо аз Санъо хуруҷ кард, ки вай Асвад ибни Каъб ал-Ансӣ буд.

Ва дуввуминаш аз Ямома сар бардошт, ки ӯ Мусайламаи каззоб буд. Ва ин ду каззоб мардумонро бар зидди мӯъминоне, ки даъвати Худо ва Паёмбари ӯро лаббайк гуфтаанд ва бар зидди фиристодашудагони аз тарафи Паёмбари Худо (с) ба сӯи ин диёр дар миёни қабилаҳояшон таблиғ менамуданд. Аз ҳама зиёдтар онҳо ба нафси нубувват иштибоҳ ва нофаҳмӣ эҷод менамуданд ва дар рӯи замин тухми фасодат ва гумроҳиро мекоштанд.

* * *

Рӯзе Паёмбари Худо (с) нохост ба як фиристодаи Мусайлама рӯ ба рӯ шуд, ки бо худ як мактубе дошт ва дар он гуфта мешуд:

“Ин мактуб аз ҷониби Мусайлама, Расули Худо ба суи Муҳаммад, Расули Худо. Салом бар ту. Аммо баъд ба таҳқиқ ман шарик гардонида шудам бо ту дар ин кор ва ба таҳқиқ нисфи замин аз мост ва барои Қурайш нисфи дигараш. Вале Қурайшиён қавми таҷовузгаранд”.

Паёмбари Худо (с) яке аз котибонашро аз асҳоб даъват намуд ва ҷавоби мактуби Мусайламаро гардонд:

“Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.

Аз Муҳаммад, Расули Худо ба сӯи Мусайламаи каззоб. Салом бар касоне, ки пайравии роҳи ростро мекунанд. Аммо баъд ба дурустӣ, ки замин аз Худост ва онро ба касе, ки аз бандагонаш бихоҳад ба мерос медиҳад. Ва оқибат барои муттақиён аст.”

Ин калимаҳои Паёмбари Худо (с) мисли дамидани субҳ омаданд, пас ин каззоби бани Ҳанифаро, ки пайғамбариро мулку салтанат мепиндошт ва нисфи замин ва нисфи бандагони Худоро талаб мекард, расво намуд.

Он фиристодаи Мусайлама ҷавоби гардонидаи Паёмбарро ба сӯи Мусайлама расонид, ки вай гумроҳӣ ва гумроҳкуниашро ҳар лаҳза зиёд карда истода буд.

Ин каззоб паҳн намудани тӯҳмату бӯҳтонро давом додан гирифт. Ва ранҷонидани мусалмононро ва таҳрик дар муқобили ононро зиёд мекард.

Пас Паёмбари Худо (с) чунин салоҳ дид, ки ба сӯи ӯ мактубе бифиристад, ки дар зимни он ӯро аз ин гумроҳӣ манъ намояд. Интихоби Паёмбари Худо (с) барои мактубро ба Мусайлама расондан бар Ҳубайб ибни Зайд афтод.

Ҳубайб ба сафар баромад. Ӯ қадамҳояшро тез мегузорид ва хеле хушҳол буд, ки Паёмбари Худо (с) ӯро ба сӯи ин вазифаи бузург намоянда намуд ва дар нафси худ орзуе мепарварид, ки дили Мусайлама ба сӯи Ҳақ ҳидоят ёбад. Ва Ҳубайб бо аҷру савоби азим бозгардад.

* * *

Ин мусофир ба ҷои қасдкардааш расид.

Мусайламаи каззоб он мактуберо, ки нури ӯ чашмонашро хира кард кушод ва якбора фурӯ рафтан дар гумроҳӣ ва ғурурашро зиёд намуд.

Азбаски Мусайлама ҷуз як шахсияти ҷангҷӯ ва муддаъӣ дигар касе набуд ва ба таҳқиқ дорои тамоми сифатҳои ҷангҷӯён ва муддаъиён буд.

Аз ҳамин ҷиҳат дар вуҷуди ӯ аз сифатҳои ҷавонмардӣ, арабият ва мардонагӣ чизе набуд, ки ӯро аз рехтани хуни як фиристода, ки як пайғоми навиштаро бо худ овардааст, боздорад. Он коре, ки арабҳо онро эҳтиром ва муқаддас медоштанд.

Ва дар иродаи тақдири ин дини бузург, ислом будааст, ки зимни дарсҳои бузургӣ ва диловариҳое, ки ба тамоми башарият илқо

мекунад, як дарси наверо изофа кунад, ки ин дафъа мавзӯъ ва устодаш Ҳубайб ибни Зайд аст.

* * *

Ин каззоб қавмашро ҷамъ намуд ва фиристодаи Паёмбари Худоро (с) ҳозир намуд, ки Ҳубайб ибни Зайд аст. Дар вуҷуди ӯ осори азоби сахте, ки ҷинояткорон бар ӯ расонида буданд, мавҷуд буд. Ва онҳо умед доштанд, ки бо ин шиканҷаҳо шуҷоъати рӯҳи ӯро салб намоянд. Пас вай дар пеши ин ҷамъияти бузург хору таслимгашта пайдо хоҳад шуд. Ва дар ҳоле, ки Мусайлама ӯро ба сӯи имон овардан ба вай дар ҳузури одамон даъват мекунад, ӯ зуд имон меорад. Бо ҳамин гумон ин шахси каззоби ноӯҳдабаро он муъҷизаи хаёлини худро дар назди фиребхӯрдагони дар пешаш буда, ба вуҷуд меорад.

* * *

Мусайлама ба Ҳубайб гуфт:

– Оё ту гувоҳӣ медиҳӣ, ки Маҳаммад Паёмбари Худост?

Ҳубайб гуфт:

– Оре, гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад Расули Худост.

Дар ин лаҳза ранги рӯи Мусайлама канд ва баргашта пурсид:

– Оё ту гувоҳӣ медиҳӣ, ки ба дурустӣ ман Паёмбари Худоям?

Ҳубайб бо як истеҳзои кушанда гуфт:

– Ман чизеро намешунавам.

Он рангпаридагӣ ва хорие, ки дар рӯи ин каззоб буд, ба як сиёҳии кинаварӣ ва ҷунун мубаддал гашт ва ба таҳқиқ нақшааш барбод рафт ва шиканҷаҳояш ӯро фоидае набахшиданд. Ва дар назди он издиҳоме, ки ҷамъ намуда буд, то муъҷизаашро бубинанд, як зарбае хӯрд, ки ҳайбати дурӯғини вайро андаруни гандобаҳо андохт.

Ана дар ҳамин ҳолат мисли барзагови кушташуда ба ҳаяҷон омад ва ҷаллодашро фарёд намуд. Ҷаллод ба сӯи Ҳубайб рӯ оварда, бо дами шамшераш ҷисми ӯро чок-чок намудан гирифт.

Баъд аз он ба буридани ҷасади вай сар намуд. Қитъа-қитъа, тика-тика, узв-узв... ва ин диловари бузург ба ғайри зери лаб такрор намудани нағмаи исломаш дигар чизе намегуфт:

Ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва Муҳаммад Паёмбари Худост.

* * *

Агар Ҳубайб он рӯз ҳаёташро наҷот медод, бо андак муносибати рӯякӣ бо ҳамроҳии Мусайлама ва дар дилаш исломашро пӯшида нигоҳ медошт, аз имонаш чизе коста намегардид ва ба исломаш бадие намерасид.

Валекин марде, ки ҳамроҳи падар, модар, бародар ва холааш дар байъати Ақаба ҳозир буданд, он касе, ки аз ҳамон лаҳзаҳои тақдирсози бобаракат масъулияти байъаташро ва имонашро комилан бе каму кост бар ӯҳда гирифтааст, барои худаш лоиқ надонист, ки як лаҳзае ба нафъи зиндагӣ аз имон ба офаридгораш даст кашад.

Аз ҳамин ҷиҳат ӯ наметавонад, ки тамоми ҳаёташро дар муқобили ин фурсати ягонае, ки қиссаи тамоми имонаш дар вай таҷассум меёбад, ба ғанимат бигирад, аз рӯи субот, азамат, диловарӣ, қурбонӣ ва шаҳид гардидан дар роҳи ҳидоят ва ҳақ ва шояд ин фурсат дар гуворой ва зебоӣ тамоми зафарҳо ва ғолибиятҳоро фоиқ буд.

* * *

Хабари шаҳид гардидани ин фиристодаи бузурги Паёмбари Худо (с) ба гӯши Паёмбари Худо (с) расид ва дар муқобили ҳукми Парвардигораш сабр намуд ва ӯ бо нури Илоҳӣ оқибати ин каззоб Мусайламаро дарк мекард ва наздик будани ҷои афтидану мурдани ӯро бо чашмаш медид. Аммо Нусайба бинти Каъб, модари Ҳубайб дуру дароз дандонҳояшро бо ҳамдигар фишурд, баъд аз он як қасами неке ба забон овард, ки албатта барои фарзандаш аз худи Мусайлама қасос мегирад ва дар гӯшти хабиси вай (бадани вай) найза ва шамшерашро фурӯ хоҳад бурд.

* * *

Чанд лаҳзаи кӯтоҳе аз замон сипарӣ гардид, ки дар асари он ин лаҳзаи ҷовидона пеш омад, мавқеъи Ямома он ҷое, ки Мусайлама бузургтарин лашкарро гирд оварда буд. Абубакри Сиддиқ (р) халифаи расули Худо лашкари исломро омода намуд, ки ба сӯи ӯ равона гардид ва Нусайба ҳамроҳи ин лашкар берун омад. Ва худаш дар ҳоле, ки дар дасти росташ шамшер ва дар дасти чапаш найза буд ва бо забонаш ин нидои: "душмани Худо Мусайлама куҷост!"-ро такрор мекард, ба гирдоби ин задухӯрд ворид шуд.

Вақте ки Мусайлама кушта шуд ва пайравонаш мисли пашми шапидашуда пареш шуданд ва байрақҳои ислом дилкашу пирӯзмандона боло гаштанд. Нусайба дар ҳоле, ки ҷасади бузургу боқувваташ аз ҷароҳат ва паи зарбаи найза пур буд, биистод. Биистод,

то рӯи фарзандаш Ҳубайби шаҳидро пеши назар биёрад. Пас дар назараш чунин намуд, ки рӯи писараш замону маконро пур сохтааст.

Оре, ҳамин ки Нусайба нигоҳашро ба сӯи ҳар яке аз байрақҳои парафшону пирӯз мутаваҷҷеҳ сохт, дар рӯи онҳо акси писараш Ҳубайбро дид, парафшону ғолиб ва фараҳманд.

## 44. УБАЙ ИБНИ КАЪБ
## Илм муборакат бод, эй Абумунзир!

Рӯзе Паёмбари Худо (с) аз ӯ суол кард:

– Эй Абумунзир, кадом ояте аз китоби Худо бузургтар аст?

Убай ибни Каъб гуфт:

– Худо ва Расули вай донотаранд.

Паёмбари Худо (с) суолашро боз такрор кард:

– Эй Абумунзир, кадом ояте аз китоби Худо бузургтар аст?

Пас Убай ҷавоб дод:

– Аллоҳ, нест Илоҳе магар Ӯ, ки зиндаву ҷовид аст (Сураи Бақара, ояти 255).

Пас Паёмбари Худо (с) дар ҳоле ки рӯяш аз хурсандӣ мешукуфт бо дасташ ба сари синаи вай зада гуфт:

– Хушу гуворо бод бароят илм, эй Абумунзир!

* * *

Ба таҳқиқ Абумунзире, ки Паёмбари Худо (с) ӯро ба сабаби он чизе, ки Худованд аз илму фаҳм ато кардааст, муборакбод намуд, Ӯ Убай ибни Каъб саҳобаи бузург аст.

Ӯ ансорие аз Хазраҷ аст, ки дар байъати Ақаба ва ҷанги Бадр ва боқимондаи ғазоҳо иштирок кардааст ва дар миёни мусалмонони садри аввал мақоми волоеро касб намудааст. То дараҷае, ки дар бораи вай амири муъминон Умар (р) гуфтааст:

– Убай пешвои мусалмонон аст.

Убай ибни Каъб дар муқаддимаи шахсоне, ки ваҳйро ва мактубҳои паёмбарро менавиштанд, қарор дошт. Ӯ дар ҳифзи Қуръони карим ва тартиби ояҳои вай ва фаҳми оятҳо аз ҷумлаи саромадон ба шумор мерафт.

Рӯзе Паёмбари Худо (с) ба вай гуфт:

– Эй Убай ибни Каъб, ба дурустӣ, ки ман маъмур гаштаам Қуръонро ба ту арза кунам.

Ва Убай медонад, ки Паёмбари Худо (с) ба таҳқиқ амрҳоро аз ваҳйи илоҳӣ мегирад. Ӯ дарҳол бо як фараҳи фарогиранда аз Паёмбари Худо (с) мепурсад:

– Эй Паёмбари Худо (с) падару модарам фидои ту бод! Оё дар ҳузури ту маро бо номам зикр намуданд?

Пас Паёмбари Худо (с) ҷавоб дод:

– Оре, бо номат ва насабат, дар миёни ҷамоъаи болотар (олами малоик)!

Ва ба таҳқиқ мусалмоне, ки дар дили Паёмбари Худо (с) то ин дараҷа манзалат дошта бошад, ҳаққо аз мусалмонони бузургест, ниҳоят бузург.

Ӯ дар тӯли солҳои ҳамсӯҳбатиаш бо Паёмбари Худо (с) ба Паёмбар (с) хеле наздик буд ва аз сарчашмаи илму ҳикмати ӯ об менӯшид.

Ва баъди интиқоли Паёмбари Худо (с) ба сӯи олами аъло Убай бар ҳамон аҳди мустаҳками хеш боқӣ монд. Дар ибодаташ, дар қуввати динаш ва ахлоқаш. Ӯ доимо дар миёни қавмаш ба сифати тарсдиҳанда (аз охират) хидмат мекард.

Ва онҳоро аз рӯзҳои зинда будани Паёмбари Худо (с) ёдовар мешуд ва аз он ӯҳдадориҳое, ки дар он вақт доштанд ва сулуку зуҳди он давр сӯҳбат мекард.

Аз ҷумлаи калимоти равшане, ки дар миёни асҳоб ӯ доимо ба онҳо садо баланд мекард, ин аст:

– Мо вақто ки бо ҳамроҳии Паёмбари Худо (с) будем, нигоҳи мо ба як самт буд. Чун ӯ моро тарк кард, нигоҳҳои мо ба росту чап майл намуданд.

* * *

Ӯ доимо дар роҳи тақво чангзананда буд ва чангзананда ба зуҳд.

Дар ин ҳолатҳо дунё тавони онро надошт, ки ӯро ба фитна андозад ё фиребаш диҳад, зеро ӯ бо назари ҳақбинаш умқи ҳақиқати дунёро дарк карда буд.

Пас ҳар қадаре, ки як инсон зиндагонӣ кунад ва чӣ қадаре дар неъматҳои ҳаёт ба сар барад, ба дурустӣ, ки вай ба истиқболи рӯзе хоҳад расид, ки ҳамаи ин чизҳо ба як ғуборе мубаддал мегарданд ва дар пеши дастонаш ба ҷуз он амалҳое, ки аз хайр ва ё аз бадӣ анҷом додааст, чизи дигареро намеёбад.

Убай аз дунё сухан ба миён оварда чунин мегӯяд:

– Ба таҳқиқ таъоми фарзандони Одам барои дунё масал гардонида шудааст.

Пас агар таъомро сернамак кунад ва гармаш кунад, нигоҳ ку-нед, ки ба чӣ мубаддал мегардад? (инчунин аст ҳоли дунё, ҳар қадар дар зиндагонӣ амвол зиёд бошад, ҳамон қадар зиндагонӣ талх аст). Чун Убай дар миёни мардум сухан мегуфт, гарданҳо ва гӯшҳо ба сӯи ӯ дароз мешуданд ба иштиёқи шунидан.

Зеро ӯ аз қабили шахсоне буд, ки дар роҳи Худо аз ҳеҷ кас хавфе надошт ва аз ононе буд, ки аз дунё ҳеҷ ғаразе надоштанд. Вақте ки сарзаминҳои ислом васеъ шудан гирифтанд ва мусалмононро дид, ки бо волиҳову сардорони худ дар ғайри ҳақ рӯйбинӣ намуда, хушомад мегӯянд, ӯ ин калимоти ҳушёрдиҳандаро гуфт:

– Қасам ба Парвардигори Каъба, ки онҳо ҳалок шуданд. Худашон ҳалок шуданд ва дигаронро низ ҳалок намуданд, аммо ман барои он золимону амирон таассуф намехӯрам, балки барои он касоне, ки аз мусалмонон ҳалок карда мешаванд, таассуф мехӯрам. (яъне ҳалоки маънавӣ – мутарҷим).

* * *

Ӯ бо вуҷуди бисёрии парҳезу тақвояш ҳар вақте, ки ёди Худо ва рӯзи охират карда мешуд, мегирист ва оятҳои Қуръони карим, ки худаш онҳоро бо адои саҳеҳи ҳарфҳо ва махраҷҳо тиловат мекард ва ё мешунид, ӯро такон медоданд. Хусусан ояте аз оятҳои Қуръони каримро ҳар вақт, ки онро мешунид ва ё мехонд, ӯро андӯҳи фаровоне фаро мегирифт, ки васфаш номумкин аст... Он оят ин аст:

Бигӯ, Ӯ қодир аст бар ин ки бар болои шумо азобе бифи-ристад аз болои саратон ва аз зери пойҳоятон ё шуморо гурӯҳ-гурӯҳ созад ва баъзеатонро аз қуввати баъзеи дигаратон бичашонад. (Сураи Анъом ояти 65).

Аз ҳамин чизе, ки Убай аз он зиёдтар метарсид, бар уммати мусалмонон он аст, ки рӯзе биёяд бар сари онҳо, ки қаҳру ғазаби фарзандони миллати ислом дар миёни худашон шадид гардад.

Ӯ доимо аз Худованд оромиву офиятро талаб мекард ва ба таҳқиқ он офиятро ба фазлу неъмати Худовандӣ ба даст овард ва Парвардигори хешро ҳангоми мӯъминиаш ва оромиву осудагӣ ва бо дарёфти мукофоти амали савоб, мулоқот намуд.

## 45. САЪД ИБНИ МУЪОЗ
## Хуш бод бароят, Абуамр!

**Дар соли сиву якуми умраш ӯ ислом овард ва дар соли сиву ҳафтуми умраш бо дарёфти шаҳодат аз дунё риҳлат намуд.**

Дар байни ислом оварданаш ва вафоташ Саъд ибни Муъоз (р) рӯзҳоеро, ки хеле бузургу олӣ буданд, дар хидмати Худо ва Расули Ӯ гузаронидааст.

* * *

Назар кунед! Оё шумо ин марди зебову дилкаш, бообрӯи баландболо, бо чеҳраи нуронӣ, боқувват ва ширинсуханро мебинед?

Ба таҳқиқ ӯст. Ӯ тозон - тозон ба ҳавлии Асъад ибни Зарора меравад, то ҳамин марди аз Макка омада Мусъаб ибни Умайрро, ки Муҳаммад (с) ӯро ба Мадина фиристодааст, то дар он ҷо ба воситаи тавҳид ва ислом мардумро бashорат бидиҳад, бубинад. Оре, ӯ ба он сӯй равона аст, то ин марди ғарибро аз ҳудуди Мадина берун кунад ва бо ҳамроҳии вай динашро низ бардошта берун барад... ва барои Мадина дини худи Мадинаро боқӣ гузорад.

* * *

Валекин ҳарчанд ӯ ба маҷлиси Мусъаб ба ҳавлии писари холааш Асъад ибни Зурора наздик мешавад, ҳамон қадар қалбаш бо насими гуворое, ки бодҳои офият ба сӯи ӯ мевазониданд, зиндагӣ ва бедорӣ ва ҳушёрӣ меёфт.

Ва ҳамин ки ба нишастагон мерасад ва ҷои худро дар байни онҳо ишғол мекунад ва гӯшашро ба сӯи калимаҳои Мусъаб равона месозад, ба таҳқиқ ҳидояти Худо нафсашро ва рӯҳашро равшан менамояд.

Ва дар як лаҳзаи ногаҳонии тақдир ин пешвои ансор найзаашро дур меандозад ва дасти росташро барои байъат ба сӯи Паёмбари Худо (с) дароз мекунад.

Бо ислом овардани Саъд ибни Муъоз дар Мадина офтоби наве тулӯъ мекунад, ки дар фалаки он офтоб дилҳои бисёре давр мехӯрданд ва ба ҳамроҳии Муҳаммад (с) ба Худовандии Парвардигори оламиён таслим мегарданд.

* * *

Саъд имон овард ва масъулиятҳои исломашро ба як диловариву азамат ба худ бардошт.

Чун Паёмбари Худо (с) ва саҳобагонаш ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуданд, маҳаллаҳои бани Абди Ашҳал, ки қабилаи Саъд буданд,

дарҳояшон барои муҳоҷирин кушода буд ва молҳои онҳо тамоман таҳти тасарруфи онҳо буд беминнат ва ранҷонидан ва беҳисоб.

* * *

Ва ғазои Бадр пеш омад. Паёмбари Худо (с) асҳобашро аз муҳоҷиру ансор ҷамъ намуд, то ба онҳо дар ин кор машварат кунад. Ва рӯи муборакашро ба тарафи ансор гардонида гуфт:

– Ба ман маслиҳате бидиҳед, эй мардум.

Ва Саъд ибни Муъоз ба мисли нишонае бархост ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ба таҳқиқ мо ба ту имон овардем ва тасдиқат намудем ва гувоҳӣ додем, ки он чиро ту овардаӣ ҳақ аст ва барои ин ба ту аҳду паймони худро додем. Пас эй Расули Худо, ба сӯи он коре, ки ирода дорӣ пеш рав, мо ҳамроҳат ҳастем. Ва қасам ба зоте, ки туро ба ҳақиқат фиристодааст, агар ту ҳамроҳи мо баҳрро рӯ ба рӯ шавӣ ва дар он бидарой мо низ ҳамроҳат медароем ва аз мо ягон нафар дар ин кор тахаллуф наметварзад ва моро бад намеояд, ки ту бо мо фардо бо душмани мо рӯ ба рӯ мешавӣ.

Ба таҳқиқ мо ҳар оина устувор ҳастем дар ҷанг. Содиқ ҳастем дар вақти лиқо ( яъне ба қуввати бозуву зурӣ мо дар ҳолати мулоқоти ҷанг муомила менамоем). Ва шояд, ки Худованд аз ҷониби мо амалеро ба ту бинамояд, ки боиси равшании чашми ту гардад. Моро ба сӯи пеш бибар бо ёрии Худованди бузург.

* * *

Суханони Саъд мисли хабарҳои хуш буданд ва чеҳраи Паёмбар (с) аз ғояти ризомандӣ ва хушбахтӣ ва хурсандӣ дурахшид.

Пас барои мусалмонон гуфт:

– Ба пеш биравед ва башорат биёбед, ки Худованд маро аз ду як тоифаро ваъда намудааст. Қасам ба Худо, ки гуё ман ба сӯи ҷойгоҳи мурдани қавми Қурайш назар дорам.

* * *

Дар ғазои Уҳуд, вақте ки мусалмонон таҳти зарбаи ногаҳонии лашкари мушрикон қарор гирифтанд, чашми тезбин ҷои Саъд ибни Муъозро надида наметавонист. Ӯ дар ҳамсоягии Расули Худо (с) гӯё, ки пойҳояшро дар замин мехкӯб намуда буд ва душманонро аз вай дур сохта ба як ҷонфидое, ки ӯ ба он сазовор аст, аз Паёмбари Худо (с) дифоъ менамуд.

* * *

Акнун ғазои Хандақ пеш омад, то мардонагии Саъд ва диловариаш зоҳир ва ҳувайдо намудор шавад.

Дар он ҳангом, ки Паёмбари Худо (с) ба асҳобаш дар Мадина бо сулҳу салоҳ зиндагонӣ ба сар мебурданд ва Худоро парастиш мекарданд ва якдигарро барои тоати Худо васият менамуданд ва умед доштанд, ки Қурайш аз ҳуҷуми ногаҳонӣ ва ҷангҳо шояд манъ шуда бошад, дар ҳамин ҳол як гурӯҳе аз сардорони яҳуд ба таври сиррӣ ба сӯи Макка хориҷ шуданд. Ва Қурайшро бар зидди Расули Худо (с) таҳрик намуданд ва барои Қурайш ваъдаву аҳдҳои фаровон доданд, ки чун онҳо барои ҷанги мусалмонон берун раванд, онҳо (яҳудон) дар ҷониби Қурайш хоҳанд буд.

Яҳудиён феълан ба мушрикон иттифоқ бастанд ва якҷоя нақшаи ҷанг ва ғазоро низ кашиданд. Яҳудиён дар бозгашташон ба сӯи Мадина яке аз бузургтарин қабилаҳои Араб, қабилаи Ғатфонро низ бар зидди мусалмонон таҳрик намуданд ва ҳамроҳи сардорони онҳо барои якҷоя шуданашон бо лашкари Қурайш иттифоқ бастанд.

Нақшаи ҷанг тартиб дода шуд ва вазифаи ҳар гурӯҳе муайян гардид. Пас Қурайш ва Ғатфон тарҳ рехтанд, ки Мадинаро ба лашкари ниҳоят зиёд зери ҳуҷуми хеш қарор медиҳанд. Ва яҳудиён бошанд, дар он соате, ки лашкари ҳуҷумкунанда ногаҳонӣ ба болои Мадина метозад, дар дохили Мадина ва атрофи он ба амали вайронкорӣ даст мезананд.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) аз ин иттифоқҳои хоинона огоҳӣ ёфт, барои он омодагӣ гирифт. Пас ба кандани хандақ дар атрофи Мадина амр фармуд, то ба ҳуҷуми юришкунандагон монеъ шавад.

Ва Саъд ибни Муъоз ва Саъд ибни Убодаро ба назди Каъб ибни Асад пешвои яҳуди бани Қурайза фиристод, то ҳақиқати тасмими ин қабиларо нисбати ин ҷанги интизорбуда муайян намояд, зеро байни расули Худо ва бани Қурайза аҳду паймонҳо вуҷуд дошт.

Чун ин ду фиристодаи Паёмбари Худо (с) бо раҳбари бани Қурайза вохӯрданд, чизеро шуниданд, ки интизорашро надоштанд ӯ ба онҳо гуфт:

– Байни мо ва байни Муҳаммад ҳеҷ аҳде ва ё ақде вуҷуд надорад.

* * *

Барои Паёмбари Худо (с) хеле гарон афтод, ки аҳолии Мадина ба ин ҷанги лашкари бепоён ва бо ин муҳосираи аз по афгананда рӯ ба рӯ шаванд. Пас фикр намуд, ки қабилаи Ғатфонро аз Қурайшиён ҷудо созад ва ними адади лашкариён ва нисфи қуввати ҳуҷумкунандаро кам созад.

Аз ин сабаб бо раҳбарони қабилаи Ғатфон ба гуфтугӯ пардохт дар бораи ин ки онҳо аз ин ҷанг даст бикашанд ва барои онҳо дар баробари ин худдорӣ сеяки меваҳои Мадинаро ваъда кард. Ва раҳбарони қабилаи Ғатфон ба ин розӣ шуданд ва фақат навиштану мӯҳр намудани ин иттифоқ боқӣ монду халос.

Ва дар ҳамин зинаи гуфтугузор Паёмбари Худо (с) таваққуф кард, зеро худро соҳиби ҳақ намешуморид, ки корро танҳо ҳал кунад ва саҳобагонашро даъват намуд, то машварат намоянд.

Ва Паёмбари Худо (с) дар ин қазия ба раъйи Саъд ибни Муъоз ва Саъд ибни Убода эътибори хоса медод, зеро ҳарду саркардагони Мадина буданд аз ин рӯ соҳибони ҳаққи аввал дар муҳокимаи ин кор ва дар ихтиёр намудани мавқеи худ дар баробари ин амр ба ҳисоб мерафтанд.

Паёмбари Худо (с) барои ҳардуи онҳо қиссаи доду гирифтеро, ки байни ӯ ва байни пешвоёни Ғатфон шуда буд, ҳикоят кард. Ва онҳоро огаҳ намуд, ки ӯ ба ин доду гирифт барои он майл намуд, ки хоҳиши онро дорад, аз Мадина ва сокинони вай ин ҳуҷуми хатарнок ва муҳосираи даҳшатнокро каме ҳам бошад сабук гардонида дур созад.

Пас ҳарду Саъд ба сӯи Паёмбари Худо (с) бо ин суол мутаваҷеҳ шуданд:

– Эй Расули Худо (с), ин фикрест, ки худат ихтиёр кардаӣ ё ваҳйе аз ҷониби Худост, ки ба ту амр намудаст?

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Амрест, ки худам барои шумо интихоб кардаам. Қасам ба Худо, ки ман ин корро маҳз барои он анҷом медиҳам, ки мебинам арабҳо ҳамаашон аз як камон ба сӯи шумо тир холӣ карда истодаанд ва аз ҳама тараф ба шумо душманӣ мекунанд. Пас ирода намудам, ки бо ин кор то вақти муайяне қуввати дастҷамъии онҳоро нисбати шумо пора кунам ва бишканам.

Саъд ибни Муъоз эҳсос намуд, ки шукӯҳу қудрати онҳо ҳамчун мардон ва мусалмон имрӯз муваҷҷеҳи имтиҳон гардидааст. Ва чӣ имтиҳони вазнине.

Бино бар ин гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ба таҳқиқ мо ва онҳо (яъне Ғатфониҳо) дар ширк ва ибодати бутҳо ба сар мебурдем ва Худоро намепарастидем ва ӯро намешинохтем, ана дар ҳамон ҳолатҳо наметавонистанд, ки аз Мадинаи мо як хурморо бихӯранд, магар бо тариқи зиёфат ва бахшиш аз ҷониби мо ва ё ба харидан. Оё пас аз он,

ки моро Худованд ба ислом мушарраф гардонид ва ба сӯи он моро ҳидоят кард ва ба воситаи ту ва ислом моро азизу тавоно гардонид, молҳоямонро ба онҳо бидиҳем?

Қасам ба Худо, моро барои ин кор ҳоҷате нест.

Қасам ба Худо, ба ғайри шамшер дигар чизе ба онҳо намедиҳем, то ин ки Худованд байни мову онҳо чӣ ҳукме кунад.

Дар ҳол Паёмбари Худо (с) аз фикраш гашт ва саркардагони Ғатфонро огоҳ намуд, ки асҳоби вай ин ақди иттифоқ намудаашро таъйид накарданд ва ба таҳқиқ худи ӯ низ раъйи онҳоро мавриди амал қарор медиҳад ва онро амалӣ месозад.

* * *

Баъди чанд рӯз Мадина шоҳиди муҳосираи даҳшатноке гардид.

Дар ҳақиқат, ин муҳосирае буд, ки худашон барои худ ихтиёр намуда буданд. Ин аз он сабаб буд, ки онҳо дар атрофи Мадина хандақ канданд, то ки он барояш сипаре ва монеъае аз ҳуҷум бошад.

Ва мусалмонон ҳамагӣ либоси низомӣ пӯшиданд.

Ва Саъд ибни Муъоз дар ҳоле, ки шамшер ва найзаашро бардошта берун омада буд, чунин нағмаеро замзама мекард:

Даме интизор шав,

то ҷангро уштур тамошо кунад.

Чӣ зебандааст марг, чун аҷал даррасад.

Ва дар яке аз ҳамлаҳо ба банди дасти Саъд як тири андохтаи мушрикон бархӯрд.

Ва хун аз раги дасти ӯ фаввора зад ва дарҳол ӯро ёрии аввалия расониданд, то хунаш ба тариқи муваққат бозистад ва Паёмбари Худо (с) амр намуд, то ӯро бардошта ба сӯи масҷид бубаранд ва фармуд, ки барои Саъд дар масҷид як хаймае бино кунанд, то дар аснои бемориаш доим дар наздикии ӯ бошад ва мусалмонон ин ҷавони бузурги худро ба ҷояш дар масҷиди Паёмбари Худо (с) бурданд ва Саъд чашмонашро ба сӯи осмон дӯхта гуфт:

– Эй бор Худоё, агар аз ҷанги Қурайшиён чизеро боқӣ гузошта бошӣ, пас маро низ боқӣ гузор, барои он ҷанг, зеро, ки нест қавме, ки барои ман дӯстдоштатар бошад, то дар муқобилашон ҷиҳод кунам аз қавме, ки Паёмбари туро ранҷ доданд ва ӯро дурӯғгӯй гуфтанд ва хориҷаш намуданд, вале агар байни мову онҳо ҷангро хотима дода бошӣ, пас ин ҷароҳатеро, ки имрӯз ба ман расидааст, бароям роҳи шаҳодат гардон, вале маро намирон, то чашмони ман аз бани Қурайза равшан нагарданд.

* * *

Худо ёрат бод, эй Саъд ибни Муъоз!

Пас кист, ки ин гуна суханонро дар ин гуна ҷой бигуяд, ба ғайри ту!

Худованд дуъои ӯро пазируфт, ҳамин ҷароҳат роҳе ба сӯи шаҳодаташ гардид, зеро баъди як моҳ аз таъсири он ҷароҳат ба Парвардигораш мулоқот кард, валекин ӯ намурд, то он даме, ки дилашро аз бани Қурайза шифо бахшид.

Ҳақиқат ин аст, ки баъди аз ҳуҷуми болои Мадина ноумед гардидани Қурайшиён ва дар миёни сафҳояшон бесарусомонӣ роҳ ёфтан, ҳамагӣ матоъу силоҳашонро ҷамъ намуда ва хору шикастхӯрда ба Макка бозгардиданд.

Ва Паёмбари Худо (с) чунин фикр кард: тарк намудани бани Қурайза дар ин вазъ, ки ҳар вақте бихоҳанд бар болои Мадина ғадре бикунанд, корест, ки дар баробари он ҳақ надорад бепарвоӣ намояд. Аз ҳамин сабаб Паёмбари Худо (с) асҳобро амр намуд, ки ба сӯи бани Қурайза роҳ пеш гиранд ва дар ин ҳол бисту панҷ рӯз онҳоро муҳосира карданд. Чун онҳо диданд, ки аз дасти мусалмонон халос шуда наметавонанд, таслим шуданд ва ба сӯи Паёмбари Худо (с) як хоҳиш намуданд, ки Паёмбари Худо (с) низ хоҳишашонро қабул кард ва хоҳиши онҳо чунин буд, ки бигузор дар ҳаққи онҳо Саъд бни Муъоз ҳукм кунад, зеро ки Саъд дар ҷоҳилият ҳампаймони онҳо буд.

* * *

Паёмбари Худо (с) ба асҳобаш амр намуд, ки Саъд ибни Муъозро аз хаймааш, ки дар масҷид буд ва дар он бемордорӣ мешуд, рафта биёранд.

Ӯро болои саворие бардошта оварданд. Дар ҳоле ки хастагӣ ва касалӣ ӯро хеле бе мадор гардонида буданд ва Паёмбари Худо (с) барояш гуфт,

– Эй Саъд дар ҳақи бани Қурайза ҳукм кун.

Саъд лаҳзаҳои ғадру хиёнати яҳудро, ки охири он корро ба ҷанги Хандақ кашид ва наздик буд Мадина ва сокинони вай дар ин ҷанг ҳалок шаванд, ба хотир овард.

Ва Саъд гуфт:

– Ман чунин мешуморам, ки ҷанговаронашон кушта шаванд ва зану фарзандонашон ба ғуломӣ гирифта шаванд ва молҳояшон тақсим гардад.

Ва ҳамчунин Саъд аз дунё реҳлат накард, то ин ки дардҳои дилашро аз бани Қурайза шифо бахшид.

* * *

Хатари ҷароҳатҳои Саъд ҳар рӯз зиёдтар мешуд, балки ҳар соат. Рӯзе Паёмбари Худо (с) барои аёдаташ омад. Ӯро дар ҳолате ёфт, дар лаҳзаҳои видоъ. Паёмбари Худо (с) сари ӯро бардошта дар канораш ниҳод ва ба сӯи Худованд тазарруъкунон гуфт:

– Худоё, ба таҳқиқ Саъд дар роҳи ту ҷиҳод намуд ва расули туро тасдиқ намуд ва ҳар коре, ки бар ӯҳдаи ӯ буд, анҷом дод. Пас рӯҳи ӯро ба беҳтарин ваҷҳе, ки рӯҳро ба наздат қабул мекунӣ, бипазир.

Суханони Паёмбари Худо (с) ба рӯҳи ӯ ҳамчун борони раҳмат бориданд ва ӯро хушҳол сохтанд. Пас зӯр зад, то чашмонашро бикушояд ба умеди он, ки охирин чизе, ки дар зиндагонияш мебинад, рӯи Паёмбари Худо (с) бошад ва гуфт:

– Салом бар ту, эй Расули Худо (с), аммо ман ба дурустӣ, ки гувоҳӣ медиҳам, ба таҳқиқ ту Расули Худоӣ.

Ва Паёмбари Худо (с) бо меҳру иштиёқ ба рӯи вай назар кард ва гуфт:

– Хуш бод барои ту, эй Абуамр!

Абусаъид ал-Хадарӣ (р) мегӯяд:

– Ман дар миёни он гурӯҳе будам, ки қабри Саъдро меканданд. Ва вақте ки мо як қабате аз хокро мекандем, бӯи мушкро дар машоми хеш эҳсос менамудем, то он даме, ки ба лаҳад расидем.

Талафоти мусалмонон дар вафоти Саъд хеле гарон буд.

Вале тасаллӣ ёфтанашон низ хеле олӣ ва бузург буд, чун аз Паёмбари Худо (с) шуниданд, ки мегуфт:

– Ба таҳқиқ Арши Худо барои мурдани Саъд ибни Муъоз ларзид.

## 46. САЪД ИБНИ УБОДА
## Байрақбардори Ансор

**Ҳар куҷое зикри Саъд ибни Муъоз карда шавад, албатта он ҷо зикри Саъд ибни Убода низ ҳамроҳ аст. Пас ҳардуи онҳо пешвои аҳли Мадина буданд.**

Саъд ибни Муъоз пешвои қаблаи Авс ва Саъд ибни Убода пешвои Хазраҷ буд. Ҳардуи онҳо хеле барвақт имон оварда буданд ва Саъд ибни Убода бошад, дар байъати Ақаба иштирок намуда буд ва дар ҳамсоягии Паёмбари Худо (с) ҳамчун аскари итоъатгор, мӯъмини аз таҳти дилу ҷон зиндагонӣ намудааст. Ва шояд Саъд ибни Убода шахси ягонае бошад байни тамоми ансор, ки насибаи худро аз азоб доданҳои Қурайш, ки бар мусалмонон дар Макка фуруд меовarданд, мутаҳаммил гардидааст.

Ин як амри табиӣ буд, ки Қурайш азобу кулфати худро ба он шахсоне, ки пеши назари онҳо зиндагонӣ мекунанд ва сокини Макка ҳастанд, бичашонанд.

Аммо агар як марде аз Мадина ба ин азобу шиканҷа рӯ ба рӯ шавад ва ӯ як марди оддӣ ҳам набошад. балки аз пешвои бузург ва аз ашрофу калоншавандагони Мадина бошад, пас ин як бартарияту фазилатест, ки барои ибни Убода муқаддар будааст, то шахси ягонае бошад ба дучор шудани ин азоб.

Ин воқеъа чунин буд, ки баъди сирран ба анҷом расидани байъати Ақаба ва омода гардидани ансор барои сафар, Қурайшиён аз ин байъат ва иттифоқи ансор ба Паёмбари Худо (с) барои ҳиҷрат ба сӯи Мадина огаҳӣ ёфтанд. Пас бадрафториҳои аҳли Қурайш боз шуда ба таъқиби корвони мусофирон пардохтанд ва аз мардони он қабила Саъд ибни Убодаро дастгир намуданд. Ӯро мушрикон гирифтанд ва дастонашро бо ресмони борҳояш ба гарданаш бастанд ва ба Макка оварданд. Дар атрофаш ҷамъ шуданд ва ӯро мезаданд ва аз ҳар навъ азобе, ки мехостанд, ба вай фуруд меоварданд.

Оё Саъд ибни Убода касест, ки сазовори чунин уқубат бошад?

Пешвои Мадинаро, он касеро, ки муддатҳо мусофирони Қурайшиёнро, ки ба ӯ паноҳ мебурданд онҳоро ҳимоя мекард ва корвони тиҷоратașонро ҳифз менамуд ва намояндагонашонро иззату эҳтиром мекард, чун яке аз онон ба сӯи Мадина мерафт.

Ба таҳқиқ он касоне, ки ӯро гирифтор карданд ва ӯро заданд, ӯро намешинохтанд ва ҷоҳу мартабаи ӯро дар миёни қавмаш

намедонистанд. Валекин ту чӣ мепиндорӣ, агар мешинохтандаш ҳам оё ӯро раҳо мекарданд? Оё онҳо дар ҳаққи шахсони обрӯманди Макка, ки исломро қабул карданд, азобу ранҷро раво надиданд?

Ба таҳқиқ Қурайш дар он рӯзҳо ҳолати ҷунунро гирифта буданд. Вақте ки тамоми арзишҳои ҷоҳилияташонро омодаи афтидан дар зери зоғнули Ҳақ диданд, ба ҷуз шифо додани кинаҳояшон роҳу равиши дигаре наёфтанд.

Ҳамчунон ки гуфтем, ӯро мушрикон иҳота намуданд ва ӯро мезаданд ва зулмаш мекарданд.

Биёед худи Саъдро бигузорем, ки барои мо бақияи ин воқеаро ривоят кунад:

– Қасам ба Худо, ман дар дасти онҳо гирифтор будам, ки ногаҳон як гурӯҳи Қурайш бар сари ман омаданд ва дар миёни онҳо марде буд нисбати дигар мардон нуронӣ, сафедрӯй ва кушодачеҳра. Пас ман дар нафси худ гуфтам, агар дар ягон нафаре аз ин қавм некие бошад, пас ҳамон некӣ назди ҳамин шахс аст. Чун ба наздики ман омад, мушти сахте бар ман зад. Дар нафси худ гуфтам, ки не, қасам ба Худо дар назди онҳо ҳеҷ хайре нест. Қасам ба Худо, ки ман дар дасти онҳо асир будам ва онҳо маро ба ҳар тараф мекашиданд, ки ногаҳон ба наздики ман аз касоне, ки ҳамроҳи онҳо буд, нафаре омада гуфт:

– Эй вой бар ту. Оё байни ту ва байни ягон нафари Қурайш паноҳандагӣ нест.

Ман гуфтам:

– Оре, ман пеш аз ин барои Ҷубайр ибни Мутъам тоҷиронашро паноҳандагӣ ва ҳимоят мекардам ва онҳоро аз касоне, ки мехостанд ба онҳо зулме расонанд, монеъ мешудам ва инчунин барои Ҳорис ибни Ҳарб ибни Умайяро паноҳандагӣ ва ҳимоят намудаам.

Он мард гуфт:

– Ин тавр бошад, номи ин ду мардро гирифта фарёд кун ва он ҳимояву сарпарастиҳое, ки байни ту ва онҳо буд, бигӯ. Ман ҳамчунон кардам ва он мард ба сӯи он ду нафари фавқуззикр рафт ва онҳоро хабар дод, ки мардеро аз Хазраҷиён дар биёбони Батҳо мезананд ва ӯ номи ҳардуи шуморо мегирад ва мегӯяд, ки байни вай ва байни шумо ҳимояву пуштибонӣ мавҷуд аст.

Онҳо номи маро пурсидаанд. Гуфтааст, ки Саъд ибни Убода. Пас он ду нафар гуфтанд:

– Қасам ба Худо, рост мегӯяд. Он ду мард омада маро аз дасти онҳо халос намуданд.

Саъд баъди ситаме, ки дар вақташ ба ӯ расид, Маккаро тарк гуфт. Ва донист, ки Қурайшиён чӣ қадар салоҳияти ҷарима содир карданро нисбати қавми бесилоҳе, ки ба сӯи некӣ ва Ҳақ ба ислом даъват мекунанд, доранд.

Ба таҳқиқ ин зулму ситам ба вай расида азимату қасди ӯро тезтар карда ва қарор дод, ки дар нусрат додани Паёмбари Худо (с) ва саҳобагонаш ба ислом ҷон фидо кунад.

* * *

Паёмбари Худо (с) ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуд ва пеш аз вай саҳобагонаш ҳиҷрат намуданд.

Ва дар ҳамин ҷо Саъд молҳояшро дар хидмати муҳоҷирин қарор дод.

Саъд аз рӯи фитрати меросиаш ҷавонмарду сахӣ буд. Ӯ писари Убода ибни Дулайм ибни Ҳориса аст, ки шӯҳрати ҷавонмардию саховати падараш дар ҷоҳилият васеътар ва машҳуртар аз ҳар шӯҳратест.

Ва саховати Саъд дар ислом нишонае аз нишонаҳои имони қавӣ ва мустаҳками ӯ гардид.

Ровиён аз саховати ӯ чунин гуфтаанд:

– Косаи таъоми Саъд дар тамоми хонаҳои паёмбар ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) давр мехӯрд.

Ва боз гуфтанд:

– Ҳар марди ансорӣ ба сӯи ҳавлиаш як ё ду муҳоҷирро мебурд ё се нафарро, вале Саъд ибни Убода бо ҳаштод нафар мерафт.

Аз ҳамин ҷиҳат Саъд доимо аз Парвардигораш зиёдатии хайр ва ризқро талаб мекард ва мегуфт:

– Бор Худоё, ба дурустӣ, ки чизи кам ба ман созомад намекунад ва ман низ ба чизи кам созомад карда наметавонам.

Аз ҳамин ҷиҳат ӯ ба дуъои Паёмбари Худо (с) дар ҳақаш сазовор аст.

– Бор Худоё, салавот ва раҳмати хешро насиби оли Саъд ибни Убода гардон!

***

Саъд на танҳо сарваташро дар хидмати исломи ростин гузошт, балки қуввату маҳораташро низ дар ин роҳ сарф кард. Вай ҳунари хуби тирандозӣ дошт. Ва дар ғазоҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) ҷонфидоияш ҳушёрона ва қотеъ буд.

Ибни Аббос (р) мегӯяд:

– Барои Паёмбар (с) дар ҳар ғазое ду байрақ буд, яке ҳамроҳи Алӣ, ки байрақи муҳоҷирон буд ва дигаре ҳамроҳи Саъд ибни Убода, ки байрақи ансор буд.

* * *

Чунин ба назар мерасад, ки сахтгирӣ сифати ин марди қавиирода буд.

Пас ӯ дар роҳи Ҳақ сахтгир буд. Ва дар коре, ки ӯро ҳаққи худ мешуморид низ сахтгир буд.

Агар дар коре қаноъатмандӣ ҳосил мекард, дарҳол барои эълони вай бо як ошкоргуие бармехост, ки мудоро надошт.

Ин сахтгирӣ ва риоя накардани мувозинат омилҳое буданд, ки ин ансории бузургро ба сӯи ҳолатҳое тела медоданд, ки нисбат ба фоидааш бештар бар зарари ӯ буданд.

* * *

Рӯзи фатҳи Макка Паёмбари Худо (с) ӯро дар раъси як гурӯҳе аз лашкари мусалмонон амир гардонида буд. Ва ӯ ҳамин, ки бо лашкараш ба теппаҳои дарвозаи сарзамини Ҳаром расид, фарёд кашид:

– Имрӯз рӯзи хунрезиву ҷанг аст, имрӯз чизҳои мамнуъ ҳалол мегарданд.

Чун ин калимоти ӯро Умар ибни Хаттоб (р) шунид, пас таъҷилан ба ҳузури Паёмбари Худо (с) шитофт ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), шунав, ки Саъд ибни Убода чӣ мегӯяд. Мо эмин шуда наметавонем, ки барои Саъд ибни Убода бар болои Қурайш ғолибияту дасте бошад (яъне метарсам, ки кори ноҳақе анҷом надиҳад – мутарҷим).

Пас Паёмбари Худо (с) Алиро фармуд, ки ӯро дарёбад ва байрақро аз дасташ бигирад ва дар ҷои вай худаш амир бошад.

Вақте ки Саъд Маккаро тобеъгардида ва таслимшуда дар пеши лашкари исломии кишваркушо дид, тамоми сурати азобҳое, ки Қурайшиён ба сари мусалмонон ва ба сари худи вай овардаро пеши назараш овард ва ҷангҳоеро низ, ки Қурайш бар зидди ин қавми амонатнигоҳдори боваркардашуда ноҷавонмардона ташкил карда буданд, ба ёд овард. Тамоми гуноҳи онҳо ин буд, ки онҳо мегуфтанд: Нест маъбуде магар Аллоҳ.

Пас табиати сахтгири ӯ боис шуд, ки дар гирифтории Қурайш хурсандӣ кунад ва дар рӯзи фатҳи бузург онҳоро таҳдид намояд.

* * *

Ин сахтгирӣ ё ба тарзи дигар гуем, риоя нанамудани мувозинате, ки ҷузъе аз табиати Саъдро ташкил медиҳад, боис мегардад, ки ӯ дар рӯзи Сақифа мавқифи маъруфи худро мегирад. Он мавқиф ин аст: Дар пайи вафоти Паёмбари Худо (с) дар атрофи Саъд як ҷамоъае аз ансор ҷамъ омаданд, дар айвони бани Соъида ва чунин садо баланд намуданд, ки бояд халифаи Паёмбари Худо (с) аз ансор бошад.

Халифагии Паёмбари Худо (с) барои ҳар яке аз наздикон ва амсоли вай шарафи ин дунё ва охират буд... аз ҳамин ҷиҳат ин гурӯҳ аз ансор хостанд, ки хилофатро ба даст бигиранд ва ба он зафар ёбанд.

Лекин Паёмбари Худо (с) Абубакрро (р) дар намоз дар аснои бемориаш халифа таъин намуд ва саҳобагон аз ин халифа таъин намудан дар намоз, ки мазмуни дигареро таъйид менамуд, ки Паёмбари Худо (с) он амрро ба Абубакр (р) супорид, ки ӯ дуюм нафаре аз ду нафарае ҳаст, ки дар ғор буданд. Мо мегуем, ки онҳо чунин фаҳмида буданд, ки аз дигарон дида Абубакр (р) ба хилофат ҳақдортар аст.

Ҳамчунин Умар ибни Хаттоб ин фикрро фаҳмида ба он чанг зада буд. Дар ҳоле, ки Саъд ибни Убода (р) раъйи дигарро ба худ маъқул мешуморид ва ба он чанг зад. Ин амалаш сабаб шуд, ки аксари саҳобагони Паёмбари Худо (с) ин рафтори вайро мавқеъи накӯҳиш қарор доданд, ки маҳали тарк ва инкори онҳо буд.

* * *

Лекин Саъд ибни Убода бо ин мавқифгириаш бо садоқату ростӣ ба нидои табиату хислату ахлоқаш ҷавоб медод.

Ӯ чунон ки гуфтем, ба як чизи қонеъгаштааш сахт чанг мезад ва барои ақидааш ба сароҳат ва ошкоро аз таҳти дил пофишорӣ менамуд.

Ва бо ин хислаташ мавқифгириаш дар пеши дастони Паёмбари Худо (с) баъди ғазои Ҳунайн далолат мекунад.

Дар ҳине, ки мусулмонон зафармандона ин ғазоро ба поён расониданд, Паёмбари Худо (с) ба тақсим намудани ғаниматҳо бар мусалмонон оғоз кард. Ва он рӯз ба сӯи шахсоне, ки мехост дилҳои онҳоро ба худ моил намояд, эҳтимоми хоссе зоҳир намуд ва онҳо аз ҷумлаи ашрафзодагоне буданд, ки нав ба ислом даромада буданд. Паёмбари Худо (с) чунин маслиҳат дид, ки бо ин улфатгирӣ онҳоро барои ғолиб гардидан бар болои нафсҳояшон ёрӣ кунад. Ҳамчунон ки барои дигар шахсони ҳоҷатманд аз ҷумлаи ҷанговарон низ ҳиссаҳо ато фармуд.

Аммо он нафаронеро, ки дар ислом сахт вобаста буданд, ба исломашон ҳавола кард ва ба онҳо чизе аз ин ғаниматҳо надод.

Чизе ки Паёмбари Худо (с) ба касе медод, ҳатто муҷаради атои Паёмбари Худо (с) як шарафе буд ва ба сӯи вай ҳамаи мардум ҳарис буданд. Ба замми ин, ин ғаниматҳо қариб, ки як роҳи даромади муҳиме гардида буданд, ки зиндагонии мусалмонон сари он қоим буд.

Аз ҳамин сабаб ансор бо талхӣ аз якдигар мепурсиданд, ки чаро Паёмбари Худо (с) ба онҳо аз ин ғаниматҳо ҳиссаҳояшонро надод?

Ва Ҳассон ибни Собит, шоири ансорӣ чунин гуфт:

Ҳузури Паёмбари Худо (с) бирав ва бигӯй,
Эй ки ту беҳтарини касе ҳастӣ,
ки ба ӯ эътимод мекунанд.
Барои мӯъминон, чун тамоми башариятро
шумор кунанд.
Чаро Сулайм даъват карда мешавад,
бо вуҷуде, ки ӯ хеле дур аст,
Қабл аз қавме, ки онҳо ҷой доданд ва нусрат доданд.
Онҳоро Худованд ба сабаби нусрат доданашон
дини ростро, ансор номид.
Дар он ҳоле ки ҷанги хуношом
дар аланга буд,
Эътироф намуданд ва ба сӯи роҳи Худо шитобиданд.
Мусибатҳоро таҳаммул карданд ва яъсу ноумедӣ
наварзиданд ва носабрӣ низ накарданд.

Пас дар ин абёт шоири Паёмбари Худо (с) ва ансор аз ранҷе, ки ансор эҳсос мекунанд, таъбир кардааст. Зеро ки Паёмбари Худо (с) дигар саҳобагонро чизе доду вале ба онҳо чизе надод.

Ва саркардаи ансор Саъд ибни Убода низ чунин фикр мекард. Ва аз қавмаш баъзе суханҳои пасипардаиро дар бораи ҳамин амал мешунид, вале ин рафторро напазируфт ва ба талаби табиати ошкорои хеш ҷавоб дода, дарҳол ба сӯи Паёмбари Худо (с) рафт ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ба таҳқиқ ин гурӯҳ аз ансор аз рафтори ту дар дилашон чизе гирифтаанд, аз сабаби коре, ки дар бобати тақсими ғаниматҳое, ки ёфта тақсим кардӣ. Онҳоро байни қавми худат тақсим намудӣ ва атоҳои бузург ба қавму қабилаҳои Араб додӣ, вале аз он ғаниматҳо ба ансор чизе нарасид.

Ҳамчунин гуфт ин марди ошкоргӯй ҳар он чизе, ки дар нафсаш дошт ва чизе, ки дар нафси қавмаш буд ва ба ҳузури Паёмбари Худо (с) ба ростӣ ин мавқифро баён кард.

Паёмбари Худо (с) аз вай пурсид:

– Ва ту худат дар сари ин кор чӣ ақида дорӣ, эй Саъд?

Саъд бо ҳамон ошкоргӯӣ ҷавоб дод:

– Ман касе нестам, магар як ҷузъи қавмам.

Дар ин ҳангом Паёмбари Худо (с) барояш гуфт:

– Ин тавр бошад, қавматро барои ман ҷамъ кун.

Акнун барои мо лозим аст, ки ин қиссаро то охир пайгирӣ кунем, зеро барои ин қисса як дурахшест, ки дар муқобилаш тоб оварда намешавад.

Саъд қавми худашро аз ансор ҷамъ кард. Ва Паёмбари Худо (с) назди онҳо омад. Ба чеҳраҳои малули онҳо нигарист ва табассуме кард, ки дар он қадрдонӣ нисбати хизматҳо ва корҳои онҳо ҳувайдо буд.

Баъд аз он гуфт:

– Эй гурӯҳи ансор, сухане аз ҷониби шумо ба ман расид ва ҳиссиёте нисбати ман дар нафсҳои худатон пайдо намудед. Оё ман ба назди шумо дар лаҳзае наомадаам, ки гумроҳ будед, пас Худованд ба сабаби ман шуморо ҳидоят кард ва шумо нодор будед, пас шуморо Худованд ғанӣ гардонид ва душмани якдигар будед, оё Худованд байни дилҳои шумо улфат ато накард?

Гуфтанд:

– Оре, Худо ва Расули вай миннатгузортар ва афзалтаранд.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Чаро шумо ҷавоб намедиҳед, эй гурӯҳи ансор?

Ансор гуфтанд:

– Мо шуморо чӣ ҷавоб бидиҳем, эй Расули Худо (с), мар Худовандро ва Расули ӯро (с) ҳаққи миннатгузорӣ ва фазл ҳаст.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Аммо қасам ба Худо, агар мехостед чунин мегуфтед, пас рост мегуфтед ва тасдиқ ҳам карда мешудед:

– Эй Паёмбари Худо (с), ту ба назди мо омадӣ дар ҳоле, ки қавмат туро такзиб намуда буданд, пас мо туро тасдиқ намудем. Ва хору ноумед омадӣ, пас мо туро ёрӣ додем. Ва камбағал омадӣ, мо туро ёрмандӣ кардем. Ва рондашуда омадӣ, мо туро ҷой додем.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Эй гурӯҳи ансор, дар муқобили андак дунёе, ки ба воситаи он дилҳои як қавмро улфат додам, то ки ислом биёваранд ва шуморо ба сӯи исломатон вогузор намудам. Оё шумо дар дилҳоятон ҳар гуна фикрҳоро ҷой додаед? Оё шумо, эй гурӯҳи ансор, розӣ нестед, ки мардум бо ҳамроҳии гусфанду шутур ба хонаҳояшон бозгарданд ва шумо бо ҳамроҳии Расули Худо (с) бозгардед ба сӯи истиқоматгоҳҳоятон?

Пас қасам ба зоте, ки нафси ман ба дасти ӯст, агар ҳиҷрат намебуд, ман марде аз ансор мебудам. Ва агар ҳамаи мардум дар як дара бираванд, ман дар дараи ансор меравам. Худоё, ансорро раҳм кун ва фарзандони ансорро ва фарзандони фарзандони ансорро!

Дар ин ҷо ансор ба гиря даромаданд, то ҳадде ки манаҳҳояшон тар шуд. Пас суханони Паёмбар (с), ки бузург ва олӣ буданд, дилҳои онҳоро саломатӣ ва рӯҳҳояшонро боигарӣ ва нафсҳояшонро аз офият моломол сохт ва ҳама якҷоя фарёд кашиданд ва Саъд ибни Убода низ бо ҳамроҳи онҳо фарёд кашид:

– Мо розием, ки ҳамчун насиба Расули Худоро (с) дошта бошем.

* * *

Дар рӯзҳои аввали хилофати Умар (р) Саъд ба сӯи амири мӯъминон рафт ва бо ҳамон ошкоргӯии аз ҳад гузаранда ба вай гуфт:

– Қасам ба Худо, соҳиби ту Абубакр (р) дар назди мо дӯстдоштатар буд, аз ту ва қасам ба Худо, ки ман ҳамсоягии туро бад мебинам.

Умар (р) низ бо оромӣ гуфт:

– Ҳар кӣ аз ҳамсоягии ҳамсояаш малул бошад, аз бараш дур меравад.

Саъд ҷавобаш дод:

– Ман ба ҳамсоягии шахсе меравам, ки аз ту беҳтар аст.

Саъд ин суханонашро ба сӯи амири мӯъминон Умар (р) аз рӯи қаҳру ғазабашро сабук намудан нагуфта буд ва ё аз рӯи кароҳат ӯро баён нанамуд, зеро ки шахсе розӣ шавад, ки Расули Худоро ҳамчун ҳисса ва насиба ба худ қабул созад, ҳаргиз роҳбарии мардеро, ки мисли Умар (р) бошад ва замонҳои тӯлонӣ ӯро мавзеъи бузургдошт ва муҳаббат аз ҷониби Паёмбари Худо (с) дидааст, рад кунад.

Ин асту ҷуз аз ин нест, ки Саъд аз ҷумлаи асҳобест, ки Қуръон онҳоро сифат намуда гуфтааст:

Онҳо байни якдигарашон раҳмдиланд (Сураи Фатҳ, ояти 29).

Вале ӯ ирода намуд, ки мунтазари он лаҳзаҳое нашавад, ки ба сабаби хилофи байни ӯ ва байни амири мӯъминон, як хилофе ба вуҷуд ояд, ки ӯ онро намехоҳад ва розӣ нест.

Ва ӯ борҳояшро ба сӯи Шом барбаст. Ва наздик буд, ки ба Шом бирасад ва дар замине бо номи Ҳурон фурӯд омад, дар ин ҷо аҷалаш ба сӯи ӯ омад ва ба сӯи ҳамсоягии Парвардигори раҳим шитобид.

## 47. УСОМА ИБНИ ЗАЙД
## Маҳбуб, писари Маҳбуб

**Рӯзе амири мӯъминон Умар ибни Хаттоб (р) нишаста буд ва амволи байтулмолро бар мусалмонон тақсим мекард. Навбат ба Абдуллоҳ ибни Умар расид. Пас Умар (р) ба ӯ ҳиссаашро дод. Чун навбати Усома ибни Зайд расид, ба ӯ ду баробари ҳиссаи писараш Абдуллоҳ ато фармуд.**

Ва ҳар вақте ки Умар (р) мардумро атоҳо медод, албатта мувофиқи фазл ва хидматҳояшон дар ислом медод. Пас Абдуллоҳ ибни Умар хавф бурд, ки шояд мақомаш дар ислом аз ҳама охир бошад. Ва ҳол он ки ӯ бо тоъат ва ҷиҳод ва зуҳд ва парҳезгориаш бояд аз ҷумлаи собиқин дар назди Худо маҳсуб бошад. Ана дар ҳамин ҷо аз падараш пурсид:

– Ту Усомаро бар ман тафзил кардӣ, ҳол он ки ман ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ҷойҳое ҳузур доштам, ки Усома ҳузур надошт.

Умар (р) ҷавобаш дод:

– Ба таҳқиқ Усома дар назди Паёмбари Худо (с) аз ту дида, дӯстдоштатар буд ва падараш дар назди Паёмбари Худо (с) аз падари ту дида дӯстдоштатар буд.

Пас ин марде, ки ӯ ва падараш дар қалби Паёмбари Худо (с) ва муҳаббати Паёмбари Худо (с) ҷойгоҳеро касб намуда буданд, ки на писари Умар (р) ва на худи Умар (р) ба он нарасида буданд, кист?

Ба таҳқиқ ӯ Усома ибни Зайд аст.

Лақаби ӯ дар миёни саҳобагон “Маҳбуб писари маҳбуб” буд.

Падари ӯ Зайд ибни Ҳориса ходими Расули Худо (с) буд. Он касе буд, ки Паёмбари Худоро (с) аз падараш ва модараш ва хешу таборонаш болотар ниҳод ва ихтиёр кард ва он касе, ки Паёмбари Худо (с) ӯро гирифта дар миёни ҷамъияти дӯстонаш гуфт:

– Ман шуморо гувоҳ мегирам, ки ин писари ман аст, ӯ аз ман ва ман аз ӯ мерос мебарем.

Ва номаш дар миёни мусалмонҳо Зайд ибни Муҳаммад буд, то ин ки Қуръони карим одати писархондагиро ботил гардонид.

Усома, ки зикрашро мекунем, писари ӯст. Модари Усома, Умми Айман канизи Паёмбари Худо (с) ва дояи Паёмбари Худо (с) буд.

Намуди зоҳирии вай ӯро барои ягон кор омода ва лоиқ намегардонад.

Ӯ ҳамчунон, ки ровиён ва муаррихон сифат намудаанд: сиёҳ ва бинипучуқ буд. Оре, ба ин ду калима на аз ин зиёд таърих суханашро аз шакли зоҳирии Усома хулоса мекунад.

Валекин ислом ҳеҷ гоҳ ба шакли зоҳирии як инсон аҳамият намедиҳад.

Ва Расули Худо (с) зотест, ки мегӯяд:

– Огоҳ бошед, ки бисёр шахси мӯйсарпарешони ғуборолудае ҳаст, ки дар тан ду либоси кӯҳнаи ҷанда дорад, ки касе ба ӯ аҳамият намедиҳад, вале агар ба ӯҳдаи Худо қасам ёд кунад, ҳар оина Худованд қасами ӯро рост мегардонад (яъне иҷро мекунад).

* * *

Биёед ин замон шаклу шамоили зоҳириро ба худи Усома вогузор кунем. Биёед чеҳраи сиёҳ ва бинии пучуқашро бигузорем, зеро ин чизҳо дар тарозуи ислом барои худ ҷойгоҳ надоранд. Ва биёед бингарем, дар ин ки чӣ чизе дар муҳаббату ҷонфидоияш ҳаст? Ва чӣ чизе дар покӣ дар истиқомати замир ва дар парҳезгорию итоъатгориаш нисбат ба Худо ва дар бузургии нафс ҳаст? Ӯ дар ин ҷода ба дараҷаҳое ноил гардидааст, ки ӯро ба ҳамин файзе аз муҳаббату қадр намудан аз ҷониби Паёмбари Худо (с) омода намуда аст:

– Ба таҳқиқ Усома ибни Зайд аз дӯстдоштатарини мардум аст дар назди ман ва ман умед мекунам, ки вай аз ҷумлаи солиҳони шумо бошад. Шумо нисбати вай ҳамеша хушмуомила бошед.

Усома дорои тамоми сифатҳое, буд, ки ӯро ба қалби Паёмбари Худо (с) наздик намуда буданд ва дар чашми Паёмбари Худо (с) бузургаш сохта буданд.

Ӯ писари ду шахсияти мусалмони некӯкоре аз мусалмонони собиқину аввалинанд ба сӯи ислом ва касонеанд, ки нисбати Паёмбари Худо (с) аз ҳама зиёдтар муҳаббат ва наздикӣ доштанд.

Ӯ яке аз фарзандони содиқи ислом аст. Дар замони ислом зода шуда ва даври ширдиҳии аввалашро аз фитрати беолоишаш дарёб кардаанд, бе ин ки аз торикиву ғубори ҷоҳилият чизе ба онҳо расида бошад. Ӯ бо вуҷуди хурдсолиаш мӯъмини хеле мустаҳкам буд ва мусалмони қавӣ, ки тамоми масъулиятҳои имонӣ ва диниашро ба як муҳаббати устувор ва азимати ғолиб мебардошт. Ӯ дар заковатмандиаш аз андоза берун буд. Ва тавозуъаш низ аз ҳад мегузаронид ва дар ҷонфидоиаш, нисбати роҳи Худо ва Паёмбари Худо (с) ҳадду ҳудуде набуд.

Ӯ гузашта аз ин дар саҳнаи васеъи ин дини ҷадид барои қурбонгаштагони рангу намуди зоҳирӣ, ки ислом аз ҷумла барои аз байн бурдани ин тафриқаандозӣ зуҳур карда буд, саҳнаи намоише буд.

Пас ин "сиёҳи бинипучуқ" Дар қалби Паёмбари Худо (с) ва дар миёни сафҳои мусалмонон ҷоеро ишғол намуд, ки хеле олист, зеро ин дине, ки Худованд онро барои бандагонаш ихтиёр намудааст, ба таҳқиқ меъёрҳои одамият ва афзалиятро байни мардум дуруст намудааст. Пас гуфта:

Ба таҳқиқ бузургтарини шумо, парҳезгортарини шумост. Сураи Ҳуҷурот ояти 13).

Ҳамчунин Паёмбари Худоро (с) мебинем, ки дар рӯзи фатҳи бузург ба Макка ворид мешавад ва дар қанҷуғааш "Сиёҳи бинипучуқ" – Усома писари Зайд савор аст. Баъд аз он ӯро боз ҳангоми воридшавӣ ба Каъба мебинем, ки аз тарафи росту чапаш Билол ва Усома ду марде, ки чеҳраи онҳоро пӯсти сиёҳи дурахшанда, яъне сиёҳи қирмизӣ пӯшонида аст. Вале сухани Худо дар дилҳои бузургу тоҳири ин ду мард нишаста, барои чеҳраи онҳо тамоми шарофат ва баландмартабагиро аён сохтааст.

* * *

Дар синни хело ҷавониаш, ки солаш аз бист нагузашта буд, Паёмбари Худо (с) Усома ибни Зайдро бар болои лашкаре амир сохт, ки дар миёни онҳо Абубакр (р) ва Умар (р) низ буданд.

Пас ғавғову гуфтугузорҳое дар миёни гурӯҳе аз мусалмонон, ки ин кор дар назарашон хело бузург метобид, ба гардиш даромад ва онҳо бар ин ҷавон - Усома ибни Зайд- амирии лашкареро ки дар он мӯйсафедони ансор ва бузургони муҳоҷирин буданд, хело гарон мешумориданд. Ва ин гуфтугузориҳои байни якдигарӣ ба самъи Паёмбари Худо (с) расид. Пас болои минбар баромад ва баъди ҳамду санои Худо гуфт:

– Ба таҳқиқ баъзе аз мардумон дар амирии Усома ибни Зайд таън мерасонанд ва пеш аз ин дар амирии падараш таъна расонида буданд. Агарчанде падараш барои аморат сазовор буд. Усома низ ба кори аморат сазовор аст. Ва ба таҳқиқ ӯ баъди падараш аз дӯстдоштатарини мардум аст аз тарафи ман ва ман умед мекунам ки аз ҷумлаи шахсиятҳои солиҳи шумо бошад. Пас дар ҳаққи вай шумо хушмуомила бошед.

Паёмбари Худо (с) пеш аз он, ки ин лашкар ба сӯи мақсади худ равона шавад, аз дунё гузашт, валекин ӯ ба таҳқиқ васияти ҳакимонаи худро барои асҳобаш гузашта буд:

– Шумо фиристодани лашкари Усомаро ба иҷро расонед... Шумо фиристодани лашкари Усомаро ба иҷро расонед.

Ҳамчунин халифа Абубакр (р) ин васиятро муқаддас шуморид ва алорағми муҳити замонии наве, ки аз дунё риҳлат намудани Паёмбари Худо (с) ба миён оварда буд, Сиддиқ (р) барои иҷрои васияти Паёмбар ва амири ӯ пофишорӣ намуд ва лашкари Усома ба сӯи мақсадаш равона гардид. Ва халифа аз ӯ иҷоза пурсид, ки Умарро дар ҳамсоягии ӯ дар Мадина бимонад.

Дар он ҳангом императори Рум Ҳирақл хабари вафоти паёмбарро шунид. Дар айни ҳол хабари лашкаре ба гӯшаш расид, ки бар сарҳадоти Шом ҳамла намуданд ва сардории онро Усома ибни Зайд ба ӯҳда дорад. Пас ӯро дар ҳайрат афганд, ки мусалмонон чандон қавӣ ҳастанд, ки аз дунё гузаштани паёмбарашон дар нақшаву амалиёт ва қудрати онҳо таъсире расонида наметавонад.

Пас Рум худро ба қафо кашид ва дигар ҳудуди Шомро нуқтаи ҷаҳише барои гаҳвораи ислом дар ҷазираи Араб барои худ қарор надод.

Лашкар беталафот баргашт. Ва мусалмонон дар бораи лашкари Усома он рӯзҳо чунин мегуфтанд:

– Мо ҳеҷ лашкареро мисли лашкари Усома тандурусту ба офият надида будем.

Рӯзе аз рӯзҳо Усома аз Паёмбари Худо (с) як дарси зиндагониашро омӯхт ва Усома бо он дарс зиндагӣ кард ва тамоми ҳаёташ аз замоне, ки Паёмбари Худо (с) аз онҳо ҷудо шуд ва ба суи рафиқи аъло рафт, то он даме, ки худи Усома низ ба Парвардигораш дар охирҳои хилофати Муъовия мулоқот намуд, таҳти таъсири ин дарс сипарӣ гардид.

Ду сол қабл аз вафоташ Паёмбари Худо (с) ӯро бар гурӯҳи лашкале, ки бар муқобили баъзе мушриконе, ки дар набард бо ислом ва мусалмонон буданд, хориҷ шуда буд, амир кард. Ин аввалин аморате буд, ки Усома онро соҳиб шуд. Ва ба таҳқиқ дар ин маъмурияташ Усома ба комёбӣ ва пирузӣ ноил гардид ва хабарҳои комёбиаш ба сӯи Паёмбари Худо (с) аз худаш пештар расиданд, пас Паёмбари Худо (с) аз ин пирузии вай хурсанду шод гардид.

Биёед ба суханҳои худи Усома гӯш бидиҳем, то худаш барои мо боқимондаи хабарро хикоят кунад:

– Ман ба назди Набӣ (с) омадам ва ҳол он ки муждарасонҳо барои ин фатҳ ба ӯ расида буданд. Он ҳангом ӯ бо чеҳраи нуронӣ истода буд.

Ӯ маро ба худ наздик гардонид ва гуфт:

– Ку бароям қисса кун.

Пас ман ба қиссаи ҷараёни ин набард пардохтам. Барояш ёдовар шудам, ки чун он қавм қафонишинӣ карданд ва ман мардеро дарёфтам ва мехостам ӯро ба найзаам бизанам.

Ӯ гуфт:

*Ло илоҳа иллаллоҳ*. Ман ӯро куштам.

Пас рӯи Паёмбари Худо тағйир ёфт ва гуфт:

– Вой бар ту эй Усома. Пас ту *ло илоҳа иллаллоҳ*-ро чӣ кор мекунӣ? Вой бар ту эй Усома, пас ту *ло илоҳа иллаллоҳ*-ро чӣ кор мекунӣ?

Ӯ ҳамин калимаҳоро бар ман такрор кардан гирифт, то он даме, ки ман орзу кардам, ки аз тамоми ин амалҳои кардаам даст бикашам ва аз ин рӯз аз сари нав исломро қабул кунам.

Қасам ба Худо, ки ҳаргиз як нафареро,ки *ло илоҳа иллаллоҳ* гуфта башад, бар муқобилаш ҷанг намекунам, баъди он ки аз Расули Худо (с) ин нуктаҳоро шунидам.

* * *

Ва ин дарси ниҳоят бузургест, ки ҳаёти Усома дӯстдошташудаи писари дӯстдошташударо аз замони он дарсро аз Паёмбари Худо (с) шуниданаш, то он ки аз дунё розӣ ва розикардашуда риҳлат намуд, ба як маҷрои муайян мутаваҷҷеҳ сохт.

Ва ба дурустӣ, ки ин дарси ниҳоят балеғ аст.

Дарсе, ки чеҳраи воқеъии шахсияти Паёмбар (с) ва адлашро ва олӣ будани асосҳои ҳаёташ ва азамати динаш ва ахлоқашро возеҳ нишон медиҳад. Он марде, ки шахсияти Паёмбар (с) барои кушта гардиданаш таассуф хӯрд ва Усомаро барои куштани ӯ сарзаниш кард, як мушрики ҷангкунанда буд. Ва ӯ дар он ҳоле, ки *ло илоҳа иллаллоҳ* гуфт, дар дасташ шамшер дошт, ки дар он шамшераш пораҳои гӯшти ҷасадҳои мусалмонон, ки аз баданҳояшон канда гирифтааст, овезон ва часпида буд. Ӯ ин калимаро шояд барои он гуфт, ки аз зарбаи ҳалокатовар наҷот ёбад ё барои нафсаш фурсате муҳаё созад, то дар он мӯҳлат самти таваҷҷуҳи худро тағйир бидиҳад ва баъд аз он ҷангро аз нав шурӯъ кунад.

Бо вуҷуди ин ҳама фарзияҳо ба дурустӣ, ки ӯ ин калимаро гуфт ва забонаш ба гуфтани ин калима давр хӯрд, пас хуни ӯ ҳаром гардид ва ҳаёташ дар амну амон аст.

Агарчи дар дилу нияти ӯ ҳар андешае бошад.

Усома ин дарсро то охирин нуктааш аз худ кард.

Чун шахсияти Паёмбар (с) аз қатли он мард дар чунин вазъ манъ намуд, ки иллаташ ба забон овардани калимаи «*Ло илоҳа иллаллоҳ*» аст, пас нисбати касоне, ки дар ҳақиқат мӯъминанд ва мусалмонанд, чӣ ҳукм дорад?

Ва ҳамчунин мо ӯро дидем, дар он *лаҳзаҳое*, ки фитнаи бузург байни имом Алӣ ва ёронаш аз як ҷониб ва Муъовия ва пайравонаш аз ҷониби дигар, даргир шуд. Ӯ мавқеъи бетарафиро гирифт.

Ӯ Алиро хело зиёд дӯст медошт ва ҳақро низ дар ҷониби ӯ медид, лекин чӣ гуна ӯ мусалмонро бо шамшераш мекушад, ки ӯ ба Худо ва Расули Вай имон овардааст, дар ҳоле, ки ӯ ҳамон шахсест, ки шахсияти Паёмбар (с) ӯро барои қатли як мушрики ҷанговар, ки дар *лаҳзаи* шикаст хӯрданаш ва гурехтанаш *ло илоҳа иллаллоҳ* гуфта буд, сарзанишаш кард.

Дар он ҳол ба сӯи имом Алӣ (р) мактубе навишт, ки дар он чунин мегуфт:

– Ба таҳқиқ (эй Алӣ (р)), агар ту дар даҳони шере мебудӣ, ман мехостам, ки ҳамроҳат дар даҳони шер дароям. Вале ин корест, ки ба он эътиқод надорам.

Ва ӯ дар тули ҳамин низоъ ва ҷангҳо аз хонааш берун набаромад. Чун баъзе аз асҳобаш омада бо вай дар бораи он мавқифгириаш муноқиша мекарданд, барояшон мегуфт:

– Ман ҳаргиз ба муқобили касе, ки *ло илоҳа иллаллоҳ* мегӯяд, ҷанг намекунам.

Яке аз онҳо барояш гуфт:

– Оё Худованд чунин нафармудааст, ки: шумо ҳамроҳашон биҷангед, то ин ки фитнае боқӣ намонад ва дин ҳамааш барои Худо бошад. (Сураи *Анфол* ояти 39).

Пас Усома чунин ҷавобаш дод:

– Онҳое, ки ба қитол зиддашон амр шудааст, онҳо мушриконанд ва ба таҳқиқ мо бо онҳо муқотила намудем, то ин ки фитнае боқӣ намонд ва дин ҳамагӣ барои Худо гардид.

* * *

Ва дар соли 54 аз ҳиҷрат Усома барои мулоқоти Худои хеш иштиёқманд гардид ва рӯҳаш аз рӯи иштиёқ ба печу тоб уфтод, мехост ҳар чи зудтар ба ватани аввалааш баргардад.

Пас дарҳои биҳишт кушода гардиданд, то ки яке аз шахсиятҳои некукори муттақиро истиқбол кунанд.

## 48. АБДУРАҲМОН ИБНИ АБУБАКР (Р)
## Диловаре то охирин лаҳза

**Ӯ таҷассуми ошкорест барои ахлоқи арабӣ ба тамоми амиқӣ ва андозаҳояш. Падараш аввалин шахсе аз мусалмонон аст. Ва Сиддиқе, ки ба Худо ва Расули вай имоне оварда, ки ба пояи ӯ касе расида наметавонад ва дуюм нафарест, аз ду нафари ғор. Ӯ дар аввал мисли харсанги мустаҳкаме буд ҳамроҳи дини қавмаш ва бутҳои Қурайш. Дар ғазои Бадр ӯ ҳамчун ҷанговар ҳамроҳи лашкари мушрикон берун омада буд.**

Дар ғазои Уҳуд низ ӯ амирии тирандозонеро ба ӯҳда дошт, ки мушрикон онҳоро барои ҷанги зидди мусалмонон ҷамъ намуда буданд.

Пеш аз он ки ду лашкар бо ҳамдигар бархурд кунанд, аз рӯи одат ҷанги танҳо ба танҳо сар шуд. Ва Абдураҳмон дар майдон истода аз мусалмонон касеро талаб мекард, ки бо ӯ мубориза танҳо ба танҳо бикунад. Падараш Абубакри Сиддиқ (р) бархост, то бо ӯ мубориза намояд, вале Паёмбар (с) ӯро нигоҳ дошт ва барои мубориза кардани ӯ бо писараш монеъ шуд.

* * *

Ба таҳқиқ араби асилро ҳеҷ чизе беҳтар аз муҳаббату вобастагии мутлақаш барои қаноъатмандӣ дар ақидааш аз дигар мардум ҷудо карда наметавонад. Чун араби асил ба дине ё ба фикре қаноъат ҳосил кунад, он қаноъатмандӣ ӯро ғуломи худ мегардонад ва барои халос шудан аз вай роҳе боқӣ намемонад, магар ки бо баркандани решаи эътиқоди қаблӣ ба сабаби омадани эътиқоди ҷадид, ки қаноъатмандии ақл ва нафсашро воқеъан оромиш бахшида ва ӯро таскин дода тавонад.

Бо вуҷуди бузургдошти Абдураҳмон нисбати падараш ва боварии комил ба бартарияти ақли падараш ва азамати нафс ва ахлоқи ӯ вобастагии ӯ ба қаноъатмандиаш ҳамчун ҳукмраво боқӣ мемонад ва ислом овардани падараш ӯро барои пайравӣ кардани ӯ таҳрик наменамояд.

Ҳамчунин ӯ дар маконаш воқиф боқӣ монд дар ҳоле, ки масъулияти иқтиноъ ва ақидаашро ба худ ҳамл мекард ва аз олиҳаи Қурайш ҳимоя мекард ва дар зери байрақи он динаш ҳамчун шахси бо имон ҷонфидо ҷанг мекард.

Шахсоне, ки мисли Абдураҳмон қавӣ ва асилзодаанд, барои онҳо ҳақ ҳеҷ гоҳ пӯшида намемонад, агарчанде замон тӯлонӣ бошад ҳам.

Пас асолати ҷавҳари ҳастии онҳо ва нури ихлоси онҳо, дар охири амр онҳоро ба сӯи роҳи савоб ҳидоят мекунад ва онҳоро бо ҳидоят ва хайр ҷамъ месозад.

Ва ба таҳқиқ соати тақдирсоз рӯзе занги худро зад ва милоди ҷадидеро барои Абдураҳмон ибни Абубакри Сиддиқ (р) эълон намуд.

Чароғҳои ҳидоят нафсашро рӯшноӣ бахшиданд. Он ҳидоят тамоми чизҳоеро, ки ҷоҳилият ба мерос монда буд, аз торикӣ ва қалбакӣ рӯфта партофт ва ӯ маъбуди яккаву ягонаро дар тамоми он чизҳое, ки дар атрофаш ҳастанд, аз коинот ва ашё бо дидаи басираташ бидид ва ҳидояти Худо сояашро дар нафс ва замири ӯ афганд. Он ҳангом ӯ аз ҷумлаи мусалмонон гашта, роҳи мусофиратро ба сӯи Паёмбар (с) пеш гирифт, ҳамчун руҷуъкунанда ба сӯи дини ҳақ.

Вақто ки Абубакр (р) писарашро дар ҳоле дид, ки бо Паёмбар (с) байъат мекунад, рӯяш аз ғояти фараҳ ва шодмонӣ шукуфт. Ӯ дар ҳолати куфраш мард буд ва имрӯз исломро ҳамчун мардони ҳақиқӣ пазируфт ва ҳеҷ тамаъе ӯро ба сӯи ислом тела надодааст ва ҳеҷ хавфе ӯро таҳдид намекунад, магар қаноъатмандии ақида ва тавфиқ аз ҷониби Худо.

Ва Абдураҳмон барои иваз гирифтани он чизе, ки аз даст додааст, ба роҳ уфтод, ба воситаи ҷаҳду кӯшиши беандоза дар роҳи Худо ва Паёмбар (с) ва мӯъминон.

* * *

Дар рӯзҳои ҳаёти Паёмбар (с), ва дар рӯзҳои халифаҳояш баъди вай, Абдураҳмон аз ғазое тахаллуф наварзида ва аз ҷиҳоди машруъе қафо намондааст.

Дар рӯзи Ямома аз ҷониби ӯ хидматҳои шоёне ба вуқуъ омад ва суботу ҷонфидоии ӯ дар касби пешравии маърака аз лашкари Мусайлама ва муртадҳо саҳми бузурге гузошт. Ӯ касест, бар зиндагонии Муҳкам ибни Туфайл, мудаббири Мусайлама хотима бахшидааст. Ӯ ҳамроҳи қувваи дар ихтиёраш буда муҳимтарин ҷои қалъаеро, ки лашкари муртадон ба дохили он паноҳ бурда буданд, ҳимоя мекард. Вақте ки Муҳкам ибни Туфайл бо зарбаи дасти Абдураҳмон афтид, як даромадгоҳи васеъе дар ҳамон ҷониби қалъа ба вуҷуд омад, ки ҷанговарони мусалмон ба воситаи он ба қалъа зада даромаданд. Он хислатҳои неку олие, ки Абдураҳмон дар худ дошт, зери сояи ислом боз ҳам шукуфоӣ ва сайқал ёфтанд. Муҳаббату

наздикӣ ба ақидаи қаноъатмандгаштааш ва таслимшудани мутлақ дар пайравӣ аз он фикре, ки онро савоб ва ҳақ медонад ва тарк намудани гузаштаҳо ва ситоишҳои бемавқеъ, ҳамаашон хислатҳои нек, ҷавҳари шахсият ва ҷавҳари ҳаёти ӯ гардида буданд, ки ҳеҷ гоҳ аз чорчӯбаи ин хислатҳои олӣ берун намерафт, агарчанде дар зери таҳрики хоҳише ё таҳти таъсири хавфу хатаре қарор дошт. Ҳатто дар он рӯзи даҳшатнок, рӯзе, ки Муъовия қарор дод, ба зӯри шамшер аз мардум барои Язид (писараш) байъат бигирад. Пас ба сӯи намояндааш дар Мадина Марвон барои байъат намудани мардум мактуб фиристод ва амр намуд, ки Марвон он мактубро дар масҷид бихонад. Ва Марвон ин фармонро иҷро кард ва ҳамин, ки аз хондани мактуб фориғ гардид, дарҳол Абдураҳмон ибни Абубакр (р) аз ҷой бархост, то муҳити хомӯшу бо тарсу ҳаросеро, ки фазои масҷидро фаро гирифта буд, ба ҳуҷҷат овардани ошкор ва муқобилаи кӯбанда мубаддал созад.

Ӯ гуфт:

– Қасам ба Худо, ки шумо барои уммати Муҳаммад (с) хайру некиро ирода накардаед, балки мехоҳед, ки ҳокимияти исломро ба ҳокимияти Ҳирақлӣ, (зуроварӣ) табдил созед. Ҳар вақте ки як Ҳирақле мурд, як нафар Ҳирақли дигар ҷои вайро мегирад.

Абдураҳмон бо дидаи басират дарк намуд, ки чӣ хатарҳое исломро мунтазир аст, агар Муъовия ин фармонашро ба иҷро расонад ва ҳукме, ки дар ислом “шӯро” ҳуқуқи интихоби ҳокимро барои миллати мусалмон соҳиб буд, ба сӯи “Қайсарият” мубаддал созад, ки бар болои миллати мусалмон қайсареро баъди қайсаре аз рӯи қонуни таваллуд, ё ки ғайри ихтиёриву ногаҳонӣ бор кунад.

* * *

Ва ҳамин, ки Абдураҳмон дар рӯи Марвон бо гуфтани ин калимаҳои кӯбанда овоз баланд кард, ӯро гурӯҳе аз мусалмонон дастгирӣ намуданд, ки дар сардории онҳо Ҳусайн ибни Алӣ ва Абдуллоҳ ибни Зубайр ва Абдуллоҳ ибни Умар буданд.

Баъд лаҳзаҳои маҷбурсозе пеш омаданд, ки Ҳусайн ибни Алӣ ва ибни Зубайр ва ибни Умарро маҷбур ба сӯи сукут дар баробари ин байъати Муъовия қарор доданд. Лекин Абдураҳмон ибни Абубакр (р) ҳамчунон боқӣ монд ва ошкоро ба ботил будани ин байъат сухан мегуфт.

Рӯзе Муъовия ба сӯи ӯ як нафареро фиристод, ки бо худ сад ҳазор дирҳам дошт ва мехост, ки Абдураҳмон онро бигирад ва ирода дошт,

ки ба воситаи пул ӯро ба сӯи худ моил созад, Абдураҳмон ибни Сиддиқ онро дур партофт ва ба фиристодаи Муъовия гуфт:

– Ту ба сӯи вай бозгард ва барояш бигӯ, ки Абдураҳмон динашро ба дунё фурӯхтанӣ нест.

Чун баъди он огоҳ шуд, ки Муъовия борҳояшро баста ба Мадина омада истодааст, ӯ дарҳол Мадинаро тарк карда рӯй ба сӯи Макка овард.

Пас Худованд ирода намуд, ки ӯро аз фитнаи ин мавқифгириҳои Муъовия ва оқибати бади он дар амон нигоҳ дорад.

Чун ба теппаҳои атрофи Макка расид ва дар он ҷо каме ором гирифт, рӯҳаш ба сӯи Худо берун рафт ва ӯро мардон дар болои гарданҳояшон бардошта ба сӯи баландиҳои Макка бурданд, дар ҷое, ки ӯ дафн гардид дар зери хоке, ки заминаш ҷоҳилият ва ислом овардани Абдураҳмонро дар хотир доранд.

Ин аст исломи марди ростгӯй, озод ва шуҷоъ.

## 49. АБДУЛЛОҲ ИБНИ АМР ИБНИ ОС
## Обид ва руҷуъкунанда ба сӯи Худо

**Он шахсияти ибодатгор, тавбакунанда, руҷуъкунанда ба Худо, касе, ки мо ҳозир суханро дар бораи ӯ шурӯъ мекунем, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос аст.**

Ба андозае, ки падараш дар зиракӣ, доноӣ ва найранг устод буд. Ӯ бошад, соҳиби мартабае дар миёни ибодатгорон, зоҳидон ва равшанзамирон буд.

Ӯ тамоми зиндагиашро вақфи ибодат намуда буд.

Ӯ аз ҳаловати имон чунон сармаст гардида буд, ки шаб ва рӯз дигар гунҷоиши ибодат ва Худопарастии вайро надоштанд.

* * *

Ӯ дар ислом овардан аз падараш пешдастӣ кард. Аз замоне, ки дасти росташро дар дасти Паёмбари Худо (с) ниҳода байъаткарда буд дилаш мисли субҳи дилкаш бо нури Худо ва нури тоъати ӯ равшан гардидааст.

Ӯ аввалан тамоми вақти худро масруфи аз худ кардани Қуръон гардонид, ки порча- порча фуруд меомад. Пас ҳар вақте, ки чанд ояте фуруд меомад, онҳоро ҳифз менамуд ва ба мазмунашон ошно мешуд, то он даме, ки Қуръон ба тамом нозил гардид ва комил гардид, ӯ ҳофизи ҷамиъи Қуръон шуда буд.

Ӯ Қуръонро на фақат барои он ҳифз мекард, ки муҷарради ҳофизаи қавие бошад, то дар зери бағалаш китоби ҳифзкардашудае дошта бошад, балки барои он Қуръонро ҳифз мекард, ки дилашро ба он обод гардонад ва баъди ин бандаи итоъатгоре барои Қуръон бошад. Ҳар чизеро, ки Қуръон ҳалол гуфтааст, ӯ ҳалолаш донад ва ҳар чизеро, ки ҳаром гардонидааст, ҳаром эътиқод намояд ва барои ҳар нидое, ки Қуръон даъват мекунад, ҷавоб диҳад ва лаббайк бигуяд. Баъд аз он ӯ ба қироъат ва тааммул ва тиловати он пардохт ва дар боғҳои пурфайзи он ботааммуқ назар мекард ва бо нафси саршор аз ризомандӣ дар муқобили он чизҳое, ки оятҳои каримаи Қуръон аз хурсандӣ ба вай ато мекард ва аз он тарсҳое, ки Қуръон дар замираш ба ҳаяҷон меовард, чашмонаш доимо гирён буд.

Абдуллоҳ дар ин дунё гӯё барои он халқ шуда буд, ки шахси рӯҳонӣ ва обиде бошад ва чизе дар ин дунё ёфт намешуд, ки қудрати онро дошта бошад, ки вайро аз ин коре, ки барои он халқ шудааст ва ба сӯи он роҳнамоӣ карда шудааст, боздорад.

Чун лашкари ислом ба сӯи ҷиҳод хориҷ шуд, то дар он ҷо бо мушриконе рӯбарӯ шавад, ки бар зидди ислом ҷанг ва душманиро доман задаанд, ӯро дар муқаддимаи сафҳои ҷанг мебинем. Бо як рӯҳи саршор аз муҳаббат ва талоши ошиқона орзуи шаҳодатро менамояд.

Чун ҷанг поён ёфт, пас ӯро дар куҷо мебинем?

Он ҷо дар масҷиди ҷомеъ ё дар масҷиди ҳавлиаш, ки рӯзҳо рӯзадор аст ва шабҳо бо намоз истода ва забони ӯ ҳаргиз сухани дунёиро намешиносад. Ҳар қадар, ки он сухан ҳалол ва ҷоиз бошад, балки забони ӯ доимо ба ёди Худо ва тиловати Қуръон ё тасбеҳгуянда ҳамди Худоро ё аз гуноҳе тавбакунанда буд.

Барои мо басандааст, ки андозаҳои ибодати ӯро дарк намоем, вақте ки мо паёмбареро мебинем, ки омадааст, то мардумро ба сӯи ибодати Худо даъват кунад, вале нафси худро маҷбур мебинад, дар ин ки ба кори ибодату сулуки Абдуллоҳ дахолат намояд, то аз берун рафтан аз ҳудуди корҳои Абдуллоҳ дар ибодат ҷилавгирӣ ба амал орад.

Сабаб ин аст, ки агар яке аз паҳлӯҳои пандомез дар зиндагонии Абдуллоҳ ибни Амр, ин кашф намудани он чизест, ки нафси инсонӣ аз қудратҳои фавқулъодда барои расидан ба интиҳо дараҷаҳои ибодатгорӣ ва зуҳдро дар худ захира намудааст, пас паҳлӯи дагари он пандгирӣ, ҳарис будани таълимоти дин аст барои эътидол ва миёнаравӣ дар талаби камолоти нафс, то шавқу рағбати нафс боқӣ намонад. Ва то ҷасад ва вуҷуди моддии инсонӣ саломатии худро ҳифз намояд.

Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) огоҳӣ пайдо намуда буд, ки Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ҳамеша ҳаёташро ба як тариқа мегузаронад. Модоме, ки агар берун рафтан ба сӯи ҷанг набошад вай аз субҳ то субҳи дигар рӯзҳояшро холис барои ибодати пайдарпай, рӯза ва намозу тиловати Қуръон сарф мекунад.

Пас Паёмбари Худо (с) ӯро ба наздаш хонд ва ӯро ба сӯи миёнаравӣ дар ибодат даъват кард.

Паёмбари Худо (с) ба вай гуфт:

– Ман хабардор шудам, ки ту рӯзҳо рӯзадорӣ ва ҳеҷ гоҳ ифтор намекунӣ ва шаб ҳамеша дар намоз меистӣ ва намехобӣ? Пас барои ту басанда аст, ки аз ҳар моҳ се рӯз рӯза бигирӣ.

Абдуллоҳ гуфт:

– Ман аз ин зиёдтар тоқат дорам.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Пас бароят басанда аст, ки аз ҳар ҷумъае ду рӯз рӯза бигирӣ.

Абдуллоҳ гуфт:

– Пас ба дурустӣ, ки ман аз ин бештар қувват дорам.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Агар ин тавр бошад, ман барои ту беҳтарин рӯзаро баён кунам. Он рӯзаи Довуд (а) аст. Ӯ як рӯз рӯза мегирифт ва як рӯз ифтор мекард.

Паёмбари Худо (с) баргашта боз суолаш дод:

– Боз ман огаҳӣ ёфтам, ки ту Қуръонро дар як шаб ҷамъ карда мехонӣ ва ба таҳқиқ ман метарсам, ки умри ту дароз шавад ва ин ки ту аз қироъати Қуръон дилзада шавӣ.

Ту Қуръонро дар моҳе як маротиба бихон. Онро дар даҳ рӯз як маротиба бихон. Онро дар се рӯз як маротиба бихон.

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) барояш гуфт:

– Ба таҳқиқ ман рӯза мегирам ва гоҳо ифтор ҳам мекунам ва шабҳо намоз мегузорам ва гоҳо хоб ҳам мекунам ва бо занҳо издивоҷ мекунам. Пас касе, ки аз суннати зиндагонии ман рӯй бигардонад, пас аз ман нест!

Абдуллоҳ ибни Амр умри дароз дид. Вақте ки синну солаш рафтан гирифт ва устухонҳояш беқувват гардиданд, ӯ доимо насиҳати Паёмбари Худоро (с) ёдовар шуда, мегуфт:

– Эй кошки ман рухсатҳои додаи Паёмбари Худоро (с) қабул мекардам.

* * *

Ба таҳқиқ мӯъмине аз ин қабил одамон, хеле мушкил аст, ки дар ягон маърака пешпо хӯрад ва хато кунад – хусусан боз чӣ гуна маъракае, ки осиёби вай байни ду ҷамоъаи мусалмонон давр мехӯрд.

Пас агар чунин бошад, чӣ гуна пойҳояш тавони омадани аз Мадина ба Сиффинро доштанд. Дар он ҷое, ки мақоми худро дар миёни лашкари Муъовия гирифт дар набард бо Алӣ (р)?

Алҳақ, ки мавқифгирии Абдуллоҳ дар ин ҷо сазовори он аст, ки дар борааш андеша намоем, баъд аз фаҳмиданамон онро сазовортар мегардонад барои эҳтиром ва бузургдошт.

Мо пеш аз ин дида будем, ки Абдуллоҳ ибни Амр рӯйоваранда бар ибодат буд. Дар ҳадде, ки хатари ҳақиқиро барои зиндагиаш эҷод мекард. То андозае, ки доимо фикри падараш ба ӯ машғул буд. Ва дар назди Паёмбари Худо (с) бисёр вақт аз ӯ шикоят мекард.

Маротибаи охир, ки Паёмбари Худо (с) баъди насиҳат карданаш ӯро ба миёнаравӣ дар ибодат амр кард ва барояш вақтҳои онро муайян намуд, падараш Амр он ҷо ҳозир буд.

Пас Паёмбари Худо (с) дасти Абдуллоҳро гирифта ба дасти падараш Амр ибни Ос гузошт ва барояш гуфт:

– Ман туро ба чизе амр кардам, онро ба ҷой биёр ва итоати падаратро бикун.

Бо вуҷуди ин ки Абдуллоҳ аз рӯи диндориаш ва ахлоқаш ҳамеша фармонбардори падару модараш буд, вале амр намудани Паёмбари Худо (с) ӯро ба ин тариқа ва дар ин муносибат дорои таъсири хоссае буд дар нафси Абдуллоҳ.

Абдуллоҳ ибни Амр умри дарозе дид ва дар тӯли он як лаҳзае аз рӯз ҳам ин ибораи кӯтоҳро фаромӯш намекард:

– Ҳар кореро, ки ман амрат намудам, ба ҷой биёр ва итоати падаратро бикун.

* * *

Ба гузашти айём солҳову рӯзҳо сипарӣ гардиданд. Ва Муъовия дар Шом аз байъати Алӣ (р) саркашӣ намуд. Алӣ (р) бошад, наметавонист дар муқобили ноитоатгории ғайримашрӯъ сар хам кунад. Ва ҷанг байни ду гурӯҳи мусалмонон даргирифт. Ва набарди Ҷамал низ паси сар шуд ва набарди Сиффин фаро расид.

Амр ибни Ос ҷои худро дар паҳлӯи Муъовия гирифта буд ва низ дарк мекард, ки мардум то чӣ андоза бузургдошти фарзандаш Абдуллоҳро менамоянд ва чӣ қадар ба диндории вай боварӣ доранд. Пас Амр хост, ки писарашро барои берун рафтан ба ҷанг маҷбур созад, то ки тарафи Муъовия ба сабаби баромадани Абдуллоҳ бартарӣ ҳосил намояд.

Ҳамчунин Амр аз будани Абдулоҳ дар паҳлӯяш фоли неке мегирифт. Ӯ то ҳол корнамоиҳои Абдуллоҳро дар футуҳоти Шом ва Ярмук аз хотир набароварда буд.

Дар он ҳоле, ки қасди берун рафтан ба суи Сиффинро кард, писарашро ба сӯи худ хонд ва барояш гуфт:

–Эй Абдуллоҳ, ту барои берун рафтан омодагиатро бигир, ки ба наздикӣ ҳамроҳи мо истода ҷанг хоҳӣ кард.

Абдуллоҳ ҷавобаш дод:

– Чӣ гуна? Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) ба тарафи ман аҳд намуд, ки ҳаргиз шамшерро дар гардани шахсе, ки мусалмон аст, нагузорам.

Падараш Амр бошад, бо зиракиву доноии худ ӯро қаноъатманд мегардонид, ки мо ба ин берун омаданамон барои гирифтани қасоси хуни поки Усмонро (р) ирода кардаем.

Баъд аз он суоли ногаҳонии ҳалкунандаи худро ба сӯи писараш мутаваҷҷеҳ карда гуфт:

– Эй Абдуллоҳ, оё ту аҳди охирине, ки Паёмбари Худо (с) бо ту намуда буд, вақте ки дасти туро гирифта дар дасти ман ниҳод ва бароят гуфт:

– Падаратро итоъат кун, дар ёд надорӣ? Акнун ба таҳқиқ ман аз ту даъват мекунам, ки бо мо берун равӣ ва дар ҷанг иштирок намоӣ.

Абдуллоҳ ночор аз рӯи итоъати падараш берун омад, вале дар қалбаш итминон дошт, ки ҳаргиз шамшерро ба даст намегирад ва ба муқобили мусалмонон ҷанг намекунад. Вале чӣ гуна барои ӯ ин кор ба анҷом мерасад?

Барои ӯ басанда аст, ки дар он ҳол ҳамроҳи падараш ба сӯи ҷанг хориҷ шавад. Аммо чун ҷанг шурӯъ шуд, пас мар Худовандро дар он соат корест, ки бояд иҷро шавад.

Ҷанг бо ниҳояти сахтӣ ва хуношомӣ шурӯъ гардид. Таърихнигорон дар ин қазия ихтилофи назар доранд, ки оё Абдуллоҳ дар ибтидои ҷанг иштирок дошт ё не.

Мо оғози ҷанг мегуем, зеро ба дурустӣ, ки ҷанг андаке давом кард, то ин ки як воқеъае рух дод ва Абдуллоҳ ибни Амр макони худро ошкоро зидди ҷанг ва зидди Муъовия эълон намуд.

Сабабаш он буд, ки Аммор ибни Ёсир ҳамроҳи Алӣ (р) ҷанг мекард, дар ҳоле, ки Аммор мавқеъи бузургдошти мутлақ дар миёни асҳоб буд. Ва аз ин гузашта, ба таҳқиқ солҳои пеш дар бораи ҷои кушта шуданаш ва кушандагонаш пешгӯии Паёмбари Худо (с) сурат гирифта буд.

Ин воқеъа дар замоне сурат гирифта буд, ки Паёмбари Худо (с) ва саҳобагонаш баъди ҳиҷраташон масҷиди худашонро дар Мадина бино мекарданд. Сангҳое, ки онҳо дар биноя масҷид истифода мекарданд, хеле сахт ва бузург буданд, ки боқувваттарини мардум, тоқати аз як санг бештар бардоштанро надоштанд. Аммо Аммор аз ғояти шавқу сармастӣ, ду сангӣ бардошта мебурд. Ва чашми Паёмбари Худо (с) ба сӯи ӯ афтид ва бо чашмони пур аз ашк ӯро нигоҳкунон гуфт:

– Эй вой ва афсӯси ибни Сумайя, ки ӯро як гурӯҳи саркашу таҷовузгарон хоҳанд кушт.

Ин пешгӯиро аз тарафи Паёмбари Худо (с) ҳамаи саҳобагоне, ки он рӯз дар бинои масҷид иштирок доштанд, шуниданд ва онро то ин дам дар ёд доштанд.

Ва Абдуллоҳ ибни Амр низ аз ҷумлаи касоне буд, ки он хабарро шунида буд. Дар шурӯъи ҷанг байни гурӯҳҳои Алӣ ва Муъовия, Аммор ба сари як теппаи баланде баромада бо овози баланди худ фарёд мекашид:

– Мо имрӯз бо дӯстони худ дидор мебинем-бо Муҳаммад (с) ва саҳобагони ӯ.

Як гурӯҳе аз ҷамоъаи Муъовия барои куштани Аммор тасмим гирифтанд. Ва ба сӯи ӯ тири гунаҳгореро рост карданд, ки ӯро аз ин олам ба сӯи олами шаҳидони некӯкор мунтақил сохт.

Ин хабар ба мисли бод ба ҳар тараф паҳн шуд, ки Аммор кушта гардид.

Дар ин ҳол Абдуллоҳ ибни Амр дар ҳоле, ки бо хурӯшу ҳаяҷон буд, аз ҷояш парида хест ва гуфт:

– Оё Аммор кушта гардид? Ва шумоед кушандагони вай? Пас шумоед гурӯҳи золиму саркаш, шумоед, ки дар роҳи залолату гумроҳӣ ҷанг карда истодаед!

Ва ӯ ба сифати тарсдиҳанда дар миёни лашкари Муъовия рафта азиматҳои онҳоро аз ҷанг монеъ мешуд ва дар миёнашон овоз медод, ки онҳо гурӯҳи саркашу ёғӣ ҳастанд. Ба он далел, ки онҳо Амморро куштанд ва Паёмбари Худо (с) бисту ҳафт сол пеш дар миёни ҷамъияти асҳоб хабар дода буд, ки Амморо як гурӯҳи золиму саркаш хоҳанд кушт.

Ин суханони Абдуллоҳ ба Муъовия расид. Муъовия Амр ва писарашро ба ҳузури худ талабида ба сӯи Амр хитобкунон гуфт:

– Оё ту наметавонӣ, ки ин девонаатро манъ кунӣ?

Абдуллоҳ дар ҷавобаш гуфт:

– Ман девона нестам, вале аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки ба Аммор мегуфт:

– Эй Аммор туро як гурӯҳи золиму саркаш хоҳанд кушт.

Муъовия бошад барои Абдуллоҳ чунин гуфт:

– Пас барои чӣ ҳамроҳи мо берун омадӣ?

Абдуллоҳ гууфт:

– Зеро Паёмбари Худо (с) маро ба итоъати падарам амр фармуда буд ва ман низ дар берун омадан бо ӯ итоъаташ намудам, вале ҳамроҳи шумо ҷанг нахоҳам кард!

Вақте ки онҳо байни якдигар гуфтугӯву баҳс доштанд, касе ба назди Муъовия даромада иҷоза пурсид, ки қотили Аммор иҷоза мехоҳад, ки ба назди шумо дарояд.

Абдуллоҳ ибни Амр фарёд кашид:

– Ба ӯ иҷоза бидеҳ ва ба дохил шуданаш дар оташи дӯзах башораташ бидеҳ!

Дар ин ҳол қаҳру ғазаби Муъовия боло гирифт ва бо вуҷуди дорои таҳаммули зиёд буданаш риштаи сабраш аз даст рафт ва ба сӯи Амр фарёд зад:

– Оё мешунавӣ, ки ӯ чӣ мегӯяд?

Вале Абдуллоҳ бо як оромӣ ва дилпурии муттақиён ба тарафи Муъовия таъкидан мегӯяд, ки ман ҳақиқатро мегӯям ва ба таҳқиқ касоне, ки Амморро куштаанд, ғайри ёғӣ касе дигаре нестанд.

Ва ба сӯи падараш рӯй оварда гуфт:

– Агар маро Паёмбари Худо (с) амр намекард, ки туро итоъат кунам, ҳаргиз ба ин ҷойҳо ҳамроҳи ту намеомадам.

Муъовия ва Амр ҳарду барои лашкаргоҳро хабар гирифтан берун баромаданд. Ва дар даҳшат афтиданд аз он ки аз мардум мешуниданд, ки байни якдигар аз ҳадиси пешгӯӣ кардаи Паёмбари Худо (с) дар бораи Аммор сухан мегуфтанд.

Муъовия ва Амр эҳсос карданд, ки ин ғулғулаву гуфтугузорҳо гумон аст, ки ба сӯи рӯгардонии мардум аз Муъовия анҷои гирад ва шояд бар зиддаш мардумро барангезонад.

Пас ҳарду фикр намуда ҳилае ёфтанд, ки дар миёни мардум гашта онро паҳн менамуданд. Он ҳила ин буд, ки мегуфтанд:

– Хеле хуб, Паёмбари Худо (с) ба сӯи Аммор гуфта буд:

– Туро як гурӯҳи саркашу ёғӣ хоҳанд кушт.

Ва пешгӯии Паёмбари Худо (с) рост ва ҳақ аст. Ва акнун Аммор кушта гардид, вале ӯро кӣ кушт?

Ӯро касоне куштанд, ки бо вуҷуди пиронсолиаш ӯро ҳамроҳашон гирифта ба ҷанг овroutarданд.

Дар мисли ин бесарусомонӣ барои ривоҷи ҳар навъ мантиқ имкон ҳаст. Бино бар ин гуфтаҳои Муъовия ва Амр низ дар миёни мардум мавриди қабул афтоданд. Ва аз сари нав ҷанг байни ду гурӯҳ сар зад ва Абдуллоҳ ибни Амр ба сӯи масҷидаш ва ибодаташ баргашт.

* * *

Ва ҳаёташро идома дод ва ба ғайри сулуку ибодаташ дигар коре надошт, магар, ки берун омаданаш ба сӯи Саффин, муҷарради берун омаданаш ӯро доимо дар ташвишу дар изтироб нигоҳ медошт.

Пас ҳамин ки ёде аз он рӯз менамуд дарҳол гирён мешуд ва мегуфт:

– Маро чӣ, ба Сиффин рафтан чӣ? Маро чӣ ба муқобили мусалмонон ҷангидан чӣ?

* * *

Рӯзе Абдуллоҳ дар масҷиди Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи баъзе аз дӯстонаш нишаста буд, ки ба назди онҳо Ҳусайн ибни Алӣ гузар кард ва байни якдигар табодули салом намуданд. Чун ӯ аз наздашон гузашта рафт, Абдуллоҳ ба тарафи ҳамсӯҳбатонаш рӯй оварда гуфт:

– Оё шумо мехоҳед, ки огоҳатон кунам, ки дӯстдоштатарин шахс аз аҳли замин дар назди аҳли осмон кист? Ба таҳқиқ ана ҳамин касест, ки ҳозир аз назди мо гузашт... Ҳусайн ибни Алӣ. Ва ба таҳқиқ ӯ аз рӯзи Сиффин инҷониб бо ман сухан намегӯяд. Ва агар ӯ аз ман розӣ гардад, барои ман дӯстдоштатар аст аз ин ки барои ман шутурони сурхмӯй бошад.

Ӯ ҳамроҳи Абусаъид ал-Худрӣ иттифоқ намуданд, ки бо зиёрати Ҳусайн бираванд. Маҳз дар ҳамон ҷой дар ҳавлии Ҳусайн мулоқоти ин ду соҳибкаромат ба вуқуъ пайваст ва Абдуллоҳ ибни Амр ба сухан оғоз кард, то зикри ҷанги Саффин дар миён омад. Ҳусайн ба тариқи итоб аз вай пурсид:

– Туро чӣ боис гардид, ки ҳамроҳи Муъовия бар зидди мо хориҷ шудӣ?

Абдуллоҳ гуфт:

– Рӯзе падарам Амр ибни Ос дар назди Паёмбари Худо (с) шикоят мекунад, ки Абдуллоҳ тамоми рӯзҳо рӯза мегирад ва тамоми шабҳо ба намоз меистад. Паёмбари Худо (с) маро ба наздаш хонда чунин гуфт:

– Эй Абдуллоҳ намоз бихон ва хоб ҳам бикун ва рӯза бидор ва гоҳ гоҳе рӯзаатро бихӯр ва итоъати падаратро бикун.

Чун воқеъаи рӯзи Саффин ба вуқуъ пайваст, падарам маро қасам дод, ки бо ҳамроҳашон ба ҷанг берун биравам, рафтам, вале қасам ба Худо, ки ман ҳаргиз шамшер накашидаам ва бо найза зарбае назадам ва тире аз камон наандохтаам.

Ва ҳангоме, ки умри муборакии ӯ ба 72 расид ва вақте, ки ӯ дар болои ҷойнамозаш буд ва ба сӯи Худо тазарруъу зорӣ мекард ва ӯро

ба покӣ ёд менамуд, ба сӯи Парвардигораш барои риҳлати абадӣ даъват карда шуд ва ӯ бо як иштиёқи бузург он даъватро лаббайк гуфт.

Рӯҳи ӯ ба сӯи бародаронаш, ки пеш аз ӯ бо некбахтӣ риҳлат намуда буданд, медавиду мепарид.

Ва башоратдиҳандае рӯҳи ӯро даъваткунон мегуфт:

– Эй нафси орамида, ба сӯи Парвардигорат дар ҳоле, ки ту розӣ ва розигардонидашудаӣ бозгард, пас дар миёни бандагони ман ва дар ҷаннати ман дохил шав! (сураи Фаҷр, ояти 27-30)

## 50. АБУСУФИЁН ИБНИ ҲОРИС
### Аз зулмат ба сӯи нур

**Ӯ Абусуфиёни дигар аст, ғайри Абусуфиён ибни Ҳарб. Қиссаи ӯ, қиссаи ҳидоят баъди гумроҳист ва қиссаи муҳаббат баъди бадбинӣ ва қиссаи саодат баъди шақоват.**

Қиссаи ӯ, қиссаи раҳмати васеъи Худост, барои он касе, ки гоҳо хастагиву дармондагии тулонӣ ӯро бистарӣ намуда ва ӯ ба даргоҳи Худо паноҳ ҷустааст.

Шумо тасаввур намоед, бист соли душмании бардавомро, ки ибни Ҳорис зидди ислом сипарӣ кардааст.

Бист сол. Аз замоне, ки Паёмбари Худо (с) мабъус гардид то қарибиҳои рӯзи фатҳи Макка Абусуфиён ибни Ҳорис Қурайшиён ва ҳампаймонони онҳоро ёрӣ медод ва ба воситаи шеъраш Паёмбари Худоро ҳаҷв менамуд ва аз ҳеҷ ҷамъомаду гирдиҳамоие, ки Қурайш барои муборизаи зидди мусалмонон ҷамъ мекард, тахаллуф наварзидааст.

Се бародари вай, Навфал, Рабиъа ва Абдуллоҳ пеш аз вай ба сӯи ислом гироиш намуданд. Ин Абусуфиён писари амаки Паёмбари Худо (с) аст, зеро вай писари Ҳорис ибни Абдулмуталлиб мебошад.

Ба замми ин ӯ бародари разоъии Паёмбари Худо (с) аст, зеро Ҳалимаи Саъдия дояи Расули Худо (с) ӯро низ чанд рӯзе шир додааст.

Рӯзе тақдираш ӯро ба масири саъодат даъват кард. Ва ӯ писа-раш Ҷаъфарро талабид ва ба хонаводааш гуфт, ки мо ҳарду ба сафар мебароем. Хонаводааш аз вай пурсиданд, ки ба куҷо ме-равед эй ибни Ҳорис? Дар ҷавоб гуфт:

– Ман ба сӯи Паёмбари Худо (с) меравам, то ҳамроҳи ӯ ба Ху-дованди парвардигори оламиён имон орам.

Ӯ дар наздикии Абвоа оғози лашкари бекаронеро дид ва фаҳмид, ки ин Паёмбари Худо (с) аст, ки қасди Макка дорад, то онро фатҳ намояд.

Ва ба худ андешид, ки чӣ кор кунад? Паёмбари Худо (с) ба са-баби зиёну заҳмате, ки шамшер ва забони ӯ бар зидди ислом расонидаанд, ҳамчун ҷанговар ва ҳаҷвкунанда хуни ӯро мубоҳ эълон кардааст.

Пас агар ягон нафаре аз лашкариёни мусалмон ӯро бубинад, дарҳол барои аз вай қассос гирифтан шитоб хоҳад кард.

Пас бар вай лозим аст, ки дар ин кор ҳилае бияндешад, ва то чашми ягон мусалмон бар вай афтидан худро дар пеши дастони Паёмбари Худо (с) бияндозад.

Ӯ худро ношинос вонамуд кард ва аломатҳои фарққунандаи худро пинҳон намуд ва аз дасти писараш Ҷаъфар гирифт ва пиёда хеле роҳ рафтанд, то ин ки Паёмбари Худоро дид. Ӯ дар миёни фавҷе аз саҳобагонаш меомад. Ӯ аз сари роҳашон бераҳа истод, то он гурӯҳ фуруд омаданд.

Ва ногаҳон худро дар ҳузури Паёмбари Худо (с) андохт ва ниқобашро дур кард. Паёмбари Худо (с) ӯро шинохт ва рӯяшро аз ӯ баргардонид. Абусуфиён боз аз ҷониби дигар гузашта рӯ ба рӯи Паёмбари Худо (с) истод, боз Паёмбари Худо (с) аз вай рӯ гардонид.

Дар он дам Абусуфиён ва писараш Ҷаъфар фарёд кашиданд:

– Мо гувоҳӣ медиҳем, ки нест маъбуде ба ҷуз Аллоҳ ва гувоҳӣ медиҳем, ки Муҳаммад Расули Худост.

Ва ба Паёмбари Худо (с) наздик шуда гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с) акнун ҷои маломат нест.

Ва Паёмбари Худо (с) ҷавобаш дод:

– Эй Абусуфиён дигар ҷои маломат нест.

Баъд аз он ӯро ба Алӣ ибни Абутолиб (р) супурд ва барояш гуфт:

– Ту эй Алӣ (р) писари амакатро таҳорат ва тариқаву рафтори маро биёмӯзон ва ӯро бегоҳӣ ба назди ман биёр.

Алӣ ӯро бурд ва баргашта омад, Паёмбари Худо (с) барояш гуфт:

– Ту дар миёни мардум эълон кун, ки Паёмбари Худо (с) аз Абусуфиён розӣ аст, онҳо низ аз вай розӣ бошанд.

Ин як лаҳзаест, аз замон, ки Худованд он лаҳзаро мегӯяд:

Муборак бошӣ. Ва чодари масофаҳову андозаҳои шақовату гумроҳиро барчида ва дарҳои раҳматашро он чунон боз мекунад, ки барояшон ҳадду андозае нест.

* * *

Абусуфиён дар ҷанги Бадр, ҳангоме ки дар сафҳои Қурайш меҷангид, бо дидани ҳодисаи ҳайратоваре наздик буд имон биё-варад.

Дар ҳамин ғазои Бадр Абулаҳаб аз иштирок дар ҷанг худро дар канор гирифт ва ба ҷои худаш Ос ибни Ҳишомро фиристод. Ва Абулаҳаб бетоқатона интизори хабарҳои набард буд. Ва хабарҳои барои ӯ номатлуб дар бораи шикасти Қурайш пайи ҳам меомаданд.

Рӯзе Абулаҳаб ҳамроҳи чанд нафар аз Қурайш дар назди чашмаи Замзам нишаста буданд. Ногоҳ савореро диданд, ки ба сӯи онҳо меояд. Чун ба онҳо наздик шуд, диданд, ки Абусуфиён ибни Ҳорис аст.

Абулаҳаб ӯро фурсат надода ба сӯяш нидо кард:

– Ба сӯи ман биё, эй писари бародарам. Қасам ба умри худам, ки ягон хабаре дорӣ, барои мо қисса кун, ки кори мардум чӣ гуна сурат гирифт?

Абусуфиён ибни Ҳорис гуфт:

– Қасам ба Худо ҳамин, ки мо ба қавми мусалмонон рӯ ба рӯ шудем, китфҳои худамонро ба онҳо пешкаш кардем, чӣ хеле, ки хостанд, ҳамон тавр моро куштанд ва чӣ хеле хостанд, моро асир намуданд. Қасам ба Худо, ман Қурайшро маломат намекунам, зеро мо бо мардоне рӯ ба рӯ гаштем, ки сафед буданд бар болои аспҳои аблақ ( сафеду сиёҳ) савор ва дар миёни осмону замин ҳаракат мекарданд ва он аспон ба ягон чиз монанд набуданд ва чизе ҳам дар наздашон тоқати истодан ва муқобалат надошт.

Абусуфиён бо ин суханонаш гуфтан мехост, ки ҳамроҳ бо Паёмбари Худо (с) ва мусалмонон малоик меҷангиданд.

Пас суоле ба миён омад, ки чаро ӯ бо вуҷуди диданаш он мӯъҷизаҳоро имон наовард?

Шак ва дудилагӣ роҳе ба сӯи яқин аст ва ҳар қадар, ки дудилагии ибни Ҳорис сахт ва бақувват буд, ба дурустӣ, ки чун рӯзаш расид, яқинаш низ хеле мустаҳкам ва боқувват хоҳад шуд. Ва он рӯзи яқин ва ҳидояташ расид. Ӯ барои Худованди парвар-дигори оламиён таслим гардид.

* * *

Ӯ аз лаҳзаҳои аввалини исломаш дар роҳи ибодат ва ҷиҳод аз бод сабқат меҷуст, то осори гуноҳони гузаштаашро маҳв созад ва он зиёну чизҳои дар гузашта аз даст додаашро ҷуброн намояд.

Ӯ дар ғазоҳои баъди фатҳи Макка сурат гирифта ҳамроҳи Паёмбари Худо буд ва рӯзи ҷанги Ҳунайн, дар он ҷое, ки муш-рикон барои мусалмонон камингоҳи хатарноке гирифта буданд ва чунон ногаҳонӣ бар болои онҳо аз ҷое, ки ҳеҷ интизорашро надошта ҳамлаи дардноке карданд, ки лашкариёни мусалмон дасту по гум карданд ва аксари лашкариён пӯшт гардонида рӯ ба гурез ниҳоданд ва Паёмбари Худо (с) дар ҷои худ собит истода нидо мекард:

– Ба сӯи ман биёед эй мардум, ман Паёмбари Худо (с) ҳастам ва ин дурӯғ нест, ман писари Абдулмуталлиб ҳастам.

Дар ин лаҳзаҳои даҳшатнок як гурӯҳи хурде буданд, ки ин ҳамлаи ногаҳонӣ ақлу ҳӯши онҳоро набурда буд ва Абусуфиён ибни Ҳорис ва фарзандаш Ҷаъфар аз ҷумлаи онҳо буданд.

Абусуфиён ибни Ҳорис дар он ҳол аз лаҷоми аспи Паёмбари Худо (с) гирифта буд чун ин моҷарову гурезо-гурезро дид, донист, ки он фурсате, ки дар интизораш буд, фаро расидааст. Он чизе, ки ӯ онро талаб дошт, ин буд, ки умри худро дар роҳи Худо ва дар пеши пои аспи Паёмбари Худо (с) ба шаҳодат ба анҷом бирасо-над.

Ва бо дасти чапаш банди аспи Паёмбари Худоро дошта ва бо дасти росташ шамшерашро дар гулӯи мушрикон равона мекард.

Оқибат мусалмонон ба ҷои аввалаи маъракаашон ва дар ат-рофи паёмбарашон гирд омаданд ва Худованд барои онҳо пирӯзии ошкороро фароҳам гардонид. Вақте ки ғубори маъракаи ҷанг фурӯ нишаст, Паёмбари Худо (с) нигоҳ кард ва дар наздаш мӯъминеро дид, ки аз банди аспи ӯ дошта истодааст. Ба таҳқиқ ӯ аз лаҳзаи аввали оғози маърака то охир он ҷо истода буд.

Паёмбари Худо (с) ба сӯи ӯ ба назари иштиёқу муҳаббат назар кард ва гуфт:

– Ин кас кӣ бошад? Бародари ман Абусуфиён ибни Ҳорис аст, магар?

Ҳамин, ки Абусуфиён лафзи бародари ман гуфтани Паёмбари Худоро (с) шунид, наздик буд, ки дилаш аз ғояти фараҳ ба парвоз ояд. Ӯ дар ҳол дар назди пойҳои Паёмбари Худо (с) ба зону афтид ва онҳоро мебӯсид ва ба оби дидагонаш пойҳои Паёмбари Худоро (с) мешуст.

Дар ин дам илҳоми шоириаш ба ҷӯш омада ва аз шуҷоъату тавфиқе, ки Худованд ба ӯ инъом карда буд, нафси худро шод-бошгуён чунин сароид:

Ҳаққо, ки касони ахмақу бешуури
Каъбу Омир донистаанд,
Дар субҳи рӯзи Ҳунайн чун шикасту
харобӣ ҳамаро фаро гирифт.
Ки ман бародари ҷанг ҳастам
ва болои тезии он саворам.
Пеши дастони Паёмбари Худо (с)
ва аз ҷоям намеҷумбам.
Бо умеди савобу ризои Худо ва Худованд
раҳмкунанда аст.

Ба сӯи он зоти олимартаба бозмегарданд
тамоми корҳо.
* * *

Минбаъд Абусуфиён ибни Ҳорис ба ибодат хеле ҷиддӣ рӯй овард ва баъди риҳлати Паёмбари Худо (с) аз дунё рӯҳаш ба марг дилбастагӣ пайдо кард, то дар он дунё бо Паёмбари Худо (с) мулоқот кунад ва чанде умр ба сар бурд ва марг орзуи ягонаи зиндагонии ӯ буд.

Рӯзе мардум ӯро дар гӯристони Бақиъ диданд, ки гӯр мекофт ва мураттабу муҳайё месохт.

Мардум аз он ҳайрон ва мутаъаҷҷиб будани хешро изҳор доштанд. Барояшон гуфт:

– Ман қабри хешро омода месозам.

Баъди гӯзаштани се рӯз, на зиёд, ӯ дар манзилаш дар ҷойгаҳ хобида буду аҳли хонаводааш дар атрофаш мегиристанд. Ӯ чашмонашро ба сӯи онҳо кушода бо як нигоҳи ором гуфт:

– Шумо барои ман гиря накунед, зеро ман аз замоне, ки ислом овардам, ба гуноҳе олуда нагаштаам.

Ва пеш аз он, ки сараш ба болои сандуқи синааш хам гардад, манаҳашро ба сӯи боло гардонид ва бо ин ишораи сар ба дунё падруд гуфт.

## 51. УМРОН ИБНИ ҲУСАЙН
### Шабеҳи малоик

**Соли ҷанги Хайбар ин шахсияти бузург барои байъат рӯ ба сӯи Паёмбари Худо (с) овард. Ва аз замоне, ки дасташро ба дасти Паёмбари Худо (с) ниҳод, дасти росташ маҳалли икроми бузург қарор гирифт ва ӯ ба худ қасам ёд намуд, ки ҷуз барои корҳои шоиста ва бузург ин дасташро дигар дар ҳеҷ кори дигар намезанад.**

Ин аломат баёнгари он аст, ки соҳиби ин даст чӣ қадар аз эҳсосоти нозук бархурдор аст.

Ва Умрон ибни Ҳусайн (р) як сурати арзанда ва муносибе аз суратҳои ростӣ, зуҳд, парҳезгорӣ ва фидокорӣ дар муҳаббати Худо ва тоъати ӯст.

Ва ба таҳқиқ дар вуҷуди ӯ аз тавфиқи додаи Худованд ва неъмати ҳидоят чизи бисёрест. Бо вуҷуди ин, ӯ ҳамеша мегиряд, мегиряд ва мегӯяд:

– Эй кош ман хокистаре мебудам, ки бод онро ба ҳар сӯ пареш мекард.

Ин аз он сабаб аст, ки тарсидани ин қабил мардон аз Худо сабаби гуноҳони кардаашон нест ва бисёр кам иттифоқ меафтид, ки баъди ислом оварданашон гуноҳе содир карда бошанд.

Ба таҳқиқ онҳо аз Худованд ба миқдори азамату ҷалоли Худовандро дарк намуданашон метарсиданд ва ҳайбат менамуданд. Ва ба қадри даркашон аз оҷизии худ дар баҷо овардани шукрона ва ибодати Худо агарчи ба ҳар андозае тазарруъ ва зорӣ кунанд ва рукӯъу суҷуд ба ҷой биёранд.

Рӯзе асҳоби Паёмбари Худо (с) аз Расули Худо (с) пурсиданд:

– Эй Паёмбари Худо (с), чаро ҳар вақте ки мо дар ҳузури Шумо бошем, дилҳои мо нарм мегардад ва аз рағбати дунё дурӣ меҷуяд ва чунин тасавуре пайдо мешавад, ки гӯё мо охиратро ба чашми сарамон медида бошем. Ва чун аз назди шумо берун рафтем ва бо аҳлу авлодамон рӯ ба рӯ шудем, нафсҳои худро боз ҳам ношинос мебинем.

Паёмбари Худо (с) чунин ҷавобашон дод:

– Қасам ба он зоте, ки нафси ман дар дасти ӯст, агар ба он ҳоле, ки дар ҳузури ман доред, боқӣ монед, ҳар оина малоик ошкоро омада бо шумо даст ба даст салом мекунанд, вале чанд замоне ва чанд замоне (яъне, ин ҳолат гоҳ-гоҳ барои инсон муяссар мегардад – мутарҷим).

Чун Умрон ибни Ҳусайн ин суханро шунид иштиёқаш (ба сӯи олами арвоҳ) хеле роғиб гардид ва гӯё ба худ қасам ёд кард, ки барои ба даст овардани ин мақсади олӣ ва бузург лаҳзае наменишинад, агарчанде он ба қимати ҳаёташ баробар ба даст ояд. Пас ӯ ирода намуд, ки тамоми зиндагониаш як соате гардад, ки якҷоя бо муноҷот ва руҷӯъ ба ибодат барои Худованди парвардигори оламиён бошад.

* * *

Амири муъминон Умар ибни Хаттоб дар замони хилофаташ ӯро ба сӯи Басра фиристод, то аҳолии он ҷоро дар дин донишманд гардонад. Ӯ ҳамин, ки дар Басра кӯчашро ба замин ниҳод ва аҳолии он ҷо ӯро шинохтанд, ба сӯи ӯ рӯй оварданд ва аз вуҷуди ӯ табаррук меҷустанд ва аз тақвои вай нуру ҷило меёфтанд.

Ҳасани Басрӣ ва ибни Сирин мегӯянд:

– Ҳеҷ нафаре аз саҳобагони Паёмбари Худо (с), ки ба Басра омада буданд, аз Умрон ибни Ҳусайн фозилтар набуданд.

Умрон намехост ӯро аз алоқа бо Худо ва ибодати ӯ чизе боздорад ва дар ибодати Худо фурӯ рафт ва ибодат ӯро он чунон фаро гирифта буд, ки гумон намекардӣ, ки ӯ бо ин дунё, ки дар болои замини он зиндагонӣ мекунад ва дар миёни мардуми он мебошад, алоқае дошта бошад.

Оре, ӯ чунон гардида буд, ки гумон мекардӣ малакест дар миёни малоик ва ба онҳо муколама мекунад ва онҳо низ ба вай ҳамсӯҳбат мешаванд. Ӯ ба онҳо даст ба даст салом мекунад ва онҳо низ бо ӯ салом мекунанд.

* * *

Чун он низоъи бузург дар миёни мусалмонон падид омад, дар байни тарафдорони Алӣ ва гурӯҳи Муъовия – Умрон ибни Ҳусайн на танҳо мавқеи бетарафиро ба худ гирифт, балки дар миёни халоиқ овоз баланд карда мардумро ба он даъват менамуд, ки аз иштирок дар ин ҷанг худдорӣ кунанд. Ва ӯ бо беҳтарин ваҷҳ ҳомии қазияи сулҳу оштӣ буд ва ба мардум чунин мегуфт:

– Агар ман рафта чанд бузи модаеро, ки дар сари як кӯҳе мечаранд, подабонӣ кунам, то ин ки марг ба ман бирасад, бароям беҳтар аст аз ин ки ба сӯи ягон нафаре аз ин ду гурӯҳ тире бияндозам, хоҳ он ба нишон бирасад ё, ки ба хато равад.

Ӯ ба ҳар нафаре, аз мусалмонон, ки рӯ ба рӯ мешуд, чунин васият мекард:

– Ту дар дохили масҷид бинишин ва берун нарав, агар фитна ба дохили масҷид дохил шуд, пас хонаатро барои худат паноҳгоҳ бигир ва берун нарав. Агар шахсе ба хонаат зада даромад ва хост дар нафс ва моли ту тасарруф кунад, он гоҳ бо ӯ биҷанг.

* * *

Имони Умрон ибни Ҳусайн беандоза қавӣ буд. Ӯ ба як бемории дардноке мубтало гардида муддати сӣ сол ба он гирифтор буд, вале дар тӯли ин қадар солҳои дароз ҳеҷ гоҳе бетоқатӣ накард ва гоҳе "Уфф" ҳам нагуфт. Ӯ дар ибодаташ истода ва нишаста ва ба паҳлӯяш хобида, доимо дар ҷаҳди тоъат ва ибодат буд.

Ҳар вақте ки ба аёдаташ омадагон дар бораи ин гирифториаш ба ӯ суханони дилбардорикунанда мегуфтанд ва мехостанд тасаллӣ бидиҳанд ва андак бошад ҳам, дардашро сабуктар намоянд, ӯ табассуме менамуд ва барояшон мегуфт:

– Ба таҳқиқ дӯстдоштатарини чизҳо барои вуҷуди ман, дӯстдоштатарини онҳост ба суи Худо.

Чун аҷалаш наздик расид, ба аҳли хонадонаш чунин васият намуд:

– Вақте ки аз дафни ман бозгардидед, уштур бикушед ва мардумро ғизо бидиҳед.

Оре, шутурҳоро бикушед ва таъом бидиҳед мардумро, зеро мавти мӯъмине мисли Умрон ибни Ҳусайн дар ҳақиқат мавт нест, балки ба ҳақиқат як ҷашни арӯсии бузургест, ки дар ин рӯҳи олии розӣ аз Худованд ба сӯи ҷаннате бурда мешавад, ки паҳноии он ба мисли осмонҳо ва замин аст ва барои парҳезгорон омода гардонида шудааст.

## 52. САЛАМА ИБНИ АКВАЪ
## Диловари гурӯҳи пиёданизомиён

Фарзанди ӯ Иёс хост то фазилатҳои падарашро дар як ибора ифода кунад, бинобар ин гуфт:

– Ҳаргиз падари ман дурӯғ нагуфтааст.

Барои инсон, ки ин хислати наҷиброро касб намуда бошад, басандааст то ҷойгоҳи олие миёни накӯкорон ва солеҳон ба даст оварад. Ва ба таҳқиқ Салама ибни Акваъ дар ин хислат ғолиб ва ӯ барои ин хислат хеле арзанда мебошад.

Салама яке аз тирандозони машҳури Араб дар он замон буд ва ҳамчунин ӯ дар шуҷоат ва саховат ва корҳои нек яке аз шахсиятҳои шинохтаи он вақт ба ҳисоб мерафт.

Чун ӯ нафси худро ба ислом таслим намуд, аз рӯи садоқат ва инобат таслим кардаш ва ислом нафси ӯро ба тариқаи бузурги хеш қолабрезӣ намуд.

Ва Салама ибни Акваъ аз ҷумлаи касонест, ки дар байъати Ризвон иштирок дошт.

* * *

Чун Паёмбари Худо (с) дар соли шашуми ҳиҷрат бо мақсади зиёрати Хонаи Худо берун омад ва Қурайш онҳоро аз зиёрат кардан манъ намуд ва ба муқобилашон бархостанд, Паёмбари Худо (с) ба сӯи онҳо Усмон ибни Аффонро фиристод, то Қурайшро огоҳ созад, ки Паёмбари Худо (с) бо қасди зиёрат омадааст, на ба қасди ҷанг.

Ва дар он лаҳзае, ки онҳо бозгашти Усмонро интизорӣ мекашиданд, овозае паҳн гардид, ки Қурайш Усмонро куштаанд. Дар ин ҳангом Паёмбари Худо (с) зери сояи дарахте нишаста аз саҳобагонаш аҳду паймони наве гирифт, барои то дами марг ис-тодагарӣ кардан.

Салама мегӯяд:

– Ман зери он дарахт бо Паёмбари Худо (с) барои марг байъат намудам, баъд аз он ба гӯшае рафтам ва нишастам. Чун мардум камтар шуданд, Паёмбари Худо (с) ба ҷониби ман хитоб намуда гуфт:

– Эй Салама, барои чӣ ту байъат намекунӣ?

Ман гуфтам:

– Эй Паёмбари Худо (с) ҳозир байъат намудам.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ва боз байъат кун.

Ва дубора байъат кардам.

Ӯ ба ин байъаташ бо беҳтарин тариқа вафо кард.

Ӯ қабл аз байъат кардан, ба он вафо карда буд, аз лаҳзае, ки калимаи Ашҳаду ал-ло илоҳа иллалоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммада-р-расулулоҳ-ро аз рӯи гувоҳӣ додан гуфта буд.

Ӯ мегӯяд:

–Ман ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ҳафт ғазо ва ҳамроҳи Зайд ибни Ҳориса дар нӯҳ ғазо иштирок намудам.

* * *

Салама аз ҷумлаи моҳиртарин сарбозоне буд, ки пиёда ҷанг мекарданд, тир мезаданд ва найза меандохтанд.

Ва тариқаи ҷанги ӯ ҳам монанди ҷангҳои чирикии (партизанӣ) бузурги имрӯза аст, ки аз он пайравӣ карда мешавад. Ӯ ҳар вақте ки душманаш ба сӯяш ҳуҷум мекард, дар назди ӯ ақибнишинӣ менамуд, вале ҳамин, ки душманон аз вай рӯй мегардонданд ё барои истироҳат менишастанд, ба тамоми қувват ба ҳуҷум мегу-зашт.

Ӯ ба ҳамин тариқа тавонист ба танҳоияш он гурӯҳи ғораттаронро, ки ба сардории Ӯяйна ибни Ҳисни Физорӣ бар сарҳадоти Мадина ҳуҷум карда буд, дар Ғазои Зи Қаради маъруф, дунболагирӣ кунад.

Ӯ танҳо дар пайи он ғоратгарон афтод ва бо онҳо меҷангид ва онҳоро ба ҳар найранг машғул месохт ва аз Мадина дуртар ме-бурд, то ин ки Паёмбари Худо (с) бо як қувваи бузурге аз асҳоб расида омад. Дар ҳамин рӯз Паёмбари Худо (с) барои саҳобагонаш гуфт:

– Аз ҷанговарони пиёдаи мо беҳтарин Салама ибни Акваъ аст.

* * *

Салама ҳеҷ гоҳ дар коре таассуф ва бетоқатиро намедонист, магар он лаҳзае, ки дар ҷанги Хайбар хабари қатли бародараш Омир ибни Акваъро шунид.

Он ҳангом Омир пешопеши лашкари мусалмонон шеърҳои мутантани набардӣ (марш) хонда мерафт:

Ҳеҷ ғаме нест, агар ту намебудӣ
мо ҳидоят намеёфтем,
Ва на садақа медодему на намозе магузоридем.
Пас ту худат ба мо оромиву сабрро ато кун,
Ва чун мо бо душман рӯ ба рӯ шудем,
қадамҳои моро собит бидор.

Дар ҳамин маърака Омир рафта бо шамшераш як мушрикро мезанад ва шамшераш шиллӣ хурда, ҳалқаи он ба худаш бархӯрда

ӯро ба ҳалокат мерасонад. Ин ҳодисаро дида баъзе аз мусалмонон мегӯянд:

– Бечора Омир аз шаҳодат маҳрум гардид.

Ана дар ҳамин ҳол Салама бетоқат гардид, вале дар асл ӯ ҳеҷ гоҳ бесабрӣ накарда буд. Сабаби бетоқатии ӯ ин буд, ки гумон бурд чуноне, ки дигарон низ гумон бурданд, бародараш худашро ногаҳонӣ кушта ва аз аҷри ҷиҳод ва савоби шаҳодат маҳрум гардидааст.

Вале Паёмбари меҳрабон (с) ба зудӣ ин амрро ба ҷояш ниҳод. Чун Салама назди ӯ омада пурсид:

– Оё ин рост аст, ки Омир аз савоби аҷри шаҳодат маҳрум аст.

Паёмбари Худо (с) ба ӯ чунин ҷавоб дод:

– Ӯ (Омир) ҳамчун муҷоҳид кушта гардидааст ва барои ӯ ду аҷр аст ва алҳол дар наҳрҳои биҳишт шиноварӣ дорад.

Салама бо вуҷуди ин, ки хеле саховатпеша буд, агар касе аз ӯ чизе мепурсид ва ӯро барои хотири Худо талаб мекард, саховат-мандиаш боло мегирифт. Агар инсоне аз барои хотири Худо ҷонашро мепурсид, барои бахшидани он даранг намекард.

Ва мардум ин хислати ӯро дониста буданд ва агар касе мехост, ки аз ҷониби вай чизеро ба даст биёварад, барояш мегуфт:

– Ман аз ту барои ризои Худо мехоҳам. Ӯ дар ин ҳол мегуфт:

– Агар касе, ки барои ризои Худо чизе надиҳад, пас барои чӣ медода бошад?

Рӯзи ба шаҳодат расидани Усмон (р) ин муҷоҳиди шуҷоъ дарк намуд, ки дарҳои фитна бар болои мусалмонон кушода гарди-дааст.

Ва ӯ намехост, ки бо вуҷуди ин, ки худаш тамоми умрашро дар ҷиҳод сарф намуда буд ва дар миёни бародаронаш ҷиҳод мекард, имрӯз ба як ҷанговари зидди бародаронаш табдил гардад.

Оре, марде, ки маҳорати ҷангии ӯро худи Паёмбари Худо (с) дар ҷанги зидди мушрикон ситоиш намудааст, ҳақ надорад, ки бо ин маҳораташ бар зидди мӯъмине биҷангад ё ба ин маҳораташ мусалмонеро бикушад..

Аз ҳамин ҷиҳат ӯ бору матоъашро ғундошта, Мадинаро тарк кард ва ба Рабза рафт. Он ҷое, ки Абузар он ҷоро пеш аз ин ҳамчун ҷои ҳиҷрат ва роҳу тариқа ихтиёр карда буд.

Салама дар Рабза боқимондаи ҳаёташро сипарӣ намуд, то он ки рӯзе расид, дар соли ҳафтоду чор аз ҳиҷрат ва шавқи зиёрати Мадина дар дилаш пайдо шуд. Пас барои зиёрати он ҷо сафар кард ва дар он ҷо як ду рӯз зиндагонӣ карда ва дар рӯзи сеюм вафот кард.

Ана ҳамин тавр, хоки дӯстдошташудаи тару тозаи Мадина ӯро ба сӯи хеш хонд, то дар зери бағали худ ӯро оғӯш намуда ҷой бидиҳад ва бо ҳамроҳи дигар рафиқони муборакаш ва шаҳидони солеҳ, ки пеш аз ин онҳоро ҷой додааст, ӯро низ бошишгоҳ бидиҳад.

## 53. АБДУЛЛОҲ ИБНИ ЗУБАЙР
### Чӣ марде ва чӣ шаҳиде...

**Ӯ як ҷанини мубораке дар раҳми модараш буд, дар ҳоле ки модараш саҳрои тасфонро тай намуда Маккаро тарк мегуфт ва ба сӯи Мадина ба роҳи ҳиҷрати бузург равона буд.**

Ҳамчунин тақдир рафта будааст, ки Абдуллоҳ ибни Зубайр бо ҳамроҳии муҳоҷирон ҳиҷрат намояд, дар ҳоле ки ба дунё наомадааст.

Ва ҳамин ки модараш Асмоа наздикии Қабоа дар атрофи Мадина расид, ӯро дарди зоиш гирифт ва ин муҳоҷири дар раҳм буда, дар сарзамини Мадина фурӯд омад. Дар замоне, ки дигар муҳоҷирон аз асҳоби Паёмбар (с) низ фурӯд омаданд.

Ин аввалин зодаи дори ҳиҷратро назди Паёмбар (с) ба ҳавлиаш дар Мадина оварданд. Ӯро бӯса дода оби даҳонашро дар даҳони ӯ молид ва аввалин чизе, ки аз гулӯи Абдуллоҳ гузашт, оби даҳони Паёмбар (с) буд.

Мардуми мусалмони Мадина ҳама ҷамъ омада ин навзодро бо гаҳворааш гирифта, дар ҳоле, ки таҳлилу такбир мегуфтанд, дар тамоми кӯчаҳои Мадина гардониданд.

Ин аз он сабаб буд, ки ҳангоми дар Мадина фурӯд омадани Паёмбар (с) бо ҳамроҳии асҳобаш ин кор ба яҳудиён хеле душворӣ овард ва кинаҳояшонро барангехт ва бар зидди мусалмонон ҷанги равониро оғоз намуданд. Пас чунин овозаеро паҳн намуданд, ки гӯё соҳирони онҳо мусалмононро сеҳр кардаанд ва бар онҳо безуриётиро мусаллат намуданд ва ҳаргиз Мадина ягон мавлуди наверо аз муҳоҷирон нахоҳад дид.

Чун Абдуллоҳ ибни Зубайр аз олами ғайб ба дунё омад, аз олами ғайб ин худ як васиқае буд, ки дасти тақдир ба воситаи он бӯҳтони дурӯғи яҳудиёнро ботил сохт ва макру бофтаҳои онҳоро ботил гардонид.

Абдуллоҳ дар даврони ҳаёти Паёмбар (с) ба синни мардон нарасида буд, вале аз файзҳои аҳди Паёмбар (с) ва аз худи Паёмбар (с) аз рӯи пайвандаиаш бо Паёмбар (с) тамоми бунёд ва ҳастаи таквини минбаъдаи мардонагӣ ва зиндагиашро гирифтааст, ки дар оянда мебинем, ки сари забони мардум гардидааст.

Ин тифл хуб нашъунамо меёфт ва дар хушзеҳни фаҳмиш ва идрокаш хориқулъодда буд.

Ва ӯ чун ба синни навҷавонӣ расид, ин давраи ҳаёташ саросар покӣ, ибодат ва диловарие буд фавқи хаёл.

* * *

Дар футуҳоти Африқо, Андалус (Испания) ва Қустантания бо вуҷуди синну соли ҷавониаш, ки аз 27 нагузашта буд, Абдуллоҳ яке аз диловарон ба шумор мерафт.

Дар набардҳои Африқо мусалмонон бо доштани 20 ҳазор аскар дар муқобили лашкаре рӯ ба рӯ истоданд, ки адади онҳо ба 120 ҳазор адад мерасид.

Набард шурӯъ шуд ва ба мусалмонон як хатари азиме таҳдид мекард. Дар ин ҳангом Абдуллоҳ ба сӯи лашкаргоҳи душман назар кард ва ҷои асосии қувваи душманро ёфт. Ва ин қувваи кофирон подшоҳи онҳо буд, ки дар миёни лашкаргоҳ худаш мардумро бо як усули аҷибе таҳрик намуда, онҳоро ба марг тела медод.

Абдуллоҳ дарк намуд, ки масири ин маъракаи хуноШомро ба ғайри мурдани ин лашкаркаши саркаш дигар чизе тағйир дода наметавонад.

Вале бо кадом роҳ? Ҳол он ки дар рӯ ба рӯи ӯ то ҷои расидан ба ӯ лашкари анбӯҳе мисли тӯфони биёбон ҷангида истодааст.

Аммо ҷасорати ибни Зубайр ва тавони пешравӣ ва пешбарандагии ӯ ҳаргиз мавзеъи пурсупос надорад.

Ӯ баъзе аз дӯстонашро даъват намуда гуфт:

– Маро аз қафо ҳимоят кунед ва ҳамроҳи ман ба ҳуҷум гузаред.

Ӯ мисли тир сафҳои болои ҳам хобидаро пора намуда, бо як азми устувор ба сӯи лашкаркаши куффор роҳ пеш гирифт ва ба назди ӯ расида бо як ҷасорати тасаввурнашаванда ба болояш ҳуҷум кард. Ӯ кушта шуд ва ба замин афтид. Баъд аз он ҳамроҳи рафиқонаш рӯй гардонида мутаваҷҷеҳи он лашкариёне шуданд, ки бо ҳамроҳи он сардори душман буданд ва ҳамроҳаш меҷангиданд. Онҳоро саросар торумор намуда ва бо як овоз фарёди Аллоҳу акбар кашиданд.

Чун мусалмонон диданд, ки байрақашон дар миёни лашкаргоҳи кофирон парафшонӣ дорад, дар он ҷое, ки лашкаркаши барбариҳо истода барои лашкараш фармонҳо содир мекард, мусалмонҳо дарк намуданд, ки ғалаба наздик аст ва ҳамагӣ ҷамъ шуда, ба лашкари душман зарбаи марговар заданд ва тамоми кор ба нафъи мусалмонон анҷом ёфт.

Сарлашкари мусалмонон Абдуллоҳ ибни Абисарҳ он корнамоиҳои бузургеро, ки ибни Зубайр анҷом дода буд, донист ва

ҳамчун мукофот бурдани ин хабари ғалабаро ба сӯи Мадина ба халифаи мусалмонон Усмон ибни Аффон (р) бар уҳдаи ибни Зубайр гузорид.

* * *

Бо вуҷуди ин ки диловарии ибни Зубайр дар набардҳо хеле олӣ ва барои аксари размандагони дигар дастнорас аст, вале ин диловарии ӯ дар баробари диловариаш дар роҳи ибодат хело ночиз ва пӯшида менамояд.

Пас ҳамин хислатҳое, ки мумкин аст дар вай баъзе фахру худбиниро эҷод намоянд, беш аз беш моро дар ҳайрат меафганад, ки чӣ гуна ин марди диловар ин мақоми олӣ ва доимиро дар миёни зоҳидон ва обидон ба даст овардааст.

Пас бузургии насаб ва ҷавонӣ ва молу қувваташ ҳеҷ кадом натавонистанд байни Абдуллоҳ ибни Зубайр ва байни ибодатгариаш, ки рӯзҳо рӯза дорад ва шабҳоро зинда нигоҳ дорад ва аз Худованд ба андозае битарсад, ки соҳибони ақл дар он ҳайрон бимонанд, ҷудоӣ андозанд.

Рӯзе Умар ибни Абдулазиз аз ибни Абимулайка пурсид:

– Барои мо васфи Абдуллоҳ ибни Зубайрро кун.

Ӯ гуфт:

– Ман ҳаргиз нафсеро, ки дар дохили инсон ниҳода шудааст, мисли нафси ӯ надидаам. Ба таҳқиқ ӯ дар намоз чунон ворид мешуд, ки аз тамоми ашёи дар атрофаш буда, робитаашро меканд ва дар ҳоле ки рукӯъ ё суҷуд мекард, гунҷишкҳо дар сари китфони ӯ омада менишастанд ва аз ғояти дарозии рукуъу суҷудаш, ӯро девор ё либоси дар ҷое партофташуда гумон мекарданд.

Як бор тири манҷаниқ аз миёни ришу сари синаи вай гузашт, дар ҳоле ки вай намоз мегузорид. Қасам ба Худо, ки онро эҳсос накард ва наларзид ва аз рӯи он тир қироъаташро набурид ва рукуъашро низ ба тезӣ анҷом надод.

Ахбореро, ки таърих ва муаррихон аз ибодати ибни Зубайр ривоят мекунанд, мисли афсона ҳастанд.

Ӯ дар рӯзадориаш ва дар намозаш ва дар ҳаҷҷаш ва дар ҳиммати олиаш ва шарафи нафсаш, дар шабзиндадорӣ, дар тӯли умраш ҳамчунон бандаи мӯъмини Худо ва ибодатгор ва дар ташнагии гармои нисфирӯзӣ дар тӯли умраш ҳамчунон рӯзадор ва муҷоҳид ва дар имондориаш ба Худо ва дар ҳароси доимиаш аз Худо ӯ бемисл ва ба танҳоӣ бофташуда буд.

Аз ибни Аббос дар бораи ибни Зубайр суол карданд. Ӯ бо вуҷуди ин ки байнашон мухолифате буд, гуфт:

– Ибни Зубайр, хонандаи китоби Худо буд ва пайравикунандаи суннати паёмбари ӯ.

– Мутеъу фармонбардори Худованд буд.

– Ӯ аз тарси Худо дар гармиҳои нисфирӯзӣ рӯзадор буд.

Ӯ писари яке аз ёварони Паёмбар (с) буд. Модараш Асмоа бинти Сиддиқ буд ва холааш Оиша зани Паёмбар (с) буд. Пас ҳурмату ҳуқуқи ӯро ҳеҷ кас нодида гирифта наметавонад, магар касе, ки ӯро Худованд нобино карда бошад.

* * *

Ӯ дар ҳадди хулқу рафтораш ва суботи хислатҳояш устувории кӯҳҳоро писханд мезанад. Ӯ дар хислатҳояш хеле равшан, бошарофат ва қавӣ буд. Ва доим омода буд, ҳаёташро дар муқобили ошкор буданаш ва ростии роҳу рафтори зиндагиаш қурбон кунад.

Дар аснои набардҳояш дар муқобили Умавиён рӯзе ӯро Ҳусайн ибни Нумайр зиёрат омад. Ва ӯ аз лашкаркашоне буд, ки Язид ӯро барои пахш кардани шӯриши ибни Зубайр фиристода буд.

Ин шахс баъди расидани хабари марги Язид ба сӯи Макка ба зиёрати ӯ омада буд ва барояш пешкаш намуд, ки ҳамроҳаш ба Шом биравад, то Ҳусайн ибни Нумайр нуфузи бузурги худро дар Шом бо мақсади гирифтани байъат барои ибни Зубайр истифода намояд, вале ибни Зубайр ин фурсати тиллоиро рад кард. зеро ӯ чунин эътиқод дошт, ки бояд аз лашкари Шом дар муқобили он ҷиноятҳои даҳшатноки содирнамудаашон дар тӯли ҷанги фоҷирона дар Мадинаи Паёмбар (с) қассос гирифта шавад.

Баъзан мо дар мавқифгирии ибни Зубайр розӣ шуда наметавонем ва гоҳо ба худ орзу мекунем, ки агар сулҳу гузаштро ихтиёр мекард ва ин фурсати нодиреро, ки Ҳусайн лашкаркаши Язид барояш пешниҳод намуда буд, қабул менамуд, хуб мебуд.

Вале истодагарии ин мард дар ростои тарки фиребу дурӯғ корест сазовори таъаҷҷуб ва эҳтиром. Ҳангоме ки Ҳаҷҷоҷ бо лашкараш ба болои ӯ ва касоне, ки ҳамроҳи вай буданд, ҳуҷум карда муҳосираи даҳшатнокеро эҷод намуд, дар миёни лашкариёни ибни Зубайр як гурӯҳи калони Ҳабашиён буданд, аз ҷумлаи моҳиртарин тирандозон ва ҷанговарон. Тасодуфан ӯ аз онҳо шунид, ки дар ҳаққи халифаи реҳлатнамуда, Усмон (р) сухане мегӯянд, ки дар ин гуфтор на

парҳезгорӣ буду на инсофе. Ӯ онҳоро ба дуруштӣ аз ин гуфтор манъ намуд ва гуфт:

– Қасам ба Худо, дӯст намедорам, ки дар муқобили душманам ба касе такя кунам ва ёрӣ ҷӯям, ки Усмонро бад мебинад.

Баъд аз он онҳоро аз худаш дур ва пароганда намуд. Ҳол он ки худаш дар як гирифторие буд, ки мисли шахси ғарқшудаистода ба ёрӣ мӯҳтоҷ буд.

Ростии нафс ва ақида, ӯро чунон боҷуръат намуда буданд, ки ба маҳрум гардиданаш аз дусад тирандози моҳиртарин, ки диндориашон мавқеи боварии ӯ набуд эътиное накард. Бо вуҷуди ин ки ӯ дар маърази нобудӣ қарор дошт ва аз ҷумлаи эҳтимолот он буд, ки шояд агар ин тирандозони моҳир ва болаёқат дар паҳлӯяш мебуданд, ҷараёни рафти маъракаро ба фоидаи ӯ тағйир медоданд.

* * *

Истодагарии ӯ дар муқобили Муъовия ва фарзандаш, Язид дар ҳақиқат як диловарии хориқулъоддаест.

Ӯ чунин мепиндошт, ки Язид ибни Муъовия ибни Абусуфиён охирин мардест, ки салоҳияти хилофати мусалмононро дорад, агар умуман салоҳияте дошта бошад.

Ва ӯ дар ин фикраш ҳақ буд, зеро Язид дар тамоми умур фосид ва бесалоҳият буд. Ва ҳатто як фазилате надошт, ки он қадар ҷаримаҳо ва гуноҳеро ки кардааст ва таърих ба мо аз онҳо ривоят мекунад, шофеъ шавад.

Пас чӣ гуна ибни Зубайр ба ӯ байъат намояд?

Ӯ сухани радро дар ҳоли ҳаёти Муъовия бо қувват ва кубандагӣ гуфта буд ва акнун онро барои Язид низ баъди он ки ӯ халифа шуданист, мегӯяд бо вуҷуди ин ки Язид ба сӯи ибни Зубайр кас фиристода ӯро бо бадтарин оқибат таҳдид кард.

Дар ҳамин ҳолат ибни Зубайр гуфт:

Ман ҳаргиз бо шахси майзада байъат нахоҳам кард.

Пас ин мисраъҳоро замзама кардд:

Ман дар муқобили дархостҳои ғайри ҳақ, то замоне\
Санг бо хоидан дар зери дандон нарм нагардад,\
нарм намешавам,

* * *

Ибни Зубайр ҳамчун амири мӯъминон боқӣ монд ва Маккаи мукаррамаро пойтахти хилофати хеш қарор дод ва доираи ҳукмашро

дар сарзаминҳои Ҳиҷоз, Яман, Басра, Куфа, Хуросон ва Шом ғайр аз Димишқ густариш дод.

Акнун ҳукумати Уммавиёнро сабру қарор аз даст рафта буд ва хотирашон ҳеҷ ором намешуд. Пас ба муқобили ибни Зубайр ҷангҳои пай дар пай ташкил намуданд, ки дар аксари онҳо ба ҳазимат ва нокомӣ дучор мешуданд.

То замони аҳди Абдулмалик ибни Марвон расид. Дар он замон барои ҳуҷум бар зидди Абдуллоҳ дар Макка, яке аз бадбахтарин фарзанди Одам ва шахсиятеро ки дар бераҳмӣ ва ҷинояткорӣ ҳамто надошт, маъмур ва таҳрик намуд. Ӯ Ҳаҷҷоҷи Сақафӣ аст, ки дар ҳаққаш имоми одил Умар ибни Абдулазиз чунин гуфта аст:

– Агар тамоми мардум хатову ҷиноятҳои худро биёранд ва мо танҳо Ҳаҷҷоҷро биёрем, албатта вазни гуноҳҳои мо аз онҳо зиёд хоҳанд буд.

* * *

Ҳаҷҷоҷ дар сардории лашкараш ва зархаридонаш барои ғазои зиддӣ пойтахти ибни Зубайр, ба Макка раҳсипор гардид. Макка ва аҳолии онро қариб шаш моҳ муҳосира намуд. Дар ин муддат аз мардум обу таъомро манъ намуда буд, то ки мардумро маҷбур созад, ки ибни Зубайрро танҳо ва бе ёвар бигузоранд.

Зери фишори гуруснагии ҳалокатовар бисёриҳо таслим шуданд ва Абдуллоҳ худро қариб танҳо дид. Бо вуҷуди ин ки фурсати наҷоти худаш ва аҳли хонаводааш ҳоло ҳам мавҷуд ва боқӣ буд, қарор дод, ки ин масъулиятро то охирин лаҳза ба дӯши худ дошта бошад ва ба як шуҷоъати афсонамонанд ба муқобили лашкари Ҳаҷҷоҷ ба набард шурӯъ намуд ва ӯ дар ин ҳангом дар синни ҳафтодсолагӣ буд.

Ва мо ҳаргиз наметавонем лавҳаи тасвири боварибахшу воқеъии ин мавқифи нодирро бубинем, магар ҳар вақте гуфтугӯеро, ки байни Абдуллоҳ ва модараш, он шахсияти бузургу олӣ Асмоа бинти Абубакр (р), ки дар соатҳои охири аз ҳаёташ доир гардида буд, гӯш бидиҳем.

Абдуллоҳ назди модараш рафта дар ҳузури ӯ сурати дақиқи мавқифи гирифтааш ва масиреро, ки аллакай равшану возеҳ гардида мунтазираш буд, баён кард.

Асмоа ба вай гуфт:

– Эй писараки ман, ту ба ҳоли нафси худ донотарӣ. Агар ту бидонӣ, ки дар ҳақиқат ту дар роҳи ҳақ ҳастӣ ва ба сӯи роҳи ҳақ далолат мекунӣ, пас бар ҳамин корат сабр кун, то ки дар ҳамин роҳи

ҳақ кушта шавӣ ва муздурони бани Умайяро имконият мадеҳ, ки бар гардани ту соҳиб шаванд. Вале агар бидонӣ, ки ту иродаи дунё намудаӣ, пас ту бад бандае ҳастӣ, ки нафси худат ва касонеро, ки ҳамроҳи ту кушта шудаанд, дар ҳалокат афгандаӣ.

Абдуллоҳ гуфт:

– Эй модар, қасам ба Худо ман ҳаргиз иродаи дунё нанамудаам ва ба сӯи дунё ҳеҷ гоҳ майл накардаам ва ҳаргиз дар ҳукми Худо ба беадолатӣ роҳ надодаам ва зулму ғадр ва хиёнатро раво надидаам.

Модараш чунин гуфт:

– Ман ҳар оина аз Худованд умеди онро дорам, ки тасаллӣ ёфтанам дар бораи ту нек бошад, агар ту маро пешдастӣ кунӣ ба сӯи Худо ё ман туро пешдастӣ кунам. Бор Худоё, раҳм кун барои тӯли қиёмаш дар шабҳо ва ташнагиаш дар гармои нисфирӯзиҳо ва некӯи намуданаш дар ҳаққи падараш ва дар ҳаққи ман.

Бор Худоё, ман ӯро ба он амре, ки ту дар бораи ӯ раво мебинӣ, таслим намудам ва ба он қазое, ки дар ҳаққаш муайян намудаӣ, розиям.

Пас дар муқобили Абдуллоҳ барои ман савоби собирон ва шокиронро ато намо.

Пас барои видоъ якдигарро дар оғӯш кашиданд.

Баъди чанд соате ӯ ба ҷанги сахти нобаробар дохил шуд, ки ин шаҳиди бузург дар ин ҷанг зарбаи ҳалокатовар хӯрд. Дар он лаҳзае, ки Ҳаҷҷоҷ тамоми пастиву разолатеро, ки дар рӯи замин бошад, ихтиёр намуд ва розӣ нашуд, магар ба овехтани ҷисми беҷон, аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ ва пастӣ.

* * *

Модари Абдуллоҳ, ки дар он замон наваду ҳафт сол умр дошт, бархост, то ки фарзанди ба дор овехташудаи худро бубинад.

Ӯ мисли кӯҳи сар ба фалак кашида дар муқобили фарзанди ба дор овехта шудааш беҳаракат меистод. Дар ин ҳол Ҳаҷҷоҷ бо як ҷаҳон пастиву зиллат ба ӯ наздик шуда, барояш гуфт:

– Эй модар, амири мӯъминон Абдумалик ибни Марвон маро дар бораи ту ба некӣ васият намудааст, пас ту дар назди ман ҳоҷате дорӣ?

Асмоа ба рӯи ӯ фарёд кашида гуфт:

– Ман модари ту наям, балки ман модари ана ин шахси бар болои теғаи кӯҳ ба дор овехташуда ҳастам ва ман ба сӯи шумо ҳоҷате надорам. Аммо ман як ҳадисеро, ки аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, бароят ривоят мекунам, ки гуфта буд:

– Ба наздикӣ аз Сақиф як шахси каззоб ва мубире (ҳалокшуда) мебарояд.

Мо каззобро дидем, аммо мубир ба ғайри ту каси дигареро намебинам.

Дар он ҳангом Абдуллоҳ ибни Умар ба сифати таъзиягуянда ба вай наздик шуд ва ӯро ба сӯи сабр далолат намуд. Ӯ ба гуфтани ин калимот ҷавобаш дод:

– Ва чӣ чиз маро аз сабр кардан монеъ мешавад, ҳол он ки сари Яҳё ибни Закарийё ба сӯи яке аз фоҳишаҳои бани Исроил ҳадя бурда шуд.

Чӣ бузург ҳастӣ, эй духтари Сиддиқ. Оё ин ҷо калимаҳое ҳастанд, барои ашхосе, ки сари Абдуллоҳро пеш аз он ки ба дор овехта шавад, аз тан ҷудо карданд, муносибтар бошанд?

Оре, агар сари ибни Зубайрро ба назди Ҳаҷҷоҷ ва Абдулмалик ҳадя оварда бошанд, пас сари он паямбари бузурге мисли Яҳё (а) ба таҳқиқ пеш аз ин барои Солумӣ, ки яке аз фоҳишаҳои бани Исроил аст, ба тариқи ҳадя бурда шуда буд.

Чӣ ташбеҳи зебое ва чӣ суханони ростин.

* * *

Гузашта аз ин оё имкон дошт, ки Абдуллоҳ ибни Зубайр ба ҷуз ҳамин гуна зиндагӣ ҳаёт ба сар барад. Бидуни ин дараҷаҳои баланди диловарӣ ва салоҳ. Ҳол он ки ӯ аз пистони ин қабил модар шир хӯрдааст.

Салом бар ту, эй Абдуллоҳ!

Салом бар ту, эй Асмоа!

Салом ба ҳар ду, дар миёни шаҳидони ҷовидона!

Ва салом бар ҳар дуяшон дар миёни некӯкорони парҳезгор!

## 54. АБДУЛЛОҲ ИБНИ АББОС
### Донишманди уммат

**Ибни Аббос ба Абдуллоҳ ибни Зубайр монандӣ дорад. Ин монандӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ Паёмбари Худоро (с) дарёфтааст ва ҳамасри ӯ будаст. Дар ҳоле ки ӯ писариноболиғ буда ва дар ҳоли риҳлати Паёмбари Худо (с) ибни Аббос ба синни булуғ нарасида буд.**

Лекин ӯ назар ба дигар ҷанбаҳои ҳаётиаш аз Абдуллоҳ ибни Зубайр фарқ мекунад, зеро дар хурдсолиаш тамоми хусусиятҳои аввалаи мардонагӣ ва асосҳои зиндагониашро шахсан ва бевосита аз Расули Худо (с) омӯхта буд. Зеро Паёмбари Худо (с) ӯро бар дигарон фазилат мениҳод ва нафсашро тазкия медод ва ӯро ҳикмати холис меомӯзонид. Ӯ ба қуввати имонаш ва қуввати ахлоқаш ва бисёрии илмаш дар ҷойгоҳи олие байни мардони атрофи Паёмбари Худо (с) нишастааст.

* * *

Ӯ ибни Аббос ибни Абдулмуталлиб ибни Ҳошим, писарамаки Паёмбари Худо (с) аст.

Ва лақабаш "ал-Ҳабр"- яъне донишманд, донишманди ин уммат.

Ӯро барои ин лақаб ва ин манзалат нуронияти ақлаш ва заковатмандии қалбаш ва вусъати маърифаташ сабаб шудаанд.

Ибни Аббос аз оғози туфулияташ роҳи зиндагониашро дарк намуда буд ва дар оянда нисбати ин роҳ маърифаташ боз ҳам болотар рафтан гирифт, зеро Паёмбари Худоро (с) медид, ки бо вуҷуди ин ки ӯ тифл аст, ӯро ба худ наздик мегардонад ва бо дасташ ба китфи ӯ зада, дар ҳақаш дуъо мекунад ва мегӯяд:

– Худоё, ӯро дар дин фақеҳ гардон ва илми таъвилро бидононаш.

Баъд аз он дар оянда низ муносибатҳо ва фурсатҳое паи ҳам омадан гирифтанд, ки дар он лаҳзаҳо Паёмбари Худо (с), худи ин дуъоро борҳо дар ҳақи ӯ такрор намудааст.

Ана дар ҳамин ҳолат ибни Аббос дарк кард, ки ба таҳқиқ ӯ барои илм ва барои маърифат офарида шудааст.

Ва истеъдоди ақлиаш ӯро дар ин роҳ хеле таҳрик медод.

Алорағми ин ки умри ӯ аз 13 сол нагузашта буд, ки Паёмбари Худо (с) вафот кард, вале ӯ дар давоми умри бобаракати тифлиаш, рӯзеро беҳуда нагузаронида аст ва ҳамарӯза дар маҷлиси Паёмбари Худо (с) буд ва он чизеро, ки ӯ мегуфт, ҳифз мекард.

Баъди реҳлати Паёмбари Худо (с), ибни Аббос ба он ҳавасманд гардид, ки аз саҳобагони собиқини Паёмбари Худо (с) он чизҳоеро, ки шунидан ва таълим гирифтанашро аз Паёмбари Худо (с) фавт намудааст, биёмӯзад.

Ана дар ҳамин ҷо ӯ аз вуҷуди худаш як аломати суол сохт. Агар мешунид, ки фалонӣ кадом ҳикматеро медонад ё ҳадисеро ҳифз намудааст, дарҳол ба сӯи вай мешитобид ва аз ӯ таълим мегирифт.

Ва ақли равшану серталаби ӯ ҳамеша ӯро ба ҷустуҷӯву таҳқиқи чизҳои шунидааш тела медод.

Ӯ на танҳо барои омӯхтан мекӯшид, балки саъй мекард то дар чизҳои омӯхтааш таҳқиқ ва баррасӣ намояд ва дурустии масдари онро донад.

Ӯ дар бораи худаш чунин мегуфт:

– Ман ҳамеша аз як чизи воҳид сӣ нафар аз саҳобагони Паёмбари Худоро (с) мепурсидам.

Ва боз чӣ гуна ҳарис буданашро барои дарки ҳақиқат ва маърифат баён намуда барои мо чунин пешкаш мекунад:

– Чун Паёмбари Худо (с) аз олам даргузашт, ман ба як ҷавони ансорӣ гуфтам, ки биё ҳамроҳ шавем ва аз саҳобагони Паёмбари Худо (с), ки ҳоло бисёранд, мепурсем.

Он ҷавон гуфт:

– Ман аз ту эй ибни Аббос, таъаҷҷуб мекунам. Оё гумон мекунӣ, ки мардум ба ту мӯҳтоҷ мешаванд ва ҳол он ки дар миёнашон ҳамчунон ки мебинӣ, саҳобагони Паёмбари Худо (с) хеле зиёданд. Ӯ ба ин кори пешниҳодкардаи ман розӣ нашуд.

Ва ман рӯй ба саҳобагони Паёмбари Худо (с) овардам ва аз онҳо дар ҳар боб суол мекардам. Агар ба ман хабар мерасид, ки фалон марде ин ҳадисро медонад, ба сӯи он мард мешитофтам. Ҳарчанд ӯ дар хоби роҳати нисфирӯзӣ бошад. Пас чодарамро дар пушти дараш паҳн менамудам ва менишастам, то ин ки аз хобаш мехест ва берун меомад ва маро дида, мегуфт:

– Эй писари амакии Паёмбари Худо (с), туро чӣ коре ба сӯи мо овардааст? Чаро кас нафиристодӣ, то маро огоҳ менамуданд ва пешат мебаромадам?

Ман барояш мегуфтам:

– Не, ту арзандатарӣ, ки ман ба сӯи ту бидавам.

Пас аз вай он ҳадисро мепурсидам ва меомӯхтамаш.

Ҳамчунин ин ҷавони бузурги мо мепурсид ва мепурсид.

Ҷавобҳои додаи онҳоро бо ақлаш тафаҳҳус мекард ва бо фаҳми фаррохаш дар фаҳми онҳо мунокиша мекард.

Ва ҳамарӯза донишу маърифаташ меафзуд ва ҳикматҳояш зиёда мегардид, то дараҷае, ки дар навҷавониаш тамоми ҳикматҳои пиронсолони баркамол дар ӯ мавҷуд ва комил гардид. Ва амири мӯъминон Умар (р) барои машварат бо вай дар ҳар амри бузург хеле ҳарис буд. Ва ӯро бо лақаби ҷавони пиронсолон мулаққаб карда буд.

Аз ибни Аббос рӯзе пурсиданд, ки ту ин илмро аз куҷо ба даст овардӣ?

Ӯ ҷавоб дод:

– Бо забони зиёди пурсанда ва дили тааққулкунанда.

Пас бо забони доим мепурсидагӣ ва бо ақле, ки доим дар ҷустуҷӯву таҳқиқ аст. Баъд аз он бо тавозуъу ахлоқи нарм ибни Аббос донишманди уммат гардид.

Ӯро Саъд ибни Абиваққос бо ин калимаҳо васф мекунад.

– Ман ҳеҷ касро ки аз рӯи фаҳмаш ҳозиртар ва аз рӯи ақлаш бузургтар ва аз рӯи илмаш зиёдтар ва аз рӯи ҳилмаш васеътар аз ибни Аббос бошад, надидаам.

Ва ба таҳқиқ Умарро (р) дидам, ки ибни Аббосро барои мушкилоти бузурги давлатдорӣ даъват менамуд ва дар атрофи ӯ иштирокдоштагони ҷанги Бадр аз ҷумлаи муҳоҷирону ансор буданд.

Ибни Аббос сухан мегуфт, дар ҳоле ки Умар (р) сухани ӯро намебурид.

Убайдуллоҳ ибни Утба аз вай ривоят намуда чунин мегӯяд:

– Ман ҳеҷ касро донотар аз ибни Аббос дар бораи ҳадисҳои Паёмбари Худо (с) надидаам. Ва ҳеҷ касро донотар ба ҳукмҳое, ки Абубакр (р), Умар ва Усмон (р) намудаанд, надидаам ва касе дар ҳеҷ фикре фақеҳтар аз вай ба чашмам нарасид. Ва ҳеҷ касро аз ӯ донотар ба илми шеър ва луғати арабӣ ва тафсири Қуръон ва ҳисоб ва илми мерос надидаам. Ӯ рӯзе барои баёни илми фиқҳ менишаст. Ва рӯзе барои таъвили ояҳои Қуръон ва рӯзе барои илми ғазоҳо ва ҷангҳои замони Паёмбар ва рӯзе барои шеър ва рӯзе барои илми таърихи Араб ва ахбори он дарс мегуфт. Ва ҳеҷ олимеро надидаам, ки дар ҳузури вай нишаста бошад, магар ки таслими илми вай гардида ва ҳеҷ соилеро надидаам ки аз вай чизе пурсида бошад, магар дар назди ӯ аз ҳамон чизи пурсидааш донише ёфтааст.

* * *

Ӯро як мусалмоне аз аҳолии Басра дар ҳоле, ки ибни Аббос аз тарафи имом Алӣ ибни Абутолиб (р) волии он ҷо таъин гардида буд, чунин васф мекунад:

– Ибни Аббос се чизро мегирифт ва се чизро тарк мекард:

Аввалан, ӯ дилҳои мардумро мусаххари худ месохт, вақте ки сухан мегуфт ва хеле бодиққат сухани дигаронро гӯш мекард, вақте ки ба вай чизе мегуфтанд.

Ва ҳар вақте ки касе бо вай мухолифат мекард, ҳамеша сабуктарин ва осонтарини ду амрро ихтиёр менамуд.

Вале худнамоиро тарк мекард ва бо одамони фурӯмоя дӯстӣ наменамуд. Аз ҳар кору сухане, ки дар охир аз вай узрхоҳӣ боястӣ, худро канора мегирифт.

* * *

Гуногунӣ ва васеъии доираи дониши ӯ ва маърифати фарогираш ба андозае буд, ки соҳибони ақл дар вай мутаҳайир мегардиданд.

Ӯ донишманди пурмаҳорат ва зираку бофаҳм дар ҳамаи улум, чӣ дар тафсири Қуръон ва таъвили Қуръон ва дар фиқҳу дар таърих ва дар луғати арабиву одоби онҳо буд. Аз ҳамин ҷиҳат ӯ доимо маҳалли ҷустуҷӯи шахсони маърифатҷӯ буд. Ба назди вай мардумони зиёде аз ҳар гӯшаву канори давлатҳои исломӣ меомаданд, то аз вай бишунаванд ва биёмӯзанд.

Яке аз дӯстон ва ҳамасрони ӯ дар борааш чунин ривоят мекунад:

– Ман боре як маҷлисро дар ҳузури ибни Аббос дидам, ки агар тамоми Қурайшиён ба вай фахр кунанд, ба ҳамаашон фахри он басанда аст.

Ман мардумро дар пеши дараш ҷамъгашта дидам, то ҳадде, ки роҳ барояшон тангӣ мекард ва ягон кас дигар аз он кӯча омадан ва ё рафтан наметавонист. Ба ҳузури ӯ даромадам ва огаҳаш кардам, ки дар назди дараш ҳамин қадар мардум ҳастанд.

Ӯ гуфт:

– Барои ман оби таҳорат бигир.

Ӯ вузӯ намуда, нишаст ва гуфт:

– Ба пеши онҳо баро ва касонеро, ки дар бораи Қуръон ва таъвили оятҳои вай чизе мепурсанд, даъват кун.

Ман берун омада онҳоро даъват намудам ва ба хона даровардам. Хона пур шуд. Пас ҳар чизеро, ки аз вай пурсиданд, ҷавобашон дод ва ба суолҳояшон иловатан ҷавоб гуфт.

Баъд аз он ба ҳозирин гуфт:

– Бародарони шумо мунтазиранд.

Пас он ҷамоъа хориҷ шуданд, то ки барои дигар толибону соилон ҷойро холӣ кунанд.

Боз ба ман рӯй оварда гуфт:

– Акнун баромада касонеро даъват кун, ки мехоҳанд аз ҳалолу ҳаром бипурсанд.

Ман берун баромада онҳоро огоҳ намудам ва онҳоро ба хона даъват намудам, то ки хона пур гашт. Ва ҳар чизе, ки аз вай пурсиданд, ӯ дар борааш ҷавоб гуфт ва зиёда ҳам гуфт. Баъд аз он барои ин ҷамоъа низ гуфт, ки бародарони шумо мунтазиранд. Он ҷамоъа низ берун баромаданд.

Ва маро гуфт, ки берун баро ва огоҳ соз, касонеро, ки мехоҳанд аз илми мерос чизе бипурсанд, дохил шаванд.

Ман ҳамчунон кардам ва мардум даромадан гирифтанд, то ин ки хона пур гашт. Пас аз ҳар чизе, ки пурсидандаш, хабарашон дод ва зиёдатӣ ҳам илова кард.

Боз маро фиристод, ки касонеро даъват кун, ки аз арабият ва шеър мехоҳанд чизе бидонанд.

Онҳоро огоҳ намудам ва онҳо ба хона даромаданд, то ин ки хона пур шуд.

Ва аз ҳар чизе пурсидандаш, ҷавоб медод ва зиёдтар ҳам тавзеҳ мекард.

Ибни Аббос дар баробари ҳофизаи қавиаш дорои фаҳмиши нофизе буд.

Ҳуҷҷату далоили вай мисли офтоб медурахшиданд ва ошкору зебову ҷилонок буданд.

Ӯ дар баҳсу гуфтугузорҳояш каси рақибашро танҳо бо қаноъатманд ва саршор гардиданаш дар баробари далоил намегузошт, балки ӯро саршор аз муҳаббату орзу дар баробари мантиқи равшан ва пурмуҳтавои баҳс ва муколамааш мегардонид.

Ӯ бо вуҷуди илми зиёдаш ва ҳуҷҷату далоили қотеъаш баҳсу мунозираҳои илмиро ҷои фахру худнамоӣ ва ё ғалаба намудан бар болои хасм намепиндошт, балки баҳсу талоши илмиро роҳе барои дарёфти ҳақиқат ва маърифат арзёбӣ мекард.

Ӯ борҳо хавориҷро бо мантиқи бурро ва одилонааш дар ҳайрат афганда буд.

Ӯро рӯзе имом Алӣ (р) ба сӯи як тоифаи бузурги аз онҳо фиристод. Байни ӯ ва байни хавориҷ баҳси пурмуҳтаво сурат гирифт,

ки ӯ дар зимни он суханро он чунон тавзеҳ дод ва ҳуҷҷатҳоро он чунон равона сохт, ки соҳибақлон дар он ҳайрон мемонанд.

Ва аз ҳамин баҳси тӯлонӣ мо бо овардани як порае иктифо мекунем:

Ибни Аббос аз онҳо пурсид:

– Шумо аз Алӣ (р) чиро бад мебинед?

Гуфтанд:

– Мо се чизро аз вай бад мебинем:

Аввал, ин ки ӯ мардонро дар дини Худо ҳакам қарор дод, дар ҳоле, ки Худованд мегӯяд: Ба таҳқиқ, ҳукм фақат аз Худост. (Сураи Анъом ояти 57, Юсуф оятҳои 40, 67).

Дувум, ин ки ӯ ҷангид, вале аз касоне, ки дар муқобилаш меҷангиданд, ғулом ва ғанимате нагирифт. Ва агар онҳо кофир бошанд, барои ӯ молҳояшон ҳалол аст, вале агар мӯъмин бошанд, пас хунҳояшон барои Алӣ ҳаром аст.

Ва сеюмаш, ин ки ӯ дар вақти ҳакам қарор додан розӣ шуд, то аз худаш сифати амири мӯъминонро халъ намояд, барои иҷобати даъвати душманонаш. Пас агар ӯ амири мӯъминон набошад, амири кофирон аст.

Ва ибни Аббос рағбату хоҳишоти онҳоро зери танқид қарор дода мегӯяд:

– Аммо сухани шумо, ки ба таҳқиқ Алӣ (р) мардонро дар дини Худо ҳакам қарор дод, ин чӣ бадие дорад? Ба таҳқиқ Худованд мегӯяд:

Эй касоне ки имон овардаед, сайдро, ки дар ҳарам аст накӯшед, дар ҳоле, ки шумо дар иҳром ҳастед ва касе, ки он сайдро аз шумоён қасдан бикӯшад, пас ҷазояш мисли он сайд аст, аз чорпоёни дигар, ки ду шахси бо адолати шумо ҳукм кунад. (Сураи Моида ояти 95).

Пас шумо ба ҳаққи Худо маро огоҳ кунед, ки оё ҳакам қарор додани мардон дар рехтани хуни мусалмонон ҳақноктар ва авлотар аст ё ки ҳакам қарор додан, дар рехтани хуни як заргӯше, ки қимати он чоряки дирҳам аст.

Пас сардорони хавориҷ дар зери фишори мантиқи масхаракунандаву буррои вай аз забон дармонданд.

Донишманди уммат, суханашро идома дода гуфт:

– Аммо сухани шумо, ки ба таҳқиқ Алӣ ҷанг кард, вале ғуломе нагирифт ва молу ғанимат набурд? Оё шумо бо ин суханатон гуфтаниед, ки бояд ӯ Оиша ҳамсари Паёмбари Худо (с) ва модари

мӯъминонро ба ғуломӣ мегирифт ва чизҳои партофтаашро ба ғанимат мебурд?

Ва дар ин ҷо рӯйҳои онҳоро зардии хиҷолат пахш кард ва онҳо рӯйҳояшонро бо дастҳояшон мепӯшонданд.

Ибни Аббос ба масъалаи сеюм гузашт:

Ва аммо гуфтаи шумо, ки ба таҳқиқ ӯ розӣ шуд, аз худаш сифати амири мӯъминонро халъ намояд, то ин ки ҳакам қарор додан комил гардад, пас он кореро, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи Ҳудайбия карда буд, бишнавед:

Дар он ҳангом, ки мехост китобатеро, ки байни ӯ ва байни Қурайш аст, бинависонад, барои котиб гуфт:

– Бинавис, ин навиштаҷот он чизест, ки Муҳаммад Расули Худо (с) бар он ҳукм намудааст.

Пас фиристодаи Қурайш гуфт:

– Қасам ба Худо агар мо медонистем, ки ба ҳақиқат, ту Расули Худо ҳастӣ, ҳаргиз мо туро аз даромадан ба хонаи Ӯ монеъ намешудем ва ба ту ҷанг намекардем. Пас бинавис, ки ин рисолатест, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ба он ҳукм намудааст.

Паёмбари Худо (с) барояшон гуфт:

– Қасам ба Худо, ки ман паёмбари Худоям, агарчанде шумо маро дуруғгӯй медонед.

Баъд аз он ба сӯи нависандаи рисола амр кард: он тавре ки онҳо мехоҳанд бинавис.

– Бинавис, ин навиштаҷот он чизест, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ бар он ҳукм намудааст.

Бо ҳамин тариқаву услуби ҳайратангез ва оҷизкунанда гуфтугӯи ибни Аббос ва хориҷиён идома ёфт.

Ва мунокишаи онҳо ба итмом нарасида буд, ки бист ҳазор нафари онҳо бархоста қаноъатмандии хешро изҳор намуданд ва эълон доштанд, ки аз хусумат бо Алӣ (р) берун омадаанд.

* * *

Ибни Аббос танҳо соҳиби ин сарвати илмӣ набуд, балки ӯ бо вуҷуди доштани ин илм, сарвати бузургтаре низ дошт, ки иборат аз эҳтироми илм ва ахлоқи олимон буд.

Пас ӯ дар ҷавонмардӣ ва саховатмандиаш пешво ва нишона буд.

Ӯ бо ҳамон ҷавонмардие, ки бар онҳо аз илмаш мебахшиду медод, аз молаш низ бар болои мардум мерехту мебахшид.

Ҳамасрони ӯ чунин ривоят менамоянд:

– Мо ҳеҷ хонаеро сертаъомтар ва сернӯшокитар ва сермеватар ва серилмтар аз хонаи ибни Аббос надидаем.

Ӯ соҳиби қалби пок ва нафси беолоиш буд ва нисбати ҳеҷ кас кинаву кудурате дар лилаш намепарварид.

Ва машғулияти дӯстдоштааш, ки аз он ҳаргиз серӣ надошт, ин буд, ки муттасил барои тамоми он касоне, ки мешинохт ва ё намешинохт, орзуи хайр мекард.

Ӯ худаш чунин ривоят мекунад:

– Чун ояте аз Каломи Худоро бидонам ва дар борааш кашфиёте бароям даст бидиҳад, дӯст медорам, ки тамоми мардумон мисли ман онро бидонанд.

Ва ман агар бишунавам, ки яке аз ҳокимони мусалмон ба адолат ҳукмеро анҷом додааст, пас хурсанд мешавам ва дар ҳаққаш дуъо мекунам, ҳол он, ки кори ман назди ӯ наафтидааст.

Ва агар ман бишнавам, ки бороне дар сарзамини мусалмонон боридааст, барои он хурсандӣ мекунам, ҳол он, ки дар он ҷо чорпое аз ман намечарад.

* * *

Ӯ ибодатгар аст, мутиъи Худост ва руҷуъкунанда ба сӯи ӯст. Шабҳоро ба намоз зинда нигоҳ медорад ва рӯзҳо рӯза мегирад ва чашм маҷрои оби дидаро дар зери рухсораҳояш нодида наметавонад, зеро вай вақте намоз бихонад ва ҳар вақте Қуръон тиловат кунад бисёр мегиряд. Пас вақте ки ӯ баъзе оятҳои заҷру ваъидро мехонд ва ё аз марг ва зинда гардонидани баъд аз маргро мешунид, овози гиря ва фиғони ӯ баланд мегашт.

* * *

Бо вуҷуди ин ҳама авсофи зикршуда боз ӯ соҳиби шуҷоъат, амонатнигаҳдор ва дур андеш аст ва маҳз ӯро дар давоми мухолифат байни Алӣ ва Муъовия андешаҳо ва пешниҳодоте ҳаст, ки онҳо далолат бар доманадории зиракӣ ва дурандешии ӯ мекунанд. Ӯ ҳамеша сулҳу оштиро бар ҷанг ва мулоиматиро бар зӯроварӣ ва мантиқу суханро ба маҳдудсозӣ тарҷеҳ медод. Ҳангоме ки имом Ҳусайн (р) барои берун рафтан ба сӯи Ироқ қасд намуд, то бо Убайдуллоҳ бинни Зиёд ва Язид биҷангад, ибни Аббос ба домани ӯ овехт ва ба тамоми қувваташ кӯшид, то ӯро аз рафтан манъ кунад. Вақте ки баъдтар хабари шаҳодати Ҳусайн (р) ба вай расид, андӯҳи ин хабар ӯро хеле зери таъсир қарор дод, то ҳадде, ки чанд замон хонанишин гардид.

Ва дар ҳар мухолифате, ки байни мусалмон ва мусалмони дигар рӯй медод, ибни Аббосро фақат бардорандаи байрақи сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ ва мулоимат медидӣ.

Дуруст аст, ки ӯ дар маъракаи хилоф байни Алӣ ва Муъовия ҷонибдори Алӣ буд, бар зидди Муъовия, вале ӯ ин корро барои он анҷом дод, ки маъракаи хилофи Алӣ ва Муъовия дар ибтидо ҳамчун як мухолифат ва инкор дар муқобили ҳаракати ҷудоиандозонаи даҳшатнок, ки ваҳдати дин ва ваҳдати мусалмононро зери хатар қарор медод, ҷилвагар мешуд.

* * *

Ибни Аббос ба як олами пур аз илму ҳикмат ба зиндагии хеш идома дод ва дар миёни мардум бӯи хуш ва тақвои хешро паҳн менамуд.

Ва дар синни ҳафтоду яксолагиаш ба сӯи мулоқоти Парвардигори бузургаш даъват гардид.

Ва шаҳри Тоиф шоҳиди як саҳнаи серодам барои мӯъмине гардид, ки ба сӯи биҳишт ӯро гусел мекарданд. Ва ҳангоме ки ҷисми поки ӯ ҷои қароргоҳи осудаи худро дар қабраш ишғол намуд, атрофи уфуқи осмон аз ғулғулаи раъдосои ваъдаи Худо, ки аз рӯи ҳақиқат намудааст, ба ларза медаромад.

Эй нафси оромгиранда бозгард ба сӯи парвардигорат розӣ ва розигашта (Худованд) аз ту. Пас дохил шав дар зумраи бандагони хоси ман. Ва даро ба биҳишти ман. (Сураи Алфаҷр ояти 27 то 30).

## 55. АББОД ИБНИ БИШР
## Ҳамроҳи ӯ нурест аз Худованд

**Вақте ки Мусъаб ибни Умайр ба намояндагӣ аз ҷониби Расули Худо (с) барои таълими ансор ва барпо доштани намоз ба Мадина ба сӯи ансори дар роҳи ислом байъаткарда фиристода шуд ва ӯ фаъолият ва омӯзандагиашро шурӯъ кард, Аббод ибни Бишр аз нахустин ҳидоятёфтагони дар роҳи Аллоҳ буд.**

Ӯ рӯй ба сӯи маҷлиси Мусъаб намуд ва ба суханони вай гӯш ниҳод, баъд аз он дасташро ба сӯи Мусъаб дароз кард, то барои ислом байъат намояд ва аз ҳамин рӯз оғоз карда ҷойгоҳи худро дар миёни ансор ишғол намуд, ки Худованд аз онҳо розӣ гардидааст ва онҳо низ аз Худованд розӣ ҳастанд.

Ва Паёмбари Худо (с) баъди он, ки дигар мӯъминони дар Макка буда пештар ба ин ҷо омада буданд, ба сӯи Мадина ҳиҷрат кард.

Ва ҷангҳои хунине шурӯъ шуданд, ки дар онҳо қувваҳои нек ва нуронӣ бо қувваҳои зулмату бадӣ бархӯрд менамуданд.

Ва дар ҳамаи ин ғазоҳо Аббод ибни Бишр дар сафҳои аввалин буд ва дар роҳи Худо бо диловарӣ ва ҷонфидоие, ки соҳибони ақлро дар ҳайрат меафганад, ҷиҳод мекард.

* * *

Ва шояд ин воқеъае, ки мо ҳоло онро мехоҳем баён кунем, аз як гӯшаи диловариҳои ин мӯъмини бузург парда бардорад. Баъди он, ки Паёмбари Худо (с) ва мусалмонон аз ғазои Зоти Риқоъ фориғ гардиданд, дар як маконе фуруд омаданд, то дар он ҷо шабро рӯз кунанд ва Паёмбари Худо (с) чанд нафареро барои посбонӣ интихоб кард, то бо навбат посбонӣ кунанд ва аз ҷумлаи онҳо Аммор ибни Ёсир ва Аббод ибни Бишр дар як навбат буданд.

Ва Аббод рафиқаш Амморро дид, ки аз бехобӣ ва мондагӣ ранҷ мебарад. Пас талаб кард, ки дар аввали шаб Аммор бихобад ва ӯ худаш посбониро, то он даме, ки каме ҳам бошад рафиқаш роҳат кунад, иҷро кунад, ва шояд, ки баъди бедор шуданаш битавонад посбониро идома бидиҳад.

Ва Аббод дид, ки атрофаш ҳама эмин аст. Ва андешид, ки чаро вақти худро ба намоз сарф накунад ва савоби намозро ҳамроҳи савоби посбонӣ нагирад.

Пас ӯ ба намоз бархост. Ҳангоме ки ӯ рост истода баъди Фотиҳатулкитоб сурае аз Қуръонро мехонд, бозуи ӯро тире сӯрох

намуд. Ӯ он тирро кашида партофт ва намозашро идома дод. Ва тири дуввум ба бадани ӯ расид ва боз тири сеюмро он шахси ҳуҷумкунанда дар торикии шаб ба сӯи ӯ андохт. Ӯ ин ду тири охиринро низ аз баданаш баркашид, вале намозашро тарк накард, то ин ки қироъаташро тамом кард, баъд аз он рукӯъ кард ва саҷда намуд, вале сустӣ ва дард оҳиста- оҳиста қувваи ӯро кам карда буд. Пас дасти росташро ба сӯи рафиқаш, ки дар паҳлуяш хоб буд, дароз намуд ва ӯро ҷунбонидан гирифт, то ки ӯ бедор шуд.

Баъд аз он аз саҷда бархост ва ташаҳҳудро хонда намозашро ба итмом расонид.

Аммор аз суханони ларзон ва бо душворӣ гуфтаи Аббод, ки:

– Ба ҷои ман ба посбонӣ бархез, ки ба ман тир расид, – ҳушёр гардид.

Аз ин калимот Аммор ҷаста ба по хест ва доду фарёдкунон ин тарафу он тараф давид, то он шахсони шабехунзанандаро тарсонид.

Онҳо гурехтанд. Ӯ рӯй ба Аббод намуда гуфт:

– Субҳоналлоҳ, барои чӣ дар лаҳзаи тири аввалин маро бедор накардӣ?

Аббод чунин гуфт:

– Ман дар намоз оёти Қуръонро тиловат менамудам ва он оёт қалби маро саршори муҳаббат намуда буд, пас нахостам онро қатъ намоям. Қасам ба Худо, агар он ҳудуде, ки Паёмбари Худо (с) маро ба муҳофизати он амр намудааст, намебуд, албатта маргро тафзил мениҳодам, аз ин ки он оятҳоеро, ки мехондам, қатъ намоям.

* * *

Аббод Худо ва Расули Ӯ (с) ва дини Худоро дӯст медошт ва ин муҳаббат тамоми зиндагонӣ ва ҳиссиёти вайро фаро гирифта буд.

Ӯ аз он лаҳзае шунид, ки Паёмбари Худо (с) ба сӯи ансор, ки Аббод худаш низ аз ҷумлаи онҳо буд, хитобкунон чунин мегуфт:

– Эй гурӯҳи ансор, шумо тарафи рӯи ҷома ҳастед ва дигар мардумон астари он. Пас, мабодо аз ҷониби шумо ба сӯи ман ягон макрӯҳие наёяд.

Ман чунин мегӯям: Аз лаҳзае, ки Аббод аз Паёмбари Худо (с) ва муаллимаш ва раҳнамояш ба сӯи Худо ин суханонро шунид, ӯ ҷону молу зиндагониашро дар роҳи Худо ва дар роҳи Паёмбари Худо (с) сарф менамуд.

Дар ҷойҳое, ки маҳали қурбонӣ ва марг буд, аввалин шуда ҳозир мегардид. Ва дар ҷойҳое, ки макони ғаниматҳо ва гирифтани чизест,

дӯстонаш ба ҳазор ранҷ ӯро кофтуков менамуданд, то пайдояш кунанд, ки ҳаққашро омада бигирад.

Ӯ мутассил ибодаткунанда аст ва ибодат ҳама ҷиҳати ҳаёти ӯро фаро гирифтааст ва диловарест, ки диловарӣ ҳаёти ӯро фаро гирифтааст.

Саховатманд аст ва бахшояндагӣ ва садақаи мол вуҷуди ӯро фаро гирифтааст.

Мӯъмини бисёр боқувватест, ки зиндагониашро назри қазияи имон намудааст.

Ва ҳамаи он авсофи зикршударо дар вуҷуди ӯ ҳамаи саҳобагон медонистанд.

Оиша (р) мегӯяд:

– Се нафаре аз саҳобагон буданд, ки дар фазилат касе аз онҳо пешдастӣ нанамуда: яке Саъд ибни Муъоз, Усайд ибни Ҳузайр ва Аббод ибни Бишр.

* * *

Мусалмонони садри аввал, Аббодро ҳамчун марде мешинохтанд, ки аз ҷониби Худо ҳамроҳаш нуре ҳаст. Пас басирату биноии қалбаш, ки хеле дурахшон ва равшан буд, ӯро ҳамеша ба сӯи ҷойҳои хайру яқин беҷустуҷӯ ва машаққат раҳнамоӣ мекарданд.

Боварии бародарон ва дӯстонаш дар бораи нури ӯ то андозае буд, ки онро ба сурати ҳиссӣ ва моддӣ дар вай мутасаввир менамуданд. Ҳама бар як ақида буданд, ки Аббод чун дар торикиҳо қадам занад, як партави шуълаи нур ва рӯшноие аз вай пайдо мешавад, ки роҳашро равшан мегардонад.

* * *

Дар ҷангҳои зидди муртадон баъди вафоти Паёмбари Худо (с), Аббод масъулиятҳояшро дар як диловарии беназире ба ӯҳда гирифт.

Дар ҷанги Ямома мусалмонон бо як лашкаре рӯ ба рӯ гардиданд, ки ба сардории Мусайламаи каззоб аз сахттарин ва бомаҳораттарин лашкар буд.

Ва Аббод эҳсоси хатареро мекард, ки исломро таҳдид намуда истодааст. Ҷонфидоӣ ва ҷушу хурӯши ӯ чунон буд, ки мувофиқи масъулият ва мушкилоте, ки имонаш бар уҳдаи ӯ мегузорид, сурат мегирифтанд ва ҳамчунин ба ҳамон зинае боло мерафтанд, ки эҳсоси ӯ нибати хатари дар пешистода баланд мешуд ва аз шахсияти Аббод як фидоие месохт, ки ба ғайри маргу шаҳодат, дигар ҳеҷ чиз майл надошт.

* * *

Як рӯз пеш аз оғози ҷанги Ямома хобе дид, ки офтоби рӯзи дигар набаромада, он хоб дар болои замини маъракаи ҷанги даҳшатноки хуношоме, ки мусалмонон даргири он гаштанд, тафсир ва таъбир гардид.

Биёед саҳобаи бузург Абусаъиди Худриро бигузорем, то он хоби дидаи Аббодро ва таъбири онро барои мо қисса кунад. Баъд аз он диловарии беназиреро, ки Аббод дар рафти ҷанг аз худ нишон дод ва ба шаҳид шуданаш анҷомид бароямон бигуяд.

Абусаъиди Худри мегӯяд:

– Аббод ибни Бишр ба ман гуфт:

– Эй Абусаъид, ман ин шаб хобе дидам, ки гӯё осмон барои ман кушода шуд ва ман он ҷо даромадам. Баъд бар болои ман пӯшида шуд. Ва ман таъбири ин хобро агар Худо хоҳад, шаҳодат мебинам.

Ман гуфтам:

– Қасам ба Худо, хоби хубе дидаӣ.

Ва рӯзи Ямома ӯро дидам, ки ансорро ба набард даъват мекард, ки ғилофи шамшерҳоятонро бишиканед ва аз мардум ҷудо шавед.

Пас 400 марди ҷанговар ба сӯяш давиданд, ки ҳамагӣ аз ҷумлаи ансор буданд, то ин ки ба дари боғ расиданд ва ниҳоят сахт ҷангиданд.

Аббод ибни Бишр дар ҳамин набард шаҳодат ёфт. Ва ман дар чеҳрааш асари зарби бисёреро дидам, ки ӯро шинохта намешуд. Ва ман ӯро аз баъзе аломатҳои дар баданаш буда шинохтам.

* * *

Пеш аз шаҳид шуданаш, вақте ки дар ибтидои маърака оқибати ин ҷанги хуношомро ӯ ба нафъи душманон медид, он суханони Паёмбари Худоро (с) ба қавми ӯ аз аҳли ансор ишора шуда буданд, ба ёд овард:

– Эй қавми ансор, шумо тарафи рӯи ҷома ҳастед, мабодо аз ҷониби шумо ба сӯи ман макрӯҳие ба вуқӯъ пайвандад.

Ин садои Паёмбари Худо (с) дилу ҷони ӯро то андозае саршор сохта буд, ки гумон мекард Паёмбари Худо (с) ҳамон ҷо ҳузур дорад. Ва ҳамин калимаҳоро такрор мекунад.

Аббод чунин эҳсос кард, ки масъулияти ин маърака ҳамагӣ танҳо ба дӯши ансор аст. Ё беш аз дигарон бар ӯҳдаи ансор аст. Аз ҳамин ҷиҳат болои теппачае баромада ба фарёд кардан даромад:

– Эй гурӯҳи ансор, шумо ғилофи шамшерҳоро бишканед ва аз мардум ҷудо шавед !

Вақте ки нидои ӯро 400 нафар аз ансор лаббайк гуфтанд, роҳбарии онҳоро ӯ ва Абудаҷона ва Барроъ ибни Молик ба ӯҳда гирифтанд. Ва онҳоро ба сӯи он боғчаи марг бурданд, ба он ҷое ки лашкари Мусайлама он ҷо паноҳ бурда буданд.

Ин диловар дар он ҷо чунон ҷангид, ки сазовори рафтори марди мӯъмин ва ансор буд.

* * *

Ана дар ҳамин рӯзи бузург Аббод ҷоми шаҳодат нӯшид ва он хобе, ки ӯ дирӯз дида буд, рост баромад. Магар ӯ надида буд, ки дари осмон барояш кушода шуд, то он даме, ки аз ҳамон сӯрохии кушодашуда ӯ даромад. Пас осмон дубора баргашта пӯшида гардид.

Ва ӯ худаш ин хобро чунин тафсир намуд, ки рӯҳи ӯ зуд аст дар ҳамин маъракаи дар пеш истода, ба сӯи созанда ва холиқи худаш боло хоҳад рафт.

* * *

Ба таҳқиқ, он хоб рост баромад ва он таъбири кардаи Аббод низ рост баромад.

Дарҳои осмон кушода гардиданд, то ба як сурурру фараҳ рӯҳи Аббод ибни Бишрро истиқбол намояд. Рӯҳи мардеро, ки ҳамроҳи ӯ нурест аз ҷониби Худованд.

## 56. СУҲАЙЛ ИБНИ АМР
## Аз озодшудагон ба сӯи шаҳидон

**Чун ӯ дар ғазои Бадр ба дасти мусалмонон асир афтод, Умар ибни Хаттоб (р) ба Паёмбари Худо (с) наздик шуда гуфт:**

– Эй Паёмбари Худо (с), маро бигузор дандонҳои пеши Суҳайл ибни Амрро кашида партоям, то минбаъд натавонад, ки дар муқобили ту хатиб ва сухангӯ бошад.

Вале Паёмбари Худо (с) чунин ҷавобаш дод:

– На, ҳаргиз эй Умар. Ман ҳеҷ нафарро мусла намекунам, пас Худованд дар бадали ин маро мусла кунад, агарчанде, ки паёмбар ҳам бошам.

Баъд аз он Умарро ба сӯи худ наздик хонд ва гуфт:

– Эй Умар, шояд Суҳайл фардо дар коре чунон мавқифгирӣ кунад, ки туро хурсанд намояд.

* * *

Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд ва пешгӯии Паёмбари Худо (с) рост баромад.

Ва яке аз хатибони Қурайш дар ҷоҳилият Суҳайл ибни Амр, ба як хатиби бузурги ислом мубаддал гардид.

Ва як мушрики кинавар, ба як мӯъмини руҷӯъкунанда ба сӯи Худо мубаддал гашт, ки аз тарси Худованд аз гиря об дар чашмаш ҳеҷ боз истода наметавонист.

Ва яке аз пешвоёни бузурги Қурайш ва лашкаркашони он ба як ҷанговари хеле неруманд дар роҳи ислом мубаддал гардид, як ҷанговаре, ки бо нафси худ аҳд карда буд, ки ҳамеша дар роҳи Худо дар ҷиҳод бошад, то он даме, ки марг ӯро дар ин роҳ дарёбад ва шояд Худованд гуноҳони гузаштаи ӯро бо ин роҳ мағфират кунад.

Пас ин мушрики саркаш ва дар охир мӯъмини ботақвои шаҳид, кӣ бошад?

* * *

Ӯ Суҳайл ибни Амр аст.

Яке аз пешвоёни шинохтаи Қурайш ва яке аз ҳакимон ва соҳиби раъй дар миёни Қурайш аст. Ӯ касест, ки Қурайшиён ӯро тарғиб менамуданд, ки Паёмбари Худоро (с) барои надаромадан ба Макка дар соли сулҳи Ҳудайбия қонеъ гардонад.

Ин воқеъа чунин рӯй дод:

Дар охирҳои соли шашуми ҳиҷрӣ Паёмбари Худо (с) ва дигар саҳобагони вай ба қасди Макка берун омаданд, то Байтулҳаромро зиёрат кунанд ва ҳаҷҷи умраро анҷом бидиҳанд.

Онҳо бо ин сафарашон ҳеҷ иродаи ҷанг надоштанд ва барои ҷанг низ омода набуданд.

Чун Қурайш аз он таваҷҷуҳи мусалмонон ба сӯи Макка огаҳӣ ёфтанд, барои бастану манъ намудани роҳи мусалмонон берун омаданд.

Вазъият хеле бӯҳронӣ гардид.

Паёмбари Худо (с) ба саҳобагонаш гуфт:

– Имрӯз ҳар пешниҳодеро Қурайш баён кунад ва дар он тарҳе бошад, ки аз ман дар бобати пайванди хешовандӣ чизе дархост намоянд, ман онро қабул мекунам.

Ва Қурайшиён шахсони миёнараву муҳосилонро пайи ҳам ба сӯи Паёмбари Худо (с) фиристодан гирифтанд.

Паёмбари Худо (с) ҳамаи онҳоро огоҳ мекард, ки ман барои ҷанг наомадаам. Фақат барои зиёрати Байтулҳаром омадаам ва барои бузургдошти ҳурматҳои ин макон.

Ва ҳар вақте як фиристодаи Қурайш ба сӯи онҳо бозмегашт, онҳо як нафари аз лиҳози сабру таҳаммул қавитареро мефиристоданд.

Оқибат Урва ибни Масъуди Сақафиро фиристоданд, ки аз ҳамаи он сухангӯён қавитар ва бофаҳмтар буд.

Қурайш гумон бурданд, ки Ӯрва барои қонеъгардонии Паёмбари Худо (с), барои бозгаштан ва надаромадан ба Макка қодир аст.

Валекин дере нагузашта ӯ баргашт ва ба онҳо гуфт:

– Ба таҳқиқ ман дар ҳузури Кисро шоҳи Форс, Қайсар малики Рум ва Наҷҷошӣ дар Ҳабаша будам. Қасам ба Худо, ҳаргиз маликеро дар мулкаш надидам, ки он қадар ӯро қавмаш бузургдошт кунанд, ба дараҷае, ки асҳоби Муҳаммад, Муҳаммадро бузургдошт ва эҳтиром менамоянд.

Дар атрофи ӯ қавмеро дидам, ки ҳаргиз ӯро барои бадие таслим нахоҳанд кард. Шумо дар оқибати коратон андеша кунед.

* * *

Дар ҳамин лаҳза Қурайш боварӣ ҳосил намуд, ки аз ин найрангҳо фоидае нест ва қарор доданд, ки ба гуфтушунид ва сулҳ пардозанд. Ва барои ин мушкилаи пеш омада як шахси босалоҳият ва дар ин боб соҳибтаҷрибаро интихоб намуданд, ки ӯ Суҳайл ибни Амр буд.

Чун мусалмонон диданд, ки Суҳайл ба сӯи онҳо омада истодааст, ӯро шинохтанд ва дарк намуданд, ки Қурайш роҳи якдигарфаҳмӣ ва мусолиҳаро авлотар донистааст. Модоме, ки охируламр Суҳайлро фиристодаанд.

Суҳайл дар пеши дастони Паёмбари Худо (с) нишаст ва байни онҳо гуфтугӯи тӯлоние сурат гирифт, ки оқибат ба сулҳ тамом шуд.

Суҳайл хеле кӯшиш кард ва барои Қурайш дар ин сулҳ бартариятҳои зиёде ба даст овард. Ва барои ин дастовардаш гузашту асилзодагӣ ва бузургие, ки Паёмбари Худо (с) тавассути он гуфтушунидро ва сулҳро доир мекард, мусоъидат менамуд.

Рӯзҳо пайи ҳам гузаштан гирифт ва ниҳоят соли ҳаштуми ҳиҷрӣ фаро расид.

Баъди он ки Қурайш аҳд ва паймонашро бо Паёмбари Худо (с) шикаст, Паёмбари Худо (с) ва асҳоб ба қасди фатҳи Макка берун рафтанд.

Муҳоҷирин ба сӯи ватанашон, ки дирӯз маҷбуран хориҷ карда шуда буданд, бозгардиданд.

Онҳо бозгардиданд ва ҳамроҳашон ансоре низ омаданд, ки онОнро дар Мадинаашон ҷой ва бар нафсҳои худашон онҳоро бартарӣ дода буданд. Ва ислом ҳамагӣ бозгардид ва дар фазои Макка байраққҳои зафармандаш парафшонӣ менамуданд.

Ва Макка тамоми дарҳояшро кушод ва мушрикон дар ҳолати ҳайратзадагӣ қарор ёфтанд.

Онҳо ба худ меандешиданд, дар ҳоле, ки онҳо пеш аз ин дар миёни мусалмонон қуввату зӯрашонро истифода намуданд, чӣ аз рӯи куштор ва сӯзонидан ва азоби ҷисмиву гурӯснагӣ, имрӯз оқибати кори онҳо чӣ мешуда бошад?

Паёмбари Худо (с) бо худ раво надид, ки онҳоро дуру дароз зери фишори ин эҳсосоти зиллатбор ва хастакунанда нигоҳ доранд.

Ӯ бо як сабру бурдборӣ дар ҳоле, ки аз ларзиши овози ба раҳму шафқаташ меҳрубонӣ ва нармӣ мечакид, ба онҳо рӯ оварда гуфт:

– Эй ҷамоъаи Қурайш, шумо чӣ гумон доред, ки ман алҳол дар ҳаққи шумо чӣ хоҳам кард?

Ин ҳангом як нафари дирӯз ба ислом душман, Суҳайл ибни Амр бархост ва дар ҷавоби Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Мо аз ту некиро умед дорем, ту як бародари бахшандаву бокарам ҳастӣ ва фарзанди бародари бокарам мебошӣ.

Ин дам як табассуми аз нур дар лабони маҳбуби Худо (с) ҳалқа зад ва ба онҳо нидо карда гуфт:

– Шумо ҳама биравед, шумо озод ҳастед.

Ин суханони Паёмбари ғолиб (с) ҳеҷ инсони соҳиби идроки зиндаро намегузорад, ки аз рӯи итоатгорӣ ва хиҷолат, балки аз рӯи пушаймонӣ нагудозад.

Дар ҳамин лаҳза ин мавқифи пур аз асилзодагӣ ва азамати саршор тамоми эҳсоси Суҳайл ибни Амрро бедор намуд ва ӯ ба Худованди парвардигори оламиён имон овард.

Ислом овардани Суҳайл ин соат мисли ислом овардани як шахси шикастхӯрда набуд, ки ба тақдираш таслим мешуда бошад, балки чунончи зиндагии ояндааш пардаро аз рӯи ин ҳақиқат бардошт ва онро ошкоро сохт, исломи марде буд, ки азамати Муҳаммад (с) ва азамати ин дине, ки Муҳаммад (с) мувофиқи таълимоти ӯ аз он истифода мекунад, ӯро дар ҳайрат афганда ва асираш сохта буд.

* * *

Ба он нафароне, ки рӯзи фатҳи Макка ислом оварда буданд, номи озодшудагон дода шуд. Яъне, касоне, ки бахшиши Паёмбари Худо, вақте ки ба онҳо гуфт:

– Биравед, шумо озодшудагонед, онҳоро аз ҷодаи ширк ба Ислом овард.

Магар ки як гурӯҳе аз ин озодшудагон ба сабаби ихлосмандии мустаҳкамашон ба сӯи уфуқҳои дуродури азхудгузарӣ, ибодат ва покӣ суъуд намуданд, ки онҳоро дар сафҳои аввалини байни саҳобагони некукори Паёмбари Худо (с) ҷой дод ва аз ҳамин гурӯҳ яке Суҳайл ибни Амр аст.

* * *

Ӯро дини Ислом аз сари нав қолабрезӣ кард. Ва тамоми қобилиятҳои пешинаи ӯро сайқал дод ва ба онҳо илова намуд. Баъд аз он ҳамаро якҷоя дар хидмати ҳақ, некӣ ва имон ниҳод.

Ӯро бо чанд калима ситоиш намуданд:

– Гузаштkунанда, саховатманд, бисёрнамозгузор ва рӯзадор ва садақадиҳанда ва қироъати Қуръонкунанда ва бисёр гирянда аз тарси Худо.

Ана ҳамин гуфтаҳо азамати Суҳайл аст. Ӯ ба замми ин ки рӯзи фатҳи Макка имон овардааст, на пештар. Ӯро мебинем, ки дар исломаш ва дар яқинаш рост мемонад, то он андозае, ки дар он бар болои тамоми нафсаш ғолиб меояд ва ба як шахсияти ибодатгор,

зоҳид, як фидоии муҷоҳид дар роҳи Худо ва ислом мубаддал мегардад.

Чун Паёмбари Худо (с) риҳлат кард ва ҳамин ки хабар ба Макка расид, мусалмонони ин диёрро, ки Суҳайл он вақт дар Макка зиндагонӣ мекард, як бесарусомонӣ ва ҳайратзадагӣ фаро гирифт. Ба ҳамон ҳадде, ки мусалмонони Мадинаро фаро гирифта буд. Ва вақте ки ҳайратзадагӣ ва бесарусомонии Мадинаро он соат Абубакр (р) ба суханони қотеъаш пароганда намуд ва гуфт:

– Касе, ки Муҳаммадро (с) ибодат мекард, пас ба дурустӣ, ки Муҳаммад (с) вафот кард. Ва агар касе Худоро мепарастад, пас ба дурустӣ, ки Худованд зиндааст ва намемирад.

Пас моро таъаҷҷуб фаро мегирад, чун Суҳайлро мебинем, ки ӯ дар ҳамон мавқифе қарор дошт, ки дар Мадина Абубакр (р) истода буд. Пас тамоми мусалмононро ҷамъ кард ва дар миёнашон бархоста онҳоро бо суханони тасаллибахши худ чунин хабар дод, ки дар ҳақиқат Муҳаммад (с) Расули Худо буд ва ӯ то амонати Худоро анҷом надод ва рисолаташро ба мардумон нарасонид, аз дунё нагузашт. Ва акнун бар мӯъминон лозим аст, ки баъди гузаштани ӯ дар рафтани роҳу тариқати вай кӯшиш ба харҷ бидиҳанд.

Ва бо ин мавқифгирии Суҳайл ва бо он суханони раҳнамо ва имони мустаҳкамаш як фитнаеро аз мардум дур кард, ки наздик буд бо шунидани хабари вафоти Паёмбари Худо (с) имони баъзе мардумро дар Макка аз беху бун барканад.

Дар ҳамин рӯз пешгӯии Паёмбари Худо (с) нисбати дигар лаҳзаҳо дурахшон ва равшан аён гардид.

Паёмбари Худо (с) ҳангоми асир шудани Суҳайл дар Бадр вақто ки Умар (р) аз ӯ иҷоза пурсид, ки дандонҳои пеши Суҳайлро барканад, чунин гуфта буд:

– Онҳоро бигузор, шояд рӯзе онҳо туро хурсанд намоянд.

Пас дар он рӯз ва дар он ҳоле, ки хабари чунин мавқифгирии Суҳайл дар Макка ва он хитоби олие, ки имонро дар дилҳо собит ва барқарор сохт, ба мусалмонони Мадина расид. Умар ибни Хаттоб (р), он пешгӯии Паёмбари Худоро (с) ба ёд овард ва дуру дароз хандид, зеро медид, ки он рӯзе фаро расид, ки ислом дар он рӯз ба он дандонҳои Суҳайл ки Умар (р) мехост онҳоро биканад, нафъ бурд.

* * *

Чун Суҳайл рӯзи фатҳи Макка ислом овард ва баъди он ки ҳаловати имонро чашид, бо нафси худ чунин аҳд кард, ки дар ин чанд калима онҳоро хулоса кард:

– Қасам ба Худо, ҳеҷ мавқиферо, ки дар он бо ҳамроҳии мушрикон будам, фурӯ намегузорам, магарки ҳаммонанди он бо мусалмонон хоҳам истод. Ва ягон нафақаеро, ки ҳамроҳи мушрикон инфоқ намудаам, фурӯ намегузорам, магар ки бо мусалмонон ҳаммонанди онро нафақа хоҳам кард. Шояд ин корҳои ман дар баробари баъзеи дигараш қарор гиранд.

Ӯ ҳамроҳи мушрикон дурудароз дар ҳузури бутҳои онҳо истод.

Бигузор акнун дурудароз ҳамроҳи мӯъминон дар ҳузури Худованди воҳиду аҳад биистад.

Ҳамчунин ӯ рӯ ба намоз овард. Мехонду мехонд.

Ва рӯза медошту рӯза медошт.

Ва ҳеҷ ибодатеро, ки рӯҳи ӯро ҷило мебахшад ва ӯро ба Парвардигори баландмартабааш наздик месозад, фурӯ намегузошт ва аз вай насибаи комиле барои худаш мегирифт.

Ҳамчунин, ӯ дирӯз ҳамроҳи мушрикон зидди ислом дар ҳолати ҷангу душманӣ қарор дошт.

Пас бояд акнун ҷои худро дар миёни лашкари ислом бигирад. Ҳамчун муқотили шуҷоъ ҳамроҳи лашкариёни роҳи ҳақ оташи Форсро хомӯш бисозад. Он оташе, ки онро ба ғайри Худо парастиш менамуданд ва дар он ҳастиву бақои миллатҳоеро, ки онҳо зери юғи ғуломии хеш қарор медоданд, месӯзониданд ва низ ҳамроҳи лашкари ҳақ бар болои ақидаҳои торику зулмонӣ ва зулму ситами Румиҳо мисли тӯфон бидаманд ва дар ҳама ҷой калимаи тавҳид ва тақворо интишор намоянд.

Ҳамчунин ӯ ҳамроҳи лашкари мусалмонон ба сӯи Шом равона шуд. Ва дар ҷангҳои он ҷо ширкат намуд.

Рӯзи ҷанги Ярмук дар он ҷое, ки мусалмонон дар набард дохил шуда буданд, Суҳайл ибни Амр аз ғояти хурсандӣ аз ҷояш мепарид, зеро ӯ ин фурсати хеле пуршукӯҳро дарёфт намуда буд, то аз вуҷуди худ дар ин рӯзи сахт як чизе бисозад, ки ба воситаи он хатоҳои дар даврони ҷоҳилият ва ширк содиркадашудаашро бишӯяд ва онро нест созад.

* * *

Ӯ ватанаш, Маккаро онҷунон дӯст медошт, ки ҳатто вуҷуди хешро аз баҳри он фаромӯш мекард. Вале бо вуҷуди ин ҳатто баъди нусрат

ёфтани мусалмонон дар Шом ӯ аз бозгаштан ба сӯи Макка сарпечӣ намуд ва гуфт:

– Ман аз Паёмбари Худо (с) шунидаам, ки мегуфт:

– Истодани яке аз шумо як соате дар роҳи Худо, беҳтар аст барои он шахс аз ибодати дар тӯли умр анҷоимдодаи вай.

Ва ман дар посбонии сарҳадоти ислом дар роҳи Худо то мурданам ин ҷо мемонам ва ба Макка ҳаргиз барнамегардам.

* * *

Ва Суҳайл ба ин аҳдаш вафо намуд ва боқимондаи ҳаёташро дар посбонии сарҳадоти ислом ба сар бурд, то он даме, ки замони риҳлаташ фаро расид. Пас рӯҳаш ба сӯи раҳмат аз ҷониби Худованд ва ризои ӯ бо суръат парвоз кард.

## 57. АБУМӮСОИ АШЪАРӢ
### Ихлос барои Худо ва баъди он ҳар чӣ бодо, бод!

**Ҳангоме ки Умар ибни Хаттоб (р) ӯро ба Басра ҳамчун амир ва волии он ҷо фиристод, ӯ аҳолии Басраро ҷамъ намуда дар миёнашон барои хутба бархост ва гуфт:**

– Амири мӯъминон Умар (р) маро ба сӯи шумо фиристод, то китоби Худоро барои шумо биёмӯзонам. Ва суннати Паёмбари Худоро (с) баён кунам ва роҳҳои шуморо покиза гардонам.

Ин ҳангом ҳайрату таъаҷҷуб мардумро сахт фаро гирифт, зеро онҳо медонистанд, ки чӣ гуна тарбияву донишманд кардани мардум ва омӯзонидани динашон аз воҷиботи амир ва ҳоким аст, аммо ин ки аз воҷиботи вай покиза намудани роҳҳои онҳо бошад, пас ин чизи навест барояшон, балки ҳаяҷоновар ва аҷиб аст.

Пас он волие, ки Ҳасан (р) дар борааш чунин гуфтааст:

– Ҳеҷ савораи ба Басра омада, аз Абумӯсо дида беҳтар набуд, кӣ бошад?

* * *

Ӯ Абдуллоҳ ибни Қайс аст, ки бо кунияти Абумӯсои Ашъарӣ ёд мешавад.

Ӯ аз Яман, ки сарзамин ва ватани ӯст, дарҳол баъди шуниданаш ба зуҳури паёмбаре дар он ҷо ки бо калимаи тавҳид садо баланд намудааст ва бо биниши ошкоро ба сӯи Худо даъват менамояд ва бо макорими ахлоқ амр мекунад, ҷудо шуда рӯ ба сӯи Макка овард.

Дар Макка дар пеши дастони Паёмбари Худо (с) нишаст ва аз вай ҳидоят ва яқинро омӯхт ва ба сӯи сарзаминаш баргашт, ки бо худ сухани Худоро бардошта мебурд. Ва баъд аз гузашти солҳо баъди фароғи Паёмбари Худо (с) аз фатҳи Хайбар ба сӯи Паёмбари Худо (с) бозгардид.

Ва омадани ӯ бо қудуми Ҷаъфар ибни Абутолиб мувофиқ омад, ки ҳамроҳи рафиқонаш аз Ҳабаша бармегаштанд.

Паёмбари Худо (с) барои ҳамаашон аз моли ғанимати Хайбар якҷоя саҳмия ҷудо кард.

Дар ин дафъа Абумӯсо танҳо барнагашт, балки ҳамроҳи вай зиёда аз панҷоҳ нафар мардон аз аҳолии Яман омада буданд.

Онҳо касоне буданд, ки Абумӯсо ба онҳо исломро талқин намуда буд ва ду бародари насабиаш, яке Абуруҳм ва дигаре Абубурда низ бо вай буданд.

Ва Паёмбари Худо (с) ин гурӯҳи намояндагони Яманро, балки тамоми қавми Абумӯсоро Ашъариён номид. Ва Паёмбари Худо (с) онҳоро чунин васф намуда буд, ки онҳо дилсӯзтарини мардумон ҳастанд ва бисёр вақт барои саҳобагон афъоли онҳоро зарбулмасал мезад. Дар бораи онҳо чунин мегуфт:

– Ашъариён ҳар вақте ки дар ҷангҳо нафақаашон тамом шавад ё дар наздашон таъомашон кам монад, ҳар он чизе, ки дар наздашон боқист, дар як матоъ ҷамъ мекарданд, баъд аз он онро дар миёнашон баробар тақсим менамуданд. Пас ман аз онҳоям ва онҳо аз мананд.

* * *

Абумӯсо аз ҳамин рӯзи аввали омаданаш ҷои доимиаш ва олияшро дар миёни мусалмонон ва мӯъминон гирифт. Он мӯъминоне, ки тақдир рафта будааст, ки саҳобагону шогирдони Паёмбари Худо (с) ва ҳомилони ислом бошанд ба сӯи дунё дар тамоми асрҳо ва замонҳо.

* * *

Абумӯсо як шахсияте буд бо сифатҳои аҷибе.

Ӯ ҷанговари ҷасур ва мубоbooризи устувору боқуввате буд , агар зарурат ба ҷанг афтад ва дар акси ҳол сулҳдӯст, покизарафтор ва ҷиддӣ ва дар ғояти покизагию тавозӯъ буд. Ва ӯ фақеҳу донишманд аст, эҳтиёткору бо ақлу тадбиру бо ҳӯш аст. Ӯ фаҳмашро ба сӯи корҳои муғлақ хеле хуб равона месозад ва дар фатво ва ҳукм моҳе буд тобон, то ҳадде, ки дар ҳаққаш гуфта шудааст:

Қозиҳои ин уммат чор нафаранд: Умар ва Алӣ, Абумӯсо ва Зайд ибни Собит разияллоҳу ъанҳум аҷмаъин.

Ва ӯ бо иловаи ҳамаи ин соҳиби фитрати беолоише буд, ки агар касе ӯро дар роҳи Худо бифиребад, таҳти фиреби ӯ қарор мегирифт. Ва ӯ дар муқобили масъулиятҳояш хеле соҳиби муҳаббати бузург аст ва бо мардум бовариии зиёд дорад. Агар мо аз ҳақиқати зиндагонии вай шиъоре бисозем, албатта иборат аз ин хоҳад буд:

Аввалан ихлос барои Худо, пас ҳар чӣ бодо бод!

Дар маъракаҳои ҷиҳод Абумӯсои Ашъарӣ масъулиятҳои худашро бо як ҷонфидоии бузургона анҷом медод, ба он андозае, ки Паёмбари Худо (с) дар борааш чунин гуфтааст:

– Саркардаи саворагон, Абумӯсо аст.

Ва ба таҳқиқ вай барои мо сурати зиндагонии хешро ҳамчун ҷанговар чунин баён месозад:

– Мо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ғазое берун рафтем ва дар он сафар пойҳои мо кафида сӯрох шуданд ва пойҳои ман низ кафиданд, то ҳадде, ки нохунҳоям афтиданд ва мо пойҳоямонро бо латтапораҳо мебастем.

Ва ҳаргиз хушмуомилагиву хубӣ ва дилу нияти софаш боиси он намегардид, ки душманеро дар вақти ҷанг ба сӯи ӯ дар тамаъ андозад. Пас ӯ дар чунин мавридҳо ба корҳо хеле борикбинона ва равшан назар мекард ва бо як азимати муаккад он корҳоро аз ҳам ҷудо мекард ва ҳаллу фасл менамуд.

Дар ҳоле, ки мусалмонон билоди Форсро фатҳ мекарданд, чунин ҳодисае рӯй дод, ки Абумӯсо бо лашкараш бар болои сокинони Исфаҳон омад, ки бо ӯ ба додани ҷизя сулҳ баста буданд ва ба онҳо аҳд баст, вале онҳо дар ин паймонашон содиқ набуданд. Онҳо ирода доштанд, ки бо ин сулҳ барои худашон як фурсати муносибе барои омодагӣ ба як зарбаи хоинона шароит фароҳам биёваранд.

Вале зиракиву фаҳми Абумӯсо, ки дар чунин мавриди ҳоҷат ҳамеша ҳозир аст, ин нияту кор ва мақсадҳои ғаддоронаи онҳоро дарк намуд.

Чун онҳо қасд карданд ба ӯ ва лашкаркаш бо ҳуҷуми ногаҳонӣ зарба бизананд, натавонистанд. Дар ин вақт ӯ бо онҳо ба ҷанг бархост ва рӯз нисф нашуда пирӯзӣ ба даст овард.

* * *

Ва дар дигар набардҳое, ки мусалмонон зидди империотурии Форс даргир шуданд, барои Абумӯсо корнамоиҳои бузург ва ҷиҳоди каримонае сабт ҳаст.

Дар ҷанги Тустар дар он ҷое, ки Ҳурмузон бо лашкараш ба он ҷо ҳаракат менамуд ва дар он ҷо қалъанишин шуда лашкари бекароне ҷамъ овард. Абумӯсо диловари ин майдон буд.

Амири мӯъминон Умар (р) он рӯз ӯро бо лашкари бекарони мусалмонон ёрӣ намуд, ки дар сардории он лашкари ба ёрӣ, омада, Аммор ибни Ёсир, Барроъ ибни Молик ва Анас ибни Молик ва Маҷзаъату-л-Букро ва Салма ибни Раҷоъ ҳозир буданд.

Ва ду лашкар бо ҳам бархурд намуданд. Лашкари мусалмонон бо сардории Абумӯсо ва лашкари Форс бо сардории Ҳурмузон дар сахттарин набард қитол карданд.

Форсҳо ба дохили шаҳри Тустар, ки қалъабандӣ шуда буд, қафонишинӣ карданд ва мусалмонон шаҳрро муддати дарозе муҳосира намуданд, то Абумӯсо донишу заковаташро ба кор андохт.

Ӯ 200 савораро ҳамроҳи як марди зархариди форсӣ, ки Абумӯсо бо ваъдаи симу зар ӯро дар тамаъ андохт, то ки ӯ бо ҳилаву найранг яке аз дарҳои шаҳрро пеши рӯи лашкари пешоҳанги ӯ бикушояд, фиристод.

Ва ҳамин ки дарҳои шаҳр боз шуданд, он 200 нафар ба шаҳр зада даромаданд. Ва Абумӯсо бо лашкараш ба дохили шаҳр ворид шуд ва дар чанд соат ин қалъаи хеле муҳимро ишғол намуд ва сардорони лашкари Форс таслим гардиданд, Абумӯсо онҳоро ба Мадина фиристод, то амири мӯъминон дар бораашон ҳукм кунад.

* * *

Ин ҷанговари соҳибқудрат, ба муҷарради ин ки майдони набардро тарк кард, ба як шахсияти руҷӯъкунанда ба Худо ва гирён ва бо тавозуъ ва мисли гунҷишк бечора мегардид.

Ӯ Қуръонро бо овозе мехонд, ки қалби шунавандаро ба шӯр меовард. Ин аст, ки Паёмбари Худо (с) дар бораи вай гуфта буд:

– Ба Абумӯсо ҳанҷарае мисли ҳанҷараи оли Довуд (а) ато шудааст.

Ҳаргоҳ ки Умар (р) ӯро медид, даъваташ менамуд, то барояш аз китоби Худо бихонад ва ба ӯ мегуфт:

– Моро ба сӯи парвардигорамон ташвиқ кун, эй Абумӯсо!

Инчунин ӯ ҳеҷ гоҳ дар ҷанге иштирок накардааст, магар ки он ҷанг зидди лашкари мушрикон бошад, лашкаре, ки бар зидди дин муқовимат мекунад ва мехоҳад нури Худоро хомӯш гардонад.

Аммо чун ҷанг байни мусалмон ва мусалмони дигаре бошад, пас ӯ аз ин ҷунг гурезон аст ва ҳаргиз дар он фаъолияте надорад.

Ва мавқифгирии ӯ дар низоъи Алӣ (р) ва Муъовия баръало равшан буд.

Шояд ҳамин нуқтаи қисса моро ба бузургтарин мавқифи ҳаёташ аз рӯи шӯҳрат бирасонад ва он мавқифи ӯ дар ҳакам қарор гирифтанаш байни имом Алӣ (р) ва Муъовия аст.

Он мавқифе, ки аксаран ҳамчун нишона ва шоҳид барои аз ҳад гузаронидани Абумӯсо дар хоксорӣ ва меҳрубонии ӯ пешкаш карда мешавад, то ҳадде, ки фиребиданаш осон мегардад.

Воқеъан раъйи Абумӯсо дар қазияи ҳукм ин тавр хулоса мегардад: ӯ мусалмононро мебинад, ки баъзеашон баъзеи дигарро мекушанд ва ҳар фирқае барои ҳокиме ва ё имоме таъассуб меварзанд.

Ӯ мавқифи байни гурӯҳҳои мутахосимро мебинад, ки ҳалли он дар дараҷаи бӯҳронӣ ва номумкинӣ расидааст ва масири уммати мусалмонро билкул дар партгоҳи ҳалокат овардааст.

Мо чунин мегуем, ки чун ҳол ба ин дараҷа расидааст, раъйи ӯ дар тағйир додани тамоми мавқиф ва аз нав ибтидо намудани он, хулоса мегардад.

Ҷанги хонаводагӣ, ки он рӯз қоим буд, ба таҳқиқ байни ду тоифае аз мусалмонон давр мехӯрад, ки дар атрофи шахсияти ҳоким низоъу кашмакаш менамоянд.

Пас чӣ мешавад, ки имом Алӣ (р) аз мақоми хилофаташ муваққатан барканор шавад ва Муъовия низ аз мақомаш фурӯд ояд, ба шарти ин ки тамоми амри интихоби ҳоким аз нав ба ӯҳдаи мусалмонон вогузор гардад, ки ба тариқи шуро халифаеро, ки мехоҳанд, ихтиёр кунанд.

Ҳамчунин дар сари ин қазия Абумӯсо андешаронӣ намуд ва ҳамин тавр барои он роҳи ҳалле пайдо намуд.

Ин дуруст аст, ки бо имом Алӣ (р) ба халифагӣ ба таври саҳиҳ байъат карда шуд. Ва дуруст аст, ки ҳар саркашиву тамарруди ғайри машрӯъро лоиқ нест, ки имкон дода шавад, то ба ғаразҳои худ, ки соқит кардани ҳаққи машрӯъ аст, бирасад. Вале ба дурустӣ, ки кор дар низоъи имом Алӣ (р) ва Муъовия ва байни аҳли Ироқ ва аҳли Шом ба фаҳмиши Абумӯсо ба нуқтаи олие расида буд, ки роҳи нави муҳокима ва ҳаллу фаслро лозим мегардонид.

Пас саркашии Муъовия танҳо як саркашӣ набуд ва ноитоатгарии аҳли Шом танҳо муҷарради сарпечӣ набуд.

Тамоми ин мухолифатҳо танҳо як ноҷурие дар раъй ва ё дар ихтиёру интихоб набуд, балки ба таҳқиқ тамоми ин нобасомониҳо ба як ҷанги қавмии хуношоме мубаддал гардида буд, ки дар асари он ҷони ҳазорон нафар аз ду тараф зоеъ гардид ва ҳоло ҳам Ислом ва мусалмононро ба бадтарини оқибат таҳдид мекард.

Пас барчидану дур намудани сабабҳои низоъ ва ҷанг ва дуруст намудани атрофи он дар фикри Абумӯсо нуқтаи ибтидоӣ дар роҳи халосӣхоҳад буд.

Раъйи имом Алӣ (р) ҳангоми пазируфтани раъйи таҳким чунон буд, ки дар ҳакам қарор додан Абдуллоҳ ибни Аббос ва ё як нафари дигареро, ки ғайри ӯст, аз дӯстонаш маъмур созад, лекин як гурӯҳи бузурге аз соҳибқудратон дар ҷамоъаи вай ва лашкараш бар болои халифа Абумӯсои Ашъариро ба фишор ҳакам қарор доданд. Ҳуҷҷати онҳо дар ихтиёр намудани Абумӯсо ин буд, ки вай на танҳо дар низоъи байни Алӣ (р) ва Муъовия, аз лаҳзаи аввали оғози низоъ иштирок надошт, балки баъди ноумед гардиданаш аз ҳамл намудани

онҳо ба якдигарфаҳмӣ ва сулҳ ва тарк намудани ҷанг, аз ҳарду гурӯҳ худро канора гирифт. Пас ӯ бо ин бартариятҳо ҳақдортарини мардум аст ба ҳакам қарор гирифтанаш.

Дар диндории Абумӯсо ва дар ихлосу сидқаш ҳеҷ чизе набуд, ки имом Алиро (р) дар шубҳа андозад, лекин ӯ нияту мақсадҳои тарафи муқобилро дарк мекард ва андозаи эътимоди онҳоро ба найрангу фиреб хуб медонист. Ва Абумӯсо бо вуҷуди фақеҳ ва соҳибилм буданаш, фиребу найрангро бад медид ва дӯст медошт, ки бо мардум бо ростиву садоқаташ муъомила кунад, на ба зиракиаш. Аз ҳамин ҷиҳат имом Алӣ (р) хавф мебурд, ки мабодо Абумӯсо дар муқобили тарафи хасм фиреб нахӯрад ва ин ҳакамқарордиҳӣ аз як ҷониб ба найранге табдил шавад, ки якбора бадии корро зиёд гардонад.

* * *

Бо вуҷуди ин ҳама таҳким дар миёни ду гурӯҳ шурӯъ гардид.

Абумӯсои Ашъарӣ ҷабҳаи имом Алиро намояндагӣ мекард ва Амр ибни Ос ҷониби Муъовияро намоянда буд.

Дар ҳақиқат Амр ибни Ос барои гирифтани байрақ барои Муъовия, ба зиракии тези худ ва ҳиллаи домандораш эътимод менамуд.

Ва иҷтимоъи байни ин ду мард, Ашъарӣ ва Амр бо як пешниҳоди матраҳнамудаи Абумӯсо оғоз гардид. Ва пешниҳод ин буд, ки ин ду ҳакам барои таъйини номзадии Абдуллоҳ ибни Умар иттифоқ кунанд, балки барои эълони ӯ ҳамчун халифаи мусалмонон муттафиқ гарданд, ин аз он сабаб буд, ки Абдуллоҳ ибни Умар аз як иҷмоъи чашмгӣре бар муҳаббат ва бузургдошту иҷлоли ӯ аз тарафи мардум бархурдор буд.

Амр ибни Ос дар ин майли Абумӯсо фурсати хеле бузургеро дид ва онро истифода ҳам бурд. Зеро ҷавҳари пешниҳоди Абумӯсо ин буд, ки ӯ он қадар дилбастаи тарафи имом Алӣ (р), ки намояндагии онро ба ӯҳда дорад, нест.

Ва маъноис дигараш ин аст, ки Абумӯсо омодааст, ки хилофатро ба сӯи дигар саҳобагони Паёмбари Худо (с) вогузор кунад ва далели он, ҳамин пешниҳоди номзадии Абдуллоҳ ибни Умар аст.

Ҳамчунин Амр бо зиракиву фаҳми худ барои расидан ба мақсади хеш ба як даромадгоҳи васеъе рӯ ба рӯ омад.

Ӯ аввал номзадии Муъовияро пеш гузошт. Баъд аз он номзадии писараш Абдуллоҳ ибни Амрро, ки ӯ байни саҳобагони Паёмбари Худо (с) соҳиби мартабаи бузурге буд.

Албатта заковату нозукбинии Абумӯсо низ дар муқобили ақлу фаросати Амр бефаъолият набуд.

Зеро чун дид, ки Амр номзадпешниҳодкуниро барои сухангӯӣ ва интихоб асоси кори худ қарор дод, ӯ дар ҳол зимоми суханро ба сӯи раванди солимтаре баргардонид.

Ва бо Амр дар ин боб ба баҳс шурӯъ намуд, ки ихтиёри халифа ҳаққи тамоми мусалмонон аст ва Худованд кори онҳоро байнашон ба шӯро гузоштааст. Ва лозим аст, ки ҳаққи интихобу ихтиёри ҳоким ба худи мусалмонон вогузор гардад.

Мо ба зудӣ хоҳем дид, ки Амр ин асоси бузурги қонуниро чи гуна ба фоидаи Муъовия истифода бурд.

Биёед қабл аз ҳама матни гуфтугӯ ва баҳси таърихиеро, ки байни Абумӯсо ва Амр ибни Ос дар ибтидои ҷамъшавияшон доир гардида буд, бишнавем ва мо онро аз китоби "Ахбору-т-тивол" нақл мекунем, ки таснифи Абӯҳанифаи Диноварӣ аст:

Абумӯсо:

– Эй Амр оё ту таваҷҷӯҳ мекунӣ ба як амре, ки салоҳи уммат ва ризои Худо дар он аст?

Амр:

– Он кор чӣ бошад?

Абумӯсо:

– Биё, Абдуллоҳ ибни Умарро раҳбари мусалмонон интихоб кунем, зеро, ки ӯ худро дар ин кашмакашу ҷанг олуда нагардонидааст.

Амр:

– Ту дар ҳаққи Муъовия чӣ фикр дорӣ?

Абумӯсо:

– Муъовия барои ин мансаб каси муносиб нест ва ҳуқуқи ишғоли ин мақомро надорад.

Амр:

– Оё ту намедонӣ, ки Усмон (р) ба зулм кушта шудааст?

Абумӯсо:

– Оре медонам.

Амр:

– Пас, Муъовия валии хуни Усмон аст ва шарафи хонаводаи ӯро дар миёни Қурайш ту худат медонӣ. Пас агар мардум бигӯянд, ки барои чӣ ин корро соҳиб шуд ва ҳол он ки барояш собиқаи исломӣ нест? Пас ту дар ин кор узр ҳам дорӣ. Мегӯӣ, ки ман ӯро соҳибу хеши Усмон ёфтам ва Худованди бузург мегӯяд:

Ва касеро, ки ба зулм кушта гардад, пас ба таҳқиқ гардонидем барои валии ӯ султону ҳокимият. (Сураи Исро ояти 33).

Ва ӯ бо вуҷуди ин бародари умми Ҳабиба, завҷаи Расули Худо (с) аст ва ӯ яке аз саҳобагони Паёмбар (с) аст.

Абумӯсо:

– Эй Амр аз Худо битарс. Аммо агар аз асилзодагиву шарафи Муъовия мегӯӣ, пас агар хилофатро касе ба воситаи обрӯву шараф мустаҳик гардад, ба таҳқиқ ҳақдортарини мардум ба хилофат Абраҳа ибни Саббоҳ аст, зеро ӯ аз фарзандони подшоҳони Ямании Табобиъа ҳастанд, ки шарқу ғарби заминро молик гашта буданд. Баъд аз он шарафи Муъовия куҷову аз Алӣ куҷо?

Ва аммо сухани ту, ки: ба таҳқиқ Муъовия валии хуни Усмон аст, аз Муъовия дида фарзандаш Амр ибни Усмон авлотару наздиктар аст. Вале агар ту маро мувофиқат кунӣ, тариқаи Умар ибни Хаттобро ва ёди ӯро ба воситаи халифа гардонидани писараш Абдуллоҳи донишманд зинда мегардонем.

Амр:

– Пас чӣ чиз туро манъ мекунад аз ҳоким таъин намудани писари ман. Абдуллоҳ ибни Амр бо вуҷуди фазлу салоҳаш ва қадимии ҳиҷрат ва сӯҳбаташ бо Расули Худо (с)?

Абумӯсо:

– Писари ту марди ростест, вале ту ӯро дар ин ҷанг сахт олуда намудаӣ. Пас биё, то ин корро ҳаволаи як шахси пок, писари пок, Абдуллоҳ ибни Умар созем.

Амр:

– Эй Абумӯсо, барои ин кор касе салоҳият дорад, ки ду дандон дошта бошад; бо яке бихӯрад ва бо яке бихӯронад!

Абумӯсо:

– Вой бар ту эй Амр. Ба таҳқиқ мусалмонон баъди бо шамшерҳо мубориза намудан ва бо найзаҳо якдигарро задан, ин амрро ба мо ҳавола намудаанд. Пас биё, онҳоро бори дигар дар фитна наафганем.

Амр:

– Пас ту чӣ фикр дорӣ?

Абумӯсо:

– Ман мехоҳам, ки ин ду мардро барканор созем. Алӣ (р) ва Муъовияро. Баъд аз он корро ба шӯрои байни мусалмонон ҳавола созем, ки худашон ҳар касеро дӯст доранд, барои худашон интихоб кунанд.

Амр:

– Ман низ ба ин фикр розӣ ҳастам, зеро салоҳ овардани нафсҳо ба ҳамин кор марбут аст.

Шунидани ин гуфтугӯ воқеияти Абумӯсои Ашъариро нишон медиҳад. Ва он тасаввуротеро, ки ҳамеша дар зеҳни мост дар бораи воқеъаи таҳким тағйир медиҳад.

Абумӯсо аз ғафлат хеле дур буд. Ҳатто дар он гуфтугӯву баҳс заковату боҳӯшии вай аз заковати Амр ибни Ос, ки машҳур ба заковату ҳушёрист, болотар буд.

Бубинед, ки чун Амр хост, то ба ҳуҷҷат овардани асилзодагии Муъовия дар Қурайш ва соҳиби хуни Усмон буданаш, хилофати Муъовияро ба Абумӯсо талқин кунад, ҷавоби радди Абумӯсоро дидед, ки чӣ қадар қотеъ ва мисли шамшер бурранда буд.

Ӯ чунин гуфт:

– Чун хилофат ба асилзодагӣ бошад, пас Абраҳа ибни Саббоҳ, ки аз авлоди подшоҳони Яман аст, аз Муъовия дида барои хилофат авлотар аст.

Ва агар сабаби хилофати соҳиби хуни Усмон будан ва дифоъ аз ҳаққи Усмон бошад, писари Усмон (р) аз Муъовия дида ба хилофат авлотар аст.

* * *

Қазияи Таҳким баъди ин гуфтугӯ ба роҳе равона гардид, ки масъулияти онро танҳо Амр ибни Ос ба ӯҳда дорад.

Пас ба таҳқиқ Абумӯсо ба сабаби рад намудани ин амрро ба сӯи уммати мусалмон онро аз ӯҳдаи хеш соқит гардонид, то худи уммат суханашро бигуяд ва халифаашро худаш интихоб намояд ва Амр низ ба ин фикр мувофиқа намуд ва худро вобастаи он кард.

Ва ҳаргиз дар гӯшаи хаёли Абумӯсо намегузашт, ки Амр дар чунин мавқифи ҳассос, ки ислом ва муслиминро ба як бадбахтии сахт таҳдид менамояд, рӯ ба сӯи макру ҳила меорад.

Ибни Аббос ӯро дар вақте ки Абумӯсо ба сӯи онҳо бозгардиду аз натиҷаи иттифоқашон онҳоро хабардор кард, ҳушдор дода буд.

Ӯро аз макру ҳилаҳои Амр барҳазар дошта барояш гуфт:

– Ба Худо қасам, ки ман метарсам Амр туро фиреб медиҳад. Агар шумо ба коре иттифоқ намуда бошед, ӯро аввал маҷбур соз, ки сухан гуяд ва ту баъди ӯ сухан гӯй.

Лекин Абумӯсо он мавқифро бузургтар аз он мепиндошт, ки Амр ибни Ос дар он рӯ ба макру ҳила биёрад, бинобар ин ҳеҷ шакку шубҳа

дар дилаш роҳ наёфт, ки албатта Амр пойбанди он иттифоқе мебошад, ки дар байнашон бастаанд.

Ва рӯзи дигар ҳар ду ҷамъ омаданд. Абумӯсо бо намояндагӣ аз ҷабҳаи имом Алӣ (р) ва Амр ибни Ос бо намояндагӣ аз ҷабҳаи Муъовия.

Ва Абумӯсо Амрро даъват намуд, ки сухан гуяд. Амр имтиноъ намуда гуфт:

– Ман ҳаргиз аз ту пеш намегузарам, дар ҳоле ки ту аз ман дида бофазлтар ва дар ҳиҷрат пештар ва дар синну сол бузургтар ҳастӣ.

Пас Абумӯсо пеш омад ва ба ҷамъияти анбӯҳе, ки аз ҳарду тараф гирд омада буданд, рӯй овард ва гуфт:

– Эй мардум мо дар ҷустуҷӯи роҳе, ки ба воситаи он Худованд ҳамбастагии ин умматро ҷамъ созад ва кори ӯро ба салоҳ биёрад ҳамаҷониба назар кардем ва ба ҷуз ин роҳ, ки ҳар дуи ин мард Алӣ ва Муъовияро аз ҳокимият халъ намоем ва ин корро ба шӯрои мусалмонон ҳавола кунем, то худи мардум барои худашон касеро, ки худашон лоиқ мебинанд ихтиёр кунанд, роҳи маъқултаре наёфтем. Ва ман Алӣ ва Муъовияро аз ҳукумат халъ намудам. Пас худатон ба сӯи коратон рӯй биёред ва касеро, ки дӯст медоред ба ҳукумат интихоб кунед.

Пас навбати Амр ибни Ос расид, то тибқи паймони дирӯза бекор шудани Муъовияро эълон намояд. Ҳамчунон, ки Абумӯсо Алиро халъ кард.

Ва Амр ба минбар баромад ва гуфт:

– Эй мардум, Абумӯсо он чизеро, ки шунидед, гуфт ва роҳбари худро халъ намуд. Огоҳ бошед, ки ман ба таҳқиқ роҳбари ӯро чи тавре, ки ӯ худаш ба халъи ӯ эълон дошт, халъ намудам, вале роҳбари худам Муъовияро дар ҷояш таъин ва қарор медиҳам, зеро ӯ хеши амири мӯъминон Усмон ва талабкунандаи хуни ӯст.

Абумӯсо ин воқеъаи ногаҳониро таҳаммул карда натавонист ва Амрро ба чанд калимоти аз сари ғазаб ва қаҳр гуфташуда зарба зад. Ва аз сари нав ба гӯшагирии хеш баргашт ва бо суръат ба сӯи Макка омад. Ба ҳамсоягии Байтулҳаром, то боқимондаи умр ва рӯзҳои худро он ҷо сипарӣ намояд.

* * *

Абумӯсо ҳамеша мавқеъи боварӣ ва муҳаббати Паёмбари Худо (с) буд ва ҳамчун шахсияти мавриди эътимоди халифагони Паёмбари Худо (с) ва асҳоб ва мавқеъи муҳаббати онҳо буд.

Пас дар ҳоли ҳаёташ Расули Худо (с) ӯро бо ҳамроҳии Муъоз ибни Ҷабал амирии Яманро ҳавола кард. Баъди вафоти Паёмбари Худо (с) ба сӯи Мадина баргашт, то масъулиятҳои худро дар ҷиҳоди бузурге, ки лашкари мусалмонон дар он фурӯ шуда буданд, бар зидди Форсу Рум мутаҳаммил гардад.

Ва дар аҳди Умар (р) ӯ амири Басра таъйин шуд.

Ва амири мӯъминон Усмон (р) ӯро амири Куфа таъйин намуд.

Ӯ аз ҷумлаи аҳли Қуръон буд, аз рӯи ҳифз ва фиқҳ ва амал.

Ва аз суханони дурахшони вай дар бораи Қуръон аст:

– Шумо пайравии Қуръонро намоед ва шумо тамаъи онро накунед, ки Қуръон пайравии шуморо намояд.

Ва ҳамчунин аз аҳли ибодат буд ва дар ин кор хеле сертаҳаммул буд.

Ва дар рӯзҳои гармои шадид, ки наздик буд гармӣ ҷонҳоро бибарад, Абумӯсоро медидӣ, ки он рӯзҳои гармиро бо як мулоқоти ошиқона пешвоз мегирифт ва рӯза медошт ва мегуфт:

– Шояд ташнагии гармои нисфирӯзиҳо барои мо сабаби серобии рӯзи қиёмат гардад.

* * *

Дар як рӯзи хуш аҷалаш даррасид.

Ва чеҳраи вайро як ҷилое пӯшид, мисли касе, ки раҳмати Худо ва ҳусни аҷру савоби ӯро умед мекунад.

Ва калимаҳоеро, ки доимо дар тӯли ҳаётаи бо имонаш мегуфт, акнун забонаш дар лаҳзаҳои риҳлаташ он калимаҳоро такрор мекард ва онҳо ҳамин калимот ҳастанд:

– Худоё, ту аз ҳама покӣ ва саломативу раҳмат аз ҷониби туст!

## 58. ТУФАЙЛ ИБНИ АМРИ ДАВСӢ
### Табиъати роҳи ростёфта

**Дар сарзамини Давс ин шахс дар як оилаи шариф ба воя расида аст. Ва ӯ истеъдоди шеъргӯӣ дошт ва овоза ва нубуғи шоирии ӯ байни қабилаҳо паҳн гардида буд.**

Дар мавсимҳои Уккоз, ки шоирони араб аз сарзаминҳои дур меомаданд ва он ҷое, ки мардум ҷамъ мешуданд ва анбӯҳ мегаштанд ва бо шоиронашон фахр мекарданд, Туфайл ҷои худро дар муқаддимаи онҳо мегирифт.

Ҳамчунон дар мавсимҳои ғайри Уккоз низ ба Макка рафтуомад мекард. Дар даврони ошкор шудани даъватҳои Паёмбари Худо (с) рӯзе Маккаро зиёрат мекард. Ва Қурайш аз он меҳаросиданд, ки Туфайл бо Паёмбари Худо (с) мулоқот мекунад ва исломро қабул менамояд ва баъд аз он қобилияти шоириашро дар хидмати ислом мегузорад ва ба сари Қурайш ва бутҳои онҳо бадбахтӣ меорад.

Аз ҳамин сабаб ӯро иҳота намуданд ва бароящ зиёфати хеле бузург тартиб доданд, ки тамоми асбоби роҳат ва зебоӣ ва неъмат дар он вуҷуд дошт. Ва онҳо ӯро аз мулоқоти Паёмбари Худо (с) барҳазар медоштанд ва барояш мегуфтанд:

– Ӯро суханонест мисли сеҳр, ки байни мард ва падараш ва бародараш ва занаш ҷудоӣ меандозад. Ва мо аз барои ту ва қавмат аз ӯ хавф дорем. Ва аз ту хоҳиш мекунем, ки бо ӯ сухан магӯй ва аз вай ҳеҷ сухане машунав.

Ва биёед ба худи Туфайл гӯш кунем, ки барои мо боқимондаи ин хабарро ривоят кунад.

Ӯ мегӯяд:

– Қасам ба Худо, онҳо маро чунон дунболагирӣ менамуданд ва чунон суханоне мегуфтанд, ки ман қасд намудам, ки ҳаргиз аз вай чизе намешунавам ва бо вай мулоқот намекунам.

Чун фардояш ба зиёрати Каъба рафтам, дар гӯшҳоям пунба гузоштам, то чизе аз суханони ӯро нашунавам.

Ман ӯро дар назди Каъба дар он ҷое ёфтам, ки истода намоз мегузорид. Пас ман дар наздики ӯ истодам. Он замон Худованд иродаи онро намуда буд, ки баъзе аз қироъати вайро бароям бишунавонад ва як сухани хеле зебое шунидам ва бо худ гуфтам:

– Эй вой, модарам маро бигиряд.

– Ва қасам ба Худо, ки ман марди боақлу шоир ҳастам ва барои ман хубу бад пӯшида нест. Пас чӣ чиз маро манъ мекунад, ки аз ин мард он чизеро, ки ӯ меорад бишнавам, агар хуб бошад, қабулаш мекунам ва агар қабеҳу бад бошад, таркаш кунам?

Ва ман сабр намудам, то ин ки ба сӯи хонааш равон шуд. Ва ман аз дунболаш мерафтам, то ки ба манзилаш даромад. Ман аз пушташ даромадам ва барояш гуфтам:

– Эй Муҳаммад (с), қавми ту дар бораи ту чунин ва чунон гуфтанд. Қасам ба Худо, то андозае маро аз ин кори ту барҳазар доштанд, ки ман гӯшҳоямро бо пунба маҳкам кардам, то суханатонро нашунавам. Вале Худованд хост, ки бишунавам ва ман суханони хубе шунидам. Бароям коратро пешкаш кун.

Паёмбари Худо (с) исломро бароям арза дошт ва бар ман аз Қуръон тиловат кард. Қасам ба Худо, ҳеҷ суханеро аз вай хубтар нашунида будам ва ҳеҷ кореро аз гуфтаи вай боадолаттар надида будам. Ман ислом овардам ва ба шаҳодати Ҳақ гувоҳӣ додам ва гуфтам:

– Эй Паёмбари Худо (с), ман як марде ҳастам, ки дар миёни қавму қабилаам маро итоъат мекунанд ва ман ба сӯи онҳо бозгарданда ҳастам ва онҳоро ба сӯи ислом даъват хоҳам кард. Ту ба Худованд дуъо кун, ки аз ман як каромоте зоҳир кунад. То бароям дар он чизе, ки даъваташон мекунам, ёрмандӣ шавад.

Паёмбари Худо (с), гуфт:

– Эй бор Худоё, барояш нишонаву мӯъҷизае бидеҳ.

* * *

Ба таҳқиқ Худованди мутаъол дар китобаш ситоиш фармуда гуфтааст:

Он касоне, ки суханро мешунаванд, пас беҳтарини онро пайравӣ менамоянд. (Сураи Зумар ояти 18).

Ва огоҳ бошед, ки мо акнун ба яке аз ҳамин касон вомехӯрем.

Ба таҳқиқ ин шахсият, як сурати воқеъиест аз чеҳраҳои соҳибфитрат, ки роҳи ростро ёфтаанд.

Чун ӯ баъзе оятҳои роҳнамо ва хайр, он оётеро, ки Худованд дар дили паёмбараш фурӯ фиристод, шунид, фавран дари шунавоӣ ва қалбашро ба сӯи ӯ боз кард. Ва ҳатто дасташро барои байъат дароз намуд. Ва ин ҳам оғози кор буд. Ӯ дарҳол ба худ аҳд кард, ки масъулияти даъвати қавму аҳли байташро ба сӯи дини Ҳақ ва роҳи рост ба дӯши худ бигирад.

Аз ҳамин сабаб ӯро мебинем, ки баробари ба сарзамину ҳавлиаш ба марзи Давс расидан, бетаъхир ба падараш рӯ ба рӯ шуда, аз он чизе ки дар қалбу имонаш аст ва исрор дорад, ӯро огоҳ намуд ва ба сӯи ислом даъваташ кард. Ва аз паёмбаре, ки ба сӯи Аллоҳ даъват мекунад, уро қисса намуд. Барояш аз азамату покизагӣ, амонатдорӣ ва аз итоъатгориаш барои Худованди парвардигори оламиён ҳарф зад.

Падараш фавран имон овард, пас ба модараш рӯй овард, ӯ низ исломро қабул кард, ҳамчунин ба сӯи завҷааш рӯй овард ва ӯ низ исломро қабул намуд.

Чун ӯ мутмаин гардид, ки ислом тамоми хонаводаи вайро фаро гирифтааст, рӯ ба сӯи хешу табораш ва ба сӯи қавми Давс овард, вале аз қавми Давс ягон нафар ба ҷуз Абуҳурайра (р) имон наёвард.

Пас аз ин қавми Давс ба хор кардани ӯ сар карданд ва аз ӯ дурӣ меҷустанд, то андозае, ки сабру таҳаммули вай тамом шуд.

Пас ба уштураш савор гардид ва биёбонҳоро тай намуда ба сӯи Паёмбари Худо (с) боз гардид то ба вай шикоят кунад ва аз таълимоти ӯ худро омодатар гардонад.

Чун ба Макка нузул намуд, ба сӯи ҳавлии Паёмбари Худо (с) шитобид, зеро иштиёқу муҳаббаташ ӯро ба он сӯ тела медод. Ва ба Паёмбар (с) гуфт:

– Эй Расули Худо (с) маро аъмоли ношоистаи Давс зино ва рибо мағлуб сохтааст. Аз Худованд дархост кун, то қабилаи Давсро ҳалок созад.

Аммо як амали ногаҳонӣ аз ҷониби Паёмбар (с) Туфайлро дар ҳайрат афганд. Вақте ки Паёмбари Худоро дид, ки ҳарду дасташро ба сӯи осмон баланд намуда мегӯяд:

– Эй бор Худоё, Давсро ҳидоят кун ва онҳоро ба сӯи мо мусалмонгардида биёвар.

Баъд рӯ ба сӯи Туфайл намуда гуфт:

– Ба сӯи қавмат бозгард ва онҳоро ба сӯи дини Худо даъват намо ва ҳамроҳашон мулотифат кун.

Ин саҳна нафси Туфайлро аз зебоӣ моломол гардонид ва рӯҳашро саросар аз муҳаббат лабрез кард ва Худовандро бо балеғтарин ҳамдҳо сано гуфт.

Ӯ дарҳол бархоста рӯ ба сӯи замину қавми хеш гардонида бозгашт ва акнун онҳоро ҳамчунон ки Паёмбари Худо (с) васияташ намуда буд, ба сӯи ислом ба сабру таҳаммул ва мулоиматӣ даъват кардан гирифт.

Дар хилоли чанд муддате, ки ӯ дар миёни қавми худ гузаронид, Паёмбари Худо (с) ба сӯи Мадина ҳиҷрат кард. Ва ҷанги Бадр ва Уҳуд ва Хандақ рух дод.

Ҳангоми Паёмбари Худо (с) дар Хайбар будан баъди он ки Худованд он ҷойро бар мусалмонон фатҳ кард, ногаҳон як корвони серодам, иборат аз 80 оилаи Давс бо такбиру таҳлил рӯ ба сӯи Паёмбари Худо (с) оварданд ва дар пеши дастони вай нишаста яке пас аз дигаре байъат намуданд.

Чун онҳо аз ин иҷтимоъи серодам ва байъати муборакашон фориғ гардиданд, Туфайл ибни Амр танҳо монда ёди рӯзҳои гузаштаро мекард.

Ӯ рӯзеро ба ёд овард, ки ба назди Паёмбари Худо (с) омада аз вай дархост намуда буд, ки дастонашро ба сӯи осмон баланд кунад ва бигуяд:

– Худоё қавми Давсро ҳалок гардон.

Вале Паёмбари Худо (с) бо дуъои дигаре ба сӯи Худо илтиҷо намуд, ки он рӯз Туфайлро дар таъаҷҷуб андохта буд.

Он дуъо ин буд:

– Худоё қавми Давсро ҳидоят кун ва онҳоро мусалмон гардонида ба сӯи мо биёр.

Ва Худованд қавми Давсро ҳидоят намуд ва онҳоро ҳамчун мусалмоншудагон ба назди Паёмбар (с) овард. Ана акнун онҳо 80 хонавода, ки аксарияти қавми Давсро ташкил мекунанд, ҷои худро дар сафҳои поки уммати Расули амини Худо (с) қарор доданд.

* * *

Туфайл амали хешро ҳамроҳи ҷамоъаи мӯъминон идома дод.

Ва рӯзи фатҳи Макка ӯ ҳамроҳи даҳҳо ҳазор мусалмононе, ки паҳлӯҳои худро бо фахру кибр намегардонанд, балки пешониҳои хешро аз рӯи тарсу бузургдошти Худо ва шукргузорӣ мар Худовандеро, ки ба онҳо фатҳи қариб ва насри ошкоро ато кард, ба замин хам мекунанд, дохили Макка гардид.

Ва Туфайл Расули Худоро дид, ки бутҳои Каъбаро вайрон мекунад ва Каъбаро бо дасти хеш аз ин олудаҳои касиф пок месозад.

Ин марди давсӣ дарҳол ба ёд овард санамеро, ки аз Амр ибни Ҳумам буд ва муддатҳои тӯлонӣ ин Амр ӯро ҳамроҳи хеш ба зиёрати ин бут мебурд. Вақте ки ба меҳмонии Амр меомад, пас дар пеши дастони ин бут изҳори тарс мекард ва ба он бут тазарруъу зорӣ менамуд.

Акнун фурсати муносиб фаро расид, то ки Туфайл аз нафси худ гуноҳи онрӯзаҳоро пок созад. Бино бар ин ба ҳузури Паёмбари Худо (с) омад ва аз вай иҷоза пурсид, то рафта он санами Амр ибни Ҳумамро бисӯзонад ва ин санамро бо номи Соҳиби ду каф ёд мекарданд. Паёмбари Худо (с) ӯро иҷоза дод.

Туфайл рафта он бутро оташ зад ва ҳар вақте ки шӯълаи оташ каме хомӯш мешуд, алангаи онро боз ҳам зиёд мекард ва ин шеърро мехонд:

Эй Соҳиби ду каф, дигар ман аз

парастандагони ту нестам,

Зодрӯзи мо аз рӯзи сохтани ту пештар аст.

Ҳаққо, ки оташро ман дар дили ту андохтаам.

Ҳамчунин ӯ ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) зиндагонӣ кард ва аз пушти вай намоз хонд ва аз вай таълим гирифт ва ҳамроҳаш дар ғазоҳо иштирок мекард.

Ва Паёмбари Худо (с) риҳлат кард, вале Туфайл чунин эҳсос мекард, ки масъулияташ ҳамчун як шахси мусалмон баъди марги Расули Худо (с) анҷом наёфтааст, балки он масъулиятҳо акнун сар мешаванд.

Ва чун ҷангҳои муртадон оғоз ёфтанд, Туфайл бо тамоми қуввату суръат ба набард шитобид ва ба сахтиву даҳшатҳои он ҷанг барои шаҳодат бо як муҳаббати ошиқона дохил гардид.

Ӯ дар ҷангҳои муртадон муттасил иштирок мекард.

Дар воқеаи Ямома Туфайл ҳамроҳи мусалмонон ва дар ҳамсӯҳбатии писараш Амр ибни Туфайл ба сӯи ғазо берун рафт.

Ва аз лаҳзаи аввалини оғози ҷанг ба писараш васият намуд, ки бояд бар зидди лашкари Мусайламаи каззоб мисли шахсе биҷангад, ки иродаи мавт ва шаҳодатро дошта бошад. Ва писарашро огоҳ намуд, ки ӯ Туфайл чунин эҳсос мекунад, ки дар ҳамин маърака ба шаҳодат мерасад.

Пас ӯ шамшерашро бардошт ва хешро бо як ҷонфидоии бузургона дар миёни лашкари душман зад.

Ӯ бо шамшераш аз ҳаёташ дифоъ наменамуд, балки бо ҷонаш аз шамшераш дифоъ мекард.

Чун шаҳид шуд ва ҷасадаш афтид, шамшераш бе нуқсон, ношикаста ва тезу бурро боқӣ монд, то шахси дигаре ба он зарба занад.

Дар ҳамин ҷанг Туфайли Давсӣ (р) ҷоми шаҳодат нӯшид.

Ва ҷисмаш зери зарбаҳо ба замин афтид, дар ҳоле ки ӯ ба сӯи фарзандаш, ки дар анбуҳи одамон ӯро дида наметавонист, даст меафшонд ва ишора мекард.

Ӯ ба сӯи писараш даст меафшонд ва гуё фарзандашро тарғиб мекард, ки ӯро пайравӣ кунад ва бо вай бипайвандад.

Ва ба таҳқиқ писараш низ феълан бо ӯ пайваст, вале чанд муддат баъдтар.

Дар ҷанги Ярмук дар сарзамини Шом Амр ибни Туфайл ҳамчун муҷоҳид берун омад ва умри хешро ҳамчун шаҳид ба охир расонид.

Амр ибни Туфайл дар лаҳзаҳое, ки нафасҳои охири хешро мекашид, дасташро дароз намуд ва кафи дасташро кушод, чунон ки бо як нафари дигар мусофаҳа менамуда бошад. Ва кӣ медонад бо кӣ?

Шояд дар ҳамон соат бо рӯҳи падараш мусофаҳа мекард.

## 59. АМР ИБНИ ОС
## Озодибахши Миср аз Румиён

**Се нафар аз Қурайшиён Паёмбари Худоро (с) бо сахттарин муқовимат дар муқобили даъваташ ва бо азобу ранҷ додани асҳобаш хеле азият медоданд.**

Паёмбари Худо (с) дар муқобили онҳо дуъо мекард ва аз Парвардигораш илтиҷо менамуд, ки ба болои онҳо азоби худро биёрад.

Ҳангоме, ки ӯ дуъо мекард ва дуъо мекард, ваҳйи илоҳӣ бар қалби ӯ бо ин ояи карима фуруд омад:

Ҳеҷ тарафи ин амр дар дасти ту нест, агар мебахшоядашон ё азобашон мекунад. Пас ба дурустӣ, ки онҳо золиманд. (Сураи Оли имрон ояти 128).

Ва Паёмбари Худо (с) аз ин оят чунин фаҳм намуд, ки ӯро амр намудаанд, то аз дуъо дар муқобили онҳо худдорӣ кунад ва кори онҳоро танҳо ба Худо вогузор намояд.

Пас бар ҳамин золимиашон боқӣ мемонанд ва азоби Худо бар онҳо ҳулул мекунад. Ва ё ин ки онҳоро мебахшад ва тавба менамоянд ва раҳмати Худо онҳоро шомил мегардад.

Амр ибни Ос яке аз ҳамин сенафара аст.

Ва Худованд роҳи тавба ва раҳматашро барои онҳо интихоб кард ва онҳоро ба сӯи ислом ҳидоят намуд.

Ва Амр ибни Ос ба як мусалмони мубориз ва ба як лашкаркаше аз лашкаркашони нотарсу шуҷоъи ислом мубаддал гардид.

Бо вуҷуди ин ки дар баъзеи ҳодисаҳо мавқифгирии Амр моро қаноъатманд карда наметавонад, вале ӯ дар тӯли ҳаёташ ҳамчун як саҳобаи бузург бахшид ва ҷонфидоӣ намуд ва мубориза кард ба ҳадде, ки ба рӯи ӯ чашму дили моро мекушояд.

Он рӯз дур нест, ки дар Миср касоне, ки дар зоти ислом дини росту бузургеро мебинанд ва дар вуҷуди паёмбари ӯ бошад, як раҳмати бахшидашуда ва як неъмати орзукардашударо. Ва паёмбари ростину бузургеро мебинанд, ки мардумро ба сӯи Худованди якто бо дидаи боз даъват намуд ва ба зиндагонӣ роҳи дурусту парҳезгориашро илҳом кард.

Он рӯз дур нест, ки касоне, ки ин гуна имонро ба худ ҳамл менамуданд, барои он марде соҳиби муҳаббати азиме мегарданд, ки тақдир ӯро сабаб гардонид.

Ва чӣ сабаби бузурге, барои пешкаш намудани ислом ба сӯи Миср ва пешкаш намудани Миср ба сӯи ислом.

Пас чӣ ҳадяи неке ва чӣ ҳадякунандаву пешкашкунандаи неке.

Ана ҳамин шахси исломро дар Миср ривоҷ дода, Амр ибни Ос аст.

* * *

Таърихнигорон одат кардаанд, ки Амрро ба сифати "Фотеҳи Миср" ном бубаранд. Вале мо дар ин васф як маънои маҷозӣ ва зиёдаравиро мебинем. Ва шояд беҳтарини сифатҳо барои Амр ин аст, ки ӯро "Озодибахши Миср" бигуем.

Ислом ҳеҷ гоҳ мамлакатҳоро ба ин истилоҳи нав, ки фатҳро ифода мекунад, намекушояд, балки онҳоро аз зери султаи ду імперотурӣ озод менамояд, ки ба бандагони Худо ва тамоми мамлакат бадтарини азобҳоро раво медиданд ва ин ду мамлакати бештар дар китобҳои муаррихон сабт шуда, Імперотурии Форс ва імперотурии Рум ҳастанд.

Миср, то рӯзе, ки гурӯҳи пешоҳангони лашкари ислом ба он дохил шуданд, маҳалли ғорати Румиҳо буд. Ва аҳолии он муттасил муборизаҳои бенатиҷа мебурданд.

Чун болои теппаҳои он сарзамин садоҳои лашкариёни мӯъмин бо нидои: Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар баланд гардид, ҳама ба сӯи онҳо шитобиданд. Гӯё як издиҳоми соҳиби маҷд ба истиқболи субҳе медавида бошад, ки нав тулӯъ намудааст. Ва ин издиҳом дар ислом халосии хешро аз Қайсар ва Румиҳо медиданд.

Пас Амр ибни Ос ва мардони ӯ Мисрро он замон фатҳ накарданд, балки роҳро ба сӯи Миср кушоданд, то дар оянда он бо Ҳақ бипайвандад ва тақдири минбаъдаи худро бо адлу инсоф робита бидиҳад.

Ва ҳастиву ҳақиқати хешро дар партави суханони Худо ва асосҳои ислом дарёбад.

Амр, ки Худо аз вай розӣ бод, хеле ҷаҳд кард, ки дар ҳадди имкон аз маъракаи ҷанг аҳли Миср ва қибтиҳои муқими он ҷоро берун кашад, то ки ҷанг танҳо байни ӯ ва байни лашкари Румиҳое гардад, ки ин мамлакатро бо зӯри яроқ соҳиб шуда ризқу рӯзии аҳли ин сарзаминро ба ғорат мебурданд.

Аз ҳамин ҷиҳат ӯро мебинем, ки бо саркардагони насоро ва рӯҳониёни онҳо сӯҳбат мекунад ва ба онҳо мегӯяд:

– Худованд Муҳаммадро (с) ба ростӣ фиристод ва ӯро ба ҳақ амр намуд. Ва ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) рисолати ҳақро адо кард ва худаш баъди он ки моро дар як роҳи рости ошкору мустақим гузошт, аз миёни мо риҳлат намуд.

Ва аз ҷумлаи он чизҳое, ки моро амр мекард, узри мардумро қабул намудан ва онҳоро ба ихтиёр гузоштан аст, пас мо шуморо ба сӯи ислом даъват менамоем. Касе, ки ин даъвати моро иҷобат кард, пас ӯ мӯъмин аст, барои ӯ ҳар чизе ки мо дошта бошем, аз ҳуқуқ, мол ва ҳар чизе дигар, ки бар ӯҳдаи мо бошад, бар ӯҳдаи ӯ низ ҳаст ва касе, ки моро ба сӯи ислом иҷобат накунад, ба вай ҷизяро пешкаш мекунем, яъне андозро ва тамоми кӯшиши худро дар ҳимояи онҳо сарф мекунем.

Ва Паёмбари Худо (с), моро хабар дода буд, ки Миср ба зудӣ барои мо фатҳ мегардад ва моро бар аҳолии ин ҷо ба хайр васият карда гуфт:

– Зуд аст, ки баъди ман, барои шумо Миср фатҳ мегардад. Шумо дар ҳаққи қибтиҳои он ҷо хайрро анҷом бидиҳед, зеро ки онҳо бо мо хешу таборӣ доранд ва ҳимояи онҳо бар ӯҳдаи мост.

Агар шумо ин даъвати моро иҷобат кунед, барои шумо ҳимоят болои ҳимоят аст (яъне зиммаи пешинаи авлодӣ ва зиммаи ҳозирае, ки бар ӯҳдаи мост – матарҷим).

Вақте ки Амр ин суханонашро ба анҷом расонид, баъзе рӯҳониёну роҳибони онҳо фарёд кашиданд ва гуфтанд:

– Ба таҳқиқ, ин пайванди хешу таборие, ки паёмбари шумо бароятон васият намудааст, ин қаробати хеле дур ва қадимӣ аст, ки ба ин қаробат ғайри паёмбарон дигар касе расида наметавонад.

Ва ин гуфтугӯ як ибтидои хуше буд барои якдигарфаҳмӣ байни Амр ва қибтиҳои Миср, агарчанде сарлашкарони Рум барои аз байн бурдани ин муносибат даст зада буданд.

* * *

Амр ибни Ос аз ҷумлаи ислом овардагони собиқин набуд. Ӯ ҳамроҳи Холид ибни Валид пештар аз фатҳи Макка ба андак замон ислом овардааст.

Ва таъаҷҷубовар ин аст, ки исломи ӯ дар ибтидо бо дасти Наҷҷошӣ дар Ҳабаша анҷом пазируфтааст. Ин воқеъа чунин сурат гирифт:

Наҷҷошӣ Амрро хуб мешинохт ва ӯро эҳтиром мекард, ба сабаби он ки Амр ба Ҳабаша зиёд рафту омад дошт. Ва ҳар дафъа барои

Наҷҷошӣ бо худ ҳадяҳои зиёде мебурд ва дар зиёрати охирини худ ба ҳамин мамлакати Ҳабаша дар ҳузури Наҷҷошӣ сухан аз паёмбаре рафт, ки нидои тавҳид баланд намудааст ва мардумро дар Ҷазиратуларaб ба сӯи макорими ахлоқ даъват менамояд. Пас шоҳи Ҳабаша аз Амр пурсид, ки ту чӣ гуна ҳастӣ, ки ба ӯ имон намеоварӣ ва пайравиаш намекунӣ, дар ҳоле ки ӯ дар ҳақиқат паёмбар аст?

Амр аз Наҷҷошӣ пурсид:

– Оё дар ҳақиқат ҳамин тавр ҳаст?

Наҷҷошӣ гуфт:

– Оре. Эй Амр, сухани маро гӯш кун ва ӯро пайравӣ намо, зеро ӯ қасам ба Худо, дар роҳи ҳақ аст ва албатта бар мухолифони хеш ғолиб хоҳад омад.

Амр дарҳол савори амвоҷи баҳр ба сӯи мамлакати хеш баргашт. Ва рӯи худро ба самти Мадина баргардонид, то ба Худованди парвардигори оламиён таслим гардад. Ва дар роҳе, ки ба сӯи Мадина мебарад, ӯ бо Холид ибни Валид мулоқот намуд, ки аз Макка омада истода буд ва ӯ низ ба Мадина мерафт, то бо Паёмбари Худо (с) барои ислом овардан байъат намояд.

Ва ҳамин ки Паёмбари Худо (с) ин ду мардро дид, ки ба сӯи онҳо меоянд, чеҳрааш шукуфт ва ба асҳобаш гуфт:

– Ба таҳқиқ, имрӯз Макка пораҳои ҷигарашро ба сӯи шумо андохтааст.

Пас Холид пеш омада байъат кард.

Баъд аз он Амр пеш омада гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ман ба таҳқиқ имрӯз ба ту байъат менамоям, ба ин шарт, ки Худованд гуноҳҳои гузаштаи маро биёмурзад.

Пас Паёмбари Худо (с) чунин ҷавобаш дод:

– Эй Амр, биё байъат намо, пас ба дурустӣ, ки ислом он чизеро ки пеш аз ин рӯй дода бошад, нест мекунад.

Амр бо Паёмбари Худо (с) байъат намуд ва тамомияти фаҳму донишу шуҷоъаташро дар хидмати ин дини ҷадид вогузор кард.

Чун Паёмбари Худо (с) ба сӯи парвардигори хеш мунтақил шуд, он ҳангом Амр аз ҷониби Паёмбари Худо (с) волии Уммон буд.

Ва дар хилофати Умар (р) дар ҷангҳои Шом корнамоии назаррасе нишон дода, баъд аз он дар озод гардонидани Миср аз дасти ҳукумати Румиҳо саҳми сазоворе гузоштааст.

* * *

Кошки Амр ибни Ос дар вуҷуди худаш дар муқобили муҳаббати аморат муқовимат мекард.

Ин ҳангом ӯ дар аксари мавридҳо, ки ин муҳаббати аморат ӯро дар вартаи бало андохта буд, ғолиб меомад.

Ба таҳқиқ муҳаббати Амр нисбати аморат ба андозае буд, ки аз табиати саршор аз қобилиятҳояш далолат менамуд.

Ҳатто шакли хориҷӣ ва тариқи роҳгардӣ ва сухангӯияш чунон буд, ки бинанда баръало дарк менамуд, ки ӯ фақат барои роҳбарӣ халқ шудааст.

Ҳатто ривоят шудааст, ки амири мӯъминон Умар (р) рӯзе дид, ки Амр рӯ ба рӯяш меояд. Аз тарзи роҳгардиаш табассуме карда гуфт:

– Барои Абуабдулло сазовор аст, ки фақат амир бошад ва ҳамин гуна рафту омад кунад.

Ҳақиқатан ҳам вуҷуди Абуабдуллоҳ барои амирӣ сазовор буд.

Ҳангоме ки ҳодисаҳои мудҳиш рӯй дода, бар сари мусалмонон тохтутозҳо оғоз гардиданд, Амр ба ин ҳодисаҳо аз мавқеъи амирӣ муносибат мекард. Амири соҳиби заковату фаҳму идрок ва тавоной.

Вале ба замми ин камбудиҳо дар вуҷуди ин шахс як сифати амонатдорӣ ҳам буд, ки сабаби боварии томи Умар ибни Хаттоб (р) гардид. Ҳол он ки ӯ дар интихоби волиҳояш хеле қотеъ буд. Бинобар ин ӯро волии Фаластин ва Урдун гардонид.

Баъд аз он дар Миср дар тӯли зиндагонии амири мӯъминон Умар (р) волӣ буд.

Чун амири мӯъминон аз бобати зиёдатии сарваташ, ки Умар (р) барои волиҳояш як маҳдудае қоил буд огаҳӣ пайдо намуд, ӯро аз мансаб барканор накард, балки Муҳаммад ибни Масламаро назди ӯ фиристод ва ба ӯ амр кард, ки тамоми молу ашёи Амрро тақсим намуда, нимашро барои худаш вогузорад ва ними дигарашро ба Мадина оварда, ба байтулмол супорад.

Ва агар амири мӯъминон медонист, ки дилбастагӣ ва муҳаббати Амр нисбати аморат эҳсоси масъулиятшиносии ӯро суст мегардонад, ҳаргиз қалби поки ӯ як лаҳза ҳам бардошти вилояти ӯро қабул намедошт.

* * *

Амр соҳиби заковати тез, дарки қавӣ ва биниши амиқ буд. То андозае, ки ҳаргоҳ амири мӯъминон Умар (р) ягон инсонеро медид, ки дар корҳояш дармондааст, дастонашро аз рӯи таъаҷҷуб мемолиду мегуфт:

– Субҳоналлоҳ, ба таҳқиқ холиқи ин кас ва холиқи Амр ибни Ос як илоҳи воҳид аст?

Ҳамчунин ӯ бисёр бо ҷуръат ва пешраванда буд. Вале дар баъзе лаҳзаҳо боҷуръатиашро бо зиракиаш омезиш медод, пас бинанда гумон мекард, ки ӯ тарсида аст, вале ин аз зиёдатии кордонии ӯ буд. Зеро ӯ корҳояшро чи қадар бо диққат ва биниши амиқ анҷом медод, то аз ҳолатҳои хатарнок солим берун ояд.

Амири мӯъминон Умар (р) қобилиятҳои фитрии ӯро хуб медонист ва онҳоро қадр мекард.

Аз ҳамин сабаб қабл аз рафтанаш ба Миср, ӯро ба сӯи Шом фиристод. Зеро ба амири мӯъминон гуфта буданд, ки сардори лашкари Рум дар Шом Артабун аст. Ва ӯ лашкаркаши шуҷоъ ва маккору ҳилагар мебошад.

Умар (р) чунин ҷавоб дод:

– Мо дар муқобили Артабуни Рум, Артабуни Арабро фиристодем. Акнун бубинем кушоиши корҳо аз куҷо меояд?

Ва ғалабаи ниҳоӣ ба Артабуни Араб насиб гардид.

Ва Артабуни Румӣ лашкари шикастхурдаи худро партофта ба Миср фирор кард. Миср сарзаминест, ки Амр ба зудӣ ба он ҷо меравад, то байрақи исломро болои ин сарзамини амну ором баланд бардорад.

* * *

Чӣ қадар зиёданд он воқеъоте, ки дар онҳо заковати Амр ва фаҳму дониши ӯ кор додааст.

Агар мо ҳодисаи амри Таҳкимро ба назар нагирем, ки бо ҳамроҳии Абумӯсои Ашъарӣ, ҳар ду иттифоқ намуданд, аморати Алӣ (р) ва Муъовияро халъ намоянд, то амри интихоби роҳбар ба шӯрои мусалмонон вогузор гардад. Пас Абумӯсо чизи иттифоқ намудаашонро ба иҷро расонид, вале Амр аз иҷрои он бознишастагӣ кард.

Ва ҳар гоҳ бихоҳем, ки як саҳнаи донишу маҳорат ва тезии дарки ӯро шоҳид шавем, ӯро дар мавқифгириаш ҳамроҳи лашкаркаши қалъаи Бобулиён, ҳангоми набардаш бо Румиҳо дар Миср мушоҳида мекунем.

Ва дар баъзе аз ривоёти дигари таърихӣ омадааст, ки ин воқеъае, ки дар поён дар борааш сухан мегуем, дар Ярмук ҳамроҳи лашкаркаши Румиҳо Артабун рӯй додааст.

Он ҳангом, ки Артабун ва ё сарлашкари дигари Румиҳо, Амрро ба сӯи худ хонд, то бо вай сухан гуяд ва ӯ ба баъзе мардонаш фармони пӯшида дода буд, ки дар вақти бозгаштани Амр аз қалъа, ба болояш харсанги калонеро партоянд. Ва тамоми омодагиҳоро низ гирифта буданд, ки сӯиқасд бар ҷони Амр ҳатман сурат бигирад.

Хулоса Амр ба ҳузури Артабун дохил шуд ва аз қасди дар пеш истода шубҳа накард. Мулоқоти онҳо анҷом пазируфт. Ва дар ҳоле, ки ӯ барои берун рафтан аз қалъа раҳсипор шуд, дар болои деворҳои қалъа як ҳаракати шубҳанокеро дарк кард ва ин шубҳа дар вуҷуди ӯ эҳсоси эҳтиёткории ӯро ба шиддат такон дод.

Ӯ дарҳол бо як шакли хеле моҳирона бозгашт.

Ӯ бо қадамҳои осудаву боварибахш ба назди сарлашкари румиҳо баргашт ва чунин вонамуд кард, ки гӯё чизе ӯро дар даҳшат наафганда бошад ва гӯё чизе шубҳаи ӯро барнаангехтааст.

Пас дуюмбора назди он сарлашкар дохил шуд ва ба ӯ гуфт:

– Чизе ба хотирам омад, ки мехоҳам туро аз он огоҳ созам. Ҳамроҳи ман дар қароргоҳи мо як ҷамоъа мардуме ҳастанд, аз саҳобагони Паёмбари Худо (с), ки дар ислом собиқадор ҳастанд ва ҳеҷ кореро амири мӯъминин бе машварати онҳо ҳукм намекунад ва ҳеҷ лашкареро аз лашкарҳои ислом ба ҷое намефиристонад, магар ки онҳоро сардори лашкар мегардонад.

Ман ба худ чунин фикр кардам, ки онҳоро гирифта биёрам, то ҳамчунон ки ман суханони туро шунидам, онҳо низ бишунаванд ва аз ҳақиқати ҳол чунон ки ман огаҳӣ ёфтам, онҳо низ огаҳӣ ёбанд.

Сарлашкари Румиҳо бо худ чунин андеша кард, ки Амр аз рӯи соддадилиаш барои ӯ фурсати умри дубора дода истодааст. Пас чӣ мешавад, ки ӯро дар ин фикраш мувофақа кунад, то ин ки агар Амр дубора биёяд ва ҳамроҳаш ин миқдор саркардагони мусалмонро ва мардони беҳтарини онҳоро ва сарлашкаронашонро гирифта биёрад, якбора кори ҳамаашонро анҷом медиҳам, ба ҷои ин ки як худи Амрро аз байн бубарам.

Ва ғайри чашмдошт, барои мавқуф гузоштани ин нақшаи омодашуда барои сӯиқасд бар ҷони Амр фармон содир кард.

Ва Амрро бо дилгармӣ ва фараҳ видоъ намуд ва бо ӯ бо ҳарорат даст ба даст салом кард. Ва ин шахсияти зираки Араб, дар ҳоли тарк кардани қалъа табассуме намуд.

Пагоҳии рӯзи дигар Амр дар сардории лашкараш ба сӯи ин қалъа дар пушти аспаш бозомад. Он аспе, ки бо шиҳакашиаш гӯё ба ҳоли бади душманон механдид.

Оре, пас чаро ӯ бо шиҳакашиҳояш нахандад, ҳол он ки ӯ дуввумин нафарест, ки аз зиракиву найрангҳои соҳибаш чизи бисёреро медонад.

* * *

Дар соли чиҳилу сеюми ҳиҷрат дар Миср, дар он сарзамине, ки волӣ буд, аҷал ба Амр ибни Ос мулоқот кард.

Ва ӯ дар лаҳзаҳои риҳлаташ тамоми зиндагониашро пеши назар овард ва гуфт:

– Ман дар аввали амр кофир будам ва аз ҷумлаи сахттарини душманони Паёмбар (с) маҳсуб мешудам ва агар дар он ҳол мемурдам, оташи дӯзах бар ман воҷиб буд. Баъд аз он бо Паёмбари Худо (с) байъат намудам, дар он ҳол ҳеҷ касе дар миёни мардум дӯстдоштатар аз вай дар назди ман набуд ва касе дар чашми ман аз вай бузургтар наменамуд. Ва агар аз ман суол мекарданд, ки Расули Худоро васф кун, ман наметавонистам, зеро ман аз рӯи бузургдошташ қудрат надоштам, ки чашмамро аз вай сер кунам. Агар дар он ҳол мемурдам, умед мекунам, ки аз аҳли ҷаннат мебудам. Баъд аз он бо салтанату ҳокимият таҳти озмоиш қарор гирифтам ва бо корҳои дигар, ки намедонам, ки онҳо ба фоидаи мананд ва ё бар зарари ман.

* * *

Баъд аз он бо тазарруъу зорӣ чашмонашро ба сӯи осмон гардонид ва бо парвардигори хеш розу ниёз мекард ва мегуфт:

– Худоё ҳеҷ каси бегуноҳу поке нест, ки дар наздаш узри гуноҳ гуям ва ҳеҷ шахси тавононе нест, ки аз вай талаби ёрӣ кунам. Ва агар раҳмати ту маро дар наёбад, ман аз ҷумлаи ҳалокшудагонам.

Ӯ дар ҳамин ҳоли тазаррӯъу зорӣ ва илтиҷои хеш боқӣ монд, то ин ки рӯҳаш ба сӯи Худо суъуд намуд ва охирин калимааш: *Ло илоҳа илаллоҳ* буд.

Ва ҷасади ӯ дар зери хоки Миср, ки Амр роҳи исломро ба он нишон дода буд, хобида аст. Ва дар рӯи замини сахти он сарзамин дар он ҷое, ки таълим ва амру фармон медод ва ҳукм мекард, ҳоло ҳам маҷлиси ӯ давом дорад. Яъне дар зери сақфи масҷиди кӯҳнааш, ки ҷомеъи Амр ном дорад ва аввалин масҷиди сарзамини Миср аст, ки Худованди яккаву ягона дар он зикр гардида ва атрофу ҷавониби он ва аз болои минбари он калимаҳои Худо ва асосҳои ислом эълон гардидаанд.

## 60. СОЛИМ, МАВЛОИ АБУҲУЗАЙФА
### Чӣ нек ҳамлкунандаи Қуръон аст!

Паёмбари Худо (с) рӯзе саҳобагонро чунин васият кард:

– Шумо Қуръонро аз чор нафар биёмӯзед: Абдуллоҳ ибни Масъуд, Солим мавлои Абуҳузайфа, Убай ибни Каъб ва Муъоз ибни Ҷабал.

Ва мо пеш аз ин бо ибни Масъуд ва Убай ва Муъоз мулоқот намудем. Пас он саҳобаи чаҳорум кист, ки ӯро Паёмбари Худо (с) дар таълими Қуръон ва ҷои руҷӯъ ҳуҷҷат гардонид.

Ин Солим мавлои Абуҳузайфа аст.

Ӯ як ғуломи хидматгоре буд ва ислом ҳастии ӯро ба дараҷаи баланде бардошт, ки ӯ фарзандхонди яке аз бузургмардони роҳи ислом гардид, ки пеш аз ислом аз хонадони шарифе аз ашрофи Қурайш ва пешвое аз пешвоёни Қурайш маҳсуб мешуд. Чун ис-лом одати фарзандхондагиро ботил кард, ӯ барои он касе, ки ӯро фарзанд хонда буд, ба сифати як бародар, рафиқ ва дӯст гардид. Ва ин саҳобаи бузург, ки Солимро фарзанд хонд, Абуҳузайфа ибни Утба аст.

Бо фазл ва неъмати Худованд бар болои Солим, ӯ дар миёни мусалмонон ба як обрӯи баланду олие расид, ки барои расидан ба ин мартабаҳо ӯро фазилатҳои рӯҳаш ва сулукаш ва тақвояш омода ва муҳайё намуда буданд. Ин саҳобаи ҷалил бо ҳамин номи Солим мавлои Абуҳузайфа шинохта мешуд. Сабабаш он буд, ки ӯ дар ибтидо ғулом буд ва озод гардид.

Ва ба Худо ва Расули ӯ хеле барвақт имон овард ва ҷои худро дар миёни саҳобагони собиқини аввалин ишғол кард.

Ҳузайфа ибни Утба низ як нафари дигаре аз шахсиятҳои хеле барвақт имоноварда аст, ки падараш Утба ибни Рабиъаро тарк намуда ба сӯи ислом шитобид. Ва падараш ба сабаби ислом овардани фарзандаш, ки зиндагонии хуши ӯро ба ғам мубаддал гардонида буд, бо ғаму ғусса гирифтор гардид, зеро фарзандаш дар миёни қавми Қурайш хеле шахсияти бообрӯ гардида буд ва падараш ӯро барои мақоми роҳбарӣ ва пешвоӣ дар миёни қавми Қурайш омада месохт.

* * *

Абуҳузайфа Солимро баъди озод гардиданаш ба фарзандхондагӣ қабул кард ва аз ин баъд ба номи Солим ибни Абуҳузайфа ёд мешуд.

Ва ҳардуяшон Худои хешро бо як тавозӯъу тарс ба ибодат пардохтанд ва бо як сабри бузург дар муқобили азобу шиканҷаҳо ва макру ҳилаҳои Қурайш истодагарӣ мекарданд.

Рӯзе ояти Қуръони карим нозил гардид ва одати фарзандхондагиро ботил эълон кард.

Ва ҳамаи фарзандхондагон баргашта номи падарҳои аслиа-шонро гирифтанд, ки сабаби ба дунё омадани онҳо гардида бу-данд.

Масалан, аз ҷумла Зайд ибни Ҳориса аз он касоне буд, ки Паёмбари Худо (с) ӯро фарзанд хонда буд. Ва дар миёни мусалмонон бо номи Зайд ибни Муҳаммад шинохта мешуд, баргашта номи падараш Ҳорисаро гирифта, Зайд ибни Ҳориса шуд.

Падари Солимро касе намедонист. Бино бар ин ӯ Абуҳузайфаро ба худ ҳампаймон ва дӯст интихоб намуд ва бо номи Солим мавлои Абуҳузайфа ном бурда мешуд.

Шояд ислом чун одати фарзандхондагиро ботил эълон намуд, иродааш он буд, ки барои мусалмонон бигуяд, шумо дар миёни худ хешӣ ва наздикӣ ва пайвандие наҷӯед, ки бародарии шуморо мустаҳкам намояд. Ба ҷуз худи ислом, ки бузургтарин василаи дӯстӣ ва ақида мебошад, шуморо бародар мегардонад.

Ва мусалмонони садри аввал ин нуктаро хуб дарк намуда бу-данд.

Пас ҳеҷ чизе дар назди онҳо ба ғайри Худову Паёмбар (с) аз бародарӣ дар роҳи Худо ва дар роҳи ислом вуҷуд надошт.

Мо пеш аз ин дида будем, ки чӣ гуна ансор бародарони муҳоҷири худро истиқбол карданд ва молҳову хонаҳо ва ҳар чи-зеро, ки доштанд, байнашон тақсим намуданд.

Ва ин воқеъа ҳам мисли он корҳоест, ки мо қабл аз ин мушоҳида намудем. Мисоли ин, муносибати байни Абуҳузайфа, ки яке аз ашрофи Қурайш аст ва Солим, ки бандаву ғулом ме-бошад ва падарашро намедонад, ки кист, буда метавонад.

Онҳо то лаҳзаи охирини ҳаёташон беҳтар ва болотар аз муно-сибати ду бародари насабӣ зиндагонӣ намуданд.

Ҳатто дар лаҳзаи марг якҷоя мурданд.

Рӯҳ бо рӯҳу ҷасад дар ҳамсоягии ҷасад.

Ин азамати ислом аст, ки бемислу монанд аст.

Балки ин яке аз азаматҳо ва бартариҳои ислом аст.

* * *

Солим мисли содиқон имон оварда буд. Ва роҳи ба сӯи Худо интихобнамудаашро мисли шахсони некӯкору парҳезгор тай намуд.

Ӯ ба тақво ва ихлосаш дар ҷамъияти нави исломӣ ба дараҷаҳои баланде расид.

Ва асоси он бар мабнои ин оят хулоса мешавад:

Ба таҳқиқ, мукаррамтарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. (Сураи Ҳуҷурот ояти 13).

Ва ин чунин ҳадиси шариф:

– Ҳеҷ арабиро ба аҷамӣ фазилате нест, магар ба тақво. Ва ҳеҷ фарзанди сафедпӯстро бар фарзанди сиёҳпӯст фазилате нест, магар ба тақво.

* * *

Дар ҳамин ҷамъияти нави ба роҳи рост ҳидоят ёфта, Абуҳузайфа барои шахсияти худ шарафе дарёфт намуд, ки як шахсеро бо худ дӯсту бародар бигирад, ки дирӯз ғулому чокар буд.

Балки як шарафе барои хонаводаву оилааш касб намуд, ки духтари бародарашро, ки Фотима бинти Валид ибни Утба аст, ба занӣ ба Солим бидиҳад.

Ана дар ҳамин ҷамъияти нави роҳи рост ёфтае, ки табақабандии золимонаро шикаста вайрон сохт ва фарқиятҳои дурӯғинро ботил гардонид, Солим ба воситаи сидқу имон бо кӯшишу ғайраташ доимо нафси худро дар сафи аввал медид.

Оре, ӯ барои муҳоҷирине, ки аз Макка ба сӯи Мадина омада буданд, дар тӯли чанд муддате, ки дар масҷиди Қабоа намоз мегузориданд, имомашон буд.

Ва ӯ дар илми Қуръон ҳуҷҷате шинохта мешуд, то андозае, ки Паёмбари Худо (с) мусалмононро амр кард, ки аз ӯ биёмӯзанд.

Ва дар вуҷуду сулуки вай он қадар хайру некӣ ва баландмартабагии нафс мушоҳида мегардид, ки Паёмбари Худоро (с) дар шигифт андохт ва ӯ мегуфт:

– Шукр мар Худовандеро, ки дар миёни уммати ман мисли ту одамоне халқ намудааст.

Ва то андозае, ки бародарони боимонаш ӯро бо ин ном ёд мекарданд: Солим аз ҷумлаи солиҳин аст.

* * *

Қиссаи Солим мисли қиссаи Билол ва қиссаи даҳҳо ғуломон ва фуқароест, ки ислом аз болои онҳо беадолатиҳову зулму ситами ғуломӣ ва заъфро афшонид. Ва онҳоро дар ҷамъияти ба роҳи рост ҳидоят ёфта, сардорон, пешвоён ва лашкаркашон гардонид.

* * *

Солим маҷмаъи тамоми фазилатҳои исломии камолёфта буд.

Фазилатҳо дар тинати ӯ хеле зиёд буданд ва имони комилаш ин фазилатҳоро ба якдигар пайванд мекард. Ва аз ҷумлаи фазилатҳои зоҳирии ӯ ошкорбаёнии ӯ дар баробари он чизе буд, ки онро ҳақ мепиндошт.

Ӯ хомӯширо дар баробари он калимае, ки гуфтани онро воҷиб медонист, намешинохт. Ва бо хомӯшии худ дар баробари хатоҳое, ки ба ҳастии башарият таҳдид мекунад ба зиндагонӣ хиёнат намекард.

* * *

Баъди он, ки Макка барои мусалмонон фатҳ гардид, Паёмбари Худо (с) ба атрофи Макка ба деҳот ва ба сӯи қабилаҳои алоҳида баъзе сарияҳо фиристод ва онҳоро огоҳ намуда буд, ки шумо барои даъват фиристода мешавед, на ба сифати ҷанговар.

Ва дар сардории яке аз ин сарияҳо Холид ибни Валид буд. Чун Холид ба ҷои таъиншудааш расид, як воқеъае рӯй дод, ки Холид маҷбур шуд даст ба шамшер барад ва хун бирезад.

Ва чун Паёмбари Худо (с) аз ин хабардор шуд, дуру дароз ба сӯи Худои хеш тазарруъу зорӣ намуд ва мегуфт:

– Бор Худоё, ман худро аз он коре, ки Холид кардааст, бегуноҳ медонам ва иртиботе надорам.

Ва он воқеъаест, ки ҳамеша Умар (р) дар барои ӯ ин воқеаро зикр мекард ва бар болои ӯ айб мегирифт ва мегуфт:

– Дар шамшери Холид баъзе фишорҳо ва беадолатиҳост.

Дар ин сария ҳамроҳи Холид Солим мавлои Абуҳузайфа ҳамроҳи дигар саҳобагон буданд.

Ва ҳамин ки Солим он кори Холидро мушоҳида кард, дарҳол бо ӯ ба мунокишаи сахт бархост ва барои ӯ хатоҳояшро шуморидан гирифт.

Холид он лашкаркаши диловари бузург дар ҷоҳилият ва дар ислом гоҳо дар муқобили ӯ хомӯш меистод ва гоҳо аз нафси худ дифоъ мекард ва гоҳо ба дуруштӣ ҷавобаш медод. Вале Солим дар фикри худ устувор буд ва бе тарсу мадоро айбҳои ӯро эълон мекард.

Дар ин ҳангом Солим ба сӯи Холид ба он дидае назар наме-кард, ки ӯ яке аз ашрофи Макка бошад. Дар сурате, ки худи ӯ дирӯз ғулом ва хидматгоре беш набуд. Ба таҳқиқ ислом байни онҳо баробарӣ эълон намудааст. Ва ӯ ба Холид бо он дидае назар намекард, ки Холид лашкаркаше бошад, ки бояд хатоҳои вай маъоф дониста шаванд,

балки мисли як шарики дар масъулият ва воҷибот муносибат менамуд.

Ва он муқобилаи вай бо Холид аз рӯи ғаразе ва ё хоҳише содир намешуд, балки он насиҳатест, ки ҳаққи онро ислом муқаддас медонад ва он чизест, ки борҳо аз забони Паёмбари Худо (с) шунидааст, ки насиҳатро дар ҳама абъоди вай асоси дин мегардонид ва мегуфт:

– Дин насиҳат аст, дин насиҳат аст, дин насиҳат аст.

* * *

Ва чун хабари ин амали Холид ибни Валид ба Паёмбари Худо (с) расид, суол кард:

– Оё ҳеҷ касе ин кори Холидро рад кард ва дар муқобилаш баромад?

Чӣ суоли бузурге ва чӣ ҳакимонае.

Чун ба вай гуфтанд:

– Оре, Солим кори ӯро рад кард ва бо ӯ муъораза кард.

Ғазаби Паёмбари Худо (с) паст шуд.

Солим ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) ва дигар мӯъминон зинда-гии хешро идома медод. Ва ӯ аз ҳеҷ ғазое тахаллуф наметварзид ва аз ҳеҷ ибодате бознишастагӣ наменамуд. Ва бародариву дӯстии вай бо Абуҳузайфа бо гузашти айём аз рӯи ҷонфидоӣ ва пайвастагӣ ҳамеша дар рушд буд.

* * *

Паёмбари Худо (с) ба рафиқи аъло пайваст. Дар хилофати Абубакр (р) ҷунбишҳои муртадон оғоз ёфтанд. Ва рӯзи Ямома фаро расид. Ва ҷанги даҳшатноке рӯй дод, ки то ҳол ислом бо ин гуна набард рӯёрӯ нашуда буд.

Ва мусалмонон ба қитоли муртадон баромаданд. Солим ҳамроҳи бародари диниаш Абуҳузайфа ба набард баромаданд.

Дар ибтидои маърака мусалмонон дар муқобили ҳуҷуми муртадон устувории зиёд нишон надоданд. Ин ҳангом ҳар мӯъмин дар он ҷо чунон эҳсос мекард, ки ин маърака маъракаи ӯст ва ин масъулият, масъулияти ӯст.

Онҳоро Холид аз сари нав гирд овард ва ҷо ба ҷо гузории онҳоро бо як шакли ҳайратоваре анҷом дод.

Ва ин ду бародар Абуҳузайфа ва Солим якдигарро ба оғӯш гирифтанд ва бо якдигар аҳду паймон намуданд, ки дар роҳи ин дине,

ки барояшон саодати дунё ва охиратро ато намудааст, шаҳид шаванд ва ҳарду вуҷудашонро дар гирдоби ҳалокат аф-ганданд.

Абуҳузайфа чунин нидо мекард:

– Эй аҳли Қуръон, Қуръонро бо амалҳоятон зиннат бидиҳед. Ва шамшераш мисли бурону раъд дар лашкари Мусайламаи каззоб зарба мезад.

Ва Солим низ фарёд мекашид:

– Ман чӣ қадар ҳомили бади Қуръон ҳастам, агар аз тарафи ман муртадон бар болои мусалмонон битозанд.

Хуш бод ба ҳолат эй Солим. Балки ту нек ҳамили Қуръонӣ!! Ва шамшераш дар гардани муртадон равона мешуд. Ононе, ки бархостаанд то ҷоҳилияти Қурайшро баргардонанд ва нури исломро хомӯш созанд.

Ва шамшери яке аз муртадон бар дасти рости ӯ бархӯрд ва онро бурида партофт. Дар он ҳол бо он дасташ баъди оне ки байрақдор Зайд ибни Хаттоб шаҳид шуда афтид, байрақи муҳоҷиринро мебардошт.

Чун дид, дасти росташ бурида шуд, байрақро бо дасти чапаш бардошт ва онро ба сӯи боло бардошта меистод ва дар ин ҳол бо хондани ин ояти карима фарёд мекашид:

Ва чӣ бисёр набиҳое буданд, ки ҳамроҳи онҳо донишмандон ва мардони худоии зиёде ҷангиданд, пас ҳеҷ сустӣ ба онҳо роҳ наёфт дар баробари он мусибатҳое, ки дар роҳи Худо ба онҳо расида буд ва заъиф нагаштанд ва сар хам нанамуданд ва тобеъи касе нагаштанд ва Худованд со-биронро дӯст медорад. (Сураи Оли Имрон ояти 146).

Огоҳ бошед, ки чӣ қадар шиъори бузургест, он шиъоре, ки рӯзи маргаш барои худ интихоб намуд.

* * *

Ва ӯро анбӯҳи муртадон иҳота намуданд ва ин диловар ба за-мин уфтод, вале рӯҳаш дар ҷасади покаш ҳоло рафту омад ме-кард, то ин, ки маъракаи набард бо кушта гардидани Мусайла-маи каззоб ба охир расид ва лашкари Мусайлама шикаст хӯрда, пароганда гардид ва лашкари мусалмонон нусрат ёфт.

Ҳангоме ки мусалмонон қурбониҳо ва шаҳидони Худоро ҷустуҷӯ менамуданд, Солимро дар ҳоле ёфтанд, ки нафаси охири худро мекашид.

Ва Солим аз онҳо пурсид:

– Абуҳузайфа чӣ кор кард?

Гуфтанд:

– Шаҳид гардид.

Гуфт:

– Маро дар паҳлӯи ӯ хобонед.

Гуфтанд:

– Ӯ дар паҳлуи туст, эй Солим ва дар ҳамин ҷое, ки ту ҳастӣ, шаҳид гардидааст.

* * *

Солим табасуми охирин кард ва дигар ҳарфе нагуфт.

Ба таҳқиқ ӯ ва рафиқаш ба он чизе, ки умедашро доштанд, расиданд.

Якҷоя ислом оварданд ва якҷоя зиндагӣ намуданд ва якҷоя шаҳид шуданд. Чӣ насиби зебое ва чӣ тақдири хушоянде.

Ва ин мӯъмини бузург ба сӯи Худо роҳ пеш гирифт. Он шахсияте, ки Умар ибни Хаттоб дар вақти вафоташ дар ҳаққи ӯ чунин гуфта буд:

– Агар Солим зинда мебуд, баъди худам албатта ӯро роҳбари амри хилофат мекардам.

* * *

Ва дар охир...

Акнун мо бо ин гурӯҳи бузург аз саҳобагони Расули Худо (с) видоъ мекунем.

Оё ту мепиндорӣ, ки мо ҳақиқати суханро дар бораи онҳо гуфта тавонистем?

Оё ту мепиндорӣ, ки шумораи кофии ин бузургмардонро овардаем?

Ҳаргиз.

Дар ҳақиқат мо кӯшидем, то азамати онҳоро аз наздик мушоҳида кунем, ва дар хилоли чанд лаҳзаи дурахшон бо як гурӯҳи мубораки онҳо ҳамсӯҳбат гардем, зеро натавонистем ба ҳамаи онҳо мусоҳиб шавем.

Воқеъан, ин шаст нафар родмардоне, ки тавсифи онҳоро ин китоб ба мо пешкаш намуд, намуна ва ноиби ҳазорон нафар шахсиятҳои бузурге аз бародаронашон ҳастанд, ки Паёмбари Худоро (с) диданд ва ҳамасри ӯ буданд ва ҳамроҳаш дар роҳи Худо ҷиҳод карданд.

Ва дар симои ин шаст нафар родмардони некӯкор, мо чеҳраҳои ҷамиъи саҳобагонро мебинем. Мо имони онҳоро ва суботу диловарӣ ва қурбониву муҳаббати онҳоро тафаҳҳус ме-кунем.

Мо ҷонфидоиҳои онҳоро, пирӯзиҳои онҳоро, ки бо рехтани хуни худ дар роҳи Ҳақ ба даст овroutарданд, мушоҳада мекунем. Ва асреро пеши назар меорем, ки онҳо дар он аср барои озодии башарият аз ҷаҳл, зулм ва заҷр ва аз санампарастии ботинию зоҳирӣ ва раҳгумзадагӣ бархестанд.

* * *

Ин родмардон тимсол ва намунаи барҷаставу равшане ҳастанд, ки бо рӯоварӣ ба онҳо диловарон ва лашкари барҷастатарин даврони муборизаи таърихи башариятро ба таври умум ва муборизаи диниро ба таври хос мушоҳида мекунад.

Ин давронест, олами кӯҳан зери чаккуши ҳақиқати навин бархӯрдааст, то ба башарият ягонагии Офаридгор ба махлуқоташ эълон гардад.

Пас на санаме ва на буте.

На Аботираву на Қайсаре.

Ҳаққо, ки Маъбуди барҳақ аст Худои ягона ва ҳаққо, ки мардум мисли дандонаҳои шона назди ӯ баробаранд.

* * *

Ман қасди онро надорам, то он матолиберо, ки қабл аз ин навишта будам, такрор намоям, ки чӣ сабабе омили истиқрори ин навъ имон дар дили ин родмардон буд.

Дар аввали ҳамин китоб зери унвони "Нуре ки пайравиаш намудаанд" тавфиқи Худованд ва неъматҳои вай ба ман муяссар гардидониданд, ки ҷавҳари ин омилҳо ва сабабҳоро баён созам.

* * *

Ҳаққо, ки Муҳаммад (с) бо садоқату суботаш ва бо покиву азаматаш ба ҷуз ҳамин навъ имон дигар наметавонист чизе ди-гаре аз партави нури худ бар онҳо бидиҳад.

Имони мардоне, ки ӯро хуб шинохта буданд ва ӯро бо тамоми камолот ва ҷалолаш ва бо тамоми калимоти инсонияш ва марди худоӣ буданаш, бо тамоми мартабати олӣ ва тавозӯъаш, бо та-моми зебоиҳояш ва соддагиаш, бо тамоми қувваташ ва раҳматаш диданд.

Онҳо ӯро дида буданд. Бузургии қувваи таҳрикдиҳандаи ӯро ва истиқомати роҳи ӯро ҳам дида буданд.

Ва баъди имон овардан ва ба ислом гаравиданашон ба ӯ дар ниҳоди онҳо ҳеҷ гуна қудрату тавоне барои шакку шубҳа боқӣ намонд.

Ҳатто онҳо ҳаққи шаръии худро дар бобати талабидани муъҷизае истифода накарданд, то дар ҳузури онҳо нубувват ва рисолаташро тазкия кунад.

Ҳама умматони пешин аз паёмбарони худ муъҷиза талаб намуданд, то ба онон имон биёваранд, магар саҳобагони Муҳаммад (с).

Магар он родмардони атрофи Паёмбари Худо (с). Онҳо ҳаргиз ба ӯ нагуфтаанд, ки барои мо мӯъҷизае нишон бидеҳ, то ба сидқи ту далолат кунад, зеро Муҳаммад (с) худ як мӯъҷизае буд.

Ва ҷустуҷӯи мӯъҷизае берун аз зоти вай ва шахсияти вай ва асосҳои таблиғи вай камоли соддагӣ ва камандешагӣ мебуд, ки ин гуна бузургмардони соҳиби ақлу ҳӯш дар вартаи он намеафтанд, хусусан чун ҳидояту раҳнамоии Худованд қалбҳои ононро аз имон ва ислом моломол сохта буд ва дидагонашонро нуронияти Паёмбари Худо (с) лабрез карда буд.

* * *

Воқеъан, имони ин қофилаи аввал аз мусалмонон бар тамоми башарият, бар тамоми динҳои мухталиф ва замонҳову ҷинсҳои мухталифаш, итминони комиле ато мекунад, ки барои башарият ҷавонии дурахшону бардавомеро ва азимату тавоноиро навсозӣ менамояд.

Агар мо аввалу охири корро мушоҳида намоем онҳо башаре беш набуданд.

Онҳо дар муҳавватаи замоне, ки зиндагӣ кардаанд, ки он муҳаввата дар зоҳири худ ба он қодир набуд, то аз онҳо инсонҳое бисозад, ҳамчунон ки баъдан шуданд.

Онҳо мисли муҷтамаъи ҳар давру замон буданд. Ва ҳанӯз та-моми сифатҳоеро, ки барои қиёми як муҷтамаъ лозим аст, ба даст наоварда буданд.

Онҳо қабилаҳои аз ҳам гурезон ва бо ҳам ҷангӣ буданд ва шахсиятпарастии муҳкам бар болои онҳо ҳокимият мекард.

Онҳо пеш аз ислом ҳамчун қувваи сиёсии назаррасе набуданд, ки аз онҳо ёд карда шавад. Ва дар сатҳи иқтисодӣ онҳо аз ҷумлаи фақиртарини мардумон буданд. Ва аз нигоҳи теъдоди нуфус бошад, аз ҷумлаи камшумортарини мардумон маҳсуб мешуданд.

Пас чӣ таҳаввуле рӯй дод, ки ин гурӯҳи аз ҳама ҷиҳат дар ақаллият қарордошта, созандагони олами наве гардиданд, ки дорои нақшаҳои хело олӣ ва ҳайратангез буд.

Оё ин қуввати силоҳ ва шумори зиёди лашкар буд?

Ба таҳқиқ пеш аз онҳо Искандар ва баъд аз онҳо Чингизхон буданд, ки аз лиҳози силоҳ ва лашкар хеле бартарӣ доштанд.

Пас имрӯз Искандар ва Чингиз куҷоянд? Афкору ақоиди онҳо куҷост? Аз онҳо чӣ боқӣ монда, аз лашкари ғоратгару аз пирӯзиҳои ба ном дурахшони онҳо нишоне ҳаст?

Оё дар замири ҳаёт ва замири башарият аз онҳо чӣ боқӣ мондааст?

Ҳеҷ чиз.

Ин ҳангом мо ба хулосае меоем, ки ҳеҷ қувваи моддие дар бу-нёди саҳобагони Паёмбари Худо (с) ба он шакле, ки дидем, му-ассир набудааст. Ва танҳо имон аст, имон ба ҳақ ва имон ба хайр. Ва қабл аз ҳама имон ба Парвардигори Ҳақ ва Хайр.

Ва ҳамин аст дарси ростине, ки Муҳаммад (с) ва касоне, ки бо ҳамроҳии вай имон оварданд бар тамоми башарият илқо намуд ва ҳоло ҳам илқо менамояд.

* * *

Ҳаққо, ки торикиҳо ва зулмат ба нур мубаддал мегарданд.

Ва бенизомиҳо ба назму тартиб меоянд.

Ва заъфу нотавониҳо ба қуввату қудрат мубаддал мешаванд.

Ва беэътиборӣ ба бузургӣ табдил мушавад.

Ва зоеъ гардидан ба мустаҳкамӣ мегирояд.

Ва хорӣ ба азамат мубаддал мегардад.

Ва ҷаҳолат ба маърифат мегаравад.

Ва нодорӣ ба серию пурӣ ва сарватмандӣ мубаддал мешавад.

Ва тамоми хорҳо ба гулҳо мубаддал мегарданд, чун мардум ҳаёти худро фидои қазияи ҳақ ва хайр созанд.

Ҳамин аст он чизе, ки Паёмбари Худо (с) ва саҳобагони ӯ анҷом доданд.

Ҳамин аст он чизе, ки ҳама паёмбарони пешин ва саҳобагони мӯъмини онҳо дар роҳи он хидмат гузоштаанд.

Ва ҳамин аст он дарсе, ки аз худ мерос мондаанд.

* * *

Ҳақ ва хайр, ҳарду ҷавҳари он фаъолиятҳоест, ки Паёмбари Худо (с) ва саҳобагонаш барои иҷрои он бархостанд.

Ва имони ростин ва тоҳир ва шуҷоъ, роҳу равиши интихоб-намудаи онҳо буд.

Басо равшан мебинем, ки Муҳаммад (с) ва саҳобагонаш барои башарият беҳтарин меросро вогузоштаанд.

Ва ҳамчунин онҳоро мебинем, ки замири инсониятро аз офият ва нуру роҳёбӣ лабрез кардаанд.

Ва имрӯз аксари расонаҳои хабарии дунё, оёти Қуръони азимро, ки барои Паёмбари Худо (с) ва саҳобагони вай имон ва нур буданд, бо худ гирифтаанд, то онҳоро ошкоро барои эълон намудан пахш намоянд.

Аксари бунгоҳҳои хабарии дунё, ҳатто давлатҳое, ки динашон ғайри ислом аст ва ҳатто давлатҳое, ки умуман дин надоранд, аксарияташон дар барномаҳои родиюӣ ба забони арабӣ бударо бо оёти Қуръон ифтитоҳ менамоянд. Ва ин дар тамоми гӯшаву канори замин мураввақ аст, дар миёни миллатҳои мухталифи ислом ҳам.

Ва дар миёни миллатҳои масеҳӣ ва дар миёни яҳудиҳо ва пайравони адёни ҳиндиҳо ва буддоиҳо ҳам.

Байни инҳо ва онҳо миъзанаҳои осмонхарош қомат рост намудаанд, ки аз болои онҳо ибороти азон бо садои муаззини Ра-сули Худо (с) баланд мегардад, ҳамчунон ки 1400 сол пеш садо медод:

Аллоҳу акбар... Аллоҳу акбар... Аллоҳу акбар...

Аллоҳу акбар...

Ашҳаду алло иллоҳа илаллоҳ... Ашҳаду алло

иллоҳа илаллоҳ...

Ашҳаду анна Муҳаммада-р-расулуллоҳ...

Ашҳаду анна Муҳаммада-р-расулуллоҳ...

Ҳайя ъала-с-салоҳ... Ҳайя ъала-с-салоҳ...

Ҳайя ъала-л-фалоҳ... Ҳайя ъала-л-фалоҳ...

Аллоҳу акбар... Аллоҳу акбар...

Ло илоҳа илаллоҳ...

Дар ҳама ҷои рӯи замин Қуръон, китоби муқаддаси ин дини муборак тиловат мешавад. Ва дар ҳама гӯшаву канори замин масҷидҳо бино мешаванд. Ва дар тамоми рӯи замин асосҳои он пахш ва таблиғ мегарданд.

Пас кадом қуввае ин динро ин қадар абадият бахшидааст?

Дар ҳақиқат, ин ҳамон қудрат ва тавоноиест, ки мо қаблан онро дида будем, ки ба ин дин ва мардони роҳи он барои тағйир додани дунё ва тағйир додани он чизе ки дар дунёст, аз одамон ва арзишҳо ва роҳу равишҳо қувваи фавқулъодда ато менамояд.

Ва ин қуввати имон ба ҳақ ва хайр аст.

Ва қабл аз ҳама имон ба Парвардигори Ҳақ ва Хайр аст. Ва ба Расул (с), балки ба паёмбароне, ки ҳаёташонро назри ҳақ ва хайр

намудаанд, он паёмбароне, ки ҳама чизро доданд, вале чизе нагирифтанд.

* * *

Дар ин хотима як калимае боқӣ мондааст ва бояд гуфта шавад.

Ва ин суолест, ки баъди дидани ин манзараҳои нуронӣ, ки аз миёни ҳама он нурҳо шаст нафар аз саҳобагони Расули Худоро (с) дидем ба хотири кас ҳатман пайдо мешавад.

Он суол ин аст, ки чӣ гуна хусумату ихтилоф роҳ ёфтанд, то алоқаҳои мустаҳкамро дар миёни ин гурӯҳ бародарони роҳи ростёфта фосид гардонад ва чӣ гуна бар болои бародарии онҳо ин ҷанги хонаводагӣ, ки байни ансориҳои Алӣ ва Муъовия буд ё он ҷанге, ки мо дар рафти нақли воқеъаҳо дар зимни саҳфаҳои ин китоб аз баъзе ҷузъиёти он огоҳӣ ёфтем, ғолиб омад.

Ҷавоби ин суол моро ба сӯи фазилати имон дар назди ин саҳобагон, баъд аз он ба сӯи омилҳои дигари таърихӣ мебарад.

Оре, имони ошкор ва содиқ ва буррандаву қатъӣ онҳоро дӯстону ҳаммаслакони якроҳа гардонидааст.

Дар назди онҳо ҳақиқат як рӯй дорад, ки онро мешиносанд ва пайравиаш менамоянд ва барои ҳақ дар назди онҳо рӯйҳои зиёди қалбакӣ ва худкому худном вуҷуд надорад, ки шахсиятҳои беирода ва мунофиқу садрӯя мувофиқи хоҳишоту манфиатҳояшон дар миёни ин рӯйҳо калавиш бихӯранд ва аз рӯе ба рӯе дигар бигарданд.

Чун Паёмбари Худо (с) дар миёнашон зиндагонӣ мекард, роҳ ёфтан ба сӯи ҳақиқат дар умуре, ки мардум одатан ихтилоф доштанд, як амри воқеъӣ буд.

Пас ваҳй ё Паёмбар (с) ё ҳар ду дар ҳар коре, ки иштибоҳе рӯй медод, рӯшанӣ меандохтанд.

Чун Паёмбар (с) аз паҳлӯи онҳо риҳлат намуд, онҳо дар он умуре, ки Худованд ва ё Расулаш дар вай баёноту рӯшание ан-дохтаанд, ҳаргиз ихтилоф накардаанд.

Чун Усмон (р) кушта шуд ва ин қатли ӯ дар дунболаи фитнаи дардноке рӯй дод, ки дар он рӯзҳо ҳама гӯшаву канори олами исломиро дар ларза дароварда буд ва аз ин ҳодисаи даҳшатнок як мавқифе ба вуҷуд омад, ки барои хилоф ва андоза кардан роҳи васеъ кушод.

Ва барои саҳобагон низ як амри ҳатмие гардид, ки бояд ҳар яке аз онҳо мавқифи худро муайян мекарданд ва як тарафе аз тарафҳои ин афкори мутаъаддадро ихтиёр мекарданд.

Ва роҳи ихтиёр кардаи онҳо мисли роҳи ихтиёр кардани имон буд. Ошкоро, қатъӣ! Пас ҳеҷ дудилагӣ ва нифоқ бояд набошад.

Онҳое, ки ба нуқтаи назари имом Алӣ (р) буданд, ҷониби Алиро ихтиёр намуданд.

Ва онон, ки бо нуқтаи назари Муъовия ҳамфикр буданд, та-рафи ӯро ихтиёр намуданд.

Ва касони дар ин ақида буда, ки ҳар ду тараф хато кардаанд ин маслакро интихоб мекарданд, ки ҳар ду тарафро даъват намоянд, ки хилофу низоъро тарк кунанд. Ва чун зимоми ихтиёр аз даст рафт, гӯшагирӣ ва аз низоъ дур истоданро ихтиёр намуданд.

Ин мавқифгириҳо хоссаи саҳобагони собиқ дар ислом аст, ки ҳамасри Паёмбар (с) буданд ва ҳамроҳи ӯ бар зидди қувваҳои ширку торикӣ ҷиҳод карда буданд.

Илова бар ин саҳобагони мазкур дар он рӯзҳои низоъи байни Алӣ (р) ва Муъовия ба танҳоияшон дар давлати исломӣ, маркази қувват набуданд.

Ин аз он сабаб буд, ки дар он рӯзҳо давлати исломӣ ба як шакли ҳайратангез хеле васеъ гардида буд ва қувваҳои наве зоҳир шуда буданд, ки дар ҳодисаҳо ширкат меварзиданд ва дар рафти ҳодисаҳо даст доштанд.

Ва чизи муҳиме, ки ба ин гуфтаҳо далолати бештаре дорад, ин ҷамъомаду паймонбандиҳое, ки оқибат ҳаёти халифа Усмонро зери ҳадаф қарор доданд, ба таҳқиқ аз хориҷи Мадина омада буданд. Ҳатто метавон гуфт аз хориҷи ҷазираи Араб тарҳрезӣ мешуданд. Аз сарзаминҳои дури исломӣ.

Пас ана ҳамин қувваҳои нав даври муҳимеро бозиданд.

Як даври хеле муҳим ва фаъъол дар баргардонидани ин ни-зоъро дар байни Алӣ (р) ва Муъовия ба ҷанг ва куштор, ки дар тавони саҳобагони кибор дигар қуввати дафъи ин дасисаҳо набуд.

Аҳолии Шом ҷонибдори Муъовия ва аҳли Ироқ ҷонибдори Алӣ (р) буданд.

Ин ҷанг дар таҳлили ниҳоӣ, ҷанге байни лашкариёни ду иқлим буд. Аҳли Шом аз як ҷониб ва аҳли Ироқ аз ҷониби дигар.

Ва ин ҷо қувваи сеюме низ ҳаст, ки онро фаромӯш кардан ва нодида гирифтан нашояд. Қувваи бадие, ки аз дунбол гирифтани ислом лаҳзае ҳам наоромидааст. Аз он наоромидааст, ки ислом қудраташро аз дасташ гирифт ва салтанаташро ба хок баробар кард.

Он қудрате, ки дар симати боқимондаҳои давлатҳои абарқудрати Форсу Рум намудор мегарданд.

Он қуввае, ки ҳамеша макру ҳиллаҳои худро бар зидди ислом аз роҳи зархаридони зиёдаш, ки худро зоҳиран пойбанди ислом вонамуд намуда ба сӯи он бегумон ворид мешаванд, ба кор ме-барад. Баъзеи онҳо тавонистанд дар сафҳои мусалмонон он қадар харобкорӣ ва табоҳкорӣ кунанд, ки ин ду импературии шикастхӯрда, дар замони худ аз ӯҳдаи он набаромаданд.

* * *

Ин аст назари сариъе бар ҳама он сахтиҳо, ки саҳобагон ва ис-лом тамоми онро аз сар гузаронидаанд.

Илова бар ин лоиқ нест, ки мо як ҳақиқати дигареро нодида бигирем. Он ҳақиқат ин аст, ки ҳар кадоме аз саркардагони ин ду урдугоҳи дар ҳоли ҷанг қарор дошта, ҳаргиз гумон надоштанд, ки натиҷаи ин хусумат, то ин ҳадди даҳшатангез боло меравад.

Пас имом Алӣ (р) ва касоне, ки бо ӯ буданд, дар ҳуҷумашон ба сӯи Шом чунин мепиндоштанд, ки муҷарради ҳамлаи онҳо барои тарсонидан аст, ки Муъовия ба сабаби он ҳӯшёр гардад ва қуввати давлатро эҳсос кунад ва давлатро эҳтиром намуда ба вай итоъат намояд.

Ва Муъовия ва касони бо ӯ буда, чунин эътиқод доштанд, ки имом Алӣ (р) мехоҳад устувории чӯби онҳоро бисанҷад ва қобилияти онҳоро имтиҳон кунад. Чун дар назди онҳо қувва ва омодагиро дид, пас ба дурустӣ, ӯ роҳи дигари ҳалли ин ихтилофро бидуни ҳарб ҷустуҷӯ хоҳад намуд. Вале корҳо таври дигар сурат гирифтанд.

Ба таҳқиқ ба ин дараҷа суръат гирифтани хилоф барои мо равшан месозад, ки як қудрати пинҳоние дар дохили аскаргоҳҳо амал мекарданд, то маҷрои ихтилофро ба сӯи ҷангу куштор би-кашанд.

* * *

Ва акнун мо мехоҳем ин қиссаи ҷангро тавассути баёни ин воқеъа ба ниҳоят расонем.

Зубайр дар аввали кор дар сафҳои Муъовия меҷангид ва дар ниҳояти набард барояш ошкор гардид, ки ӯ бо ширкаташ дар ин корзор хато кардааст. Ва худро бозпас кашид.

Аммо як гурӯҳи ҷанговарон ӯро таъқиб намуданд ва дар ҳолати намоз гузориданаш, ба ӯ зарбаи ҳалокатовар заданд. Ва қотили ӯ шамшери Зубайрро ба ғанимат гирифт ва шитобон ба назди Алӣ (р) омад. Хост, ки ба ӯ дар бобати қатли Зубайр мужда бирасонад ва дар

назди ӯ шамшери Зубайрро бигузорад, ки ҳамроҳи Муъовия бар зидди Алӣ (р) ҷангида буд.

Ва ӯ дар назди дари имом Алӣ (р) истод ва иҷозаи духул пурсид.

Алӣ (р) чун аз ин кор огаҳӣ ёфт, фарёд кашид ва амр кард, ки қотили Зубайрро аз дари ӯ биронанд. Ва гуфт:

– Башорат бидиҳед, қотили писари Сафияро ба оташи дӯзах.

Ӯ бо писари Сафия гуфтанаш, Зубайрро дар назар дошт.

Ва амр кард, ки шамшери Зубайрро аз дасташ гирифта, ӯро биронанд ва шамшерро ба наздаш биёваранд.

Шамшери Зубайрро ба назди имом Алӣ (р) оварданд, ӯ онро мебӯсиду мегирист ва мегуфт:

– Ин шамшерест, ки қасам ба Худо, муддатҳои дароз соҳиби он сахтиҳоро аз Расули Худо (с) дур месохт.

* * *

Ин машҳади бузург бар болои ин хилоф ва бар болои бисёр хилофҳои дигар, ки хело дарднок ҳастанд, сакинаву оромӣ мерезад ва бар мо, дар ҳоле ки мо он воқеъаҳоро ёдоварӣ мекунем, фаҳмиши саҳиҳ ва андозакунии дуруст ато мекунад.

* * *

Ва акнун мо бо ин родмардоне, ки ҳамроҳи онҳо дар саҳифаҳои ин китоб чанд муддате зиндагонӣ кардем, видоъ менамоем.

Дар ҳоле, ки қалбҳои мо аз муҳаббату саъодат лабрез аст ва барои шукронаи неъматҳои додааш Худовандро саҷда мекунем ва зиёдатии неъматҳои ӯро ва раҳмату офияту мағфираташро умедвор ҳастем.

* * *

Ва бо як ҳаросу бузургдошт ба сӯи Муаллими бузург ва хотами паёмбарон (с) мегуем:

– Салом бар ту эй Паёмбар (с) ва раҳмати Худо ва баракатҳои ӯ бар ту бод!

– Худованд барои ту дар муқобили он чизҳое, ки додаӣ ва ҳидоят намудаӣ, беҳтарин ҷазо бидиҳад!

Ва бо як шавқи нави файзбор ба саҳобагони муборакаш мегуем:

– Эй некӯкорон, видоъ бо Шумо!

* * *

Валекин, онҳо кай аз назарҳо ғоиб шуданд, ки мо бар онҳо ви-доъ мегӯем?

Пас бояд таҳияву дуъои мо барои онҳо салом бошад.

Салом барои онҳо мефиристем – бо тарсу бузургдошт, дар ибтидо!

Ва акнун саломро мефиристем бо тарс дар ҳолати ихтитом!

* * *

Ва охиру даъвоно ани-*л*-ҳамду *лиллоҳи* рабби-*л*-оламин.

# ФЕҲРИСТИ АШХОС

**Аббос ибни Абдулмуталлиб** – соли тав. номаълум, вафот соли 32 ҳиҷрӣ (653 м.) Амаки Паёмбар (с), бародари хурдии падари Расули акрам (с) Абдуллоҳ аст. Дар даврони ҷоҳилият ва дар давраи ислом аз акобири Қурайш буд. Хулафои Аббосӣ, ки баъди инқирози давлати Уммавиён сари қудрат омада, солҳои 132-656 ҳиҷрии қамарӣ (750-1259 мелодӣ) дар Бағдод салтанант кардаанд, аз наводагони ӯ мебошанд.

**Абдуллоҳ ибни Зубайр** – соли тав. 1-и ҳ. қ., фавт 73-и ҳ. қ. ( 622-692 м.). Писари Зубайр ибни Аввом ва Асмоаи Кубро (духтари Абубакри Сиддиқ (р) – апаи Оишаи Сиддиқа завҷаи Расули Худо (с). Аввалин тифле, ки дар моҳи аввали ҳиҷрат дар Мадина ба дунё омад. Дар футуҳоти ислом фаъолона иштирок дошт. Дар набарди Ҷамал аз тарафи Оишаи Сиддиқа (р) меҷангид. Баъди фавти Язид ибни Муъовия дар Ҳиҷоз алайҳи Уммавиён қиём намуд. Мадинаро пойтахт эълон карда шаш сол ҳукм ронд. Соли 73-и ҳ.қ. (692-и м.) баъди муҳосираи чандмоҳа дар Макка аз тарафи омири Уммавиён Ҳаҷҷоҷи Сақафӣ ба дор овехта шуд ва ин замон модараш духтари Абубакри Сиддиқ (р) Асмоаи Кубро зинда ва 97 (наваду ҳафт) сола буд.

**Абдуллоҳ ибни Равоҳа** – соли тав, номаълум, фавт 8-и ҳ.қ. (629-м.). Саҳобаи кибор, аз аҳли ансор, иштирокдори паймони Ақабаи аввал. Аз қабилаи Хазраҷ , шоир, Дар ғазои Муъта яке аз се нафар байрақбардорон буда, дар ҳамон набард ба шаҳодат расидааст.

**Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб** – соли тав. номаълум, фавт 73-и ҳ.қ. (652-м.). Саҳобаи кибор, писари Умар ибни Хаттоб (р) - халифаи дуюми рошид. Аз муҳоҷирин. Аз кибори ривояткунандагони ҳадис. Дар ғазои Ифриқия иштирок кардааст.

**Абдураҳмон ибни Авф** – соли тав. номаълум, фавт соли 32 -и ҳ.қ. (652-м.). Саҳобаи кибор, Аз оли Зӯҳраи қабилаи Қурайш. Аз ҳашт нафар саҳобаи аввали садри ислом. Сармоядор ва тоҷир, ки молу сарваташро дар роҳи ривоҷи ислом ва муслимин сарф кардааст.

**Абдураҳмон ибни Абубакр** – соли тав.номаълум, фавт 53 ҳ.қ. (673 -м.). Писари Абубакри Сиддиқ (р). Дар воқеъаи Ҷамал аз тарафи хоҳараш Оишаи Сиддиқа (р) ҳузур дошт.

**Абумӯсои Ашъарӣ** – соли тав. номаълум, фавт 44-и ҳ.қ. (665-и м.). Номи аслиаш Абдуллоҳ ибни Қайс аст. Зодаи Яман, Аз асҳоби кибор. Дар амри Таҳким (доварии мунозаъаи байни Алӣ ибни Абутолиб ва Муъовия ибни Абусуфиён) дар Сиффин яке аз ҳакамҳо буд. Ӯ Алӣ

ибни Абутолибро намояндагӣ мекард ва Амр ибни Ос Муъовия ибни Абусуфиёнро. (Тибқи ривояте мадфани ӯ дар доманаи ағбаи Дубурсаи саргаҳи Зарафшон, дар минтақаи гузаргоҳ аз Кӯҳистони Мастчоҳ ба самти Қаротегин, наздики деҳаҳои Диҳавзу Диҳисор аст – Худованд донотар аст).

**Абуҳурайра** – соли тав. номаълум, фавт 59-и ҳ.қ. (678 и м.). Номи аслиаш дар замони ҷоҳилият Абдушшамс ибни Сахр ал-Аздӣ буд. Чун ислом овард, Паёмбар (с) ӯро Абдураҳмон номид. Аз саҳоба ва ривоятку-нандагони кибори ҳадис аст. Дар Мадина фавтида, дар гӯристони Бақиъ дафн шудааст.

**Абуайюби Ансорӣ** – соли тав. номаълум, фавт 52-и ҳ.қ. (672-и м.). Номи аслиаш Холид ибни Зайд. Саҳобаи Хазраҷӣ аз аҳли Мадина. Паёмбари акрам (с) дар рӯзи ҳиҷрат дар ҳавлии ӯ нузул кард. Масҷиди Набавӣ ва рав-заи мубораки Расул (с) дар ҷои ҳавлии ӯст. Дар набарди Рум ба шаҳодат расида, мадфа-наш дар ҳисори Қустантания мебошад.

**Абудардо** – соли тав. номаълум, фавт 32-ҳ.қ. (652-и м.). Номи аслиаш Уваймир ибни Мо-лик. Саҳобаи кибор. Аз аҳли ансор, аз қабилаи Хазраҷ. Аз ривояткунандагони муътамади ҳадис. Чанд муддат қозии Димашқ буд.

**Абуубайда ибни Ҷарроҳ** – соли тав. номаълум, фавт 18-и ҳ.қ. (639-и м.). Номи аслиаш Омир ибни Абдуллоҳ. Саҳобаи қурайшӣ, аз бани Фаҳра. Яке аз сарлашкарони ислом дар фатҳи Шом баъд аз Холид ибни Валид. Аз бемории вабо (тоъун) , ки дар деҳаи Амвоси Фаластин, наздикииБайтулмуқаддас дар соли 639-и м. сар зада, аз он беш аз 25 ҳазор нафар марду-мон ба ҳалокат расидаанд, вафот кардааст.

**Абузари Ғиффорӣ** – соли тав. номаълум, фавт 31-и ҳ.қ. (652-и м.) Номи аслиаш Ҷундуб ибни Ҷунода. Аз мӯъминони аввалин. Бо парҳезгорӣ ва узлатгузинӣ шӯҳрат дорад.

**Абусуфиён ибни Ҳарб** – соли тав. номаълум, фавт 31-и ҳ.қ. (652-и м.). Сарватманди Макка, Қурайшӣ. Номи аслиаш Сахр ибни Ҳарб иб-ни Уммайя. Аз шадидтарин душманони Ра-сули акрам (с) аз зуҳури ислом то фатҳи Макка. Сарлашкари мушрикон дар набардҳои Уҳуд ва Хандақ. Дар рӯзи фатҳи Макка 21 рамазони соли 8-и ҳ.қ. (12 январи соли 630-и м.) исломро пазируфт. Падари Муъовия ибни Абусуфиён, асосгузори давлати Уммавиён.

**Аммор ибни Ёсир** – соли тав. номаълум, фавт 37-и ҳ.қ. (657-и м.). Саҳобаи кибор. Аз аввалин мусалмонон. Падараш Ёсир ва модараш Сумайя аз аввалин шаҳидони роҳи ислом мебошанд. Дар воқеъаи Сиффин тарафдори Алӣ ибни Абутолиб (р) буд ва дар ҳамин воқеъа шаҳид шуд.

**Амр ибни Ос** – соли тав. номаълум, фавт 43-и ҳ.қ. (664-и м.). Сарлашкари бузурги ислом. Фотеҳи Миср. Бунёдгузори шаҳри Фустот. Дар Қоҳира фавтидааст.

**Билол ибни Раббоҳ ал -Ҳабашӣ** – соли тав. номаълум, фавт 20-и ҳ.қ. (641-и м.). Қабл аз ислом дар Макка ғуломи бани Ҷумҳ буд. Ба сабаби ислом оварданаш Абубакри Сиддиқ (р) ӯро харид ва озод кард. Аввалин муаззин дар ислом. Дар Димашқ фавтидааст.

**Бароъ ибни Молик** – соли тав. номаълум, фавт 20-и ҳ.қ. (641-и м.). Саҳобаи хазраҷӣ. Дар футуҳоти Форс ба шаҳодат расидааст.

**Зайд ибни Собит** – соли тав. номаълум, фавт 45-и ҳ.қ. (665-и м.). Аз саҳобаи кибор, аз аҳли ансор, хазраҷӣ. Олимтарин асҳоб дар илми фароиз. Бо супориши Расули акрам (с) забонҳои сурёнӣ, ибрӣ ва форсиро фаро ги-рифт, то барои Расули акрам (с) хидмати котибӣ ва ба ин забонҳо китобат кардани номаҳоро адо намояд. Дар гирдоварии матни Қуръон аз ҳофизони Қуръон ва навиштаҳои ҷудогона ва сиҳатии матн хидмати бузурге анҷом додааст.

**Зубайр ибни Аввом** – соли тав. номаълум, фавт 36-и ҳ.қ. (656-и м.). Саҳобаи қурайшӣ, Писари аммаи Расули акрам (с). Дар тамоми ғазоҳо иштирок кардааст. Ҳангоми намоз аз тарафи Ҷармуз ном ваҳшиёна кушта шуда-аст.

**Зайд ибни Ҳориса** – соли тав. номаълум, фавт 8-и ҳ.қ. (629-и м.). Дар ибтидо ғулом ва баъдан аз тарафи Паёмбари Худо озод гардид ва писархонди Расули акрам (с). Бо нозил шуда-ни ваҳй дар бобати писархондагӣ ӯро бо номи падараш Зайд ибни Ҳориса нисбат медоданд. Дар ғазои Муъта амири лашкар буд ва дар ҳамон ғазо ба шаҳодат расид.

**Мусъаб ибни Умайр** – соли тав. номаълум, фавт 3-и ҳ.қ. (625-и м.). Саҳобаи қурайшӣ. Аз гурӯҳи муҳоҷирон ба Ҳабаша. Аввалин са-фири ислом то ҳиҷрат ба Мадина. Байрақбардор дар набардҳои Бадр ва Уҳуд. Дар набарди Уҳуд шаҳид шудааст. Ҳамроҳи Ҳамза ибни Абдулмуталлиб дар равзаи шаҳидони Уҳуд, дар домани Кӯҳи Уҳуд ва Ҷубайли Румот ба хок супурда шудааст.

**Муъоз ибни Ҷабал** – соли тав. номаълум, фавт 18-и ҳ.қ. (639-и м.). Саҳоба, Дар ғазои Шом иштирок кардааст. Дар вабои деҳаи Амвоси Фаластин фавтидааст.

**Салмони Форсӣ** – соли тав. номаълум, фавт 39-и ҳ.қ. (655-и м.). Дар ҷавонӣ бар маҷусият имон дошт. Пас ба насроният гаравид. Ва ниҳоят, ба соли 3-и ҳ.қ. (625-и м.) дар дини мубини ислом имон овард. Саҳоба. Тарҳи амалиёти Хандақро дар ғазои Аҳзоб ӯ пешниҳод кардааст. Умар ибни Хаттоб (р) амирии вилояти Мадоинро ба ӯ дода буд.

**Саъд ибни Абиваққос** – соли тав. номаълум, фавт 55-и ҳ.қ. (675-и м.). Саҳобаи қурайшӣ. Аз бани Зуҳра. Аз ашараи мубашшира (даҳ ёри биҳиштӣ). Сарлашкари ислом дар фатҳи Форс. Бар сарлашкари Форс Рустам дар Қодисия пирӯз шуд. Бунёдгузори Куфа аст.

**Саъд ибни Убода** – соли тав. номаълум, фавт 14-и ҳ.қ. (635-и м.). Саҳоба аз аҳли ансор, хазраҷӣ. Аз умаро ва ашрофи Мадина дар ҷоҳилият ва замони ислом. Шоҳиди байъати Ақаба, набардҳои Уҳуд ва Хандақ буд. Ба са-баби андаке мунозаъа дар замони хилофати Умар ибин Хаттоб (р) Мадинаро тарк кард ва ба Шом рафт. Дар наздикии Ҳурон фавтида-аст.

**Саъд ибни Муъоз** – соли тав. номаълум, фавт 6-и ҳ.қ. (628-и м.). Саҳобаи ансорӣ, аз қабилаи Авс. Дар набарди Хандақ ба шаҳодат расидааст.

**Суҳайб ибни Синон** – соли тав. номаълум, фавт 38-и ҳ.қ. (659-и м.). Аз собиқини ислом. Ба Мадина ҳиҷрат карда дар ҳамон ҷо фав-тидааст.

**Талҳа ибни Убайдуллоҳ** – соли тав. номаълум, фавт 36-и ҳ.қ. (656-и м.). Саҳобаи қурайшӣ, аз ашараи мубашшира. Дар воқеъаи Ҷамал аз тарафи Оишаи Сиддиқа (р) ворид шуда ба ҳалокат расидааст.

**Усмон ибни Мазъун** – соли тав. номаълум, фавт 2-и ҳ.қ. (624-и м.). Саҳоба. Роҳбари гурӯҳи аввали муҳоҷирин ба Ҳабаша. Ба Мадина ҳиҷрат кард. Аввалин касест аз мусалмонон, ки дар гӯристони Бақиъ дафн шудааст.

**Усома ибни Зайд** – соли тав. номаълум, фавт 54-и ҳ.қ. (674-и м.). Писари Зайд ибни Ҳориса. Саҳоба ва сарлашкари ислом дар набард ба муқобили императори Рум Ҳирақл.

**Хаббоб ибни Арт** – соли тав. номаълум, фавт 37-и ҳ.қ. (657-и м.). Саҳоба. Аз собиқини ислом. Дар Куфа фавтидааст.

**Холид ибни Валид** – соли тав. номаълум, фавт 21-и ҳ.қ. (642-и м.). Саҳоба, аз бани Махзум. Лашкаркаши машҳури Араб ва ислом. Дар фатҳи Форс ва Шом амири лашкар буд. Лашкари Румро дар Ярмук ба ҳазимат овард. Ҷои фавташро баъзе аз муаррихон Ҳамс ва баъзе Мадина гуфтаанд.

**Холид ибни Саъид ибни Ос** – соли тав. но-маълум, фавт 14-и ҳ.қ. (635-и м.). Аз аввалин ислом овардагон аст. Дар набарди Марҷу-с-суфр, дар наздикии Димашқ ба шаҳодат ра-сидааст.

**Қайс ибни Саъд** – соли тав. номаълум, фавт 60-и ҳ.қ. (680-и м.). Саҳоба, хазраҷӣ. Дар паҳлӯи Расули акрам (с) байрақи исломро мебардошт.

**Ҳамза ибни Абдулмуталлиб** – соли тав. но-маълум, соли шаҳодаташ 3-и ҳ.қ. (625-и м.). Амаки Расули Худованд (с). Аз ашрофи Қурайш. Дар набардҳои Бадр ва Уҳуд ишти-рок кард. Дар домани кӯҳи Уҳуд шаҳид шуд. Дар паҳлӯи Ҷубайли Румот дар гӯристони шуҳадои Уҳуд фақат қабри ӯ ва Мусъаб ибни Умайр маълум асту халос.

**Ҳузайфа ибни Ямон** – соли тав. номаълум, фавт 36-и ҳ.қ. (656-и м.). Саҳоба, аз фотиҳин. Умар ибни Хаттоб (р) ӯро бар Мадоин амир кард.

**Ҷаъфар ибни Абутолиб** – соли тав. номаълум, шаҳодаташ 8-и ҳ.қ. (629-и м.). Саҳоба, писари амаки Расули акрам (с). Дар набарди Муъта ҳомили байрақи ислом буд. Бо вуҷуди бурида шудани ҳар ду дасташ боз ҳам ливоро аз даст надод, то ин ки ба шаҳодат расид. Паёмбар (с) ӯро кунияти "Зу ҷиноҳайн " дода буд.

**Ҳассон ибни Собит** – соли тав. 574-и мелодӣ. Аз аҳли Мадина. Шоири Араб. Дар замони ҷоҳилият Ғассониёнро мадҳ мекард. Исломро пазируфт. Дар таърих бо таъбири шоири ҳиҷогӯи Қурайш низ шӯҳрат дорад. Соҳибдевон аст.

**Язид ибни Муъовия** – тав. соли 25-и ҳ.қ., фавт соли 64-и ҳ.қ.(645-683-и м.). Фарзанди Муъовия ибни Абусуфиён, набераи Абусу-фиён ибни Ҳарб. Замони салтанаташ 60-64-и ҳ.қ. Фоҷиаи Карбало ва шаҳодати имом Ҳусайн ва ёронаш дар аҳди ӯ рух дод.

**Поёни ҷилди дуюм**

# РОДМАРДОНЕ ДАР АТРОФИ ПАЁМБАР (С)

## ҶИЛДИ II

## Маркази илмӣ таҳқиқотии «Ориёнфар»

**Тарҷумони матн аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ: – Айёмиддин САТТОРӢ**

**Муҳаррири матн ва таҳиягари феҳристи ашхос: – Саидаҳмад ҚАЛАНДАР**

**Муҳаррири масъул: – Қиёмиддин САТТОРӢ**